194104

# ФАРҲАНГИ ИБОРАҲОИ ХАЛҚӢ

# ФАРҲАНГИ
# ИБОРАҲОИ
# ХАЛҚӢ

*Гирдоваранда ва тартибдиҳанда*
*Р. АБДУЛЛОЗОДА*

ДУШАНБЕ «АДИБ» 1988

ББК 81.2 Тоҷик-4
Н 14

Муҳаррир *Г. Ҷӯраев*

Государственная
респуб. биб-ка
им. А. Ф
191104
Н Тоҷик

Н 14 Фарҳанги ибораҳои халқӣ.— Душанбе: Адиб, 1988.— 400 с.

Фарҳанги ибораҳои рехтаи халқӣ бисёр ибораҳо, ташбеҳи ҷолибро ба шакли нисбатан адабӣ таҳрир шуда ва нисбат ба китоби пешина маводи зиёда дар соҳаҳои манбаъҳо ба даст омадаро дар бар мегирад.

Словарь народных идиоматических выражений.

Данное издание представляет собой наиболее полное собрание народных фразеологических выражений, отражающих сложные языковые явления современного таджикского языка.

Рассчитана на широкий круг читателя.

Н $\frac{4602030000-238}{М\ 503(12)-88}$ 132—88

ББК 81. 2 Тоҷик-4

© Нашриёти «Адиб», 1988

## АЗ МУРАТТИБ

Ман медидам ва медонистам, ки забони зиндаи гуфтугӯй широву намаке дорад, дар он унсурҳое мавҷуданд, ки нутқро фасеҳ ва таъсирнок мекунанд, ба гуфтор ҳусну назокат ва як навъ гуворой ато месозанд, вале дар бораи зарурати ҷамъоварии ин унсурҳо ҳеҷ фикр накарда будам.

Ба ин масъала диққати маро олими фольклоршинос Раҷаб Амонов ҷалб кард. Суханони бисёр солҳо пеш гуфтаи Р. Амонов ҳеҷ аз хотирам намеравад:

— Муаллим, Шумо дар байни халқ мегардед, ҳар рӯз аз забони мардум садҳо ибораҳои рехтаро мешунавед. Ин ибораҳо суханро рангин, пурмаъно, нишонрас, нафис мекунанд.

Баъд номбурда як ибораро мисол оварда, таҳлил кард, ки аз забони як хешаш шунида будааст. «Ҳамин ҳамсоямон,— гуфтааст он мард,— бӯзбала, кӯха занад, талқон мекунад, чанд вақт боз ту нағз, додоит нағз, бобоит нағз гуфта, тӯқумаша гарм гирифта гаштааст, ки ба ҳамин шикасту рехти ҳавлиямон камтар ёрдам кунад». Ин ибора «гарм гирифтани тӯқум». Агар кас дуруст фикр кунад, хеле маъно дорад он: гапи нағз зада, дилашро гарм карда, ба манфиати худ нағзакак ба кор андохтан, яъне ҳар бари кор фармудан.

Баъд аз ин гӯё чашми ман бинотар, гӯшам шунавотар ва назари диққатам тезтар шуд. Ба гуфтугӯи мардум зеҳн мемондагӣ шудам. Дар воқеъ, дар забони зинда сарвате дидам ва бо шавқи тамом ба гирдоварии он машғул шудам. Масалан, чанд бор ибораи «фишанг монда бардоштан»-ро шунавидам:

— Вай худаш кист, ки ту ин қадар фишанг монда, баланд бардоштӣ?

— Ноинсоф, боз вая фишанг монда, ганда кунонду гашта ҷанг доронд.

Аз ин гуфтаҳо маънои ибораи «фишанг монда бардоштан» бар меояд: мухобот, болобардор, мубориза кардан, аз будаш зиёд карда нишон додан.

Бисёр иборахо ташбеххои қолибро дар бар кардаанд. Ин ташбеххо манзарахои гуногуни зиндагй ва табиатро пеши чашм меоваранд:

— Арӯси хамсоятона дидам: оҳубарраи сари кӯҳ-позанин.

— Эшонтӯра аз гапи ношоями гуфтагии худаш пушаймон шуд, гурбаи об—ба афтидагй барин шуда, баромада рафт.

— Гӯр хамин бахшии гуфтагиатон шавад, назарам—ба дев барин.

Як рӯз чанд нафар сӯхбате доштем. Як нафар магар кадом кори зарур ба хотираш расид, ки дар айни гармии сӯхбат ҷое рафтанй шуд.

— Зуд меоям,— гуфт вай ба тарафи дар рафта.

— «Зуд меоиматон» мабодо гули олучагй набошад?—гуфт яке аз байнамон.

Иборан «гули олучагй» мушохидаи халкро инъикос мекардааст ва маънои махсус касб намудааст: дарахти олуча зуд гул карда, дер аз гул мефарояд.

Иборан мазкур дар он ҷумла зуд гуфта дер омаданро ифода мекардааст.

Хамин тарик, мо бо майли тамом ба «иборачинй» машғул шудем. Дар ин миён чанд нафар ёрдихандагон хам пайдо кардем. Муаллимон Набиҷон Қодиров, Мухаммадй Орифов, Обидҷон Бадиев, Абдуқаххор Абдурахмонов, Арслонов, бародарон Нуруллоҷон ва Хайрулло Нарзуллоевхо шунидахояшонро ба ман мегуфтанд. Аз онхо хеле миннатдорам.

Дар давоми ду-се сол микдори калони иборахо ҷамъ шуданд ва боз хам бо маслихати Раҷаб Амонов аз онхо маҷмӯе тартиб дода, ба Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии Академияи Илмхои Тоҷикистон супоридам. Инҷо бо кӯмаки директори Институт Абдуқодир Манизов, аъзо-корреспонденти АИ Тоҷикистон шодравон Муллоҷон Фозилов, ходими хизматнишондодаи илм Рахим Хошим ва бо тахрири номзадхои илми филология М. Махмудов, С. Абдурахимов ва бо пешгуфтори Ғаффор Ҷӯраев фарханг ба чоп омода шуд ва соли 1974 онро нашриёти «Дониш» бо номи «Иборахои халкй» дастраси ахли илм ва хонандагон гардонид. Он чопи илмй буд ва дар лахҷаи сокинони шахри Уротеппа тахия гардида буд.

Фарханги иборахои рехтаи халкй, ки холо ба диккати шумо, хонандагони азиз, пешниход мешавад, чопи оммавист, ба шакли нисбатан адабй тахрир шудааст ва нисбат ба китоби пешина маводи зиёди дар солхои минбаъда ба даст омадаро дар бар мекунад.

*Р. Абдуллозода.*

# А

## Абгор шудан

нодор[illegible]мбағал) шудан, бечиз мондан: Мана фалончӣ гу[illegible] номам бароял гуфта, ба тавр, амакатон чӣ кор к[illegible]? То хекиртакаш ба қарз гӯтида тӯи калон карду[illegible]ор шуду монд?

## Абри осмона задан

моҳир[illegible]стучолок, хушьёр ва ӯҳдабаро будан: Ҳамин одама[illegible]шиносийа, пеш вахто он кадар дузди номӣ буд, к[illegible]бри осмона мезад, мана, имрӯз инсофба омада, ту[illegible]узук одам шуда, кор мекардагӣ шудаст.

## Абра поймонак карда ситорая задан

кордон[illegible]орчаллон будан: Мабодо сангина кори искалодба [illegible]ул накунид, ки чанд бор дуздӣ кати дастба галтид[illegible]бс шуда баромадагӣ, вай ҳамин хел одам, ки илоч[illegible] ёбад, абра поймонак карда ситорояи осмона меза[illegible].

## Абраву астар шуда мондан

1. Гӯшт[illegible]адан гурехтан, харобу логар шудан: бечора ду моҳ[illegible]чи беморӣ кашида абраву астар шуда мондааст, п[illegible] чӣ хел фарбеҳ буд!
2. ниг. [illegible]ор шудан: Се-чор танга пули будагия маросими да[illegible] кампирба сарф карда абраву астар шуда мондем, [illegible]о, чӣ илоч, гӯр баъзе урфу одатҳои кӯҳнаи мо шава[illegible]

## Абраву астари (касеро) чаппа карда партофтан

сирру асрори (касеро) фош намудан, мулзам сохтан: Гӯр ин раиси балохӯр шавад, ин қадар дуздию хиёнат карда будааст! Шаб одами а райком омадагӣ дар маҷлис сирраша фош карда бутун абраву астари раиса чаппа карда партофт гӯям, бовар кунед-дия!

## Аввал ғалла кор, сонӣ ба саҳро кӯч бардор

имконияту шароитро ба ҳисоб гирифта амал кардан, дар иҷрои коре шитоб накардан, барабас ва беасос шуғл накардан: Ба чӣ сабаб худ ба худ «қишлоқба кӯчида меравам»,—гуфта истодай. Охир, ягон бунағ дорӣ-мӣ? Пештара одамои мегуфтанд, ки «Аввал ғалла кор, сонӣ ба саҳро кӯч бардор!»

## Авзои замона бечо (вазнин) будан

хатар ва хавф ба миён омадан, вазъ бад шудан: кадом вақтҳо авзойи замона бечо буд, писарам, ҳозир мебинӣ, ки ба бахти одамоп, замона ниҳоят тинҷию фароонӣ.

## Авлиё шудан

беҳамто (фавқулодда) шудан, шахсе, ки ҳалли ҳама масъала гӯё ба ӯй вобаста бошад: Майлаш-куя, Шокирҷон қавул мекарда бошад-мӣ? Барои чӣ қавул намекардааст, авлиё шуд-мӣ? Ин қадар ба ман нигоҳ карда дӯғ назан. Авлиё шудӣ-мӣ!

## Авсона (афсона) шудан

**1.** вирди забон шудан, овоза гардидан, ба бадӣ (некӣ) ном баровардан: Пеш вақтҳо одами дуруст буд-куя, гӯр нафси бадаш шавад, як бор duздӣ карда моли давлата хӯрду байни мардумба авсона шуду рафт...
саткн одам шав, койда занатa се бачаш қатӣ сар мегӣ? Ҳамма ҷо — ба равам гапи ту, киройи миёни мардумба авсона шудан мекунад-мӣ?
**2.** қисса (афсона) шудан, шӯҳрат ёфтан: Афсонаи

«хирскулӯлабатур»-а медонӣ-я? Аслан вай як одами нотарсу паҳлавон буд. Ана ҳамин паҳлавонию корнамоихош катӣ дар байни мардум афсона шуд монд...

## Агар бемор дуруст шуданӣ шавад, табиб пои худаш катӣ ба хона меояд

ғайри чашмдошт омадани касе, ки гӯё интизории ӯро доштаанд: Бисёр зиқ шуда, диламба гузаронда шишта будам, ки кошки ҳамин вақт аком меомадан, ки ягонто ҳикояи нағз гуфта дилама шод мекардан, каромот кардагӣ барин омада монден. Бекорба нагуфта будаанд, ки «Агар бемор дуруст шуданӣ шавад, табиб пойи худаш катӣ ба хона меояд»;
— Шаб боз писарчая тобаш не. Ҳозир пеши шумоба рафта истода будам. Омада мондайи худи шумо айни муддао шуд: «Агар бемор дуруст шуданӣ шавад, табиб пои худаш катӣ ба хона меояд» — гуфтаанд.

## Адаб хӯрдан

мувофиқи рафтори ношоистаи худ ҷазо дидан, танбеҳ дидан; сарзаниш (гап) шунидан: Дирӯз маҷлисба баромада писаратона сахт танқид карда гуфтанд, ки минбаъд аз кораш дер намонда ояд.— Хуб карданн, адабаша хӯрад, оянда вақташба сари корба ҳозир мешавад.

## Аз амал намефаройӣ-ку!

дар иҷрои амале кадом осебе ё зараре намебинӣ: Ҳамроҳ саёҳати Душанбеба равим гуфта бошад, «не» нагӯ, ука, бо ба саёҳат рафтан аз амал намефаройӣ-ку!

## Аз ана канаяи задан

майдатарин чизро ҳам дуздидан ва ин корро моҳирона ба ҷо оварданн: Баъзи магазинчиҳоба ҳайрон мешавӣ, ки аз ана канаяи зада мемонанд, ки худи одам надониста мемонад. Ҳамин як халтача, намак чӣ, ки ба болои ҳамин ҳам як тин мондааст-а, нонисоф!

**Аз ашки дандон кашида додан**

аз рӯи ноилоҷӣ ба касе чизеро додан: Шумоба ноилоҷ аз ашки дандон кашида ин «Ҳамса»-ша бароварда додааст-дия.

**Аз ақиби шолӣ курмак об мехӯрад**

ба воситаи касе ё чизе баҳравар шудан, манфиат дидан, чизеро ба даст овардан: Шумо, муаллим, одами нек. Аз Шумо ҳама баҳравар мешавад. Шумо тилвизор намегирифтид, мо ҳам инчаба омада «аз ақиби шолӣ курмак об мехӯрад» гуфтагӣ гапо барин тамошо карда мешиштем-мӣ?

**Аз ақиби як нахӯд оби ҳавза хӯрдан**

ба хотири касе ё чизе мушкилотеро ба зимма гирифтан, дар иҷрои амале ба касе мадад кардан: Чӣ хел кунам, ин бачча укойи завчаам мешавад, хурдсол, ҳеҷ ҷоя надидааст, Москваба хонданӣ мерафтааст. «Аз ақиби як нахӯд оби ҳавза хӯрд» гуфтагӣ барин ҳамроҳаш ман ҳам рафта истодаам-дия!

**Аз байн баромадан**

**1.** бо гуноҳ ё амали ношоистае радди маъракаи шудан: — Акобир ин вақтҳо наменамояд-мӣ? — Э вая напурсед, занаша чор фарзандаш катӣ сар додан инҷониб ҳама аз вай ихлосаша кандагӣ. Баъди ҳамон вай аз байн баромада монд, ҳоли ҳеҷ кас вая ёдашба намебиёрад;
**2.** аз қатор (навбат) берун шудан: — Барои чӣ қатор-а вайрон карда аз байн баромадӣ, Эргаш, рав ҷоятба.

**Аз бари домани касе гирифтан**

ба касе эътироз кардан: укотон аҷоиб одам будааст: «Пули мана ту гирифтагӣ»— гуфта аз бари домани ман гирифта гаштааст...

раисҷон, ин қадар аз болойи асп омада осон надореду аввал йак бор худатон аз назар гузаронида бенид-чӣ?

### Аз болойи асп тӯғрӣ шудан

базудӣ (осон) иҷро шудани коре ва амале: Шумо ин каса Душанбеба мебурдед, корашон аз болои асп тӯғрӣ мешуд.

### Аз болойи бом тароша афтидагӣ барин будан

1. ногаҳон ва бемаънию бемантиқ гап задан: Мо дар боран Искандари Зулқарнайн гап занем, вай «Зулқайнара мегӯйетон-мӣ» гуфта гапба ҳамроҳ шуда монд. Ин гапаш аз болойи бом тароша афтодагӣ барин шуд гӯйам бовар кунид.
2. ғайричашмдошти касе ба ҷое омадан: Вақте ки Ҷӯрамастон маст шуда кайфи таранг катӣ вақти сӯҳбати мо омада монд, аз болойи бом, тароша афтодагӣ барин шуд, уко.

### Аз болойи ҳунар нон хӯрдан

аз ҳисоби бозьёфти ҳунари худ зиндагӣ кардан: —Манба нигоҳ кунид, запхосамо кор намекунам «гуфтааст, кори ҳамона гирчӣ, шукур, хату саводи нағз доред.— Ин хел корҳойа монӣ-чӣ, уко, аз болойи ҳамин ҳунари гаҳворасозиам нон хӯрда гардам, сад тилло; мо аз болойи ҳунар нон йофта мехӯрдагӣ одам, кай корам ҳаст, ки ин калон мешавад-мӣ, йо вай.

### Аз ваҳми ҷон

аз биму тарси худ: ин ҳар рӯз ин қадар дарс тайор намекарду шумойа дида, аз ваҳми ҷонаша дарс тайор карда ништааст-дийа!

### Аз гул фаромадан

ба интиҳо расидани гули дарахт: Ангур ҳам аз гул фаромада мош барин шудааст..

**Аз гуноҳ гузаштан**

1. авф намудан, бахшидан: Хайр, ин давра аз гуноҳат гузаштамкуйа, минбаъд ин кората такрор накун.

**Аз гӯр баромадагӣ барин**

ифлос, чиркин, гилу лойолуда: А, ин қадар ба хоку гил худата ифлос кардӣ? Йак маротиба афту башараата оинаба бин, худди аз гӯр баромадагӣ барин-а!

**Аз гӯшт фаромадан**

харобу лоғар шудан: Касал шуда хеле аз гӯшт фаромадед-а, бародар.

**Аз дам фаромадан**

аз ғуруру ҳавобаландии худ фаромадан: ҳазорон бор шукур-э: Дар вақти раис буданаш дар дамаш шавла мепухт, акнун бекор шудан ин ҷониб бутун аз дам фуромадааст-э!

**Аз дами корд ҳам тезтар будан**

гуфтори бурро, таъсирбахш: Вай ки калон аст, ҳар чи гӯйад, ба ичро мерасад. Гапи ин хел одамҳо-йа аз дами корд ҳам тезтар гуфтан гир!

**Аз дарахт ғӯра афтидан**

дар айёми ҷавонӣ кори неки сар кардашударо ба сабабе ба субут расонида натавонистан; йатим мондан: — ҳамин фикру ақлатонба аттанг, ки нахонда будаеддийа. Нуруллоҷон, мехондед, одами дуруст мешудеддийа.
— Ҳамту-ку, Зодаҷон, аз дарахт ғӯра афтида мондимдийа: солҳои ҷанг падару модар вафот карданд, акаам ҷангба, баройи ҳамин натонистам.

**Аз дарди сар халос шудан**

аз ташвишу тараддуд озод гардидан: Бенам пешашба бачча-маччи йош равад, «ҳа» гуфта кӯшлағат мепартофтагӣ шудааст. Сонӣ «Э, раве» гуфтаму аз баҳраш

буромадам.— Ин хел бошад, холи аз дарди сар халос шудам гӯйед: гови харидагиаш зананда буромад. Имрӯз буроварда фурӯхтаму аз дарди сар халос шудам.

### Аз дарун пухтагӣ

зоҳиран гӯлу гумроҳ, аммо ботинан зираку доно: Намуди берунаба нигоҳ накун, вай ҳамту гӯлбашара намойад ҳам, аз дарун пухтагӣ бача!

### Аз дарьё об бахшиш кардан

аз чизи бисьёр ва фаровон ночизе бахшиш кардан: — Мана, ин ним кило хурмо ба шумо! — Э, қанд занид-е, аз дарьё об бахшиш кардед-а!

### Аз дарьё хушк баромадан

**1.** ноӯҳдабаро будан: Э, беҳуда вая биринҷба фиристонед, ягон каси ҳушьёртар набуд-мӣ? Вая обба фиристонед ҳам, аз дарьё хушк баромада мебинед;
**2.** чолок, бафаҳму фаросот будан:
«Писарам куҷо шуд»,— гуфта хавотир нашавед, кампир, вай бачаи ба ҳама ҷо ақлаш мерасидагӣ, дарьёба афтад ҳам, ғарқ нашуда, аз дарьё хушк мебарояд!

### Аз даст баровардан

кореро ба итмом расонидан:
Тамоми токҳоя об дода, аз даст баровардем.

### Аз даст гирифтан

дар айёми пирӣ, мушкилӣ ва афтодагию барҷомондагӣ ёрдам расонидан, дастгирӣ кардан, ба касе кӯмак расондан: Укоҷон, қаҳратон набиёд, гапҳои манба, шумо, ки занчатона гуфта очаву додои мӯсафедатона партофта бурафтид, ҳамма шумоя айб кард-дийа, наход ки партофта буравид! Акнун вақти аз дасташон гирифтан буду вайҳоро партофта рафтид?!

## Аз даст гузаштагӣ

аз назару санҷиши касе гузаштан: ин бисёр соати хуб аз дасти ман чанд бор гузаштагӣ, «не»—нагуфта харед.

## Аз даст кор омадан

1. Аз ӯҳдаи коре баромадан, кор карда метавонистагӣ шудан: Манба ин қадар дӯғ мезанӣ, аз дастат чӣ кор меояд? 2. ҳунареро донистан, ҳунарманд будан: Бародар, пурсидана айбаш не, аз дасти шумо чӣ кор меояд: андова-мӣ, лой ховондан-мӣ, гилкорӣ-мӣ, чӣ корҳо?

## Аз даҳон афтодани гап

нодону мӯҳмал будан, дар сухан маҳорат надоштан: Аз даҳонаш гапаш меафтаду боз «лектор мешавам» мегуфтааст-мӣ?

## Аз даҳон баромада мондан

1. чизеро тасодуфан гуфтан: Э, мебахшед, «шумо» нагуфта «ту» аз даҳонам баромада монд-дийа. 2. дар гуфтор (сӯҳбат) саҳву хатое содир кардан: А барои чи Зулқарнайн-а «Зулқайнар» гуфтӣ? — Саросема шуда аз даҳонам баромада мондааст, мебахшед.

## Аз даҳон шакар рехтан

ширинсухан будан: Ҳамин қадар ҳикояҳои форам мегӯед, ки аз даҳонатон шакар мерезад-а!

## Аз даҳон шамол бурдан

беоқубат, бенатиҷа мондани гаперо орзу намудан ва онро рад кардан: Амаки Мирмӯсо қазо кардаанд мегӯянд-мӣ? — Ин тавр нагӯ-е, аз даҳонат шамол барад-е, йак соат пеш ҳамроҳ чой хӯрда будем-ку!

**Аз даҳону биниӣ баромадан**

**1.** ҷазои (сазои) амали нопокеро дидан: Хуб шуд, вайа кӣ гуфт, ки моли давлата дуздӣ кунад? Мана акнун дуздиҳои кардагиаш аз даҳону биниаш баромада ҳабс шуда рафт, кирои ҳамин кунад?; **2.** қай кардан: Ҳамин шаб ҷунон қай кардам, ки хӯрдагиҳойам аз даҳону биниим баромад.

**Аз деги сурх гирифта деги сийоҳба задан**

шармандa ва беобрӯ сохтан: Шабангӣ гапҳои беадабона гуфтагишба аз деги сурх гирифта деги сийоҳба занам гуфтаму боз кучоҳойа андеша кардам-дийа!

**Аз дил баровардан**

**1.** чизеро эҷод кардан: Ин анча одам-а, ҳамаи ҳамон шеърҳоя худаш аз дил баровардагӣ;
**2.** кинаву кудуратро аз худ дур кардан: Мо бачагӣ карда, ягон гапи сахт зада бошем, аз дил бароред, ако!

**Аз дил гузаронидан**

чизеро пешакӣ тасаввур кардан: Ҳамин рӯз, албатта, меоед гуфта аз дил гузаронда будам. Мана, шукр, ба пойатон омада мондед-а!

**Аз дили ростӣ**

**1.** аз самими дил: Ман ба назди вай аз дили ростӣ рафта будаму фаҳмидан мехостам, ки ба ҳамин духтар дилаш ҳаст, ё не?;
**2.** ҳаққонӣ, беғаразона: Ман ҳам аз дили ростӣ мегӯям, ки дигар маст нашавед!

**Аз дилу димоғ баромада рафтан**

тамоман эътибор надода мондан, дигар таваҷҷӯҳ накардан ба коре, чизе: — Кани, чорто дамино занемчӣ? — ҳамин вақтҳо даминобозӣ аз дилу димоғ баромада рафтааст.

### Аз дилпурӣ баромадан

...хси нобовар шудан, аз боврай баромадан: Ба до...рзодаатон бэварӣ карда, калом рӯз сад сӯм қарз до... будам. «Те» гӯям, мункир шуд. Аз ин дилам пур бу... ин ҳам нашуд. Аз дилпурӣ баромад.

### Аз дилсиёгӣ баромадан

... ғам, музтарибӣ озод шудан: Дучон ба саломат ...аду аз дилсиёгӣ баромадем-е, аҳволаш чӣ мешуда ...шад? — гуфта шабу рӯз ғам мехӯрдам.

### Аз димоғ боло гап задан

...вофиқи табиат ва ҳолати руҳияи касе гап назадан: ...аб ҳайрон ман, ки саҳл аз димоғаш боло гап задӣ, ... ту тамоман арозӣ шуда мегардад...

### Аз домани касе кашидан

...аз касе даъвогар шудан: Ин Сангинатон ниҳоят тӯҳ...тчӣ будааст: «Як вақтҳо ба ту як мӯзаи хиром дода ...дам—гуфта аз доманам кашида истодааст?
Қасеро гунаҳкор кардан: Ман ин корро накардаму ... кардӣ» гуфта, барои чӣ аз домани ман мекашед? ...касеро ба чинояти худ шарик карда нишон додан: ...акатона барои чӣ суд чеғ задааст? — Ҳамон моча... навба, Шариф «ин ҳам шарик буд!» — гуфта аз ...мани амакам кашидааст.

### Аз дудилагӣ баромадан

...иштибоҳ (шубҳа) баромадан, ба чизе дигар шак на...рдан: Ин чӣ хел одам бошад? — гуфта доимо хайол ...да мегаштам. Акнун фаҳмам, бисйор одами хуб бу...ст. Рости гап аз дудилагӣ баромадам.

### Аз дудилагӣ набаромадан

... шубҳа будан, боварӣ, дилпурӣ надоштан, мутарад... будан: Асло аз дудилагӣ набаромадӣ-дийа. Ҳамин ...фтагӣ чойба йо меравам гӯй, йо не.

## Аз дуньё бӯ набурдан

аз коре, чизе чандон бохабар набудан: — Ман аз адабиёт гап занам, аввоаш бечо шуда, ким-чи хел мешавад.— Вай-мӣ? Аз дуньё бӯ набурдагӣ одам, пеши вай-ба аз адабиёт гап зада чӣ кор мекунӣ!

## Аз забон мондан

аз беморӣ ба дарачаи ҳалокат наздик расидан, дигар гапу ҳарф зада натавонистан: — Зарифчон, боботоч нағз шуданд-мӣ?
— Не, ако, аҳволашон бисьёр вазнин. Бегоҳ ин чониб аз забон мондагӣ.

## Аз забонат гардам

садқаи гапи хуш, хабари хушат шавам: — Э, аз забонат гардам-е, «наберадор шуд» — гӯ-я!...

## Аз имтиҳон гузаштан

**1.** аз санчиши ягон фан гузаштан: Имрӯз аз фанни таърих санчиш буд. Писарчаатон бо муваффақият аз имтиҳон гузашт;
**2.** аз болои рафтори мусбат ё манфии касе мушоҳида бурдан ва дар охир нисбат ба ӯ ба хулосае омадан: Мо ин бачая чандин моҳ аст, ки месанчем. Бисьёр бачаи меҳмондӯст. Хотирчамъ бошед, ки ин бача аз имтиҳон гузаштагӣ.

## Аз кору бор мондан

бо ягон сабабу бахона аз машғулияти зисту зиндагонӣ боз мондан: Ман ба ваъдаи ту бовар карда аз корубо-рам мондам. Дар охир омада «барои кор карданат чои холӣ нест»,— мегӯй-мӣ!

## Аз кун канда нашудан

аз касе чудо нашудан, доимо ҳамроҳ будан: Э, хушомадгӯи шарманда-е, аз куни раис ҳаргиз канда нашуда мегардад-а!

### Аз куни сӯзан гузарондан

ҷиддӣ тафтиш кардан, санҷидан: Бо ин муаллим ҳазлу шӯхӣ кардан дуруст нест, дар вақти имтиҳон ҳар як хонандая аз куни сӯзан мегузаронад...

### Аз кӯчаи (чизе) нагузаштагӣ будан

аз ягон кор, чиз бехабар будан: Аз кӯчаи бедонабозӣ ту як умрат гузаштагиат не. Ин номаъқулия ба ту кӣ маҷбур кардааст?!

### Аз маърака берун шудан

шарманда ва беобрӯ шудан, аз қатори мардум баромадан, нафратзада шудан: Вай дилсиёҳи нотавонбин ба ҳар кас тӯҳмат карда, оқубат ки сирраш кушода шуд, худаш аз маъракаҳо берун шуда, гирифтори нафрати мардум гардид.

### Аз мурдана омадан

ноилоҷ омадан, маҷбурӣ ба амале оғоз намудан: Як умр бо акаатон юғапӣ шуду ба ин маросими он кас «мардум айб накунад» гуфта аз мурдана омад-дия!

### Аз мӯрӣ дуд баромадан

кинoя аз хӯрок пухтан: Ба хаёлам, беғоҳ акаатон аз боғ кӯчида омад. Бинам, имшаб аз мӯриаш дуд баромад.

### Аз нав пунба кардан

худро аз нав ҷавон пиндоштан ва орзуи айёми ҷавонӣ кардан: Э, пир бошед ҳам, ришатона гиронда аз нав йигитча шудед-а, бобо? — Аз нав пунба кардем-дия, писарам!

### Аз олам гузаштан

фавтидан, мурдан: Бечора Бобо Мирумар ҳам аз олам гузаштаанд-дийа!

2—1426

### Аз паи кор шудан

ба кор огоз намудан, ба ичрои он чидду чахд намудан: Писарам, хоби бисьёр ба одам гафлати бешумор мегуянд. Хез, барвакттар ношто куну аз паи кор шав!

### Аз чашм дур

гоиб, дар чои дигар будан: Вай дар Душанбею ман дар ин чо. Аз чашмам, ки дур аст, аз кучо донам, ки вай дар чй холат бошад?

### Аз пашша фил сохтан

муболига кардан: — Як худаш чил коса мастобая хурда, шаввоз!
— Ту хам аз пашша фил месозй-дия, хайрият кафида намурда-аст!

### Аз пеш рубох гузаштан

киноя аз пешрафт накардани кор: — Хайрон ман, хамин руз хар бора барин савдо нашуд.— Пагохирузй аз пешатон рубох гузашта будааст-дия...

### Аз по кашидан

ба ягон айбу гунох касеро хамрох шарик карда нишон додан: Худаш гунахкор шуда истода, дар вакти тергов аз пои раис хам кашидааст.

### Аз пой мондан

хаста шудан, пойдард шудан: Бечора хеле вазнин шуда, аз пой монда аст.

### Аз пушт гап задан

касеро дар гайбаш мазаммат ва маломат кардан, гайбат кардан, дар хакки касе бадгуй кардан: Ба ман нигох кун, Рачаб! Барои чй худаш нест у Шарифа аз пушташ ин кадар гап мезанй? Мард бошй руяшба гап зан!

### Аз пушти касе гап задан

касеро ғайбат кардан: Мард бошӣ, ҳар як гапата рӯ ба рӯ ба худаш гӯй. Аз пушташ гап задан чӣ даркор.

### Аз роҳ баромадан

1. аз роҳи рост ба бероҳагӣ баромадан: Шунидед-мӣ? Машинаи Зокир аз роҳ баромада, чаппа шудааст:
2. аз тартибу низоми умумӣ берун баромадан ва қоидаро вайрон намудан, корҳои нодуруст, ношоям ва мақбули он набударо содир намудан: Маст шуда, ки аз роҳи рост баромад, ҳукм гирифт-дия!

### Аз роҳ гаштан

1. Ба қавли худ бевафоӣ кардан: монед, шумо ҳам нашудед! «Ба ҳашар мебиём» гуфтеду аз роҳатон гаштед. Мо чӣ қадар мунтазир шудем;
2. аз фикри худ гаштан, аз гуфтани гапе ё иҷрои амале худдорӣ намудан: кирои ин қадар гапои бемаънӣ гуфтанаш рафта танбеҳаша дода биём гуфтаму боз шуморо рӯихотир карда, аз роҳам гаштам-дия!

### Аз рӯ гузашта натавонистан

дар иҷрои кор касеро ҳурмат ва поси хотир намудан: Дастхатҳои Ҷавҳариро чӣ кор кардед? — Ба рафиқ Файзуллоев додам. Вай «Девон»-и Ҷавҳариро тартиб дода истода будааст: Илтимос кард, аз рӯяш гузашта натавонистам.

### Аз сад ҷон як ҷон халос нашудан

ба даст афтодан, аз ҳукми одилона гурехта натавонистан: Дар давоми кор бисьёр ҷиноятҳо содир намуда будааст. Тафтиш ва ҳақиқат карда ба ҷиноятҳои содир намудааш худаша иқрор кунонда ба ҳабс гирифтаанд, мегӯянд, ки акнун аз сад ҷонаш як ҷонаш ҳам халос намешавад!

### Аз таги биниӣ дура надидан

бефаҳм будан, ҷаҳонбинии васеъ надоштан: Аз таги биниаш дура намебинад-у, аз ҳамин маслиҳат мепурсӣ?!

### Аз таги дасти касе баромадан

1. аз касе таълим гирифтан ва соҳиби касбу ҳунар шудан: Ин кас аз таги дасти камина баромадагӣ. Расо ду сол касби мӯзадӯзия ёд додам; 2. аз зери итоати касе баромада, ба ҷои дигар рафтан: — Ҳанӯз дар бригадаи устод Ашӯр-мӣ шумо? — Не, аз таги дасти он кас баромада, ба бригадаи обчакорӣ гузаштагӣ.

### Аз таги дил гап задан

мақсад ва муддаоро бе риёкорӣ изҳор намудан: Аз таги дил гап зада истодааст, ки ман бо шумо ҳамфикр ҳастам. Боз чӣ гӯяд?

### Аз таги дор гурехтагӣ

каси фиребгар, авбошсифат ва қаллоб: Ман ҳаргиз розӣ нестам, ки ба ҳамон касе, ки аз таги дор гурехтагӣ мебошад, лофи ошноӣ занӣ...

### Аз таги чашм гузарондан

аз назари диққат ва мулоҳиза гузарондан: Агар ҳамгап шуда монад, номаълумона, аз таги чашм гузаронед, ки оё лоиқи ба ҳамин кор таъин кардан аст, ё не?...

### Аз таг шамол гузаштан

осебе, зараре надидан, умри дароз, бахту саодатро соҳиб шудан (ба таври дуои нек ва орзу гуфта мешавад): Илоҳо, аз таги писаратон шамол гузарад, бисьёр бачаи қобили гапдаро-дия!

### Аз тухм нав баромадагӣ будан

касеро тифл ҳисоб кардан: Аз тухм нав баромади-ю, ин қадар калонигарӣ мекунӣ!

## Аз хок берун гаштан

зиндаю саломат будан: Масобирако, шумо чӣ тавр, нагз ҳастед-мӣ? — Шукр, ука, аз хок берун гаштем-дия...

## Аз хоки по намондан

касеро азизу парастор ва дӯстдорандаи худ донистан ва аз ӯ ҷудо шуданро нахостан: Акнун модарат пир шуд, писарам, аз хоки поят намонам!

## Аз хоклес мондан

аз ягон чизи хӯрданӣ ё насибае маҳрум мондан: — Ҳамин рӯз Зоҳирҷон як ош пухтаид, ки мурда хӯрад, зинда мешавад. Афсӯс, ки зодаҷон, набудед-дия.— Ох, аз як хоклес монда будаам-дия!...

## Аз хонумон ҷудо шудан

аз аҳли оила ҷудо шудан, бо фавтидани яке аз ҳамсарон танҳо мондан: Ин шабу рӯз ҷаро беҳуш-беҳуш барин шуда мегаштагӣ шуда мондед, ако? — Аз чилсола хонумонам ҷудо шудам, боз ба ман хуш монад-мӣ?

## Аз худ гузаштан

аз тарафи касе айбе, кӯтоҳие сар задан: Вай аспи бидав буду ба гапи одамҳо даромада фурӯхтам. Акнун ҳар замон пушаймон мешаваму пушаймониам суд надорад. Аз ҳудам гузашт, аз дастам рафт.

## Аз худ бохабар шудан

1. аз ҳар гуна пешомадҳои ногувор худро эҳтиёт кардан: Аз худат бохабар шав, ки аз болои ту ҳам материал ҷамъ карда гаштааст...; 2. ба худ эътибор додан, худро ба назари мардум вонамуд кардан: Шукр, моҳонаи мегирифтагиат калон. Сару либоси наву озода пӯшида, ба пеши назари мардум аз худат бохабар шуда гардӣ намешавад-мӣ?

### Аз худ дур кардан

робита ва муносибати худро аз касе баркандан: Бо вай майзадаи балозадагӣ шинухез карда чӣ кор мекунӣ? Ин хел фалокатҳоя аз худат дур кун-е!..

### Аз худ мондӣ — аз олам мондӣ

ҳеҷ кас аз қудрати худ маҳрум нашавад, ба умеди кӯмаки шахси дигар набояд шуд: Чанд вакт нотоб хоб кардаму «ман дӯсти шумо» гуфта бо ман лофи ошной мезадагиҳо ягон маротиба омада аз ҳолам хабар гирифта, дасти кӯмак дароз накарданд.— «Аз худ мондӣ, аз олами мондӣ» — мегуфтаанд, рост будааст...

### Аз худ тарсидан

1. аз сиҳатшавӣ умедро кандан: — Э, Салим-ако, саломат шуда хестед-ку, сахт азоб кашидед-а.— Ҳа, укаҷон, чанд рӯз беҳушу беёд хоб карда, аз худам тарсида будам. Шукр, ки умр бокӣ будааст...
2. ба коре ҷуръат накардан, эҳтиёткориро пеш гирифтан: Аз ин шоҳиҳо камтар диҳӣ-чӣ, ман об карда биёям, фоидааш шарикӣ! — Ин кора карданба аз худам метарсам, ту ҳуш дорӣ?

### Аз худ хунук кардан

бо ягон сабабу баҳона муҳаббати касеро нисбат ба худ аз байн равондан, бадбин кардан: Ҳамеша гапи ношоям гуфта, рафиқи наздиката аз худат хунук кардӣ. Мана, ин вақтҳо ҳатто ба рӯят нигоҳ ҳам намекардагӣ шуд.

### Аз чашм алов паридан

1. ниҳоят шӯх, чобук, моҳир будан: ман ба ин писарчаатон қоил, кори даҳ дақиқа-гия дар се дақиқа иҷро карда омад-а, нигоҳ кунам, аз чашмаш алов мепарад; 2. оташин, ғазабнок, бадқаҳр шудан: хиёнати бачая фаҳмида, аз чашмаш алов парид, қариб буд зада маиб кунад...

### Аз чашм хоб гурехтан

хоб набурдан, камхоб шудан: Ҳайрон ман, ду шаб боз хоб аз чашмам гурехтагӣ, ҳаргиз хобам намебарад...

### Аз чашми бинои худ намондан

ба меҳнат ва саломатии худ такья намуда, дар назди касони дигар хору зор шуданро ба худ раво надидан: — А, бибичон, ба хаштод қадам мондед-у ҳанӯз тӯппӣ медӯзед?
— Меҳнату роҳат,— гуфтаанд, гардад бибиат, худо гӯ, ки аз чашми бинои худам намонам!

### Аз чаҳор тараф печондан

1. касеро иҳота кардан: Ба хаёлам, ин одами гурехтагӣ — дузд. Гардетон аз чор тарафаш печонем, зоро дастгир кунем.
2. касеро аз ҳар тараф гап зада, саргаранг кардан: Ба як одам бо навбат гап зада ҷавоб шунаветон. Аз чор тарафаш печонда, гаранг карда мондетон-а!

### Аз шудагӣ пушаймон будан

сифат ва фазилатҳои неки инсониро соҳиб набудан: Ин майзадан бе ору номус меҳнат накунаду шабу рӯз машғули нӯшидан бошад, чӣ мешавад? Рости гап, аз шудагиаш ҳам пушаймон, чӣ кор карданаша намедонад...

### Азоби ғуночина кашидан

азоб ва машаққати сахтро аз сар гузаронидан, хорию зиллат дидан: — А, ин замини холия ҳамин қадар обод карлед-мия, қанд занед-е, тамоман ниҳолзор карда мондед-а! — Илоҷ чӣ, ука, «то меҳнат накунӣ, роҳат намебинӣ»,— гуфтаанд. То ина обод кардана азоби ғуночина кашидам-дия!..

### Аз таги поят баромадагӣ нестам

маро ту тарбия накардай, ман аз ту забонкӯтоҳ нестам: Ба ман ин қадар дӯғ зада, чашмата ало-було накун. Ман аз таги поят баромадагӣ нестам!

### Аз элак гузаронидан

**1.** сахт тафтиш кардан: Ин муфаттишҳо бисёр одамони сахтгир будаанд. «Аз воқеаи duздидани молҳои магазин ту низ хабар дорӣ?! — гуфта, ҳамин рӯз мана аз элак гузаронидаанд-дия!
**2.** барои коре, чизе ҷоеро ба таври ҷиддӣ аз назар гузаронидан, кофтуков кардан: Тавба, даҳ сумама гум кардам гуфта, ҳама ҷойро аз элак гузаронад мешавадмӣ?.

### Аз яке монда аз дигаре ронда

ба умеди чизе аз баҳри чизи нақди мавҷуда баромадан: Ба оши шумоён умед баста, шӯрбои тайёра нахӯрда омадам. Аз яке монда, аз дигаре ронда — гуфтагӣ барин, ин ҷо то омадани ман оша ҳам тамом карда мондетон!

### Аз як сӯрох ду сӯзан гузарондан

бо меҳру ҳунари худ зиндагӣ кардан: Ман бо ин касбу ҳунари косибии худ фахр мекунам, зеро бедуздӣ, бе хиёнат, ҳаққи касу давлатро нахӯрда, аз як сӯрох ду сӯзан гузаронда оромона умр ба сар мебарам.

### Аз қоқи нав

ҳеҷ чиз, беҳуда: Имрӯз як гапи аҷоиб шунидам. Завҷаи Сангин ба шавҳараш гуфтааст, ки «Фалониҳо мошинаи «Жигули» доранду шумо ҳам чаро якто «Жигули» намехаред, ки мо низ ду-се рӯз кайф карда гардем? Сангин ҷавоб дода гуфтааст! «Ман пули бедарди миён надорам. Сабр кун аз паси меҳнати ҳалоламоҷ пули мошиная кор кунем, ана марҳамат: хоҳ «Жигули» гӯй, хоҳ «Газ-24». Не қарзу қавола карда ҳозир харед, гуфтааст. Сангин дар ғазаб шуда: Ин тавр бошад, аз қоқи нав! — гуфта ҷавоб додааст.

### Аз ҳаёт безор шудан

рӯҳафтода шудан, зиқу ғамгин будан: Ҳамсари соният бисьёр зани беандешаи бадзабон будааст. Бо чунин зан умргузор будан бароям басе мушкил, намедонам бо ӯ чӣ кор кунам, аз ҳаётам ҳам безор шудам,— мегӯяд.

### Аз ҳаллоҷӣ гузаронидан

касеро ба зери тафтишу таҳқиқи сахт гирифтан: Ман ба суд қоил шудам: Гунаҳкор аввал гуноҳи содир намудаашро инкор намуд. Ҳамин ки пурсида-пурсида аз ҳаллоҷӣ гузаронид, оқибат гуноҳаш иқрор шуд.

### Аз ҳама гӯр бохабар

аз тамоми гапу кор бохабар: Аҷоиб эшони тӯра дорӣ-дия, омада истода дар роҳ дучор шуда мондам. Имрӯз дар фалон-фалон гузар тӯй, дар фалон қишлоқ ҷаноза, фалони домодталабон мекардаст,— гуфта наздик дах чойя номбар кунад мешавад-мӣ!— Дуруст гуфтед, эн кас аз ҳама гӯр бохабар!

### Аз ҳамьёни зари падар кати мондан, бо нӯги дуки модар мондан авлотар

меҳри модар нисбат ба падар бештар аст: Дидед, баъд аз вафоти падар ҳамин ҷавона аз кӯдакиаш модараш калон кард, тарбия намуд ва ба камол расонд. Модар, оҳ меҳри модар! Пеш вақтҳо беҳуда нагуфта будаанд, ки аз ҳамьёни зари падар кати мондан, бо нӯги дуки модар мондан авлотар!

### Аз ҳар калла як садо баромадан

як фикрро баён накардан, як хел гап назадан: Ҳамин масъалая хушӣ ҳал кунетон гӯям, аз ҳар калла як садо баромаду охир ҳал нашуда монд-дия.

### Аз ҷавшани ҷон гузаштан

аз ҳад зиёд таъсири бад бахшидани чизе ва аз оқибати он сахт мутаассир шудан, сабру тоқат намондан: — Имрӯз дар маросими тӯи Аҳмадалӣ набудед? — Қадом

рӯз ноандешида ду-се даҳан гап зад, ки аз ҷавшани ҷонам гузашта, сахт ранҷида будам. Ба рафтан поям накашид.

### Аз ҷон безор шудан

зиқ шудан, асабонӣ гардидан, косаи сабр лабрез шудан: Ин қадар шӯхӣ мекун-е! Аз ҷонам ҳам безор шудам-ку!

### Аз ҷӯй напарида «ҳӯп» нагӯ!

кореро ба ҷо наоварда пешакӣ натиҷагирӣ накун: Ман дар ин ҷо иморате бунёд кунам, ки ҳама қонл шавад! — гуфта, аз ҷӯй напарида «ҳӯп!» — нагӯй, ука, «пеш аз тӯй нақора» зебой надорад!

### Аз як қошуқ хуни касе гузаштан

гуноҳи касеро бахшидан, аз ҳукми қатл даргузаштан, ба касе тараҳҳум кардан: Баъд подшоҳ ба Афандӣ нигоҳ карда гуфтааст:
— Афандӣ! Мобайни тую хар чӣ фарқе ҳаст? Афандӣ гуфтааст: Подшоҳо! Аввал аз як қошуқ хунам гузаред, баъд ҷавоб диҳам.— Гузаштам, гӯй! — гуфтааст шоҳ. Мобайни ману хар танҳо як ваҷаб масофа гуфта, ҷавоб додааст Афандӣ. Подшоҳ мулоҳиза менамояд, ки масофаи байни худаш ва Афандӣ як ваҷабаст.

### Айб калтак надорад, ки одама занад

гуноҳе содир намуда, ба мазаммату маломати касон гирифтор шудан, парвое накардан, бешармӣ (беҳаёгӣ) аз худ зоҳир намудан: Ту ин одата парто, уко, айб калтак надорад, ки одама занад. Хурду калон туя лаънат карда истодаанд, ки ҳама рӯзи худо маст шуда меояд.

### Айба гарданба гирифтан

ба гуноҳи худ иқрор шудан: Ду моҳ инҷониб гап назада мешишт, имрӯз айбаша гарданашба гирифт, бевиҷдон!

## Айба ба гардани кас партофтан

гуноҳи худро ба зимаи касе бор кардан, ба ҷои худ каси дигарро гунаҳкор кардан: Ту аҷаб одами қизиқ будӣ, китоба худат дарронидию, акнун пеши муаллимба айби худата ба гардани ман мепартой-мӣ?..

## Айба кӣ кунад? — майиб

касе, ки худ камбудиву нуқсон дорад, ба таъна ва танқиди дигарон даҳон мекушояд: Айба кӣ кунад? — Майиб, акнун ту ҳам гап назада монда будӣ! Рӯзи бемастии худат нест-у, боз аз даҳони шумо бӯи арақ меояд мегӯӣ?!

## Айш рондан

аз имконниятҳои мавҷуда истифода бурдан, хурсандӣ ва шодмонӣ кардан, айш рондан: — А, ин бародаратон дирӯзакак аз Душанбе омаду боз аллакай Москваба рафт? — Ҳамин тавр. Шукр, маоши муаллимӣ калон шуд, ҳозир вақти дамгирӣ. Аз давлати ҳукуматамон айш ронда гаштан мегирад-дия, амакҷон!

## Акс будан

хилофи раъй кор кардан: — Акнун донам, укотон бутун акс будааст. Гард, ҳамроҳ ба шолидаравӣ барам: давоми се-чор моҳба анча бахрабар шуда меой, гӯям, «не» мегӯид-дия тавба!

## Алами оша аз мош гирифтан

алам, қасос ва ё пикори касе ё чизеро аз касе ё чизи дигар ситондан: Аз дарс Сангин прагул карду муаллимҷон, алами оша аз мош гирифта, мани бечорая барои чӣ ҷанг мекунед?

## Алама тоза кардан

ранҷу нохушиҳои гузаштаро ба хотир овардан, азобу уқубати гузаштаро нақл кардан: Зуҳурхӯҷа-ако, аҷоиб бедона доштед-дия, ду нӯл ҷанг накарда «чӣ...» гуфту монд-а?

— Биё мон, уко, гапа кофта, алами одама тоза кардан нагир!

### Аламзада шуда мондан

**1.** ба ғаму андӯх, дарду алам ва мусибат гирифтор будан: Ба ин зани бечора ҳаргиз гапи сахтназан. Ду фарзандаш як солба мурда, аламзада шуда мондагӣ.
**2.** аз касе ранҷиш доштан: Охир, ина бозии шоҳмот мегӯянд. Донам, надонам бозӣ карда, ҳар бор мот шудан мегирӣ-мӣ? — Э, аламзада шуда мондӣ, як бор мот карда, ин қадар аз худ нарав!

### Алафа кушта рафтан

аз таҳти дил, босифат меҳнат накардан, сар-сарӣ ва рӯякӣ кор кардан: Фақат алафа кушта рафтан кати кор мешавад-мӣ? О, ин аз тахи дил то тахаша каландӣ карда равӣ, ки ҳосил диҳад-дия!

### Алов баланд будан

бо шавқу ҳавас ва ҳисси шодмонӣ дар сӯҳбат ширкат варзидан:
— Э, Ғафурҷон, боз ин қадар саросема?
— Муборак гӯед, худо меҳмони нав дод!
— Ман гуфтам, дирӯз ин қадар аловатон баланд буд, муборак бошад!

### Алов гирифтан

оташин шудан, ба ҷаҳл омадан:
Ҳайр, ин беҳурматӣ карда бошад, укаи худат кардааст. Ин қадар ғазабнок шуда алов гирифтан чӣ даркор?!

### Алов гирифтанӣ омадан

ба ҷое омада, зуд бозгаштан, дар ҷое таваққуф накарда зуд рафтан: — Шинед, якта чой кунам, хӯрда равед! — Не, ҳозир корам ҷудо зарур, боз меоям! — Ҳайр, ҳеҷ гап не, алов гирифтанӣ омадед-мӣ, охир, якдам гузашта шинед!

## Алов дарнагирифтан

пешрафт нашудани кори касе: Шокирхӯҷа-уко, амакбачаатон фарзанддор шуд-мӣ?
— Не, Бобо Мӯсобир, чор зан гирифт, аз ягонтааш ҳам фарзанд нашуд.— О, бечора-е... Аловаш асло дар нагирифт гӯед-чӣ?..

## Алов доштан

боғайрат ва боҷуръат будан: — Худо умраша диҳад, аз ҳамин писарчаи кенҷаякамон барака ёфтем-дия. Офтоб бароям-набароям токоя тамоман аз об баровардa омад. Рости гап, алов дорад, алов!

## Алова кофтан

1. кор ва воқиаҳои гузаштаро кунҷковона пурсидан, аламии дили касеро ба ёдаш оварда вайро рӯҳан азият монондан: Аз ҳамон одам хафа шуда бошӣ, вақташ кати гапи гузаштая худамба гап зан. Ин ҷо укоаш нишастааст, алова кофтан нафъ надорад; — Бечора укотон одамҷон буду умраш кӯтоҳ будааст-дия! — Алова кофтан нагиред, ки тоқати шунидан надорам!
2. гузаштан касеро кунҷкобона пурсуҷӯ намудан, касеро бо касе барангехтан, касеро ба изтироб овардан: Шумо укотон кати оштӣ кардед-мӣ? — Ҷигар-ҷигар будааст-дия, чи илоҷ, охир оштӣ кардем, бародар.— Ин гапа барои он пурсида истодаам, ки ҳамон рӯз шумоба бисьёр беодобӣ карда буд... — медонам, акнун алова накобед...

## Алову чароғ кардан

пас аз марги касе дар хонаву ҷои ӯ зиндагӣ кардан, хонаву ҷои ӯро обод кардан; зиндагии вайро идома додан: — Акнун тамоман кӯчида омадед-мӣ, Пӯлодҷон? — Чӣ илоҷ, хонаи падару модар, алову чароғ карда, арвоҳоя шод кунам гуфта омадам-дия, ҳама ҷоба кор як хел будааст...

## Алогии одам дар дарун

кина ва душмании ниҳонии шахсе ба шахси дигар, ошкор намудани адоват ва нотавонбинӣ: — «Алогии одам

дар дарун», чўра, қасдан туя маст карда «шарманда шаваду худомо тамошо кунем» — мегуфтагӣ одамо кам нестан. Ина фаҳмида мон!

### Алчанг-балчанг гап задан

бемантиқ сухан гуфтан, ҳарзагӯӣ кардан, лаққигӣ кардан: Шаб меҳмонхонаба аз кучо як одами бузриши кокинарӯ меҳмон шуда омад. Ман аввал вая «як одами дуруст»—гуфта гумон кунам, як лаққии бекора будааст. Баъди ош, ба худо, якбора чоғаш тафсида чунон алчанг-балчанг гап зад, ки дилам бутун беҳузур шуд. Сонӣ фаҳмам, ин одам сӯфии гузари шумохон будаст.

### Амма — дарба танба

муттако, меҳрубон, мушфиқ, чонсӯз: Имшаб ман арӯсбаронба меравам, чони модар, мана аммачонат кати ҳамроҳ хоб мекунитон. Чойе, ки амма бошад, он чо пашша пар занад, қаноташ месӯзад. «Амма-дарба танба» гуфтаанд, чонакам!

### Амонатия соҳибашба супурдан

1. чон додан, фавтидан, вафот кардан: — Модар бандагия ба чо оварда амонатия соҳибашба супурдан. Соати 3 чаноза;
2. духтарро ба шавҳар додан: Ду рӯз шуд, ки тӯя гузаронда амонатия сиҳат-саломат соҳибашба супурда, хотирчамъ шудем-дия, уко!

### Анголик кушода шудан

аз ҳад зиёд гиристан, дод гуфтан, ғаш кардан: — Ба ин чӣ шуд, ки имрӯз ин қадар ғаш карда истодааст? — Намедонам. Имрӯз аз чи сабаб анголики ин баччатон ин қадар кушода шудагӣ, ҳар рӯз ин хел набуд!

### Ангур рӯша шуштас

ангур ба пухтан наздик шудааст, об гирифтааст: — Имрӯз боғи Ругундба рафта будам. Токзора даромада бенам ангур рӯша шуштас.

**Ангушт равғанба ғӯтидан**

ҳаёти осудагӣ ба сар бурдан, зисту зиндагонии нағз доштан: Мардак, духтаратон, шукр, аз ҷои рафтагиш осудагӣ. Рӯзгори кудо ҷудо тинҷ будаст. Даҳ ангушти духтаратон равғанба ғӯтидагӣ.

**Андозу бардор кардан**

кореро зуд пай дар пай ба ҷо овардан: Базе тарозубонҳо бисьёр нонисоф-дия. Ду пуд мавиза фурӯхтанба бозорба бурда буд. Зуд-зуд баркашида, як дамба андозу бардор куну дукило мавиза таги ҷиғилдон куи мон!

**Анор барин**

1. солим, хушрӯй, зебо, нозанин (дар нисбати зан): Насиб бошад, Дилбара арӯс кунед, хоҳаракам, бовар мекунед-мӣ, ҳамин қадар хушрӯй, ки анор барин-дия!
2. дилкаш, пухта (нисбат ба сабзавот): Помидораш киройи тариф кардан. Ҳар донааш беайниҳи анор барин суп-сурх!

**Анча ҷоба кор доштан**

шахси шубҳанок ва корчаллон будан: Ин одама қаравулии боғча таин накунед, раис, ман ина нағз медонам, ки анча ҷоба кор дорад. Ангур-пангуру мавизи боға як кор карда монад, боз пушаймон шуда намонед?

**Арақ зер кардан**

1. шарм доштан, хиҷолатманд шудан: Ин гапойи шумоба мана арақ зер кард. Наход ки бо ҳамун арақи сабилмондая хурид!
2. арақшор шудан, беҳолу хаста шудан: Ба хаёлам, аз роҳи дур омадед, ки ин қадар арақ зер кардааст!

**Арвоҳашба гап зада истодай-мӣ?**

касеро дар ғайбаш (дар набуданаш) гап задан; Худ ба худ дар бораи Акрам чиҳо гуфта истодай? Худаш нес-

ту арвоҳашба гап зада истодай-мӣ? Ганда бошад, ба мо чӣ?

### Арвоҳашон тетик

рӯҳашон сабук ва болида, пас аз беморӣ рӯй ба саломатӣ овардан ва ҳаракатҳои чобукӣ зоҳир намудан: Дирӯзо аз Бобо Собир умедама канда будам, хеле маззашон набуд. Не, имрӯз худашон ба пояшон берун баромадаанд. Бенам арвоҳашон анча тетик!

### Арвоҳи (чизеба) фотеҳа хондан

риштан умедро аз чизе кандан, аз баҳри чизе баромадан: Ҳусенбойа ман нағз медонам, чизи гирифтагиша гардонда додан вайба одат нест: «Хамса»-я дода бошед, ба арвоҳи китобатон фотеҳа хонед монед!

### Арзана бедона хӯрад, калтака чумчук

гуноҳро як кас кунаду ҷазоро каси дигар бинад: Болои китобатба Чобир ранг резонду Собирба ин қадар дӯғ мезанӣ? Арзана бедона хӯраду калтака чумчук?

### Аробая бемалол ҳай кардан

аз ӯҳдаи иҷрои кори худ баромадан, соҳиби қобилият шудан, кори худро сариштa карда тавонистан: Ман рафта писаратона дидам, аз вай асло хавотир нашавед, амакҷон, вай ин вақто аробаи худаша бемалол ҳай карда метавонистагӣ шудагӣ.

### Аробая ҳай кардан

машғул ба кори худ шудан, ба кори (зиндагии) шахси дигар мудохила накардан: — А, ин писарчатона ин қадар ҷанг карда истодаед, амакҷон, тинҷӣ-мӣ, охир? Корат набошад, писарам, рав, аробата ҳай кун!

### Аррая баробар кашидан

меҳнату кор ё харҷу хароҷотро баробар ба дӯш бардоштан;— Хош, ош чанд пулӣ афтид? Ду сӯму сӣ тинӣ?

— Ако Собир, шумо монед, ман медиҳам, Шумо меҳмони мо.
— Не, уко, арраи баробар мекашем, ки «на сих сӯзаду на кабоб!»

### Асоя ба рӯшной задан

ба умеди касе ё чизе нашуда, чораи беҳбудии кори оиндаи худро дидан ва аз паи амалӣ шудани он кӯшидан: Падараш писарашба гуфтас, ки «туя хонондам, хонадор кардам. Акнун ман пир шудам, дигар ба умеди ман нашаву худата худат дида, асоята ба рӯшной зан, писарам!»

### Асп барин будан

солим ва бақуввват будан: Баъд аз касалӣ, шумо ҳозир чи хел, дуруст-мӣ, охир? — Шукр, асп барин!

### Асп бо аробааш гузаштан

чои васеъ ва ҳамвору сербар будан: — Охир кӯчаҳо ҳам обод шудагӣ-мӣ?
— Вай кӯчаҳои тангу борики шумо дидаги не. Ҳозир чунон васею обод шудагӣ, ки асп бо аробааш, бемалол мегузарад!

### Асп тозон будан

1. Кори касе дар пешрафт будан: — Кори Шарифҷон, шукр, ҷудо дар авҷ. Таги дасташба қариб дахта магазин нигоҳ мекунад.— Аспаш тозон гӯед-чӣ!
2. хуб будани иштиҳои касе. Аспатон ниҳоят тозон будаст-дия, охир, ҳамин оши худамо, аста-аста хуред ҳам мешавад-ку, ако?

### Атолаба ҳам «бисмилоҳ» гуфтан-мӣ?

ба коре ё чизе нописандона нигаристан, эътибор надодан, кореро саҳл (осон) шумурдан:—Шумо ин тавр накунед, уко, камтарак авқот хӯрда, сони каландӣ кардани токба сар кунед. Дили гушна кор кардан хуб

3—1426

нест! — Э, парво накунед, амак, «Атолаба ҳам бисмилло-ми?» Қирон ток не, як дамба кораша тамом карда мемонам!

### Афташа бод хӯрад

гум бод, аз дидани вай безорам, несту нобуд шавад:— Келин касалиатон анча барин. Кароматбахшия гӯям як боракак кӯч-кӯч карда монад. Кӯш барин мешавад, мемонед! — Афти ҳамин бахшиатона бод хӯрад, ҳамуна монед-чӣ, манба духтура чег занед, беҳтараш, бибичон!

### Афти худа ба оина дидан

аввал нуқсони (айб, камбудии) хешро дарк карда, сипас ба дигарон эрод гирифтан ва ё дигаронро танқид кардан: — Ин қадар манба нигоҳ карда виқ-виқ накуну аввал афти худата ба оина бину сонӣ манба гап зан. Ман ту барин ҳама рӯз маст шуда намебиём.

### Афту башаран жола задагӣ доштан

чеҳраи доғин доштан; рӯи чӯтур доштан; безеб будан: — Як гап занам, хафа намешавед-мӣ? — Не, гап занед, майлаш!
— Рост афту башаран жола задагӣ доред-дия!
— Ҳо, нони кунчитин, расмаш, ширин мешавад, уко, инро фаҳмида монед!

### Афтухези дуньёя надонистан

тачрибаи ҳаёт ва зиндагӣ надоштан: ҳанӯз чавон будан: Аз баъзе гапу кори ин хафа нашавед, амакчонаш, холо ин чавон, афтухези дуньёя намедонад. Ба ин роҳ нишон диҳед!

### Ахгар баромадан

1. дилсӯзӣ кардан, таассуф хӯрдан: Ачоиб одам будааст. Ба ҳамин қадар замини ҳосилхез ягон чиз накошта аст-а, дида ахгарам баромад-дия!
2. ғамгин ва малул шудан, зиқ шудан: Бечора занаки

мурдагӣ чорта фарзанд доштааст. Модари бечорааш чунон гирьяву нола мекунад, ки дидагӣ одама ахгараш мебарояд...

### Ахгари замин баромадан

ниҳоят сахт шудани замин, нокорам шудани замин: Қойда ҳамин қадар замин — ба хеч чиз накоридитонмӣ? Уволи замин намегирад-мӣ? О, ахгари замин баромадааст-а!..

### Ахта шудан

аз ӯхдаи коре набаромадан, заифу очиз шудан; фартут шудан: — Холо ҳам дар каландзанӣ ғайрату қуввати чавонӣ ҳаст-мӣ, Бособир?
— Э бачам-е, пир шудӣ, ахта шудӣ,— гуфтагӣ гапхо барин, вай қуввахои чавонӣ канӣ акнун?!

### Ашқол-дашқол

1. чизхои даркору нодаркор: Ин ашқол-дашқолҳоя аз сари ра гиретон охир, одам бемалол гузарад!
2. асбобу анҷом, рӯзғор, чизу чора: Аз Қӯрғонтеппа кай омадед, ако? — Ду рӯз шуд! — Ако Мирбобо нағзмӣ, корашон чӣ тавр?
— Худашон нағз, худо зиёда кунад, ашқол-дашқолашон ҳам хеле калон!

### Ақл занг задан

ақл тира шудан, бефаҳму фаросот шудан: Донийёра шунидед-мӣ? Занаша се фарзандаш катӣ сар додааст, рост бошад-мӣ? — Рост, ақлаш занг задагӣ, тамоми рӯз маст, аз ин рӯзаш бадтар шавад!

### Ақла давондан

хаёл кардан, бо андеша амал кардан; ба чизе дилбастагӣ доштан, ба чизе диққат ҷалб намудан: Мо ҳам ин ҳунари кандакория дар вақташ аз устомо ёд гирифтагӣ, писарам, ту ҳам ақлата давонӣ, устои нағз мешавӣ!

### Ақл гирифтан

сарфаҳм рафтан, чизеро фаҳмидан, донистан, боварӣ доштан;
— Ҳамин писарчаи калониатон бисьёр хушьёру зиракдия, ба мактаби олӣ равад ҳам, ба фикрам, ҳеҷ азоб намекашад! — Рост мегӯед, ақлам мегирад!

### Ақл дар таги шудрунг мондагӣ

нодон ва бефаҳму фаросот: — Бегоҳ аз Мирзо Шариф бисьёр хафа шудам. Байни издиҳомба акота ғайбат кунад мешавад-мӣ? — Аз вай хафа нашавед, ако, ақли вай дар таги шудрунг мондагӣ!

### Ақл кӯтоҳӣ кардан

ақли касе ба чизе нарасидан, моҳияти ҳар корро дуруст нафаҳмидан: — Хайр майлаш, вай гап назанад ҳам, акои шумо. Қойда тӯй мекунеду акотона хабар намекунед-мӣ? Одамо шумоя айб карда истодаанд.— Рости гап, ки ақлам кӯтоҳӣ кардааст, айби ман!

### Ақл лол шудан

ба ҳайрат ва ҳаячон мондан, аз чизе ба ваҷд омадан; Рости гап-мӣ? Ҳамин Барно Исоқова хондан гирад, форамин овозашба ҷонам ҳузур мекунаду ақлам лол мешавад мемонад!

### Ақлаш калон

доно, хушфаҳм, закӣ: худо умраша диҳад, ҳамин як масъалаи мушкила укотонба додам, якдамба ҳал карда дод-а! — Рост мегӯед, вая ақлаш калон!

### Ақла гум кардан

бефаҳм, нодон ва беҳуш будан: бепарво будан: — Акаат ду моҳ ин ҷониб нотобу як бор барои дидан намеравӣ? Акнун донам ақлата гум кардай, уко!
— Токоя аз қавсоб буровардӣ-мӣ? Хайр, қавсоб ҷудо зарур-мӣ, охир? — Ақлата гум кардӣ-мӣ, ток аз қавсоб набуроянд, туба ҳосил медиҳад-мӣ?

## Ақла дуздидан

касеро фирефта карда, ба роҳи худ даровардан, касеро мафтун карда ба худ ҷазб намудан: Ба писаратон гӯед, бо вай бедонабоз нагардад! Дина бенам, ақли ина ҳам дуздида, ба дасташ бедона додааст!

## Ақла кор фармудан

хуб фикр кардан, андеша ва мулоҳиза намуда; — Ин ҳисоба кор карда наметавонистам-ку! — Ақлата кор фармо, кор карда метавонӣ!

## Ақла хунук задагӣ

*низ.* ақл дар таги шудрунг мондагӣ — «Қавсоб нахӯрад ҳам, ток ҳосили нағз медиҳад» — мегӯяд рост-мӣ?
— Ина ба ту кӣ гуфт?
— Зуҳурхӯча!
— Ақли вая хунук задагӣ, гапашба гӯш накун. Току қавсоб! — гуфтаанд, фаҳмидӣ!

## Аҳвол хароб шудан

дучори ҳолати ногувор шудан, ба ҳолати вазнин, сахт ва бад дучор шудан, бад будани ҳолати касе; дар вазъияти сахт будани бемор: — Бечора Нора шунидед-мӣ?
— Шунидам. Аз нордбон афтида, як пою як дасташ шикастааст. Бегоҳ рафта бенам, бечорая аҳволаш хароб шудас!

## Аҳволашба мурғони ҳаво гирья мекунад

вазнин ва тоқатшикан будани аҳволи касе: Гӯр доғи фарзанд шавад. Баъд аз вафоти фарзандаш аҳвол пурсиба равам, бечора Комилхӯча он қадар ғамгину хафа, ки аҳволашба мурғони ҳаво гирья мекунад-е, дилам сӯхт..;
Гӯр писари нокобил шавад. Зоҳир занаша гирон бурафтас, очи кампираша танҳо монда рафтас. Шаб рафта бенам, аҳволи бечора очашба мурғони ҳаво гирья мекунад, ҳамин қадар хафа.

### Ақл шудан

иттифоқ, дӯст ва якдил шудан, бо касе ҳамфикр шудан: — Шукр, муаллимони мактаби мо ҳамаашон бо ҳам аҳл, аъзои як оилаву як хонадон барин.— Ин бисьёр одати хуб, ҳар кас, ки аҳл шавад, кораш саҳл шавад,— гуфтаанд. Ин як ҳикмати бузург аст!

## Б

### Ба аспакӣ ёфт нашудан

камьёбу нодир будани чизе: Мӯминё ба аспакӣ ёфт намешаваду дар ин бемаҳалии шаб ту «ба мӯминёкобӣ меравам» — мегӯӣ?! Додо якто харбуза биёред! — Э писарам, харбуза ҳам ба аспакӣ ёфт намешаваду манбамӣ?

### Ба аҳволаш мурғони ҳаво гирья мекунад

ба ҳолати вазнин ва фақирой афтодани касе: Баъд аз вафоти шавҳару фарзандаш хабар гирифтанӣ шуда рафтам. Худаш танҳо, ғаму ғуссаи ҳаҷр бечора кампир ро чунон кардааст, ки ба аҳволаш мурғони ҳаво гирья мекунад...

### Ба бало гирифтор кардан

ба нохушӣ (мусибат ва нокомӣ) дучор намудан: — Шодиҷон, мана, арақхурия партофтан ин ҷониб, тару тоза шуда анча хол гирифта мондӣ, раҳмат туба!
— Э, мондан гиред, ако, ин арақи лаънатӣ мана ба балоҳо гирифтор карда будаасту худам бехабар будаам.

### Ба ганда бало, ба нағз бақо нест

бисьёр умр дидани каси бад ва кам умр дидани шахси нек: Ин масти гандагашт аз касалхона баромадаастмӣ? — Бале, беҳуда нагуфтаанд, ки «ба ганда бало, ба нағз бақо нест».

### Бадан алов доштан

бағайрат (часур) будан; бақувват будан: — Борбардории укотона дида ҳайрон шудам. Лингаи бора бозӣ доронда мебардорад-а, полвон!
— Рост мегӯед, вай аз хурдӣ баданаш алов дорад!

### Бадан виҷҷас задан

1. кор ё ҳолати тоқатфарсоеро дида аз он сахт мутаассир шудан: Хайрият сиҳат шуда омадааст. Вай аҳволаша дида баданам виҷҷас зада рафта буд;
2. зуҳур ёфтани ибтидои касалии варача; худро бад ҳис кардан: Хез занак, болома дам кун, табларза гирифта, баданам виҷҷас зада истодааст;
3. хунук хӯрдан; Печкая нағзтар тафсон. Имрӯз ҳаво ҷудо хунук, баданҳо виҷҷас зада истодааст!

### Бадан гӯшт гирифтан

1. шоду хурсанд шудан, болидан аз чизе: Муборак шавад, писарам, фарзанддор шудед? Шунида баданам гӯшт гирифт-дия!
2. фарбеҳ шудан: Шукр, баъд аз табобат баданатон анча гӯшт гирифтааст!

### Бадан тафсондан

ғайрат ҷӯш задан, ба коре ҷиддӣ саъю кӯшиш намудан: — Бегоҳ, ако Шодӣ, шумо ҳам полвонҳо кати миён ба миён шуда, гӯштин гирифтед-мӣ? — Чӣ кор ҳам мекардам, уко. Салимҷон ки афтид, баданам тафсида, орият ман ҳам даромадам-дия!

### Бадан тафсондан

касеро ба иҷрои коре водор намудан, ҷуръат пайдо кунондан:
— Манба нигоҳ кунед, Собирҷон, бегоҳ зеҳн монам дар тӯятон ба исрофкории зиёде роҳ додед. Магар ҳамин ҳам кор шуд? Исроф — ҳаром гуфтаанд-ку! — Дуруст мегӯед, ако, ина мефаҳмам. Аммо се-чор нафари будагиҳо гап катӣ баданама тафсонда фиристонданд. Набошад, ин қадар хароҷоти беҳуда намешуд!

### Бадард гап задан

қатъӣ ва ҷиддӣ гап задан, шикояту ҳасрат кардан: Шумо барои чӣ укои худатона ин қадар хафа кардед? Ҳамин шаб назди манба омада, бечора бадард гап зада рафт.

### Бадаступо будан

моҳир (чобук, усто) будан: — Бай-бай, ин иморат ин қадар зебо, ина кадом усто сохт? — Усто Мир Аббос, писари Усто Самӣ!
— Шуд-шуд, вая медонам, вай ҷудо ҳам устои бадаступо буд.

### Бадзабонӣ кардан

алфози бад (қабеҳ) гуфтан: — Муаллимҷон, аз даҳони ин бачаҳо ҳоло бӯи шир мебиёд. Инҳоя ин қадар ҷанг карда, бадзабонӣ накунеду бо гапи нағз тарбия кунед!

### Бадубало рӯидан

шӯх (гарданшах, гапнодаро) будан: — Ин писарчаатон ин қадар шӯх? — Чӣ донам, хоҳарҷон, ин як бадубало рӯидагӣ!

### Базӯр кордба расидан

ҳайвонеро дар арафаи мурдан сар задан (куштан): Гӯсоларо куштем, мардак. Аз оғил бароварда истода будам, якбора афтиду питир-питир кардан гирифт. Тарсида ҳамсояро ҷеғ зада овардам. Базӯр кордба расидгдия!

### Ба кор рафтан

ба истифодабарӣ мувофиқ будани чизе: — Ин корда хаед, ба гусфандкушӣ ҳам ба кор меравад.

### Ба кӯчо задана надонистан

1. бисьёр шӯх будан: Э, аз ин писарчатон бохабар шавед, ки дар кӯчаҳо ҳаракат хеле бисьёр, ниҳоят шӯх

будааст, худаша ба куҷо задана намедонад, ҳушьёр шавед!;
2. гирифтори дарду алами сахте будан: Қасалиаш ҷудоҳо сахт, ҳамин шаб вақте ки сактан дилаш гирифт, худаша ба куҷо заданаша надониста, бисьёр азоб кашид...

### Ба қолаб даромадан

бартараф гардидани норасоиҳои мавҷуда ва ислоҳ шудан: Баъд аз танқид, акнун наменӯшидагӣ шуда ба қолаб даромадааст!

### Ба лаби дарьё ташна бурда ташна овардан

фиреб додан: Э, ука, ту вай кати лофи ошной назан. Вай фиребгар, маккор. Туя ба лаби дарьё ташна бурда ташна мебиёрад.

### Бало будан

доно (пурзӯр, кордон, ӯҳдабаро) будан: — Ҳамин рӯз як полвон гӯштиниба даҳ каса занад мешавад-мӣ? — А, рост? Бало будааст-дия!
—Яг бачча аз дашт ягбора ду гургбаччая дошта омадааст.
— Қанд занад, бало будааст-дия!

### Балоча шудан

кордону ӯҳдабаро шудан, ҳунарманду ҳушьёр шудан:— Ин писарчан хурдиатон ҳам балоча шуда будаасту ман бехабар. Дина бинам, як мошинаи калона танҳо худаш ҳай карда рафта истодааст...

### Банди чимилиқ * канда шудан

кудурат аз байн бардошта шудан, ба гузашта салавот гуфтан: Э, Шокирҷон, ба ягон тӯй омаданатона намедидаму имрӯз банди чимилиқатон канда шуда, заб тӯйи акои моба омада мондед-дия!

* *Чимилиқ* — чодари гулдӯзӣ кардашуда, ки шаби тӯйи арӯсӣ хонаи арӯс овехта мешавад ва домод дар таҳи он мешинад.

### Бандаи гапи нағз

дилбохтаи сухан ва гуфтору муомилаи хуш будан; Мин-ба пулу чиз, молу мулкатон даркор не, уко, фақат нағзиатона гуфта мебинём. Мо бандаи гапи нағз, ина фахмида монед!

### Бандаи сӯхтагӣ будан

камбағал ва нодор будан; — Муборак шавад, боз ин мошинаи нав? — Пеш бандаи сӯхтагӣ будем, чизе надоштему шабу рӯз аз чашмҳо оби дида мерехт. Монед, ки акнун айши давраи пирия ронем-дия, Мирзокалонҷон! — Рост гуфтед, насиб кунад!

### Бандубаст шудан

пешрафт накардани кор, рӯ ба таназзул овардани кору бори пеш рафта истода: Ин арақхӯри шаб ҳангию рӯз бангӣ омадан ин ҷониб корам бутун бандубаст шуда монд. Ина аз инҷоҳо нест накунем, намешудагӣ барин!

### Барака додан

дар вақти савдои чизе ризоият додан: — Бобо, говатона панҷсад сӯм кардему дам назада мешинед-мӣ? Қанӣ, як баракааша диҳед, ки диламон тахт шавад!

### Баракаёб будан

қобил (гапдаро ва меҳнатдӯст) будан: Мо, падар, аз писаратон — Қобилҷон бисьёрҳо хурсанд, ҷудо ҳам бачаи баракаёб будаст. Ҳамин сол пахтая ҷудо мӯл чинд.

### Барака ғайри ҳосил

ҳосил дигару барака дигар аст, ҳар чизи бобаракат хуб аст: «Имсол токамон камобтар шуда ҳосилаш ҳам кам мешавад»,— гуфта хафа нашавед, уко. «Барака ғайри ҳосил»,— гуфтаанд. Баракааша диҳад, об ба лаби ҷӯ баробар мешавад, меравад!

**Бар ба бар нарасидан**

ташвиш ва саъю кӯшиши зиёде карда аз худ наосоидан, беҳтар нашудани зиндагӣ, боз ҳам дар ҳолати фақирӣ, нодорамӣ ва камбағалӣ мондан:
— Э, насиб кунад, ин иморати навата акнун дидам. Иморати оличой шудааст-ку! — Ин ҳам доди худо, уко, пеш вақтҳо бар ба барамо намерасид. Шукр, ҳозир замонамон нағз, тинҷ, осудагӣ, монед, ки дурӯза умра акнун бароҳат гузаронем-дия!

**Ба реша кирм афтодан**

ба ташвиш афтодан, ба тарсу ларз даромадан:
— Чандин рӯз аст, ки идораи инҳо ноором.— Бисьёр корҳои бад карда будаанд, тафтиш рафта истодааст.— Ба решаашон кирм афтодааст гӯед-чӣ?

**Ба реша оташ сар додан**

касеро нест кардан, аз байн бурдан:
Гӯй бо ман бозӣ накунад, ки ба решааш оташ сар дода мефиристонам!

**Баркаш қатӣ гап задан**

бомазқеъ гап задан: Ҳа — гуфта лаққидан мегирӣ-мӣ? Айбаст! Одам гуфтагӣ назди дигарон баркаш қатӣ гап мезанад!

**Бародарӣ—баробарӣ**

вазни сарфу хароҷотро баробар ба дӯш бардоштан:
— Пули оша ман медиҳам, ҳамаатон монетон! — Не, уко, ина «ҳарифона» мегӯянд. Баробар тақсим мекунем, «Бародарӣ баробарӣ» — гуфтаанд.

**Барф зер кардан**

таҷрибаҳои ҳаёт ҳосил намудан, умр дидан; гармию сардии рӯзгорро аз сар гузаронидан:

— Усто Шарифа таъриф карда истодаед. Дуруст, меарзад. Андак, се-чор бори дигар барф зер кунад, ана баъд мебинед, холо вай ҷавон.

### Барф равад ҳам, хунукиаш намеравад

кирдор ва рафтори ношоистаи касе кӯҳна шавад ҳам, кинаи ӯ ҳаргиз аз дил намеравад: — Барои чӣ хонаи амакатба намерафтагӣ шуда мондӣ?
— Рӯзи тӯяш чиҳо гуфт, худатон гӯшатон катӣ шунидед. Мани бегуноҳба ҳамин қадар гапҳои сахт зада, дилама хунук кард. Барф равад ҳам, хунукиаш намеравад. Аз вай дилам мондагӣ, дигар хонашба асло намеравам!

### Баста додагӣ не-ку

пobанд кардагӣ не-ку; вобаста кардагӣ не-ку: — Ман меравам, корам зарур бародар! — Хайр, ин қадар сабукӣ накун, меравӣ-дия! — Охир, мана туба баста додагӣ не-ку, меравам гуфтам — меравам!

### Ба умеди ҳафт, дилам рафт

ба чизе умедвор шуда оқибат ба он ноил нашудан ва интизорӣ кашидан: «Девони Бедил»-ро кай оварда медиҳед? Ба умеди ҳафт, дилам рафт-ку!

### Бахта пеши пой задан

пешрафт ва накӯии дар ҳаёт бударо қадр накардан, аз он чиз ки боиси хурсандӣ ва хушбахтӣ шуда метавонист, рӯй тофтан: Ин укот беақл будааст. Азизҷон, ҳамин корхонаба ҳар моҳ сесад сӯм мегирифт, обрӯ дошт. «Ман магазинчӣ мешавам» гуфта бахта пеши по зада аз инҷо рафту чӣ шуд? Акнун пушаймонӣ суд надорад!

### Бахтасту таваккал

ба коре ва чизе аз рӯи тахмин даст задан ва шурӯъ намудан, таваккалан кор кардан:
«Бахт асту таваккал» гуфта, ҳамин як порча заминба

гандум кор, агар хурсанд нашавӣ, аз ман хафа шав, уко!

### Бахт кушода шудан

баъд аз таназзул ба пешрафт ноил, пас аз интизориҳои муайяне соҳиби комьёбӣ, муваффақият ва хушбахтӣ гардидан, омад кардани кори кас: Баъд аз шаш соли давугеҷ акнун бахташ кушода шуда зандор шуд-а, бечора!

### Бахт сояба мондан

аз пешрафти кор маҳрум шудан, дар зиндагӣ ноком шудан: Бечора Тошпӯлота бахташ сояба монда, як солба ҳам занаш мурду ҳам се моҳ боз худаш касал хоб кардааст.

### Баччаи беадаб, боғи бенаб

бачаи беодоб мисоли боғи беҳосил, яъне чун токи бебор мебошад: ...Гапи нағз ҳамин ки, баччаҳо, ҳамаатон боадаб шаветон, чунки «бачаи беадаб, боғи бенаб» гуфтаанд.

### Бачча калон шавад, ғамхона шавад

фарзанд калон шуда ба камол расидан гирад, ташвиш, ғамхорӣ ва нооромии падару модар дар нисбати вай ҳамон қадар зиёд шудан мегирад: Бачча калон шавад, ғамхона шавад. Писарча калон шуд, сахл ташвишам камтар мешавад-ми, гӯям баракс зиёдтар шуд.

### Ба ҳама расидан

ба одамон бо дағалӣ ва муносибат кардан: Ноандешида, гапҳои пасту баланд зада, ба ҳама расида худата шарманда карданат чӣ лозим?

### Ба ҳар як дами дода шуда шукр

ҳар як лаҳзаи умрро ғанимат донистан, аз он шод ва қаноатманд будан: Аҳволатон чӣ тавр, бобо? — Бисьёр хуб, ба ҳар як дами дода шуда, шукр!

## Ба ҳафт қабати замин даромада рафтан

**1.** сахт хиҷолатманд шудан: Аз гапи бепарда гуфтан худаш шарм дошт, хаёл кардам, ки ба ҳафт қабати замин даромада рафт.
**2.** нест ва нопадид шудан: Корҳои ношоямата тарк намо, вагарна чунон занам, ки ба ҳафт қабати замин даромада равӣ!

## Ба ҳаври дил об пошидан

касеро таскин додан, хашму ғазаби касеро фурӯ нишондан: Агар шумо намебудед, бо вай даст ба гиребон мешуд. Чанд гапи насиҳатомез гуфта, ба ҳаври дилаш об пошидеду ба худаш омада аз ҷаҳл фаромад.

## Ба ҳаёт баромадан

ба шавҳар баромадан: Муборак шавад, духтаратон ба ҳаёт баромадааст,— гуфта шунидам?

## Ба ҳазор гӯлах оташ сар додагӣ

балқирдор, бадхӯю бадрафтор: Вай ба ҳазор гӯлах оташ сар додагию бо ҳамин лофи рафоқат зада мегардӣ!

## Ба ҳеҷ ҷое расида натавонистан

ба мақсад ноил шуда натавонистан: Бо бекор нишастан кас ба ҳеҷ ҷой расида наметавонад. Машғули ягон кор шудан лозим!

## Ба ҳол омадан

аз дараҷаи беморӣ рӯй ба сиҳатшавӣ овардан, ранги рӯй даромадан, қувва, мадор пайдо кардан: Дар рӯзҳои аз бемористон баромаданат бисьёр харобу лоғар будӣ. Шукр, ҳоло ба ҳол омада, хеле нағз шудай.

### Баҳори умр хазон шудан

гузаштани айёми ҷавонӣ бо азобу машаққат ва хорию зорӣ: Акнун роҳатакаша бинам-дия, келинчон, инака аз сағерхона оварда то калон кардана баҳори умрам хазон шуд.

### Баҳорраву зимистон биё

аз ҷое дер ва бо таъхир омадан, дигаронро интизор намудан, кореро базудӣ иҷро накардан, каси фиристодаро мунтазир ва нигарон кардан: Қойда «як бирин мебиёрам» — гуфта чор соат мегардӣ-мӣ? Баҳор раву зимистон биён беақл!; Моҳи ҳамал қариб гузашта рафту як ниҳолбиёриба қойда даҳ рӯз овора шуда мегардӣ-мӣ, баҳоррави зимистон биё!

### Баҳри дил кушода шудан

табъи кас хуш шудан, руҳи кас тоза шудан, хушнуду мамнун гардидан: Хезид унту кӯчаҳоя яг чарх зада биёим, баҳри диломо сахл кушода шавад; Ҳазор диққат бошид ҳам, як бор чойхони ҳавзи моронба баромада як пиёла чой хурид агар, баҳри дилатон кушода мешавад.

### Ба ҷои рафтагӣ сабзида мондан

дер кардан, бисьёр истода мондан: Ба ҷои рафтагиат сабзида мондӣ-мӣ? Барои ду-то нон овардан моя як соат интизор кардӣ-я!

### Ба ҷои сум-сум

ба ивази як чорпо чорпои дигар: Гӯсфанди бӯрдоқиатона фурӯхта ба ҷояш ин барраяя овардед, бисьёр кори хуб кардед. Ба ҷои сум-сум *.

### Ба ҷои худ шишта хестан

1. ба дарду ранҷи сахт гирифтор шудан, ноором ва бетоқат шудан: Имшаб дарди амакат зӯра карда, ба ҷояш шишта хестан гирифта зарра чашм напӯшидааст.

* *Сум* — суми пои чорво.

2. ба касе рашку ҳасад бурдан, алам кашидан: Аҷоиб одам, ки «фалонӣ раис шуд»,— гуфта ба ҷояш шишта хестан гирифт, рангаш парида бетоқат шуд...
3. сабукӣ кардан, тоқаторо набудан: Хайр, ин қадар ба ҷои худ шишта мехезӣ? Ба ҷоят нишаста, гӯштингирии паҳлавонҳоя тамошо кунӣ ҳам мешавад-ку!
4. ба ғазаб омадан, таъназу маломат кардан: Чаро модарата озор додӣ? «Ин модарбезор будааст»,— гуфта ҳама ба ҷои худ шишта-хеста истодааст.

### Ба як нӯл задан

1. дар ягон бобат аз касе афзалӣ, бартарӣ доштан ва ғолиб омадан: Дар мушоира ҳарифата ба як нӯл задӣ-я, офарин!
2. бо якто задан касе, чизеро мағлуб намудан: Пеш вақтҳо ин мӯйсафед бедонабози номӣ буд. Бедонааша ба тоб оварда ба ҳар бедонаи зӯр ҷанг андозад, ба як нӯл зада мегурезонд.

### Ба як порча гӯшт зор

мӯҳтоҷи фарзанд: Амакбачаашон чаро ин қадар маъюс мегардад?
— Ба хонадоршавиаш даҳ сол шуд. Фарзанд надорад ба як порча гӯшт зор...

### Бо як рӯ истодан

ба қавли худ вафо кардан, устуворӣ ва истодагӣ кардан: Дар рӯзи интихобот ба Сафаров овоз медиҳам гуфтӣ, ба як рӯ исту аз қавлат барнагард!

### Ба якрӯзигӣ кифоя кардан

маблаге, ки ба хароҷоти дафни касе кифоягӣ мекунад: Ман офтоби сари кӯҳ шуда мондагӣ. Ҳамин гилеми аз падарат мерос мондагия фурӯшӣ, ба як рӯзагии ман кифоягӣ мекунад.

### Ба як ҷо расида натавонистан

ба мақсад ноил нашудан: Одамӣ бояд аз самими дил меҳнат кунад. Бо чунин дилсардона кор карданат, ба як ҷо расида наметавонӣ, уко.

### Ба як тараф мор ба тарафи дигар каждум захр меандозад

руҳан сахт азоб кашидан ва хавотир шудани касе: Чаро ин қадар дер ва бо таъхир омадӣ? То омаданат хавотир шуда ҳаргиз хобам набурд. Хаёл кардам, ки ба як тарафам мор, ба тарафи дигарам каждум захр меандозад.

### Ба чое рафта рост омадан

1. ба чое рафта зуд баргашта омадан: Мана ин китобро рост рафта ба амакам тею рост биё, ки ту ин чо кор дорӣ;
2. бехиёнат ва беҳила ба чое, коре рафта, боз бо ҳамин минвол ба чои худ баргашта омадан: Қори магазин нозук, писарам, ҳама рӯз ба дӯконат рост рафта, рост биё, ки ба поят хор назанад!

### Ба чон чон намондан

1. аз амале безор шудан, ба чон расидан: Аз туба насиҳат кардан ба чонам чон наМонд-ку, боз ҳамон кората кардӣ-мӣ?
2. сахт тарсидан: Э, саломат будӣ-ку, писарам, туя нотоб гуфта шунида, ба чонам чон намонда буд-а!

### Ба чойгаҳ нигоҳ карда пой дароз кардан

ба ҳолат ва вазъият, ба имконият ва иқтидори худ мувофиқ кор кардан: Тӯи дабдабаноки миёншикан кардан барои ту чӣ лозим? Ту як одами коргарӣ. Ба чойгаҳат нигоҳ карда пой дароз куну тӯята хол ба қудрат кардан гир!

### Беармон рафтан

ба мақсад ноил гардида вафот кардан, бо хотири чамъ ва амалӣ шудани орзу аз олам гузаштан: Вафоти бобогонба бисьёр ғам нахӯред ҳам мешавад. Раҳмати 93-сол умр дида, соҳиби 10 фарзанд, набера, абера шуда, аз дунё бе армон рафтанд. Бандаи нек будаанд.

4 1425

## Беваи сермева

бевазани сармоядор, бойзан: Ба духтари Шукурбек хонадор шуда бошад, бисьёрхо нағз. Вай бева бошад ҳам, беваи сермева — аз шавҳари аввалааш пулу чизи бисьёр мондагӣ!

## Бе вай арӯс чӣ будӣ, ки кӯҳмижа

ба замми бад будани аҳвол ва вазъияти кас, рӯй додани ҳолати ноғувор: Худаш-ку як танбали коргурези бало задагӣ буд-а, бе вай арӯс чӣ будӣ, ки кӯҳмижа, ба болои ин маст шуда омадан ҳам одат бароварда-аст-мӣ!

## Бе гапу калоча

беовоза, бе гапҳои зиёдатӣ, орому хомӯшона: Ҳамин тӯя мекардагӣ бошетон, бе гапу калоча шавад нағз не-мӣ?

## Бегона — бегонагӣ кардан

аз бегона некӣ надидан: Ман туба хазорон бор гуфтам, ки ҳар кас тӯятба ҳадья биёрад, нагир. Вақто ки соҳиби амал будӣ, «Фалончӣ-ҷон!» — гуфта тӯятба як гӯсфанд ҳадья овард. Имрӯз, ки бекор шудӣ, ҳамон ҳадьяи овардагиаша талаб карда истодааст. Оқубат бегона-бегонагиаша мекардааст-дия-е!

## Бе дард барин гап задан

қасдан ва новоқифона изҳори матлаб кардан; намедонистагию намефаҳмидагӣ барин гап задан: — Тӯй мекардагӣ бошӣ, уко, тамоми шаҳра хабар кун, ки номат монад!
— Худи шумо аҳволи мана медонеду бе дард барин гап мезанед-а, «Номам монад» гуфта худама маиб кунам-мӣ? Не, хол ба қудрат хабар мекунам!

**Бедаҳан будан**

бадлафз, бадгуфтор ва бадсухан будан: Укотон ин вақтҳо инсофба омада ҷудо нағз шудааст-дия. Рост мегӯйид, ако, ҳамин ки ду пиёла нӯшид, аз даҳонаш мебуромадагӣ гапаша худаш ҳам намедонист, ҷудо бедаҳан буд.

**Бедаҳанӣ кардан**

маҳмадонои (густохӣ) кардан: Назди калонсолҳоба ин қадар бедаҳанӣ накун, айб аст!

**Беди кал кардагӣ барин шудан**

**1.** бе пулу чиз ва бебисот мондан: Ҳамин пальтоя харед-чӣ, ако, ба Шумо бисьёр зебон-дия! — Гапат дуруст-куя, мирзочирингта маззаш не. Баъди тӯй беди кал кардагӣ барин шуда мондем!
**2.** ришу мӯйлабро гиронда покиза шудан: — Э, ба шумо чӣ шуд. Зуҳурхӯча, мӯйсару мӯйлабҳоя гиронда имрӯз беди кал кардагӣ барин шуда мондед?

**Бедилу гурда будан**

ҷуръат надоштан, тарсончак будан: Акнун донам, бедилу гурда будӣ, уко, қойда, нисфишабӣ шарфаи пои одами бегона мешаваду оҳиста баромада, таппи зер намекунӣ!

**Бедилу димоғ**

абрнок, гирифта (нисбат ба ҳаво): Ҳаво имрӯз ҷудо ҳам бедилу димоғ, метарсам, ки наборад-дия!

**Бедилу димоғ гаштан**

хафа, зиқ ва рӯҳафтода будан: Ин вақтҳо ин қадар бедилу димоғ мегардед, аз ягон чиз хафа ҳастед-мӣ?

**Бедилу димоғ шудан**

нисбат ба коре ва ё чизе эътибор надодан, беҳавсала шудан:

— Қанӣ, имрӯз як сайди бедонаба намебароем-мӣ? Не, уко, ҳайрон ман, ки ҳамин солҳо аз ин корҳо тамоман бедилу димоғ шуда мондаам.

**Бедилӣ кардан**

тарсончакӣ (буздил) кардан; ба воҳима афтодан: «Гӯштинба дароед», ки гуфтанд, миёна баста, ба маърака даромадан гиред. Бедилӣ кардан барои шумо айб аст, полвонако.

**Бедил шудан**

**1.** нисбат ба касе берағбат, бе меҳру муҳаббат, беҳавасу ҳавсала шудан; аз касе дилхунук шудан: — Ҳанӯз ҳам арӯсу домод ҷудо-мӣ? — Намедонам, чӣ бало шудагӣ, ки ҳар дуяш бедил шудас, на ин бо вай гап мезанад, на вай бо ин.
**2.** касеро бад дидан: Зани Сангини мурғфурӯш аз шавҳараш бедил шуда, хонаашонба тамоман рафтааст.

**Бедор шавӣ, ки хобат**

барои дар амал иҷро гардидани коре ё мақсаде боварӣ ҳосил накардан ва боварӣ надоштан: — Ҳамин паҳлавони даромадагӣ қати мана гӯштин гиронанд, дар як дам чалпак карда партоям!
— Ин қадар калонгарӣ накун, бедор шавӣ, ки хобат!

**Безор кардан**

касеро ноором сохтан ва бадин васила ӯро зиқ ва дилгир намудан, вайро ба танг овардан: — Э, ин қадар мелаққӣ, уко, безор кардӣ-ку!

**Бе кому забон шудан**

**1.** Сухан нагуфтан ва худро ором хомӯш нигоҳ доштан: Гӯшамон ба шумо, Мирзокалонако, гап занед, охир, чаро якбора бекому забон шуда мондед?
**2.** аз гуфтор (забон) мондан, касалии сахт шудан: Аҳволашба дилам месӯзад. Аз бом сахт афтодааст-мӣ, се рӯз боз бе кому забон шуда хоб кардааст! Гӯр дар-

ди фалач шавад, шаб боз амакам бутун бе кому забон шуда мондаанд.
3. ба ғапе, саволе ҷавоб гардонида натавонистан, хомӯш мондан: Гап зан охир, чаро аз панҷто фан баҳои «2» гирифтӣ? Барои чӣ бекому забон шуда мондӣ?

### Бекора чиз

бекадр, нодаркор, ноарзанда: Хайр, писарам, барои якто қалама гум кардан ин қадар гирья накун. Бекора чизба зиқ шудан нафъ надорад. Пагоҳ дахто қалам харида медиҳамат!

### Бе корд куштан

шарманда сохтан, мулзам кардан, сахт танбеҳ додан:— Шаб эшони Сайфиддинхонтӯрая ҳурмат накарда бутун сирру асрораша кушода, бекорд куштед-дия, балоча!

### Бе лабу лаҷҷа будан

гапдон набудан ва фикри худро дуруст, равшану фаҳмо ифода карда натавонистан: Манба нигоҳ кунед, барои чӣ шаб совет (шӯрои педагогӣ)—ба баромада корҳои кардагиатона ошкоро нагуфта якбора ғулдур-ғулдур карда мондед.— Чӣ кор кунам охир, одама ҳаё зер кунад ҳам рӯзи сиёҳ будааст.— Ин гапҳоя монеду худатон як одами белабу лаҷҷа будид. Одам гуфтагӣ ин хел намешавад.

### Белафз будан

ба ваъда вафо накардан, дурӯғгӯ ва хилофкор будан: — Шаб «меоям» гуфтеду наомадед? Мо бисьёр чашм дошта шиштем. Шумо ҷудо белафз будид.

### Бемаззагӣ кардан

рафтор ва кирдори ношоям зоҳир намудан: Пеш маст шуда, бемаззагӣ мекардӣ, шукр, акнун мастиата партофта одами нағз шудӣ!

### Бе нардбон ситораи осмона задан

моҳир, айёр ва чусту чолок будан: Имрӯз вакти пирию кобилии ин Зиёбобоя дида истодай. Вакташба бе нардбон ситораи осмона мезад, фаҳмидӣ-мӣ?

### Бенашъа не

бехислат не, пешбин: «Насиб бошад, имсол ҳосилоти токхо баланд мешавад», гуфта будед. Гапатон омад-а, шумо одами бенашъа не!

### Бе ному номча рафтан

бо номи нек ва бедоғ фавтидан: Марҳуми падаратон одами хуб буданд, ки аз олам бе ному номча рафтанд-дия!

### Бе овозаю дарвоза

хомӯшона, бе карру фар, номаълумона, хоксорона, бе воҳимаю дағдаға: Акнун тӯй мекардагӣ бошӣ, беовозаю дарвоза сар куну як рӯзба тамом кун мон, уко, ба фикрам, ҳаминаш хуб!

### Бепарда шудан

бешарму ҳаё шудан: Қаҳрат наояд-ку, анча бепарда шуда монда будӣ. Шукр, насиҳати падарата гирифта, имрӯз одами хуб шудай, раҳмат туба.

### Бепои қадам будан

бехосият (бешарофат, шумқадам) будан: Ин келинатон бепои қадам будас, вай омаду очатон мурдан.

### Бепою сар

бараҳна, бепарастор, бехонаву ҷой, шӯрапушт, овора-гард: Қанд занад ҳукумат! Ана ҳамин бача бе падару модар монда бепою сар мегашт. Ҳукумат хонондау тарбия кард. Ҳозир туппа-тузук як инженери нағз шуда кор мекунад!

**Бепули гӯзаш калон**

бехудагӯ, ҳавобаланд: Дина Шарифхӯҷа калонгарӣ карда; «Ман се «Волга» ба зӯрам мерасад, ман фалон мекунам, бисмадон мекунам!» — гуфта худаша таъриф кард. Ҳамин гапҳояш рост-мӣ? — Э, вай бепули гӯзаш калона монӣ чӣ, балоба ҳам зӯраш намерасад.

**Бе пул суханат асар надорад —**
**Ҳоле, ки ту дорӣ, хар надорад**

киноя аз камбағалӣ ва бепулӣ: Пеш вақтҳо бойҳо, ки пулдор буданд, ба камбағалҳо забони таън расонда:

«Бе пул суханат асар надорад —
Ҳоле, ки ту дорӣ, хар надорад»,—

мегуфтанд. Шукр, ки ин хел касони беандешаи шумдаҳан нест шуда рафтанд!

**Бепӯстурӯгӣ кардан**

беандешагӣ кардан, бешарму ҳаёгӣ кардан: Манба нигоҳ кун, уко. Ту хурд, ин кас калон. Хар хел гапҳоя гуфта ин қадар ҳам бепӯстурӯгӣ кардан нағз не!

**Бе ресмон баста мондан**

бо ягон баҳона касеро нигарон ва мунтазир сохтан: Маъруфа дидед-мӣ, «Ҳозир мебиём» — гуфта, се соат боз мана ҳамин ҷоба бе ресмон баста монд-дия!

**Берунободи дарунвайрон будан**

зоҳиран неку ботинан бад будан: Аз укотон бутун ихлосама кашида гирифтам. Рӯи одамба хандида гап зада, ғоибона бутун ғайбат мекардааст. Акнун донам берунободи дарунвайрон будааст; Ин иморататон берунободи дарунвайрон будааст. Аз берун дида ҳавасам омада буд, ин бутун шӯрхоки вайрона будаасту.

**Бесар будан**

бемураббӣ ва беназоратчӣ будан: Ҳозир писарчаи раҳматӣ Одилҷона дида ҳавасам меояд. Баъд аз вафоти

падару модараш бесар монда буд. Ҳукумат тарбияи худашба гирифта хононд, калон кард. Мана ҳозир бинед, сардори як идораи калон!

**Бесоат будан**

устувор набудан, истодагӣ надоштан: «Рафта гӯед, пагоҳ оянд, ба кор таъин мекунам»,— гуфта бошад ҳам, ба гапҳои вай бесоат боварӣ надорам. Бо ҳамин вай мана чанд борҳо фиреб додагӣ.

**Бетавқ будан**

беақл (бадкирдор) будан: Одам гуфтагӣ рӯи модарба медавад-мӣ, акнун донам бетавқи расво будӣ!

**Бетуturуқ * будан**

бефаҳм (беақлу) фаросот будан: Ин Чобир ҳамин қадар бачаи бемаза-мӣ? Шаб гапҳояшба диққат диҳам, бутун мағзоба... Сонӣ фаҳмидам, ки бачайи бетутуруқ будааст.

**Бефоида гап задан**

беҳуда (бенатича) гап задан; насиҳат натича набахшидан: Ҳазор гап занед ҳам, мастия партофтанаш гумон. Вай арақхӯрба гап задан бефоида, ако!

**Бечорагӣ айб не**

меҳнат шараф аст: Ришатон мошу биринч шудаасту ҳозир ҳам каланд зада гаштед-мӣ? — Хайр набошад чӣ? Бечорагӣ айб не!

**Бечиз набудан**

1. бе хислат набудан: Имрӯз акотон меоянд гуфта будӣ, омадан-а, ту бечиз не!
2. беҳуда набудан, бесабаб набудан: Ба идораҳотон ревизор омадааст гуфта шунидам, бечиз набошад даркордия!

* *Тутуруқ* — калимаи ӯзбекист, аммо ба маънои «пешдаргирон» дар гуфтугӯ ҳамеша кор фармуда мешавад.

## Бешира будан

1. чизе надоштан, нодоро будан: «Тӯяш ин қадар нағз нашуд»,— мегӯй-мӣ? Рост, ҳар кор аз дорамӣ мешавад. Вай, ки худаш беширатар буд, тӯяш чӣ жел нағз шавад?
2. беақл, бемаънӣ ва нодон будан: Акнун донам, одами бешира будӣ-дия, одам гуфтагӣ назди меҳмонба ҳамин қадар мелаққад-мӣ!

## Бешира гап задан

бемантиқ ва бемазмуну бетаъсир сухан рондан: Одами бемаънӣ каса диққат мекунад. Бегоҳ Тӯрахон катӣ якчоя шишта будем. Бешира-бешира гап зада, мана бисьёр диққат кард-дия!..

## Бе ширеш часпидан

1. бо касе дар қиёфа ва феълу хӯй мувофиқат пайдо намудан, ба касе наздик ва монанд будан: Доимо шумо катӣ рафиқ Қодирова якчоя дида, ба дилам мегӯям: «Ҳар дуяшон бародари абадӣ-дия, бе ширеш часпидагӣ!»;
2. сухан ба сухане мувофиқ омадан: Раҳмат ба шумо, бародар, камтар наомаданатон пештар рафиқ Бадиева сифат карда истода будам. Шумо ҳам омада сифат кардед. Ба хаёлам, гапи ҳар дуямон бе ширеш часпид-дия!..

## Бешох калон шудан

бе тартиб, бе услубу одоб тарбия ёфтан: Писари Шодибоя нағз мешиносам. Аввалҳо бешох калон шудагӣ буд. Муаллим рафиқ Зокиров вая мактабба бурда монда, тарбия карданд.— Мана, ҳозир туппа-тузук роҳбари як идора!

## Беғубор будан

1. софдил (хушчақчақ, хандонрӯ) будан: Раҳматӣ Сангин Каримов одами беғубор буданд. Аз сӯҳбаташон ҳаргиз нахезам мегуфтӣ;
2. тоза (мусаффо, безарар) будан: Имрӯз осмон беғубор буд, ҳавои нағз шуд.

## Бе қилу қол ичро шудан

айнан, мувофиқи табъ ба иҷро расонидан: — Мондаҳо, саркор! Тахтаи поёна ҳам аз об бароварде-мӣ? — Ҳа, раисҷон, гуфтагиатон бе қилу қол иҷро шуд!

## Бечо гап задан

нодуруст ҳарф задан, бе мавқеъ гап задан: — Қофтукови мур тамом шуд-мӣ? — Не, боз чанд вақти дигар давом мекунад. Баъзеҳо тамом шудагӣ мегӯянд-у? — Баъзеҳо надониста, бечо гап зананд, бовар кардан мегирӣ-мӣ? Мисол, вақте ки сухан дар бораи Ҷомӣ меравад, ту аз хишоваи пиёз гап мезанӣ-мӣ? Ин хел бечо гап задан нагир-дия, айб аст!

## Бижгин баромадан

1. ғамгин шудан, афсӯс хӯрдан: Вафот кардани Мирзо Раҳмата шунида, бижғинам баромад-дия. Раҳматӣ одами нағз буд!;
2. дучори ҳолати вазнини фоиҷаовар ва ноком шудан: Бечора Наимхон ҳамин рӯз ҳазор сӯм пулаша гум карда бижғинаш баромад-дия!..

## Бинниба расидан

1. аз чизе (касе) ранҷидан: Хайр, тӯйба омада зиёфат хӯрд, тамошо кард, иззату ҳурмат дид. Пешашба боз якто ҷома намонданба биннашба расида бошад, садқаи сарам, манба чӣ!;
2. бӯе ба машом расидан: Аз ҳамин тараф бӯи зирбак биннамба расида истодааст. Ба хаёлам, кадом оши палав пухта истодааст-дия!..

## Биннӣ варам кардан

1. ба балоғат расидан: Наимҷон мактабаша тамом кард, барвақттар хонадор кунед, ако, зеҳн монам, бинаш анча варам кардааст.
2. худсито (мутакаббир, ҳавобаланд, мағрур) шудан: Ин Ҷобиратон магазинчӣ шудан боз бинаш анча варам карда мондааст-а, саломy алекаша ҳам гум кардааст.

### Бинии тег кашидан

1. ниҳоят лоғар (ранҷур, нотавон, заиф) шудан: Ранҷ одама об мекардааст. Ако Ҳалим чӣ хел одам буд, аз ҳамин дар намеғунҷид. Аз беморӣ хестан ин ҷониб хароб шуда, бинниаш теғ кашида мондааст;
2. дар арафаи марг будан: Имрӯз Абдурауфа диданӣ рафта будам. Аз гап монда, бинниаш теғ кашида мондааст. Аҳвалашба дилам сӯхт...

### Биннӣ хоридан

рамзи гӯшт (ош) хӯрдан: Гӯштбирьёни нағз карда омадӣ, хоҳарам, ҳамин пагоҳӣ бинниам бисьёр хорида буд, муддао гӯштхӯрӣ кардем-дия!

### Бинния газидан

кори нопоистан ба вуқӯъ пайвастаро аз кирдори бади худ донистан: Ба шабангӣ гапҳои ман қаҳраш омада бошад, бинниаша газад, ба ман чӣ!

### Биною таманно будан

болидан, фахр кардан: Писараш бачаи зарьёви баакл, биною таманнои падараш буд. Бечора ҳайф шуд-дия!..

### Бодбарак барин паропдан

1. ҷазо додан, ниқор гирифтан: Бово, рафта укоятба гӯй, ки ин қадар худаша гум накарда дуруст-дуруст по монда гардад.— Барои чӣ ин қадар аз вай хафа шуда истодаед, ягон кори бад кард-мӣ? Кори бадаш ҳамин, ки маҷлисе нест, ки вай аз пои ман нагирад, намедонам ҳаққи вайба ман чӣ гандагӣ карда бошам? Агар боз як бори дигар ҳамин кораша такрор кунад, аз барои худо, бодбарак барин паропда мефирсонам, вай собуни ман катӣ ҷомашӯӣ накардааст.
2. таърифу тавсиф кардан: Ӯҳҳӯ, писаратона ин қадар таъриф карда, бодбарак барин напарронид. Вай ҳам якто одам-дия!..

худситоӣ (ҳавобаландӣ, манманӣ) кардан: — Шаб укотон феълама овард, гапи сахт задам, шумо хафа нашавед. Назди ҳамин қадар одамба бодигӣ кардан чӣ нафъ дорад?!

### Боди фир-фирак барин будан

сабукӣ кардан, ботамкин набудан: «Э, ман меравам, э, ман меравам»,— гуфта боди фир-фирак барин нашаведу то омадани меҳмонҳо камтар сабр кунед, уко!

### Бодоми бемағз барин будан

беақл ва беандеша будан: Ҳамон Эшони тӯрата моиҷӣ, гапашон маънӣ надорад, бодоми бемағз барин будаанд.

### Боз-бозба андохтан

барангезондан, шавқманд кардан: Гӯр баъзе одамҳон беақл шавад, «Дурустар тӯй куну обрӯ гир, тӯи мекардагиат чор касба манзур шавад, «э, фалониба раҳмат гӯянд!» гуфта мана боз-бозба андохтанду се ҳазор сӯм қарздор кунонда монданд, балозадагиҳо!

### Бозия вайрон кардан

ягон масъалаи ҳалшуда истодаро ба акс гардондан, ба ҳалли мусбати масъала халал расондан: Духтараша доданба акнун розӣ кунонда истода будам, ки якбора Рустамбек даромада омада, бачая ганда карда бозия вайрон карда монад мешавад-мӣ!

### Бозор барор гирифтан

фурӯши хуб шудан: Имрӯз дари байрам-дия, бозор нағз барор гирифт. Мӯзаю пальтоҳои магазинвангӣ бутун пул шуд!..

### Бозор мурдан

пешрафт (барор) накардани кори тиҷорат: Дар айни тафси бозор, ки ҷола боридан гирифт, мардум гурехта, бозор холӣ шуда монд.— Бозор мурд, гӯед-чӣ!

### Бозор равғанин будан

барор гирифтани тиҷорат: Ҳамин рӯз бозор ҷудо равғанин шуд, ҳазор кило картошкая бутун об кунам мешавад-мӣ!

### Болишти (касеро) хуш кардан

ба касе осеби сахт расондан, ба касе ранҷу мусибате овардан: Тавба гӯй, ина бен, вақти пириашба аз рӯяш вайрон шуд-а! Ҳар чи корӣ, ҳамуна мебардоштӣ-дия! Чуту? — Вақташба ин бой буд. Нафсонияти дунъё гуфта ноҳақ чанд каса болишташа хуш кард. Мана акнун натиҷаша дида шиштаст.

### Болои белба монӣ, қабул намекунад

сухани (гапи), ки бисьёр носазо, ҳақорат: Вай худаш-а мастиба зада гапхое гуфт, ки болои белба монӣ, қабул намекунад.

### Болои (касеба) асп давондан

нисбат ба касе беҳурматӣ кардан, ба касе ҳуҷум овардан, касеро танқид кардан: Барси мансаб шуда чанд вақт болои манба асп давонд-куя, охир ҳақиқат шуда, тираш хок хӯрду сонӣ дамаш гирифта шуд.

### Болои гӯшту равғанба роҳ рафтан

ҷои ором, рӯзгори осуда доштан ва дар оилаи доро будани касе: Духтаратон бабахт будааст. Имрӯз мо меҳмон шуда рафта будим, болои гӯшту равғанба роҳ мерафт.

**Болои дардба пуччак**

ба болои мусибат боз мусибат, ба болои нохушӣ боз нохушии нав, ба болои ягон вазъият ва ҳолати ноором ногувор рӯй додани вазъияти ноороме, ногувори дигаре: «Болои дардба пуччак» гуфтагӣ барин шавҳараша касалиаш кам буд, ки боз бечорая писараш ҳам касал шудааст.

**Болои одами зиндаба афтидан**

издивоҷ кардан, зандор шудан: Имшаб болои одами зиндаба афтидед, домодпоччо, муборак шавад!

**Болои (чизеба) рост истодан**

хасис (чашмтанг, мумсик) будан: Аз вай қарз натлабед, ако, вай болои як тинба рост меистодагӣ одам!

**Болои сангба об рехтагӣ барин гап**

ба каси гапнофаҳму гапнодаро ва гарданшаху якрав таъсир набахшидани насиҳату панд: Ба кӣ насиҳат мекунед, ба ҳамон арақхӯри бадмаст? Вайба насиҳат кардан ба болои санг об рехтагӣ барин гап.

**Болои чашм нигоҳ доштан**

касеро бо иззату эҳтиром парасторӣ кардан: Шумо — бибичон, аз хонаи мо ҳеч чо намеравед, мо шумоя болои чашм нигоҳ медорем!

**Болои қилба истодан**

дар ҳолат ва вазъияти ноустувор ва масъул будан: Дирӯз дӯконаша тафтиш карда бечорая бисьёр бесаранчом карданд. Ҳозир болои қилба истодаасту боз барои чӣ аз дӯконаш бор баровардӣ?

**Болои ҳандалакба дӯндалак**

ба чизе чизи дигар ва ба коре кори дигаре зам шудан: Ҳозир худам-ку аз кор монда шуда омадама, бо-

лои ҳандалакба дӯндалак, боз қишлоқба баромада равам-мӣ!

### Болои мақсадба омадан

гапро хулоса кардан ва асли муддаоро гуфтан, ба сари мақсад омадан, ба гуфтани гапи асосӣ сухан оғоз намудан: Акнун вақт ҳам бурафта соат ҳам аз як гузашт, гапа лаҷоҷ надода, болойи мақсадба биёетон, ки тӯя кайба сар кунем?

### Болошба баромадан

суд (манфиат) дидан: Дар бозор картошкаи тухмӣ анча қимат шудааст. Қори хуб карда будаам, ки тирамоҳ бист пуд гирифта монда будаам.— Э, болошба баромадам гӯед-чӣ!

### Борик рафтан

наандешидан, беандешагӣ кардан: Ҳар дуятон амакбачча, ҳоло чавон, якдигар катӣ гаппаронӣ карда борик нараветон, мардум айб мекунад!

### Бори ҳеҷ кас роҳба намемонад

барои иҷрои коре, чизе ба кас мададгор, дастгире ёфт шудан: Бори ҳеҷ кас роҳба намемондааст, уко, сафхозба ин кӯча чӣ хел мебарам гуфта ҳайрон будам, ки якбора ҷиянатон мошиная гирифта биёянд мешавад-мӣ?

### Бод катӣ омадагӣ бод катӣ меравад

чизи бе меҳнат, муфт ва бе дарди миён омада боз ҳамон навъ беҳуда сарфу хароҷот мешавад, ба бод меравад, судмандӣ намекунад: Ин пулҳойи дуздӣ катӣ дастба даромадагӣ касба суд намекунад: бод катӣ омадагӣ бод катӣ меравад.

### Бо як тир ду нишон гирифтан

бо як амалу ҳаракат ду мақсадро ноил гардидан: Бо як тир ду нишон гирифта, ҳам Душанбея саёҳат кар-

дам, ҳам бо дидани дидору сӯҳбати ёрон мушарраф гардидам.

**Боғи дил шав, доғи дил не**

роҳатрасон, накӯкор, безиёну безарар бош, бадкору бадрафтор, доғовар ва ғамбиёр мабош: Баччаҷ, ҳоли ҳозир дида истодагӣ модарат. Раҳматӣ додот бошанд, бо хунобаҳо туя калон карданду роҳатата надида рафтанд. Ту қобилу лойиқ шаву чаккӣ-чуккӣ нагард. Модаратба боғи дил шаву доғи дил не, ҷон бачам!

**Боғи бе девор будан**

бесоҳиб, беназорат ва бепарастор будани чизе: — Хо, бача, исто, дар дастат вай чӣ? — Э, мебахшед, ако «нафаҳмидаам».— Нафаҳмидӣ? Инҷо боғи бедевор будмӣ, ки ҳар кас молӣ ҷамъията бурдан гирад? Не, вай дастангиата монда рав!

**Бо қалам бозию шӯхӣ накардан**

бо аҳли қалам эҳтиёткорона рафтор ва муносибат кардан: Ту нависандая ҳеҷ машумор, қалами вай шамшер асту синон! Вай соҳибқалам, қаламкаш аст! Бо қалам шӯхию бозӣ макун, ки ин одамиба поравост!

**Бо ҳазор корд задан як қатра хун нарехтан**

ғамгин, малул ва маъюс будан: Модараш вафот кардан инҷониб, бечора бисьёр ғамгин. Бо ҳазор корд задан як қатра хунаш намерезад...

**Ба ҷон баробар донистан**

касе ё чизеро басо дӯст ва азиз доштан, хурмат кардан: Ман шумоя бо ҷонам баробар медонам. Мана ёрое нест, ки таклифи шумоя рад намоям!

**Бузаки ларзонак**

хунукхӯр: Ҳар бор аз мактаб биёйид, «аловат чуту» гуфта аввал ҳамина мепурсидед. Мана барои шумо им-

рӯз алова аз гуфтагиатон зиёдтар гарм карда мондам. Мана акнун дурусттар гарм шавид, шумо бузаки ларзонак.

**Бузбозиба андохтан**

касеро овора, сарсон ва саргардон кардан, фиреб додан: Мана акнун монеду дигар каса завчигиба фирсонид, як моҳ боз мана тоза ҳам бузбозиба андохтид.

**Булбулак аз хондан мондан**

хомӯш мондан, дар натичаи бебарории коре малӯл шудан: Ҳакимчона мот карда, дӯгатон баланд буд, акнун, ки мот шудед, булбулакатон якбора-аз хондан мондa...

**Булбулак хондан**

шоду хурсанд, будан, сергапӣ кардан, хушҳол будан: Акаашон, ки хизмати ҳарбия тамом карда омаданд, булбулакашон хонда истодааст-дия...

**Бодаша набаровардан**

пӯшида (махфӣ) нигоҳ доштани сирре: Аввалаш ҳамин кора накун буд, акнун, ки кардӣ, бодаша набарор, ки расво мешавӣ!...

**Бугумба афтидан**

чизе ё гаперо ба касе маъқул кунонидан: қарзи гирифтагиатона тамоман аз эсатон (хотиратон) баровардиддия? Бугуматонба афтидан бад сонӣ эсатонба омад-а?

**Бӯй баровардан**

нукчаву чароғу чалпак кардан: Бибичон, духтаракам, ин писарчаатона бинед, ҳама чоша яра зер кардааст. Бегоҳи чоршанбеи муродбахш, унту, арвоххоба бӯ баровардa, ириму дирим кунед намешавад-мӣ!

## Бӯй гирифтан

воқиф шудан аз ягон гапу кор, сирреро ошкор намудан: Оббо, ҳамин сӯфии гузарамоба ҳайрон. Тамоми тӯю азои шаҳрба ҳозир-а, ё тавбае.— Барон чӣ ҳайрон мешавӣ? Ин одам бӯ гирифтанаш ҳамаба маълум-ку!

## Бӯй кардан

1. чокидан: Ако, нос доред-мӣ, як бӯ карда монем!; 2. ба машом кашидан, бӯй кардан: Вай гули садбаргмӣ, ба ман дароз кун, уко, як бӯ карда монам!

## Бӯнокӣ кардан

бадгапӣ (дуруштӣ, дағалӣ) кардан: Мон-е, ҷонамба расондӣ-ку, ин қадар бӯной мекунӣ е!

# В

## Вадаванг будан

пурҳашамат, дабдабанок будан: Душанбе тоза ҳам шаҳри вадаванг будааст-дия, ман дида ҳайрон шудам!

## Вазниния аз даст надодан

сабр кардан, вазнин шудан ва аз ҳар гуна сабукрафторӣ худдорӣ намудан: Ҳар чӣ гапи ганда зада бошад, кори хуб кардӣ, ки баробар нашудӣ. Доим вазниния аз даст нате, уко, оқубат бурд ба ҷониби ту мешавад.

## Вай пой бардоштаасту ту пой мондай

дар бобати ягон кору ҳаракат (ё мусбат, ё манфӣ) касеро бо касе муқоиса намудан ва онд ба он кору ҳаракат якеро мисли дигаре (баробар) донистан: Дар шӯхӣ беайниҳи наберачаи ман барин будӣ. Ё, тавба-е, хаёл мекунам, ки вай по бардоштаасту ту пой мондай!

## Валба ридан

кору амали ношоям содир намуда, шармандаву шармсор шудан: Вай ҳам ҳоли ҳазор сўм пули давлата хўрда, валба рид...

## Варам кардан

бозиро аз ҳад зиёд бохтан: Мон-е, ту ҳам шохмотбозия намедонистай-е, шаб аз бой додана варам кардӣ-я...

## Варам омадан

нишонаи расидани марг! — Саломатии Бособир чӣ тавр бошад, рафта дидед-мӣ? — Дидам, аҳволашон батанг, пойҳояшонба варам омадааст... «Аз варам асар, аз марг хабар» — гуфтаанд.

## Варақ назадан

гузаштаро ба ёд наовардан: — Ин як вақтҳо ҳабс шуда буд-у, боз омадааст-мӣ? — Ҳозир одами дуруст шудагӣ, акнун гузаштааша варақ назан, уко!

## Варақа дигар кардан

мазмуни гапро дигар кардан: Хайр, нағз буд-мӣ, бад буд-мӣ, гузашт. Гузаштая ин қадар накофта, варақа дигар кунетон ҳам мешавад!

## Вақт танг мондан

фурсат кам мондан: Қанӣ, хезед, вақт танг монд, ҳозир мошин омада мемонад!

## Вақт охир шудан

умр кўтоҳ, кам мондан: Ҳамин солҳо маза не, вақт охир шудагӣ барин-мӣ, бисьёр суст шуда рафта истодам...

**Вақти гули кавар,
яха задем ба табар**

тағьир ёфтани мавсими обу ҳаво, бемаҳал сард шудани ҳаво: Баччам, буҳорба роҳба буройи пўстината аз худ дур накун. Баъзе вақтҳо чиллаи тобистонба ҳам ҳунук шуда мемонад. Раҳматӣ падарам мегуфтанд, ки «вақти гули кавар, яха задем ба табар».

**Вақти сабзахез**

ба тазри киноя беақл (мадҳуш) донистани касе: Аз ин хафа нашав, уко, вақти сабзахез-дия, ҳар чи-ҳар чи гуфтан мегирад!

**Вақти сангтафс**

ниг. вақти сабзахез: — Камтар нўшидагӣ барин-мӣ, ин қадар аррос зада истодааст? — Аҷаб не, сонӣ худаш ҳам вақти сангтафс-дия!

**Вақти хазонрез**

ниг. вақти сабзахез: Майлаш, ҳар чи хоҳӣ, гуфтан гир, Назирҷон, вақти хазонрез-дия, ман аз ту хафа намешавам!

**Вақти хирманбодкунӣ**

вақти тақсимот ва ба ҳисоб гирифтани чизе: О, вақти хирманбодкуниба омада мондем-ку, аз пул ба мо ҳам камтар мерасадмӣ, охир?

**Вақти ҷаззу доғ будан**

фурсат ва мавқеи муносиб будан: Ҳозир моҳи ҳамал, вақти ҷаззу доғи ниҳолшинонӣ, бехато месабзад-дия!

**Ваҳмак шудан**

бимнок, тарсончак шудан: — Шарифҷон наменамояд? — Ду шаб пеш аз хобаш тарсида хеста ваҳмак шуда мондагӣ мегўянд. Ман ҳам дидагиам не.

# Г

## Гадои бетӯрба

чизталабкунанда, мумсик: Уко гапи мана қабул мекунам гӯй, гадои бетӯрба барин аз хар кас чиз талабия дарто!

## Гадои ном

ба фарзанд мӯҳтоҷ: Бо ҳамин се зан гирифту фарзанд намешавад. Бечора гадои ном!

## Гадои тӯрбаша гум кардагӣ барин

шахси сару калобаашро гумкарда, мутаҳайир: Писарам рафтан боз гадои тӯрбааша гум кардагӣ барин чӣ кор карданама намедонам.

## Гадо як дара набинад

чизеро такроран аз касе пурсидан: Ҳама рӯзи худо фалон чиз те, бисмадон чиз те, гуфта безор кардӣ-ку, «гадо як дара набинад» гуфтагӣ гапҳо рост будааст.

## Газаки чизеро баровардан

қусури чизеро аз чизи дигар баровардан: Палави кори калон пухта буред, муддао хӯрда, газаки каландии имрӯзая баровардем-дия!

## Газак об шудан

гарм шудан: Қанӣ, ба сандалӣ наздиктар шинед. Як бор газаки шумо ҳам об шавад!

## Гандагаштӣ кардан

авбошӣ кардан, ба роҳҳои бад рафтан, машғули ҳаракат ва амалиёти ноҷо шудан: Гандагаштӣ карда аз кор холӣ шудӣ, агар ба ҷои дигар рафта кор кардан ният дошта бошӣ, ин корҳои бадата партою одам шав!

### Гандарӯ шудан

бад намудан: Барои писаратон ба муаллимон гандарӯ нашаведу гуноҳи писаратонба икрор шуда, узр пурсед!

### Гап аз байн берун набаромадан

гап ошкор, паҳн ва овоза нашудан: Мо байни худ, ки маслиҳат карда гирифтем, акнун ин гап аз байн берун набарояд!

### Гап аз гап баромадан

туфайли як гап гапҳои дигари наву тоза ба миён омадан: Гап аз гап баромаду фаҳмам, Нарзуллобек қати ҳамаамон хешу ақрабо будаем!

### Гап аз як чо баромадан

ҳамфикр (ҳамақида) будан: Вақте ки ман рафта домодшавандая таъриф мекунам, сонӣ ту ҳам рафта фикри мана қувват те, ки гапи ҳар дуямон аз як чо барояд.

### Гап арзон шудан

авҷ гирифтани шиква дар байни гурӯҳе: Ҳамин шаб якбора чойхонаба даром, ҳафт-хашт кас одамҳоя ғайбат карда истода будаанд.— Оҳҳо, гап арзон шуда буд гӯй-чӣ? — Бале, сонӣ тоқат карда натавониста хеста рафтам.

### Гап баровардан

суханеро аз худ бофтан, гапи сохта ва дурӯғ гуфтан: Ман кай «ба пахтачинӣ намеравам»,— гуфтаам, ина ба шумо кӣ гуфт? — Наим.— Дурӯғ, ин гапа аз худаш баровардагӣ!

### Гап вазнин расидан

гап сахт расидан, малол омадан: «Духтаратона ба вай натид»,— нагӯ, ин гап ба вай вазнин мерасад.

## Гап гӯшба будан

гаперо дар хотир доштан: — Бале, писарам, гуфтаҳои ман катӣ амал кардӣ, кам нашав! — Чаро амал накунам, гапҳоятон гӯшамба буд!

## Гап дар куҷо будан

масъала чунин, мақсад ин тавр: — Медонед, Одил барои чӣ бо Сангин гап намезадааст? — Не, канӣ гап занед-чӣ! — Як вақтҳо Сангин аз болои Одил нодуруст маълумот дода будааст.— Акнун фаҳмидам, ана гап дар куҷо будааст!...

## Гап дароз

гап (воқеаи) бардавом: Пурсиши имрӯзаи суд тамом шуд-мӣ? — Аз куҷо тамом мешавад? Ҳоло гап дароз, ука!

## Гапа дигар роҳба бурдан

ба сухан мазмун ва мафҳуми дигар додан: Шарифҷон, ин вақтҳо Мунираҳон камнамотар-мӣ? — А, якбора Мунираҳоншинос шуда мондед, ягон гап ҳаст-мӣ?... Э, шумое-е!... Хайр, гапа дигар роҳба набар, ука, ман аз ростӣ пурсида истодаам, гапам буд.

## Гап дигару кор дигар

1. вазъият тағьир ёфтааст: Ба Ӯротеппаи мо кӯчида биёед бародар, ҳозир инҷо тамоман гап дигару кор дигар шудагӣ!
2. қавл дигару амал дигар: «Қорба мемонам» гуфта бошад ҳам, ин қадар боварӣ накун. Вая гапаш дигару кораш дигар!

## Гап дилба

меҳр, муҳаббат ва садоқат дар дил: — Ба ҷанозаи боботон омада натавонистам, хафа намешавед-дия...
— Парво накунед, ман медонам, ки шумо одами серкор. Гап дилба!

## Гап дода гаштан

лаққида гаштан; овора шуда гаштан: Мавлонбердӣ ҳанӯз дар Қӯрғонтеппа-мӣ? — Бале, гап дода гаштааст!

## Гап додан

1. лаққидан, суханронӣ кардан, сӯҳбат кардан: Ҳа, раисҷон, гап дода шиштетон-мӣ?
2. ба касе ваъда додан, аҳду паймон кардан (бастан): А, Додохӯча ба писараш духтари Сангинбоя маълум карда буд-у, писараш зани дигар гирифтааст,— гуфта мешунавам? — Рост, ин духтар дар вақташ гап додагӣ будааст.
3. сӯҳбат кардан, қисса кардан, нақл намудан: Одам гапа андеша карда мегӯяд. «Даҳонам ҳаст» гуфта бемаза-бемаза гап додан мегирӣ-мӣ?

## Гап дуруст баромадан

гап ҳақ баромадан: Боз яктои дигар совхози нав ташкил мешавад,— гуфта будӣ, гапат рост баромад уко, шаб аниқ шуд.

## Гап зану муомила шунав

ба гапи гуфта шуда ҷавоби ғайриқаноатбахш шунидан: Охир ман туба «накуш!» гуфта насиҳат кунам, ту писханд зада ким-чихо гуфта истодай?! Астағфуриллоҳ, тавба, гап зану муомила шунав!

## Гап кати задан

рафтор ва кирдори ношоями касеро ба худаш фаҳмонда, онро хиҷолатманд кардан: Назди одамоба калонгарӣ, ки кардан гирифт, ман ҳам боб карда мондам-ку!— Э, қандата зан, гап кати задӣ!

## Гап кор накардан

гап таъсир накардан: «Ман медонистагия ҳеч кас намедонад» — гуфта иддао мекунад-у, вайба гап кор мекунад-мӣ?

**Гап кӯчаба набаромадан**

гапро ифшо накардан, пинҳон нигоҳ доштан: Баъд аз ду рӯз ҳар сеямон баробар мерафтагӣ бошем, ҳамин гап ҳамин ҷо монад, кӯчаба набарояд!

**Гап мағзоба барин будан**

бемаънӣ, фаҷ будани гап: Вая дигар назди манба нафиристонед. Вая «одами дуруст» гӯям, гапаш мағзоба барин будааст.

**Гап набуридан**

гап нагузаштан; сухани касе рад шудан: Ман-манӣ карда доим худаша калон мегирифту якто китобба гапаш набурид?

**Гап нагузаштан**

рад гардидан ва иҷро нашудани мақсад: Ба назди вай укаатона нафиристонед. Ман медонам, ки ина гапаш вайба намегузарад.

**Гап намак надоштан**

мазмун ва мафҳуми дуруст надоштани сухан: Монед, ҳамон укаатона ин қадар таъриф накунед, гапаш намак надорад, аз гапи вай дили одам беҳузур мешавад.

**Гап напухтан**

мувофиқат ҳосил нашудан бо тарафайн: Мана дигар пеши Зарифба нафиристонед, ако, гапи ман вай кати ҳаргиз намепазад.

**Гап пешба**

воқеа, ҳодисаҳои аҷоиб дар пеш: Дар байни ҳар дуи ин бисьёр гапу кор гузаштагӣ. Ҷанги ҳозираашон «аз нӯги хамир, фатир!» — гап пешба!

### Гап равғанин шудан

гап авҷ гирифтан: Ҳамин бегоҳ, маза кардем, аз Душанбе се-чор нафар меҳмонҳо омада будаанд, то нисфи шаб сӯҳбат давом карда гап расо равғанин шуддия!

### Гап сахт расидан

аз гапе ранҷидан: Дигар ҳамин зормондаи арақа нанӯш гуфтам. Гапам сахт расид-мӣ?

### Гап ғеҷидан

Қаҳрӣ шудан: Ман аз ин кор хабарам буд. Инаш «ман аз ту зӯр»,— гуфт; ваяш «ман аз ту зӯр»,— гуфту ҳамин ҷо гапошон анҷа ғеҷида, якдигар кати занозанӣ карданд.

### Гап ҳамин ҷо монад

гап паҳн (овозаю дарвоза) нашавад: Гап ҳамин ҷо монад-ку, ман вая дӯст намедорам!

### Гапҳои аз кисаи ман афтидагӣ

ин гапҳоро қаблан ман гуфтаам, ин гапҳоро ман медонистам: Ту ин гапҳо кати мана аллонда наметавонӣ. Ин хел гапҳо аз кисаи ман афтидагию ту ёфта гирифтаги.

### Гап ҷо доштан

асос, сабаб доштан: «Вай бисьёр одами нағз»,— гуфта будед, гапатон ҷо доштааст. Ду сол боз якҷоя кор мекунем як даҳон гапи бад нашунидаам!

### Гап ҷояшба афтидан

сухани бамаврид ва маъқул гуфтан: Шумо бало, охир гапа ҷошба афтонда, духтараша доданба розӣ кунонда омадед-дия!..

**Гапбардор будан**

вазнин, собир, баандеша ва ботамкин будан: Укаатон ҷавони қобилу гапбардор будааст. Шаб Ӯктам ҳамин қадар гапҳои пастубаланд гуфту ин бечора лом нагуфт-а!

**Гапбозӣ кардан**

баҳсу мунозира кардан дар доираи ягон масъала: Ҳамин шаб олимҳои омадагӣ байни худашон расо гапбозӣ карданд-дия, аҷоиб...

**Гапгузаронӣ кардан**

ниг. гапбозӣ кардан: Соат аз ду гузашт. Бисёр ҳам гапгузаронӣ кардан хосият надорад. Гапи ҳар дуятон ҳам маъқул. Хезетон, рафтем!

**Гапдаро будан**

қобил, хушхулқу одоб будан: Умри писаратон дароз шавад, бисьёр гапдаро будааст-дия. Ҳамин рӯз се бор кор фармудам, «не» нагуфта аз табъи дилам зиёдтар иҷро карда омад-а!

**Гапдон будан**

нотиқ, сухандон будан; доно, хирадманд будан: — Ин укаатон тоза гапдон будааст-дия, аз куҷо, ки пурсед, ҷавоб надода намемонад-е, шаввоз! — Раҳматӣ Меҳрӣ гапдон буданду афсӯс, ки аз байн рафтанд.

**Гапдонӣ кардан**

худро доно ва донишманд нишон додан: Ин қадар гапдонӣ карданат чӣ ҳоҷат дорад? Ба як савол ҷавоб дода наметавонӣ-ю, боз ман-манӣ мекунӣ!

**Гапдузд будан**

хабаркаш будан, иғвогарӣ намудан: Рафиқата нағзакак озмудам, вай одами гапдузд будааст. Баъзе сирри

дилама гӯям, дар чойхона, маърака гирифта ҳамааша чӯраҳояшба як ба як гуфта додааст.

**Гапкобӣ кардан**

кунчкобӣ кардан: «Фалонӣ кӣ буд, додош кӣ буд, чӣ кор мекард?» — гуфта ин қадар гапкобӣ мекунӣ?

**Гаппаронӣ кардан**

пичинг задан, киноя кардан: Монетон якдигарба гаппаронӣ кардан нафъ надорад, айб аст!

**Гапфурӯшӣ кардан**

пургӯӣ кардан, бисьёр лаққидан (гап задан): Хайр, бисьёр гапфурӯшӣ накун-у, рафта барвақттар дегба алов мон!

**Гапчинӣ кардан**

гапҳои дигаронро шунида, онро ба гӯши дигарон расондан, хабаркашӣ (суханчинӣ) кардан: Кадом рӯз назди моба шишта гапчинӣ кардию, ҳамаи гапҳоя рафта касои дигарба гуфтӣ. Айб не-мӣ?

**Гапи афсона**

хаёлӣ, бофта ва аз ақл дур: Пештар Аҳмад Маҳдум дар бораи самалёт гап занад, ҷоҳилҳои намефаҳмидагӣ «ин гапҳои афсоная монед-чӣ!»—гуфта бечорая масхара мекардаанд.

**Гапи бемаза гуфтан**

сухани бемазмун, бемантиқ, ғайриадабӣ, бе таъсир гуфтан: Меҳмонҳо аз китобу қоғаз гап зананд, шумо аз бедонабозӣ гап мезанед. Ҳамин хел гапи бемаза гуфтана «Даҳони пӯшида сад тилло» ҷим шинед, намешуд-мӣ?!

**Гапи бетаг будан**

гапи беасос будан: «Акотон касал» гуфтанд, рафта бинам, саппа-саҳат, гапи бетаг будааст.

### Гапи бефаровез гуфтан

сухани қабеҳ гуфтан, алфози бад гуфтан: Ба ман нигоҳ кун, писарам, одам гуфтагӣ гапи бефаровез намегӯяд, айб аст!

### Гапи бисьёр шудан

овоза, гапу калоча шудан: Агар ЗАГСи ҳамина рафта дар ҷои дигар мекардагӣ бошед, ман ҳаргиз розӣ не, гапи бисьёр мешавад!

### Гапи гармселдор гуфтан

гапи киноямез ва ногувор гуфтан, гапи сахт гуфтан:— Донистем, шумо одами калон шудагӣ, моёна назаратон намегирад, ки хабар кардем, тӯйба наомадед-дия!— Ин хел гапҳои гармселдор гуфтан нафъ надорад, ман касал будам.

### Гапи гармсел задагӣ

суханони бемантиқ, бемаза ва бемаънӣ: Аз гапҳои вай хафа нашавед, гапҳои вай ҳамааш гапҳои гармсел задагӣ!

### Гапи дигар кас кати кор кардан

бо нишондоди касе амал кардан, рафтори мустақилона надоштан, бепринцип будан: Одамигарии вай кам, аз вай хафа нашавед, вай доимо гапи дигар кас кати кор мекунад.

### Гапи думдор гуфтан

пичинг задан, сухани киноямез задан (гуфтан): — Ӯй, манба нигоҳ кун, назди одамҳоба манба расонда гапи думдор нагӯ, ки даҳоната аз пушти сарат кушода мемонам;
— Барои чӣ бо Сангин ин қадар тез шудӣ? — Айби худаш. Хайр, укаам камтар нӯшида, сархушӣ кардааст. Ба ман нигоҳ карда: «Гӯр мастии одамҳо шавад!» — гуфта гапи думдор гуфтанаш барои чӣ?!

### Гапи думчадор

сухани киноямез: Фаҳмидед-мӣ, шабангӣ гапаш анча думчадор буд-а?!

### Гапи кӯчагӣ

гапи беасос: — Динангӣ хунукба кишлоқи Дальёнба якуним метр барф задааст, мегӯянд, рост-мӣ? — Ин гапи кӯчагӣ, ду вачаб барин зад-дия...

### Гапи марҳам (малҳам) барин мефоридагӣ

гапи аз ҳад зиёд маъқул: — Раҳмат ба он касе, ки Одил барин модараша ҳамеша ҳурмат кунад! Раҳмат ба ту, уко, гапи марҳам барин мефоридагӣ гуфтӣ-дия!

### Гапи мағзоба барин

бемантик, фач ва бемаънӣ будани гапи касе: Гапҳои мегуфтагии эшони сӯфӣ мағзоба барин, аз гапҳои ин одам ҳаргиз хафа нашавед, уко!

### Гапи нағзба мор аз хонааш мебарояд

ба гапи маъқул ҳар кас розӣ мешавад: Ту «одам мешавам» гӯй, гандагапиата партою ҳамаба гапи нағз гап зан. «Гапи нағзба мор аз хонааш баромада аст», мегӯянд.

### Гапи нағзба ҳам фаришта омин мегӯяду гапи ганда ба ҳам

аз бадгӯӣ ҳазар намуда забонро ба гапи нағз одат кунондан: Ҳаргиз нияти бад карда гап назан, нағз гап задана ёд гир! «Гапи нағзба ҳам фаришта омин мегӯяду гапи гандаба ҳам», фаҳмидӣ!?..

### Гапи пуч

гапи бемазмун, бемантик, беҳуда ва беасос: Дар шаҳр овоза, ки Мухторхӯча аз зану бачааш чудо шудааст, рост-мӣ? Гапҳои пуч, бегоҳ худи ман ҳамон чо будам;

Муаллиматон аз таърих гап заданӣ шавад, ҷони ман баромадагӣ барин мешавад. «Зулқарнайна» «зулкайнар» мегӯяд-мӣ, «зуллисонайн»-а «зулҳисобайн» мегӯяд-мӣ? Тамоман гапаш пуч...

### Гапи рӯба гуфтагӣ захр надорад

айби касро рӯ ба рӯ ба худаш гуфтан дилранҷӣ надорад: Ту дӯсташ бошӣ, айбаша худашба рӯ ба рӯ гӯй, ки қолаби ислоҳба дарояд. Гапи рӯба гуфтагӣ захр надорад!

### Гапи тагдор

1. гапи дуруст, дақиқ, боасос: Шаҳрамонба боз фабрика кушода мешудааст гуфта шунидам, рост бошад-мӣ? — Гапи тагдор — рост!
2. киноямез, ботамасхур: Қадом рӯз манба нигоҳ карда: «ҳа, баҳодур!» гуфта мондӣ? Ин гапат анча тагдор-а?

### Гапи хом задан

беандеша, беибо гап задан: Қадом рӯз назди ҳамин қадар одамба «қавсоб токба ин қадар ҳам нафъ надорад»,— гуфта гапи хом мезанед-мӣ? Қавсоб — ин хуни ток-у!..

### Гапи шингилакдор гуфтан

киноядор гап задан: «Донистем, шумо каси доно!» — гуфта шаб пеши одамба шингилакдор гап мезанӣ. Ин гапата тагаша ман намефаҳмам-мӣ?

### Гапи як каса ним пули пуччакба (сиёҳба) нагирифтан

гапи касеро написандидан, маъқул надонистан, беаҳмият донистан: Чаро аз гапи вай ман хафа мешудаам? Гапи вая ним пули пуччакба намегирам!

## Гапи ҳавой

гапи беасос ва аз ақл дур: Вай нотоб шуда бошад, як даҳон хабар намедиҳад-мӣ? Ин гапи ҳавой, уко, хафа нашав!

## Гапа аз дил баровардан

**1.** гаперо аз худ гуфтан, суханеро аз худ бофта гуфтан: Дар ҳаққи ман вай ҳаргиз ин тавр намегӯяд. Ин гапа худат аз дил баровардa бошӣ даркор;
**2.** ягон гапи бад, кинаву адоватро аз дил берун кардан, аз худ дур намудан: Қадом рӯз бачагӣ карда ба шумо як-ду гапи сахт зада шумоя озор кардам. Мана мебахшед, илтимос, ҳамон гапҳоя аз дилатон бароред!

## Гапа аз як чаккаи * даҳан баровардан

ногаҳон, андешаву мулоҳиза накарда гап задан: Фарзанди ман бошӣ, хаёл накарда, гапа аз як чаккаи даҳонат баровардa дар охир пушаймон нашав, аввал андеша кун!

## Гапа буридан

сухани касе ба итмом нарасида, ба гапи ӯ гап ҳамроҳ кардан, миёни сухани касеро буридан: Ту, писарам, ҳоло чавонӣ. Вақте ки амакат гап мезананд, гапи он каса бурида, чилави гапа худат ба дастат гирифтӣ-ю давом додӣ? Ин корат аз рӯи одоб не!

## Гапа газида мондан

бо ягон сабаб ё андешаву мулоҳиза гапи гуфтаистодаро ба охир нарасонда аз сухангӯӣ бозмондан, суханро нотамом гузоштан: Гап зада истода будам, ки якбора Зариф маст шуда омад, чи илоч, гапама газида мондаму оҳиста баромада рафтам.

## Гапа газондан

гапро маъқул кунондан: Аввал «гапи худам гап»,— гуфта шишта буд. Шумо, ки омада, мисолҳо кати но-

---

* *Чакка* — тараф, канор, сӯй.

дурустии фикраша исбот карда, гапа газонед, чи гуфтанаша надониста, ноилоҷ сараша хам карда истод.

### Гапа гузарондан

хоҳиш ва раъйи худро ба дигарон маъқул кунондан: «Ман дар синфҳои дигар дарс намедиҳам!» — гуфта, охир гапаша гузарондааст-дия!

### Гапа гум кардан

гапро фаромӯш кардан: Гӯр ҳамин одати ман нашавад, вақти гап зада истоданам як кас аралаш шавад, ҳамон замоно гапама гум мекунам.

### Гапа гӯшба расондан

хабар кашидан, гапро ба каси дигар маълум кардан: Писари Махсум-ако прогулчигӣ мекунад гӯям, аллакай ҳамин гапа гӯши падарашба расондаанд-дия!

### Гапа гӯшба ҳалқа кардан

гаперо ба хотир нигоҳ доштан, аз ёд фаромӯш накардан, насиҳатро гӯш кардан: Низомиддина бин, писарам, чи хел худашба тинҷ, ҳама ҳурматаш мекунад, писарам, чунки дар вақташ гапа гӯшашба ҳалқа карда мегирифт, ба ҳамон амал мекард. Ҳар кас гапи падару модараш ба гӯш кунад кам намешавад!

### Гапа дилба ҷо кардан

1. суханҳои пандомези касеро ҳифз намудан: Ман, падари бузургвор, гапҳойи неки шумоя диламба ҷо карда гаштаам. Хотирҷамъ бошед!;
2. гуфтори бад ва ношоями касеро фаромӯш накардан, кина гирифтан: Қадом вақт як-ду даҳан гапи сахт гуфта будам. Ҳамон гапа дилашба ҷо карда гашта будааст, ки имрӯз равам, он қадар рӯи хуш надод.

### Гапа дароз кардан

аз ҳад зиёд лаққидан: — Э, ин қадар гапа дароз карди? Ин қадар шаф-шаф гуфтана, кӯтоҳакак карда шафтолу гӯ мон-дия!

### Гапа дониста гуфтан

бо андеша гап задан: Гапата дониста гӯ, ман кай «муаллим ганда» гуфтаам?!

### Гапа заминба мондан

таклифу хоҳиши касеро ба чо наовардан: Гапама заминба намону рафта аката ҳамроҳ гирифта биё.

### Гапа кӯтоҳ кардан

хулосаи мақсадро гуфтан: Шуд, фаҳмидам, ки ту чӣ мехоҳӣ. Гапа кӯтоҳ кун мон!

### Гапа лой кардан

фикр ва мақсадро вайрон (рад) кунондан: ҳамин ки ман гап сар кардани шуда, вая розӣ кунонданӣ шуда будам, ин безорӣ ким-чиҳо гуфта гапа лой карду вая аз роҳаш гардонд-дия!

### Гапа надодан

аз касе паст наомадан: — Шаб раисба қоил шудам. Полвон дӯғ зада буд, ки мобайни издиҳом — ба расо боб карда монд-дия... Раис гапаша як касба наметияд.

### Гапа накофтан

гапи гузаштаро ба ёд наовардан: — ҳанӯз занаш кати оштӣ накардааст-мӣ? — Хайр биё, ука гапа накофта, аз дигар хусус гап занем!

### Гапа накушодан

сирри гузашта ва воқеаи рӯйдодаро ифшо накардан: Акнун бисьёр одами хуб шудед-куя, вақтҳои нӯшида

гаштанатон ҳам ёдатонба ҳаст-мӣ? — Боз гапа накушоед-дия, шутур дидӣ? — Не!

**Гапа нахўрдан**

ба дўғу валвала ва худситоии касе сар хам накардан ва ҷавоби қатъӣ додан: Э, укаатон хеле дуруст будааст. Бегоҳ Шарифхўҷа вайба нигоҳ карда пасту баланд гап зада буд, ки як гапашба дахто ҷавоб гардонда вая лаблабу барин суп-сурх кунонда монд.— Вай бача гапи ҳар каса намехўрад.

**Гапа рад кардан**

таклиф ва хоҳишеро рад кардан; гуфтор ва амру хоҳиши касеро қабул накардан: Писаратонба насиҳат кунед, гапи муаллимона рад мекардагӣ шудааст; Агар вай ҷўраат аз фабрика меравем гўяд, розӣ нашаву гапаша рад кун, уко.

**Гапа роҳи чапба бурдан**

ба гап мазмуни акс додан: Ҳайрон ман, ки ҳамин шабурўз он иштиҳои аввала нест-дия, ука.— Ҳамин тавр бошад ҳам, як кило биринҷа ошаша мехўред-куя! — Гапа одам гуфтагӣ, роҳи чапба намебарад!

**Гапа тарафи дигарба бурдан**

мазмуни суҳбатро дигар кардан: Хайр, дар хусуси раис гап задан бас аст .Раис омада истодаанд, гапа тарафи дигарба баретон!

**Гапа тунук кардан**

гапро ба ҳар ҷо паҳн кардан: Ман вая одам гуфта сирри дилама гўям, вай беақл гапама ҳар ҷоба тунук карда аст...

**Гапа хондан**

мақсадро ошкоро нагуфтан, фаҳмо гап назадан: «Аз дарсҳоям бисьёр прогул мекунам» гў мон-дия, барои чи ин қадар гапа хонда мезанӣ?

### Гапа худба харида гирифтан

дучори таънаи дигарон шудан: Дар байни одамон барои чи аз ғайбат дахон мекушой? Диди, туя чи хел сурху сафед карданд? Қахрат наояд-ку гапа худатба харида гирифтӣ!

### Гапа хунук кардан

дар айни авҷ ва тафсидани сухан бо ягон сабабу баҳонае сӯҳбатро давом надода мондан ё мамоният расондан: Аз хазору як шаб як киссаи аҷоиб гуфта истода буд-у, шумо омада гапаша хунук кардед мондед!

### Гапа ғӯлабур кардан

гапро мухтасар (хулоса) кардан: Ҳама рӯз мана овора накарда, якбора гапа ғӯлабур карда гӯед, ки корба кабул мекунед, ё не?

### Гапа қаймоқаш баромадан

дар айни сӯҳбат ва гуфтор зоҳир шудани нуктаҳои пурмазмун ва таъсирбахш, дарк намудани моҳияти гап ё сӯҳбат: Акнун гапа қаймоқаш баромада истода буд, ки шумо халал расондед-дия!

### Гапа қайчӣ кардан

миёнҷ гапро буридан: Ман, писарам, одами мӯсафед, вақти гап зада истоданам гапама қайчӣ накун, ки якбора гапама гум карда мемонам!

### Гапа қисса-кӯтоҳ кардан

ниг. гапа ғӯлабур кардан: Гапа қисса-кӯтоҳ кунеду гӯед, ки аз ман чӣ мехохед?

### Гапа якто кардан

**1.** фикри қатъӣ гуфтан: ба қарори қатъӣ омадан: Гапа якто кунед, уко, пагоҳ меоед, ё не? — Албатта, меоям!
**2.** ҳамраъй (ҳамфикр) шудан: Пагоҳ, ки маҷлис меша-

вад, ҳамаатон гапа якто карда баромад кунетон, ки шарманда нашавем!

## Гапа ҳар кӯчаба кашола кардан

1. мавзӯи гапро тағьир додан, аз доираи мақсади асосӣ дур рафтан, гапро мувофиқи ақидаи худ тасаввур кардан: — Полвон, биё шин! — Ман кай боз полвон шудаам, ки мана полвон гуфта мондед? — гапа ба ҳар кӯча кашола кардан нагир, ман аз ростӣ гуфта истодаам!;
2. аз ҳар хусус сухан рондан, бисьёр гап задан, пургӯӣ кардан, суханро кашол додан, гапфурӯшӣ кардан, лаққидан: Хайр, монетон акнун, гапа ҳар кӯчаба кашола накунетон-у аввал яктоаша ҳал карда гирем!

## Гапа чош кати хӯрондан

сухани мувофиқ гуфтан, бомавқеъ гап задан, гапро маъқул кунондан, ба мақсад, матлабе ишора кардан: Гапа бо мулоиматӣ, нағзакак, асосюк карда, чош кати хурон, ки пиримшоҳ бошад ҳам, «не» гуфта натавонад!

## Гапба аралаш шудан

ба гап ҳамроҳ шудан, ба сӯҳбат халал расонидан: Ҳоло ту хурдӣ: ҳар гоҳ калонҳо гап зананд, ту гӯш кун-у, ҳар чапба аралаш нашав!

## Гапба афтондан

ба роҳи худ даровардан, тобеи худ кардан: Чандин бор хостгорҳо раванд, «ман духтари медодагӣ надорам»,— гуфта чавоби рад дода будааст. Охир худам рафта гапба афтондаму сонӣ розӣ шуд-дия!

## Гапба бой будан

нотиқ, сухандон будан: Раҳматӣ Баҳоваддинов ниҳоят гапба бой буданду афсӯс, ки бемаҳал вафот карданд-дия!

### Гапба дармондан

1. дар сӯҳбат, мунозира банд шудан, дар ҷавоби сухане оҷиз мондан: Ту шаб ман-манӣ карда чӣ шудӣ? Ҳамон як бачча савол дода буд, ки гапба дармонда супсурх шудӣ;
2. дар овони нутқ риштаи мантиқии мақсадро канда, андаке таваққуфкунон гап зада натавонистан: Вай худаш ҷудо гапдон буду аз одамҳо шарм дошта саҳл гапба дармонд-дия!

### Гапба даромадан

гуфтор ва розн касеро маъқул донистан ва бо ҳамон роҳ рафтан: Қандаша занад, писаратон, ба гапи муаллимон даромада ба хондан рафту «ҳа» нагуфта соҳиби маълумоти олӣ шуда омад.

### Гапба дигар хел ҷома пӯшондан

ба гап обу ранг додан: Ин кулӯлачаатон ҳам бало будааст. Раиса ғайбат карда шишта буд, ки якбора худи раис даромада омаданд. Ҳамон замон гапашба дигар хел ҷома пӯшонда, Москвая таъриф карданба сар кунад, мешавад-мӣ?

### Гапба лағҷидан

хато (ғалат) кардан, ногоҳ гапи ба худ зарарнокеро гуфта мондан: Якбора гапба лағҷид-дия, набошад ҳукм намегирифт.

### Гапба нигоҳ карда кор кардан

вазъиятро ба назар гирифта амал кардан: — Тӯя сар мекунед-мӣ? — Тарафи қудо кати маслиҳат кунем-чӣ вай чӣ мегӯяд. Гапи вайба нигоҳ карда кор мекунем-дия!

### Гапба паридан

фирефта шудан: Гапи амакатба парида, бечора хоҳари бегуноҳата озор додӣ, имрӯзашба омада пушаймон шудӣ?!

### Гарди мадрасая хӯрдагӣ

дар мадраса хонда, соҳиби маълумот шудагӣ: Дар вақташ гарди мадрасая хӯрдагӣ бошад ҳам, боз ҳамин кори бадаша давом медиҳад-а!

### Гарди чизе расидан

аз чизи бисьёр ба касе саҳми ниҳоят кам расидан: Гӯсфандаша чорсад сӯмба фурӯхта додӣ-ю ду сӯм гирифтӣ, халос! — Моба гардаш расад бас!

### Гардан нафаровардан

итоат накардан, розӣ нашудан, таслим нашудан: Вай одами гарданғафс. То худи раис нагӯянд, ба ин кор гардан намефарорад.

### Гардана ғоз барин дароз кардан

ба мавриду бемаврид ба ҳар ҷо рафтан ва баҳри манфиати худ он ҷо ҳозир шудан, барои ба даст даровардани чизе кӯшиш намудан: Эшони сӯфӣ, синну солатон ҳам ба як ҷо расид, мӯсафед шудед, гарданатона ғоз барин дароз карда, ҳар ҷо рафтан мегиред-мӣ?

### Гарданба завлӣ (ресмон) андохтан

касеро ба иҷрои коре маҷбур сохтан, ба ҳоли худ намондан: Барои чи ту тӯй мекардию акаат намеомадаast? Гарданашба завлӣ андохта кашола карда мебиёрам.

### Гарданба овезон шудан

тамаъ кардан, ба мадади касе умед бастан, ба касе бори гарон шудан: Ман аз шумо хӯрдаю бурда не, ки ба ман ин қадар калонигарӣ кунед. Ё «ёрдам расонед»,— гуфта, ягон бор гарданатонба овезон шуда будам-мӣ?

### Гардани баста кати кор кардан

берун аз хоҳишу рағбат кор кардан, ба чизе майл надоштан: — Ибодулло ҳамроҳи ту кор кард-мӣ? — Кор

намекардагӣ буд-у, баъд аз гапи шумо бо гардани баста кор кард-дия!

### Гардиши фалак кати

бо мурури замон, бо ягон сабабу баҳонаи зиндагӣ: — А, боз Қӯрғонтеппаи моба? — Ҳа, гардиши фалак кати як омадем-дия!

### Гардону печон кардан

**1.** тафтишу пурсиши ҷиддӣ бурдан аз болои кори касе: Суд ҳам бало будааст. Сахт гардону печон карда, охир гуноҳашба иқрор кунонд-дия!
**2.** вайрон шудани ҳаво: — Ҳаво сахт гардону печон карда истодааст. Илоҳим жола-пола набора-дия!

### Гармӣ гирифтан

тағьир ёфтани миҷоз: Ба рӯят ҳар хел доначаҳои сурх пайдо шудааст. Ба хаёлам туя гармӣ гирифтагӣ.

### Гармӣ гузарондан

бо чизе гарм кардани ҷои дарду озор: — Ҳамин шабя дароз дандонам дард карда баромад. Духтур равамми? — Канӣ, уҳҳу!... Газак гирифтааст, хеч гап нест, камтарак гармӣ гузарондан даркор...

### Гармию хунукии дунъёя аз сар гузарондагӣ

сахтию мулоимӣ, неку бади оламро бисьёр дидагӣ, соҳибтаҷриба: — Ба ин кор рафта аз Бобо Собир маслиҳат пурс, он кас гармию хунукии дунъёя аз сар гузарондагӣ мӯсафед.

### Гирдобба намондан

дучори ягон ғаму мусибат ё фалокате нашудан: Пои инам кашида, ҷавобгар мекардагӣ буданд. Ҳар чӣ, ки ҳақиқат шуда, гирдобба намонду бегуноҳ шуда баромад.

### Гирдугӯӣ карда гирифтан

касеро аз беҳудагардиҳо, кӯчагардӣ, оворагардӣ ва аз рафтору кирдорҳои нохуш бoздоштан, саранҷом ва сариштa кардан: — Беҳудагиҳои писаратон ҳамая безор кардааст. Падар бошед, гирдугуӣ карда гиредия!...

### Гиребон гирифтан

**1.** ба ҳайрат ва тааҷҷуб мондан: Душанбе ин қадар обод шудааст, ки тамошо карда истода гиребонама гирифта мондаам!..
**2.** аз чизе ва касе ҳазар кардан: — Вай касала бин-а, тавбаю алҳазар-е! Гиребон гирифта мондаам-а!

### Гиребон чок шудан

муздариб, аламнок, пургаму андӯҳ шудан: Хайр, умракаш кӯтоҳ будааст, чи илоҷ? Гиребон чок шудан кати зинда нашавад, шукр кунед, келинҷон!

### Гиреду нагиронед

бахтатон тобад, манфиат бинед, зарар осебе набинед: Хайр, писарам, ба Москва рафта истода бошед, илоҳим гиреду нагиронед!

### Гов барин хӯрдан

баднафс будан, пурхӯрӣ кардан: «Ин ҷо дигарҳо шиштаанд»,— гуфта шарм ҳам намедораду ҳар як чизи назди меҳмонхоба мондагия гов барин хӯрдан мегирад.

### Гов барин шинухез кардан

рафтори берун аз одоб содир намудан: — Бегоҳ аз меҳмонҳо бисьёр шарм доштам, гов барин шинухез кардию нагуфтӣ, ки ин ҷо меҳмонҳо ҳастанд.

### Гов зоидан

бурд кардан, бахт омад кардан: — Қанӣ шодиёная бароред!
— Тинҷӣ-мӣ? Якбора шодиёна?

— Э, нашунидед-мӣ? Укотон аз заём ҳазор сӯм бурд кард.
— Ҳай-ҳай, говаш зоид гӯед-чӣ!

### Гов мурад ҳам, алочии чашмаш намеравад

тағьир наёфтани ҳолат ва афъоли касе: Эшона худашон мурда истодаанду омадагӣ одама дасташба нигоҳ мекунад-а, гов мурад ҳам, алочии чашмаш намерафтааст-дия-е!...

### Гов — қассоби дари хона

киноя аз мӯҳточи гӯшту равған набудани хонаи говдор: Фарзандонат бисьёр, пагоҳ бозор баромада якто гови ҷӯшони нағз хар. «Гов — қассоби дари хона»,— гуфтаанд.

### Гови бешир будан

беҳосил, ноӯҳдабаро, ландаҳур: Як рӯзи дароз кор карда, як пушта тока аз каландӣ набаровардӣ-мӣ? Акнун донам, гови бешир будию халос!

### Гови бешох барин

бекор, коргурез, бетартиб, ландаҳур: — Шаб намегӯӣ, рӯз намегӯию гови бешох барин мегардӣ. Машғули ягон кор шавӣ намешавад-мӣ!

### Гова фурӯхта гӯсолааша талаб кардан

ичора гирифтан, фоидахӯрӣ кардан: Ана ҳамин боғу чорбоғ аз они эшони Ҳакимхӯча буд. Замин хабар набарад, эшони ичорахӯр буд. Гова мефурӯхту гӯсолааша талаб мекард...

### Гоҳ аз пиру гоҳ аз мурид

гоҳ аз калон, гоҳ аз хурд, ҳар кор дар ҷои худ: — Канӣ, акнун каланда ба ман диҳед, писарам, ман ҳам якду ҷӯяка зада бароям!

— Не-е, қойда одами мӯйсафед?...
— Не, нагӯед, «гоҳ аз пиру гоҳ аз мурид»,— гуфтаанд.

### Гоҷи пухта

ба сурат нодону ба сират доно будан: — Писари Ҳакимхӯчая «як бачаи лабашба кулӯх молида мегаштагин ҳеч чиза намефаҳмидагӣ»,— гуфта гумон кунам, бало будас-у! — Гоҷи пухта гуфта ҳамин хел одамҳоя мегӯянд-дия, назарба назарногиру аммо таги заминба мор чунбад, медонад...

### Гоҷалакона гап задан

бемаъни, бемантиқ гап задан: Пахтая ҳамин давра чинем, тамом мешудагист? — Ин қадар гоҷалакона гап назан, уко, се бор чиндан кати пахта тамом мешавадмӣ?

### Гузари почакдарозонба рафтан

вафот (фавт) кардан: Боботон ин вақтҳо наменамоянд? — Гузари почакдарозонба рафтагиашонба аз як сол зиёд шуд-у!

### Гул бехор намешавад

ҳар чиз норасоӣ дорад: — Аз байни писарчаҳоятон хурдӣ анча шӯх будааст-а? — Чӣ илоч, ако, гул ҳам бехор намешавад-ку!

### Гул буридан

шод (мамнун, хурсанд) шудан: Плани солонаата барзиёд ичро кардӣ гуфта шунида гул буридам-дия!

### Гул кардану суд накардан

нашъунамои бефоида будан: — Ин аспат кати ин қадар фахр накун. Аслан ин аспи Мирзо Сиддиқ. Ин туба гул мекунаду, суд не.

### Гули бехор шудан

аз ташвиш халос шудан, аз коре хотирҷамъ шудан: Тӯя гузаронда гули бехор шудем-дия, бародар.

### Гули гандум-пули гандум

қимат шудани нархи гандум дар мавсими гул кардани он: Пештараҳо «Гули гандум-пули гандум» мегуфтанд, албатта ин кори ҳаннотҳо буд. Гандума ба нархи арзон мехариданду вақти гул карданаш бо нархи қимат мефурӯхтанд. Аз рӯи давлатамон гардам, ҳозир ҳама чиза фаровон карда мондааст!

### Гули ошиқи печон

ҷуфти бо ҳам дӯст ва бомеҳру муҳаббат будан: — Чӣ таʼвр писаратон бо арӯсаш нағз-мӣ?
— Шукр, ҳар дуяшон гулаки ошиқи печон!

### Гули сари сабад будан

ба ҳама азизу мӯътабар будан: — Шумо, модарҷон, гули сари сабади ҳамаи мо. Ҳар бор оед мо шод мешавем, гул мебурем.

### Гули хонаяя хӯрдан

беҳтарин хӯроки хонаи касеро хӯрдан: Номи Сангина пеши манба нагир, уко, гули хонама хӯрда калон шуду, охир рӯмба нигоҳ накарда рафт, гӯям бовар кун.

### Гулу маҳ шудан

**1.** офият ёфтан, сиҳат шудан: — Не, ҳозир шукр нағз. Рангу рӯятон даромада гулу маҳ шуда бурафтаед.
**2.** Хурсандона (хушнудона) зиндагӣ кардани зану шавҳар: Шумо аз Душанбе кай омадед, писаратон келин кати чи тур, муросоҳояшон дуруст-мӣ? — Ҳар дуяшон ҳам нағз — гулу маҳ шудагӣ.

### Гумон—куфр

чизеро надида, нафаҳмида гуфтан-гуноҳ аст: Вая «ғайбатчӣ» гуфта гумон кати дузд гирифтанат дуруст не.

Гумон — куфр аст. Авал бину сонӣ дор, ки оқубат пушаймон нашавӣ!

## Гумчӯ будан

дар ҷустуҷӯи касе ва чизе будан: — Э, дар ин бемаҳалии шаб? — Мо гумчӯ, мабодо якто аспи қашқая надидед-мӣ?

## Гуноҳа гирифтан

1. савганд ёд кардан: Гуноҳатона гирам, ки ба писаратон гапи бад задагим не!
2. ба айби худ иқрор шудан: Дуруст, бесабаб аз дарс прогул кардам, гуноҳама гирифтам!

## Гурбаи ба об тар шудагӣ барин шудан

шарманда, хиҷолатманд шудан: Эшонатон аввал хуб даҳонкалонӣ карду гап кати боб карда монданатон баъд, гурбаи ба об тар шудагӣ барин ҷим шуда монда!

## Гурга дидагӣ

пешрафт кардани кори касе, барор гирифтани кори касе: — А, имрӯз якбора чор каса мот кардӣ? Ба хаёлам имрӯз ту гурга дидагӣ!

## Гурга дида омадан

барор ёфтани кор, муваффақият пайдо кардан: — Ҳар рӯз ин шахматбозиба маззатон намешуду имрӯз коратон ҷудо дигарча-ку? То ҳолия чор каса монондид-а. — А? Ин не, вай не, имрӯз ин кас гурга дида омадагӣ.

## Гурдакафид шудан

1. ниҳоят шод (хушҳол) шудан: Бечора модар-дия, писараша дида, қариб гурдакафид шуда буд, гӯям бовар кунед!;
2. тарсидан, музтариб шудан: Дар торикӣ овозата барор-дия, гурдакафид шудам!

## Гуфтан хона ба бозор рост намеояд

мувофиқат накардани чизи гуфташуда: «Пагоҳ ба назди шумо меравам»,— гуфта рафта натавонистам. Ба хона меҳмон омад, банд шуда мондам. Сабил, баъзан гуфтан хона ба бозор рост намеомадааст.

## Гуфтагиатон шавад

дар ҳаққи касе, чизе орзу, умеди нек ва хайрхоҳона орзу намудан, талаб кардан: — Ин писарчаатон оянда-дор. Одами хуб мешаъвад! — Илоҳим, гуфтагиатон шавад!

## Гуфтанба даҳон нарафтан

аз рӯи, эҳтиром ба гуфтани чизе ҷуръат накардан: Он кас одами калон бошанд, «Чаро ҳамин кора кардед?» — гуфтанба даҳонам нарафт.

## Гуфтанба рост наомадан

аз ҳад зиёд, бениҳоят будани чизе: Обанборба ҳамин қадар об ҷамъ шудааст, ки гуфтанба рост намеояд!

## Гушна ба шер задааст

ба ҳар як мушкилиҳо худро задани шахси гурусна: Аз ин хӯрок шукр карда хур, писарам, солҳои мушкили ҷанг «Гушна ба шер задааст»,— гуфтагӣ барин, барои дусад грамм нон шабҳои қаҳратуни зимистона рӯз мекардим.

## Гушнагӣ кардан

дӯғу даранг, таҳдид кардан: — Ман аз ту сари тарс надорам. Чашмоната песонда, ин қадар гӯшнагӣ накун!

## Гӯгирда занӣ дар намегирифт

киноя аз бечизӣ, бебазоатӣ: Дар замонҳои пеш гӯгирдро занӣ, мо барин камбағалҳо дар намегирифт. Шукр, ҳозир арзонӣ, амонӣ, фаровонӣ — ҳама доруламон!

### Гӯз кати дутор задан

таманно, худписанд, ҳавобаландӣ кардан: Гашти ина бин, одама одам барин надониста, гӯзаш кати дутор мезанад-а, тавба!

### Гӯз кати чанг кардан

инчиқ, асабӣ, тундмиҷоз будан: Ту аз гапи вай хафа нашав, аз вай ягон кас гапи дуруст намешунавад: вай ҳамин хел одам ки ҷош ояд гӯзи худаш кати чанг мекунад!

### Гӯзам гулинор

лаққӣ, ҳавобаланд: — Ин одам ин қадар димоғбаландӣ карда ҳар чӣ-ҳар чӣ мегӯяд?
— Э, вая мондан гир, як одаме, ки гӯзам гулинор бошад...

### Гӯзкалон будан

мутакаббир, худситой, ҳавобаланд будан: Салом тиям, алек нагирифта нӯлата осмонба баланд карда мегузарӣ! Ту худат кӣ? Ту як одами гӯзкалон будию ман нафаҳмидаам, ту баринҳоя як пули пуччакба ҳам намегирам, фаҳмида мон!

### Гӯр ба ки...

хайрият, нағз шуд, ки: Ман аз ту бисьёр хавотир будам, гӯр ба ки омада мондӣ...

### Гӯр шавад

ба таърифу тавсиф наарзидан, нест (барбод) шавад: Табиби гӯр шавад, ҳамун бахшишон! Қай медонад, ки дору чию касал чӣ?!

### Гӯр ҷудо, гӯрхона ҷудо

ҳар кас дар ҷою манзили худ бошад: Хайр мон, хонашба шиштан гирад-дия, хоҳиши омадан, ки надошта

бошад, ба хонаат таклиф кардан мегирй-мй? «Гӯр чудо, гӯрхона чудо» — гуфтаанд.

### Гӯру кафан наёфтан

хору зор шудан, ба хеҷ чиз қодир ва соҳиб набудан: Пеш вақтҳо одамҳои камбағал гӯру кафан наёфта, ҳасрат кати мурда мерафтанд. Ҳозир чӣ? Ҳама серу пур, як кас хаёл намекунад, ки нагоҳ чӣ мехӯрам...

### Гӯрков будан

ҳар як чойро кофтуков кардан, аз назар гузарондан: вай укаат гӯрков будааст гӯям мешавад, чорта қанда пушти косаҳоба руст карда монда будам, ҳамуна ҳам ёфта хӯрдааст.

### Гӯсола каҳдона холӣ кунад, бача нондона

танҳо нон хӯрдан ва ба чизи дигар парвое надоштани бача: — Нона, ки мехӯрӣ, писарам, нонреза накун, ки убол, фаҳмидӣ? — Ин бача бошад, духтарам, нондона холӣ кардана медонад-у кай парво дорад, ки мардум барои якто нон чӣ қадар меҳнат мекунад. «Гӯсола каҳдона холӣ кунад, бача нондона» гуфтаанд.

### Гусолаи нағз ду очая макидааст

каси хуб, баодоб ва хушгуфтор, маҳбуби ҳама ва бонасиба аст: Барои чӣ вая ҳама назди худба чеғ мезанад ва даҳонангиаша вайба доданӣ мешавад? — Худаш одами нағз, «гӯсолаи нағз, ду очая мемакад», — гуфтаанд.

### Гӯсолая куштан

хароҷотро ҳисобӣ кардан: Қанӣ, уко, зудтар гӯсолаата куш, қани ош чанд пулӣ меафтад?

### Гӯсолачашм будан

бефаҳму фаросот будан: — Ин тӯрабачаатон хуш дорад-мӣ? Батинкаи лойолуд кати пешгоҳи хонаба гу-

зарад мешавад-мӣ? — Ин як бачаи гӯсолачашми беақл бошад, аз кучои ин гила мекунед?

### Гусолачони амма

беақл, нодон, бефаҳм: — Тӯрамулло омаданд-мӣ? — кадом Тӯрамулло? — Охир, эшони Баходурхона мегӯм!
— Э, гӯсолачони аммая гӯед.

### Гӯсфанд барин

қобил, ором, хоксор, фурӯтан: Умраш дароз шавад, ҳамин писарчаатон бисьёр бааҡли қобил-дия!
— Рост, гӯсфанд барин...

### Гӯсфанд ҳазорба расидан

1. сархуш (маст) шудан: Аз шабангӣ гапи ман хафа нашавед, ако, рости гап, маст шуда, гусфандам ҳазорба расида буд!..
2. дар ҳолати шодмонию хурсандӣ будан: Имрӯз Одилчон ин қадар хурсанд, гӯсфандаш ҳазорба расида-чӣ? — Кораш калон, занаш писар зоид...

### Гӯсфандмичоз будан

қобил, нарм ва хушахлоқ будан: Одамизод-гӯсфандмичоз будааст-дия як кас, ки як чизба харидор шуд, ҳама баробар ҳамон чизба мечаспад!

### Гӯш ба даҳони шумо

ба шунидани гапи шумо омода ҳастам: Гӯшам ба даҳони шумо, гап занед!

### Гӯш ба қомат омадан

аз магалу гавго зиқ ва дилгир шудан: Ин қадар доду вой мекунетон-е, гӯшам ба қомат омадку-е!

7 – 1426

### Гӯш бод бурдан

хабареро шунидан, дарак ёфтан: Э, омадед-мӣ, хуш омадед! Се рӯз пеш «меоянд» — гуфта гӯшам бод бурда буд.

### Гӯш девори қиёмат будан

кар будан, ҳеҷ чизро нашунидан: Ин қадар ба вай дод гуфта гап мезанӣ? Си сол дод гӯй ҳам намешунавад, гӯшаш девори қиёмат будааст.

### Гӯш тафсидан

гуё сифат ё ғайбат кардани касе: Шаб боз гӯшам тасфида истодааст, хуб ғайбат кардетон-мӣ?

### Гӯш чеғ задан

1. дил ба хабари нохуше гувоҳӣ додан: Пагоҳирӯзӣ чанд бор гӯшам чеғ зад. Илоҳим, охираш ба хайр шавад, ким аз дунъё кадом бандан мӯъмин мерад-мӣ?
2. ниҳоят гурусна будан: ҳамин рӯзаш кати корба овора шуда, намаки худоя ҳам чашидагем не. Гӯшам чеғ зада бурафта истодааст.
3. беҳол ва бемадор будан: Уко, мана ин қадар мӯл габба нагирид, худам аз касалӣ нав хестагӣ, гӯшҳоям чеғ зада истодааст.

### Гӯш ҷунбидан

табъи дил будан, шикамсерӣ хӯрдан: Мулло Обидҷон,— уко, гӯшта калон-калон реза кунед, ки гӯшҳо ҷунбаддия!

### Гӯш ҷӯр будан

ба шунидан омодаву тайёр будан: Вай одати аҷоиб дошт: Ҳар кас, ки гап занад, гӯши вай ҷӯр буд.

### Гӯша газида мондан

ғаҳворабахш (номзад) карда мондан: Ба ин «хостгорҳо ҷавоби «не» доданаш ҷо доштааст: — Дар вақташ «ин духтари шумо арӯси ояндан ман»,— гуфта зани акош гӯшаша газида монда будааст...

### Гӯша кар кардан

худро ба нодонӣ, нашунавой вонамуд кардан: Ин бисьёр одами лаккӣ, ҳар чӣ гӯяд гӯшатона кар карда гузашта рафтан мегиред!

### Гӯша кашида мондан

касеро аз амали бад огоҳонидан, танбеҳ додан: — Амак, писарчаатон дар вақти дарс бисьёр гап мезанаду шӯхӣ мекунад. Ба хона равад, гӯшаша кашида монед!

### Гӯша начунбонда омадан

бо ризояти том ва бе ҳеҷ эътироз ба чое омадан ё рафтан, хомӯш будан, сухане нагуфтан: Шумо тӯйба хабар кунед, мо ҳам гӯшамоя начунбонда меоем!

### Гӯша тагба мондан

фавтидан, вафот кардан: Бечораи Қӯзи Бобочон ҳам гӯшаш тагба мондааст-дия!

### Гӯшам ба шумо

ниг. гӯшам ба даҳони шумо: Гап задан гиред, гӯшам ба шумо

### Гӯши харба нақора задагӣ барин будан

чизеро ба каси нофаҳм зӯр зада исбот намудан, барабас рафтани панду насиҳат: Худи вай он қадар бачаи хуб не: ба вай насиҳат кардан гӯши харба нақора задагӣ барин гап!

### Гӯшба овози булбул нафоридан

1. зиқтабиат, нохуш будан: Ин қадар мағал накунетон, писарам, худам аз дарс монда шуда омадам, гӯшамба овози булбул намефорад!
2. бемор ва ноором будан: Бисьёр доду бедод накунетон, модаратона тобаш не, гӯшашба овози булбул намефорад....

## Гӯшба пахта тиққонда мондан

худро ба нодонӣ задан, суханеро шунидан нахостан ё шунида худро ба нофаҳмӣ гирифтан: Дар вақташ ҳамин кора накунед гуфта будам, кардед. Акнун имрӯзашба омада барои чӣ ҳамин кора кардед, охир?—гуфта пурсам гӯшатонба пахта тиққонда мондагӣ барин ҷим мешинед?!

## Гӯшба форидан

маъқул шудан, мувофиқи табъ будан, хуш омадан: Сурудхонии Барно Исҳоқова расо гӯшба мефорад-дия!

## Гӯшба чен карда нон додан

чизҳои хӯрданиро мувофиқи талаб надодан, кам додан: Гӯр баъзе модари ӯгай шавад, ҳатто нона гӯшашба чен карда медод-дия!

## Гӯшакӣ гап задан

оҳиста ба гӯши касе гап задан: Дар назди меҳмонҳо гӯшакӣ гап назанетон, айб аст!

## Гӯшкашида будан

аз гапу кор, аз таҷрибаҳои ҳаёт бохабар будан: Аз вай гапатона руст накарда гап задан, гиред, худаш каси гӯшкашида будагӣ, хавотир нашавед!

## Гӯшт гирифтан

шод ва фараҳманд шудан: —Ҳар бор оед, ман гӯшт мегирам. Зуд-зуд омада истед намешавад-мӣ?

## Гӯшт бе устухон намешавад

ҳар чиз бе норасоӣ намешавад: Хайр, ин кори хаттӣ якто хато доштаасту халос: «Гӯшт бе устухон намешавад», зарар надорад!

## Гӯшт гурехтан

харобу лоғар шудан: Касал шуданашон боз анча гӯшташон гурехта мондааст-а?

## Гӯшт даридан

аз ҷо беҷо шудани узви бадан, сахт зарб хӯрдан, озор ёфтан: Амак, ина бенид, почикам бутун варам карда бурафтаст.— Қанӣ? Ҳа, ҳа шуд. Гӯшташ сал даридас, зиён надорад

## Гӯшти бадан газ-газ хестан

дар ғазаб омадан, хашмгин шудан: Шабангӣ гапашба қаҳрам омада гӯшти баданам газ-газ хесту боз кучохоя андеша кардам-дия!

## Гӯшти бадани якдигарро хӯрдан

бо ҳам дар ҷангу ҷидол, дар шӯру ғавғо шудан: — Охир ин ду маста аз ҳам ҷудо карда монетон, намешавад-мӣ, якдигарнш катӣ занозанӣ карда истодааст. Хуб мешавад, мон гӯшти бадани якдигариша хурад!

## Гӯшти бадана канда-канда гирифтан

касеро азоб додан, ба зери шиканҷа гирифтан: Ба ман нигоҳ кун, бача, боз як бори дигар бачаҳо кати ҷанг кунӣ, гӯшти баданата канда-канда мегирам!

## Гӯшти бадана хӯрдан

хавотир, пооровт ва мушаввашхотир шудан: Э, омадӣ-мӣ, писарам, чаро ин қадар дер мондӣ? То омадани ту гӯшти баданама хӯрдам-а!

## Гӯшти одамхӯрӣ кардан

ба вуқӯъ пайвастани ҷангу низоъ ва мухолифати байни ҳамдигарии гурӯҳи одамон: Иликтирикате барвақтар дар гирон писараму шукур кун. Пеш давраҳо кам-

бағалҳо шамъба ҳам зор будан. Ягон бои савдогар чу-ту шуда, як-ду бўчка (бочка) карасин биёрад, одамҳо гўшти одамхўрӣ мекарданд, донистӣ-мӣ, баччам!

# Д

### Давлат бардоштан

ба сарвату дороии худ мағрур (ғарра) шудан, дигаронро назару писанд накардан: Баҳриддина бин, соҳиби се-чор сўм шудан инчониб давлат бардошта, саломи касба алек намегирифтагӣ шуда мондааст-а!

### Давронӣ кардан

бо айшу ишрат умр гузарондан: Магазинчӣ шуда ду рўзакак давронӣ карду дастба афтода ҳабс шуда рафт.

### Дам баровардан

ба сухангўӣ сар кардан, ба гап даромадан: То алҳола ором будӣ, мо ҳайрон шудем. Ана ҳамин хел дамата баровардa шин, ки камтар гўш кунем-дия!

### Дам будан

1. варам (бод) доштани дил: Бечора хўроки нобоб хўрдааст-мӣ, дилаш анча дам буд;
2. хоҳиш надоштан, майл надоштан: Мо хафа намешавем, дилатон дам бошад ба каси дигар мефурўшем!

### Дам гирифтан

1. хомўш будан: Ин қадар бидир-бидир накарда, дамата гире!
2. истироҳат кардан: Аз роҳи дур омадӣ, писарам, камтар дамата гир, сонӣ меравӣ!

## Дам гузарондан

1. дар сурнай ё найнавозӣ бо як нафас ба чанд парда баромада фаромадан ва бо тамкин навохтан: Аз байни навозандаҳо Норӣ сурнайчӣ бомаҳорат буд. Дам гузаронда сурнай кашад, одама об мекард!
2. дар дами марг будан: Аҳволи Бобо Латиф вазнин, дам гузаронда истодаанд, қариб одама ҳам намешиносанд...

## Дам набаровардан

1. сирро пинҳон нигоҳ доштан, ифшо накардан: Ҳамон кора дидӣ? Дамаша набарор, ука!;
2. дами ошро пеш аз вақт накушодан: Оша ҳозиракак дам кардем, дастархони рӯянгиша кушода дамаша набарор!

## Дам овардан

бадбӯй шудан: Ин гӯшт дам овардааст-ку, чӣ кор кунем?

## Дам суст шудан

аз вазъияту ҳолати мағрурӣ паст шудан: Танқид шудан ин ҷониб дамаш анча суст шудагӣ-я?

## Дам ғанимат

сӯҳбат ва ҳар як нафаси умр барои инсон қимат ва нотакрор аст: Куҷо рафта истодаед, шинед камтар сӯҳбат кунем, дам ғанимат.

## Дам ҳушу дам ёд

гоҳ ин тавру гоҳ он тавр, дар як ҳолат набудан: Навакак бозӣ карда гашта буд-у, ҳозир ин қадар ғаш мекунад? — Ина, кӣ мегӯед, амакҷонаш, бача-дия, дам ҳушу дам ёд!

## Дами гарм

хӯроки обдор: — Ош кардӣ-мӣ, занак? Не, камтарак пиёба пухтам. Хайр, як навъ дами гарм тайёр карда боший, мешавад.

## Дами дарун сӯхтан

ниҳонӣ ғам хӯрдан: Бечора модар. Фарзандаш вафот кардан ниҷониб, дами дарун сӯхта пӯсту устухон шуда мондааст...

## Дами омад-омаду, дами рафт-рафт:

нозук будани ҳаёт ва умри одамӣ: Ҳаёти ҳар рӯзая ғанимат дон, писарам, умрба боварӣ нест: «Дами омад-омаду, дами рафт-рафт!»

## Дами пештара намондан

1. қуввау мадор намондан: Қаланда дурусттар занӣ намешавад-мӣ? — Дами пештара, намондагӣ, ако!
2. аз такаббуру калонгарӣ фаромадан, аз вачоҳат ва дабдабаи пештараи худ фаромадан: Аз амал холӣ шудан боз, дами пештараш намондагӣ-я?

## Дама дарунба гирифта шиштан

сухан нагуфтан, хомӯш нишастан, аз гап задан худдорӣ намудан: Бале, писарам, дар назди чорта меҳмони аз худат калон ана ҳамин хел дамата дарунба гирифта шинӣ, ман аз ту розӣ!

## Дамаш баланд

ниг. дамашба шавла пухтан: мана ин хел одамҳои дамаш баландба рӯ ба рӯ накунед, раис, хафа мешавам.

## Дамашба рафта намешавад

мағрур, мутакаббир, худписанд будан: Эҳҳа, калон шудӣ-шудӣ-дия, дамашба рафта намешавад-а!

### Дамба шавла пухтан

мутакаббир, калонгир будан: Дар вақти раис буданаш дамашба шавла мепухт, ҳозир чӣ? Пару болаш рехта мондааст.

### Даму дила гирифтан

ором ва хомӯш шудан: Ин қадар доду бедод карда, безор кардӣ-ку, даму дилата гир-е!

### Дамдузд будан

камгап (хомӯш) будан, гапчинӣ кардан: Бегоҳ қобилак шишта, гапу қори дар ҳамин чо шудагия дар байни мӯйсафедон пахн кардӣ? Ту хэм дамдузди бемаза будӣ!

### Дамхур набудан

тарс надоштан, хавфе надоштан: Ман аз ту дамхур не, рафта занатба дӯғ зан!

### Дандон доштан

соҳиб доштани чизе, арзиш доштани чизе: Ин харбузаи нағз аз они кӣ, кушем майлаш-мӣ? Астатар, ин дандон дорад, ако!

### Дандон зира кардан

ба сари касе қаҳр ва ғаҳл кардан, никор ситонданӣ шудан: Ба ман нигоҳ кун! Ман аз ту сари тарс надорам, ки дандоната зира карда, чашм ало кунӣ!

### Дандони нонхӯрӣ баровардан

ба роҳи дуздӣ, хиёнаткорӣ, ришвахӯрӣ даромадан: Инатон калон шуда дандони нонхӯрӣ баровардааст-мӣ, шаб аз Одил сад сӯм талаб кардааст!

## Дандони пӯлодин даркор

соҳибиқтидор, тавоно, имкониятдор будан ба истеъмоли чизе: Вай оши кӣ? Қанӣ, зудтар кашида биёр, шикамхо танбӯр навохта истодааст. Астатар, барои вай оша хӯрдан дандони пӯлодин даркор!

## Дандонба зада гирифтан

санҷида, фаҳмида, интихоб карда гирифтан: Ман моли худама таъриф намекунам-куя, хохед, дандонба зада гиред!

## Дандонкобба наарзидан

бе қадру қимат будан, курб надоштан, касе ё чизеро ҳеҷ шумурдан: Дар вақташ меҳнати ба ту кардагиамонба як дандонкобба намеарзид, барои ту акнун «раисҷон» шудем-мӣ, айёр!

## Дандонкобӣ надоштан

чизе надоштан, дорои чизе набудан, камбағалу қашшоқ будан: Дар замони пеш мо — бечораҳо дандонкоб надоштем, мана акнун ба рӯи об баромада, зиндагии фаровон медидагӣ шудем-дия!..

## Дар бехудиҳои худ, худои худа шинохтан

ҳангоми ғарра шудан, худро шинохтан ва аз аҳволу рафтори ношоями хеш бехабар нашудан: «Раис шудам», — гуфта ин қадар азхуд наравед, ако дар бехудиҳои худ худои худа шинос,— гуфтаанд.

## Дар дил ҷо кардан

1. чизеро ҳифз (азхуд) кардан: Офарин ба ту, Одил, қариб ҳамаи шеърҳои устод Турсунзодая дар дилат ҷо карда будӣ-я!;
2. ғаму андӯҳ ва зиқиро дар дил нигоҳ дошта гаштан: Бечорая ду фарзандаш пасу пеш вафот кард, ба болои ин аз шавҳараш ҷудо шуд. Ғаму ғурбата дар дилаш ҷо карда гашта, охир худаш касали якҷоя шуда монддия!..

**Дар зиндагӣ хурмои тар,**
**баъди мурдан саночи зар**

қадри дӯстро дар зиндагӣ донистан беҳтар аст: Дар вақти зинда будани модараш якбор омада хабар нагирифт! Баъди вафоташ акнун омада, доду бедод карданаш чӣ нафъ дорад? Беҳуда нагуфтаанд, ки «дар зиндагӣ хурмои тар, баъди мурдан саночи зар!»

**Дар хоб будан**

дар ғафлат мондан, аз чизе, коре хабар надоштан: Ба ман он қадар дӯсти наздик шуда гуфт, ки вая укаи худам барин дӯст медоштам. Баъд фаҳмам, аз ман сир мегирифтаасту ман дар хоб будаам.

**Дар хоби шаб ҳам ёфта**
**натавонистан**

нодир ва ноёфт будани чизе ё касе: Падару модарата чун гавҳараки чашм нигоҳ дор ва хизматашона бо дилу ҷон ба ҷо оварда, онҳоя хурсанд кун, ки баъд аз вафоташон хоки пояшона дар хоби шабат ҳам ёфта наметавонӣ!

**Дар як ҷо истода мондан**

пеш нарафтан, пешравӣ ҳосил накардан: Танбалию коҳилӣ чи натиҷаи хубе дорад?, дар як ҷой истода ки монд, кораш ҳам пеш нарафту планаш ҳам иҷро нашуд...

**Дар ҳама ҷо як сангу як тарозу**

аҳвол ва вазъият дар ҳама ҷо як хел: Дар шаҳри мо килои гӯшт ҳафт сӯм!— дар шаҳри мо низ ҳамин нарх!— Бале, дар ҳама ҷо як сангу як тарозу!

**Дар ҳар ҷо нона ёфта тавонистан**

хушьёр, ҷусту ҷолок, меҳнатдӯст, ӯҳдабаро будан: Дар шаҳрҳои мусофирӣ аҳволи писарам чӣ тавр аст? гуфта хавотир нашавед. Писаратон дар ҳар ҷо нонаша ёфта метавонистагӣ ҷавонмард!

**Дар ҷавонӣ тавба кардан нашъаи пайғамбарист**

дар айёми ҷавонӣ даст аз корҳои ношоям кашидан нишонаи амали бузургон аст: Ҳоло ҷавонӣ, панӯш, аз ин роҳи бад баргарду тавба кун: Дар ҷавонӣ тавба кардан нашъаи пайғамбарист!

**Дари равуо мекардагия сахт напӯшидан**

ба шахси наздик гапи сахт нагуфтан, муомилаи бад накардан: Бо қудо ҳамеша муомилаи нек куну гапи сахт нагӯ. «Дари равуо мекардагита сахт напӯш» гуфтаанд.

**Дара кушодан**

1. омода будан ба истиқболи касе, меҳмоннавоз (меҳмондӯст) будан: Ако Эшон — одамдӯст; кӣ оянд, дари он кас, рӯи вайба қушодагӣ;
2. хостгорӣ кардан: Ҳамин солҳо писарбача калон шуда мондааст. Дари ягон бандаи мӯъмина кушоем, гуфта истодаем.

**Дара сахт назадан**

бадӣ накардан: «Одам мешавам»-гӯй, дари як касз сахт назан, як умр бадӣ ҳам намебинӣ.

**Дараша бод кушода, бод мепӯшад**

одами осудаҳол, тинҷ: Гапи мана мегирам гӯйид, духтаратона писари ҳамуиба тид, ако, вая дараша бод кушода, бод мепӯшад, ҳамин қадар худашба тинҷ.

**Дар мондан**

1. мӯҳтоҷ шудан: сад сӯмба дар мондам, ако, бошад, қарз дода метстодед;
2. чизеро тасодуфан надонистан: Се масъалая ҳал кардам, дар чорумаш дар мондам-дия;

3. банд шудан, нагузаштан: Обмўриатон хурд будаast-мӣ намедонам, якто ғулаи калона об оварда, ҳамон ҷоба дар мондааст.

### Дару девор кандан

барои коре ба хонаи касе пай дар пай омаду рафт кардан: Падар чор рӯз боз наберaатонба хостгорҳо омада, дару девора канда истодаанд, чӣ гуфта ҷавоб тиям?

### Дару деворба нагунчидан

1. шод шудан: Фарзандаш омадан ин ҷониб бечора модараш он қадар хурсанд, ки кас гумон мекунад, ки дару деворба намеғунчад;
2. ниҳоят фарбеҳ шудан: Курорт форидас, ҳамин қадар фарбеҳ шудааст, ки дару деворба намеғунҷад.

### Дарахт бедор шудан

мугча бастани дарахтон, ба гулкунӣ, баргкушой оғоз намудан: Имсол ҳаво гарм омад-дия, дарахтҳо аллакай бедор шудааст!

### Дарахт дар як ҷо месабзад

дар як ҷо кор кардан боиси муваффақият, пешравӣ ва обрӯ мегардад: Писарам, дар кори ҳозираат кор кардан гир, дарахт дар як ҷо месабзад.

### Дарахти гардон реша намегирад

дар ҷое устувор набудан, натиҷаи мусбат надоштан: Ба писаратон фаҳмонед, сабукӣ карда, «ба ин ҷо, ба он ҷо кор мекунам»— нагӯяд. Дарахти гардон реша намегирад!

### Дарахти пӯка кирм хӯрдан

шахси соддадилро фиреб додан, таъзиқ додан:— Вай, ки бечораи соддааст, рӯзи вафоти падараш эшони сӯфӣ даромада, бечорая бо гап ба доми худашон афтон-

да аз ҳад зиёд хароҷот, кунонда наздик ҳазор сўм қарздор кунондаанд.— Дарахти пўка, кирм мехўрад-дия!

### Дарбеҳу ямоқ шудан

эҳтиёҷеро қонеъ кунондан: Ин як сўм идипулӣ додаи бобота кам нагуфта гир, бачам, ба ягон ҷоят дарбеҳу ямоқ шуда мемонад-ку!

### Дарвоза кушода

ба истиқбол намудани меҳмон омодаву тайёр будани касе; меҳмоннавоз будан: Марҳамат, ба хонаи мо ҳам оед! Дарвозаи мо ҳамеша кушода!

### Даргирифта рафтан

**1.** оташин, асабӣ ва бадқаҳр шудан: Як даҳан гапба ин қадар даргирифта нараву, саҳл худата дор, ука; **2.** давлатманд (пулу чиздор) шудан; Аз рўзе, ки аз таҳи дил меҳнат мекардагӣ шуд, давлаташ даргирифта рафта, худашба ҳам тинҷ шуд.

### Дард гирифтан

**1.** вазъи зоиш гирифтани ҳомила: Зани акотона нисфишабӣ дард гирад мешавад-мӣ? Таваллудгоҳба бурдему баъд аз ним соат шер барин як писар таваллуд шуд;
2. авҷ кардани бемории кўҳна: Э, ин бечора касалии кўҳна доштааст-ку якбора дардаш гирифта монд.

### Дард дигар — аҷал дигар

бемор будани касе ҳанўз нишонаи фавт нест: «Нотоб шудам»— гуфта хафа нашавед. Дард дигар, аҷал дигар»,— гуфтаанд;
Шумо «касал шудам»,— гуфта дилатонга ба ҳар тараф набаред. Дард дигар, аҷал дигар.

### Дард доштан

1. беморӣ, касалӣ, нуқс доштан: Ранги ин бечора барои чӣ ҳамеша зард? Бечора дард дорад, дирӯз аз касалхона баромад;
2. мақсаде, матлабе доштан: Э, ин боз чаро омад, «барои тӯй ёрдам кунед»,— мегуфта бошад-мӣ?— Албатта дард дорад, ки боз омада истодааст-дия...

### Дард кам, дарди сар кам

чизи вайрона ва мувофиқи табъ набударо аз худ дур кардан, аз ташвиши чизи вайрона озод шудан; аз баҳри чизи нокуям баромадан, онро дафъ кардан: Мошинатон вайрон бошад, бароред фурӯшед, монед-дия, дард кам, дарди сар кам!; Говатон шохзан бошад, фурӯшеду дафъ кунед монед. Дард кам, дарди сар кам!

### Дарди дил шудан

мақсади худро изҳор намудан: Пул даркор-мӣ? Дарди дилата гӯ мон-дия, кушоду равшан.

### Дарди дила баровардан

1. рози дилро гуфтан, арзи ҳол намудан, асрори худро гуфтан: Ҳамин қадар вақт гапназада, акнун дарди дилата баровардӣ-я?;
2. шоду фараҳманд шудан, дилро сабук кардан: Москвая саёҳат карда, бутун дарди дила бароварда, хурсанд шуда омадам.

### Дардба малҳам шудан

1. мададгор (ёвар) шудан: Ҳудам дасттанҳо будам: калондин тоюба омада ёрдами кардагинатон гӯё дардамба малҳам шуд-дия;
2. ҳочати касеро баровардан: Рӯзгору зиндагӣ-дия, дар вақти зарурӣ сад сӯми додагинатон ба ман малҳам шуд, ако, раҳмат!

**Дарду, ғубори дила баровардан**

аз ғаму андӯҳ фориғ шудан, дилро холӣ кардан: Имшаб акаатон кати сӯҳбат карда, бутун дарду ғубори дила баровардем-дия...

**Дардарак нашудан**

арзише надоштан, қудрате надоштан, баробар шуда натавонистан, ҳеч будан: «Аком зӯр»-гуфта ин қадар калонгӯӣ макун. Як зӯрҳо хаст, ки дар назди вайҳо акот дардарак ҳам намешавад.

**Дарозу кӯтоҳ доштан**

доду гирифт доштан:— Инчо ҳар дуятон чӣ кор карда шиштетон?— Камтарак дарозу кӯтоҳ доштем, ҳамона гап зада шиштем.

**Даромади бедарди миён доштан**

андози муфт бемеҳнатро соҳиб шудан:— Барои чӣ шиками ин рӯз то рӯз калон шуда рафта истодааст?— Чӣ мегӯед, ки мудири база-дия, даромади бисьёри бедарди миён дорад...

**Дарун кон будан**

киноя аз фазилатмандии касе, бисьёр чизро донистан: Ҳамин шаб сӯҳбат карда, чӣ хел одам будани он каса сонӣ фаҳмидам. Аз кучо, ки пурсед, чавобба тайёр. Дарунашон кон будаст!

**Дарун тоза кардан**

даруншавии бемор пеш аз фавтидан: Бечорая аҳволаш бисьёр вазнин, дарун тоза карда истодааст, боз кӣ медонад?

**Даруни дил кати хондан**

чизеро овоз набароварда хондан: Ба инхо халал расонда, ин қадар пардая гулита дарронда мехонӣ, даруни дилат кати хонӣ намешавад-мӣ!

## Даруни дилашба чароғ даргиронӣ ҳам равшан намешавад

1. аз кору амали касе натиҷаи мусбат ҳосил намешавад: Ман аз ин одами гуфтагиатон умед надорам. Одами дилсиёҳи бахилу нотавонбин. Даруни дилашба чароғ даргиронед ҳам, равшан намешудагӣ одам;
2. киноя аз бесамар будани касе: Ҳамин амакатона ба кадом коре, ки фармоям, як бор мувофиқи табъ иҷро карда омадагиашона намедонам-дия! — Рост мегӯед, ина худи ман ҳам мефаҳмам. Дарунашонба чароғ даргиронед ҳам, рӯшноӣ шуданаш гумон...

## Дарундор будан

вазнин, ботамкин будан: Тағотон оромакак шинан, ман ким-чӣ гумон карда будам. Соӣ фаҳмам тамоми гапу дуньёя мефаҳмидаанду худа ором нигоҳ медоштаанд! — Рост, он кас одами дарундор!

## Даруни куртаву эзорба бӯбарак андохтан

касеро нооромм намудан: Як даҳан гап кати гӯё даруни куртаву эзорашба бӯбарак андохта бечорая бесаранҷом кардед мондед-а!

## Даруни чалпакба андохта пеши кучукба партоӣ ҳам, кучук нигоҳ намекунад

киноя аз бадафту баднамо ва бадшакл будан: ҳамона «келин мекунам»,— гуфта чӣ юр мекунед, бибиҷон, бекор ман вая намегирам. Вая «даруни чалпакба андохта пеши кучукба партоӣ ҳам, кучук нигоҳ намекунад»,— мегӯям.

## Даруна хӯрдан

ноором, безобита, хавотир шудан: Куҷо будӣ, писарам, одам гуфтагӣ ҳамин қадар мегардад-мӣ? То ту омадана дурунама хӯрдам!

## Дарьёдил будан

форигбол ва беларво будан ва ба ҳар чиз эътибор надодан, ба кор ва ҳодисае аҳамияти ҷиддӣ надодан: Укаатон як моҳ боз касалу рафта намебинед? Акнун донам дарьёдил будед-дия!

## Даст баланд шудан

1. кори касе пеш рафтан: Укотон корба даромада, дасташ баланд шуд гуфта шунида, бисьёр хурсанд шудем;
2. аз чизе болидан аз болои каси дигар ҳавобаландӣ намудан: Рафиқаш калон шудан ин ҷониб дасти ин ҳам баланд шуд-а!

## Даст бардоштан

1. овоз додан, ризоият изҳор намудан: Ҳар кас «ҳамин кас раис шавад!»— гӯяд даст бардорад;
2. ба касе таҳдид, дӯғу пӯписа намудан: «Одам мешавам!»— гӯй, як каоба даст бардоштана худатба раро набин!

## Даст-даста мешиносад

амонатӣ ё қарзро ба дасти худи шахси додагӣ баргардонидан: Ман ин китоба аз ту нагирифтаам, ки ба ту диҳам. Даст-даста мешиносад, аз акаат гирифта будам, ба худаш медиҳам!

## Даст кати дода, по кати давидан

чизеро ба касе дода, гирифта натавонистан, овора, сарсон шудан: «Ҳафт авранг»-а беҳуда ба рафиқатон дода будиям. Ҳар боре, ки равам «боз ду рӯзи дигар нигоҳ кунед»— гуфта мана овора мекунаду халос. Тавба даст кати тею по кати дав.

## Даст мондан

1. ба коре машғул шудан, саъю кӯшиш намудан: Акнун ҳамая монда, бедонабозиба даст мондӣ-мӣ?;
2. имзо гузоштан: «Ҳамин пула гирифтам! — гуфта мана, ба ин ҷо даст монед, монед!

### Даст нарасидан

1. фурсат, вақт надоштан: Имрӯз кор бисьёр, ако, дастам намерасад, ки ба пеши меҳмонҳоятон равам;
2. бо касе баробар шуда натавонистан: Вай як магазини калона хӯҷаинаш. Барои вай кати баробар шудан дастам намерасад;
3. барои ба орзу расидан имконияту шароит надоштан: Илоҷам чӣ, «келина барвақттар фарозарда гирам»,— мегӯяму сабил, дастам намерасад.

### Даст равғанин будан

хӯрокҳои болаззат пухта тавонистан: Зоҳирҷон, дастатон равғанин-куя, динангӣ оши пухтагитона мурда хурад, зинда мешавад-дия!..

### Дасттанг будан

мумсик, хасис ва дар муомилаи додугирифт сахт будан: Ба рафиқатон қарз дода будам, бисьёр одами дасташ танг будааст: ҳар бор равам «ана-мана» — ғуфта мана фиреб медиҳад!

### Даст холӣ будан

кор надоштан, аз кор фориғ будан, вақту фурсат доштан: Пагоҳ дасти ман холӣ, албатта, ба ҳашар меравам!

### Даст ҳалол кардан

хатна кардан: Дасти ҳамин наберачая ҳам ҳалол мекардем, анча хотирҷамъ мешудем-дия!

### Дасти (касеба) об рехта натавонистан

бо касе баробар шуда натавонистан: Рафики шумо ҳам бисьёр одами нағз-куя аммо дасти Бадиевба об рехта наметавонанд!

### Дасти рост кати хестан

кор омад кардан, хушнуд, бэлидахотир будан: Шодиёна те, бародар, имрӯз аз таърих баҳои «5» гирифтам. Муборак шавад, имрӯз дасти рост кати хеста будйдия!..

### Дасти хушк рафтан

ба чое бе дастовез, бе тӯхфа рафтан: Ба ман нигоҳ кун, писарам, касалбиниба дасти хушк меравй? Айб аст!

### Дасти чапу роста фарқ карда натавонистан

1. Хурдсол, тифлсифат, камақл будан: «Писарама аспакчааш кати задааст», гуфта, аз ҳамин бача хафа мешавй? Ҳоло ин дасти чапу росташа фарқ карда наметавонад-у;
2. неку бади дуньё, пастию баландии ҳаётро фарқ карда натавонистан: Беҳуда, духтарама кӯчонам, гуфта бахшиба набар! Ин бахшиҳот дасти чапу росташа фарқ карда наметавонад!

### Даст ба гулӯ бурдан

аз паси меҳнат умргузор будан: Худи мо як косиби даст ба гулӯ бошем то нисфи шаб шишта чақ-чақ карданба вақт канй?!

### Даст ба рӯй расидан

соҳиби пулу чиз шудан, осудаву орэм шудан: Уко, камтар мухими хайр дорам. Сесад сӯм қарз дода меистодй. Дастам ба рӯям, ки расид, аввал қарзи тӯя метиям.

### Даста оби гарму хунукба назадан

1. ҳавобаланд, мағрур будан, меҳнатро дӯст надоштан: Ачаб хайрон ман, пеш бало барин буд, ин чиянатон, раис шудан инчониб он қадар ҳавобаланд шуда

мондааст, ки дасташа оби гарму хунукба задаиба ҳам, хушаш намеояд-а;
2. беташвиш, бемеҳнат, ором зиндагӣ кардан: Қандаша занад укатон, тобистон муддао меҳнат мекунаду зимистон шавад, дасташа оби гарму хунукба назада, кайф карда мегардад!

### Даста сабук кардан

1. аз ташвиш озод шудан: Ҳамин духтарчая сиҳат-саломат бароварда, даста сабук карда мегирифтем баъд ҳамроҳ ба курорт мерафтем;
2. бори вазнини дар даст бударо ба ҷое гузоштан ва ё ба касе додан: Аввал дастангӣ боратона ба як тараф монда дастатона сабук карда гиред, сони чӣ қадар гапатон бошад, гуфтан гиред!

### Даста қат карда натавонистан

1. ҳомӣ доштан: Амакам раис, дасти мана ҳеҷ кас қат карда наметавонад,— гуфта калонгарӣ накун, уко, конуни давлат ҳаст!;
2. ҷисман зӯру паҳлавон будан: Ягон кас дасти Раҳмоналӣ полвона қат карда наметавонист!

### Дастам ба таги санг мондагӣ не

қобилияти меҳнат доштан, ба касе мӯҳтоҷ набудан: Дастам ба таги санг мондагиаш не, ки ба ягон кас зор шавам. Шукр, ҳар як ҳунар аз дастам меояд!

### Дастат месӯзад

ҷазо мебинӣ: Ба моли давлат даст назан, ки дастат месӯзад, фаҳмидӣ!

### Дастба даровардан

1. соҳиб шудан, ба тасарруфи худ даровардан: Аспашба ҳазор сӯм дода, охир дастба даровардам-дия!
2. касеро дастгир кардан: Гурехтагии лаънатия охир рафта аз Омск дастба даровардем, ако.

### Дастба даромадагӣ, дигар намебарояд

чизи гирифташуда баргардонда намешавад: Китоба Ҷобирба додед-мӣ? Акнун умедатона канед! Чизи дасти вайба даромадагӣ, дигар гашта намебарояд!

### Дастба калон шудан

бо тарбияи касе ба камол расидан: Раҳматӣ бобатон бисьёр одами хуб буданд, ман дасти ҳамон касба калон шудагӣ.

### Дасти дил дидан

қонеъ шудан аз чизе: Аз анҷири боғат медодагӣ бошӣ, бисьёртар те, ки дасту дил бинад-дия!

### Дасту дил нарафтан

ба коре, чизи рағбат, майл, хоҳиш накардан: Ман ба хонаи бародаратон ҳамеша рафтуомад доштам. Ҳамон рӯзе, ки як дахан гапи хунукаша шунидам, дилам ях барин шуда, ба дидан ҳам дасту дилам нарафта монд, уко!

### Дасту панҷа надоштан

нопхдабаро, суст будан: «Оша ҳамин пазад»— мегӯед-мӣ? Ба фикрам, Аҳмадҷон пазад, ин дасту панҷа надорад!

### Даступо бомаза

таббохи бомаҳорат, таомҳои болаззат пухта тавонистан: Аталая ҳамин пазаду дигар хӯрока ҳам ҳамин. Дасту пош бомазза.

### Даступо кардан

ба коре шурӯъ кардан, ҳаракат намудан: Бекор нашинетон, қариб соат ҳам як шуд. Зудтар дасту по карда сабзию пиёза тоза кунетон!

## Дастуро халта шудан

1. бемадор ва беқувват шудан: Аз бисьёр кор кардана дасту пом халта шуд, мон як дам нафасама рост кунам!
2. рӯхафтода шудан: Ман аз ин полвон умеди калон доштам, ҳамин ки афтид, дасту пом халта шуд монд!

## Дастак кардан

асос, сабаб ва баҳона кардан: Касалиата дастак карда, ба тӯй наомаданӣ ҳастӣ-мӣ?!

## Дастархони кушод доштан

меҳмоннавоз, боҳиммат ва сахӣ будан: Ако Эшона мегӯйедмӣ, доимо дастархони кушод доранд, хаёлашон ҳамин, ки доимо меҳмон бошад.

## Даствасеъ будан

дар сарфу хароҷот саховатманд, ҷавонмард будан: Қулотон ҷудо ҳам одами даствасеъ будаанд, аз харҷу хароҷот наметарсидаанд.

## Дастгирӣ кардан

ба касе ёрдам кардан, мадад расондан: Дар вақтҳои нотобиам мана дастгирӣ кардед, як умр фаромӯш намекунам!

## Дасткушод будан

боҳиммат, сахӣ ҷавонмард будан: Аз вай ҳар чӣ пурсед «не,» намегӯяд, бисьёр одами дасткушоди нағз!

## Дасткӯтоҳӣ кашидан

имконият надоштан дар иҷрои коре, танҳоӣ кашидан: «Ҳамон участкая харед»,— гуфтем қабул накардед.— Қамтар дасткӯтоҳӣ кашидем, ука!

### Дасттанҳо будан

ёвар надоштан: Худатон мебаред, боз худатон оварда диҳед, уко, ман одами дасттанҳо бошам, ягон кас нест, ки фиристонам.

### Дасттанҳой кашидан

ниг. дасттанҳо будан: Ҳамин як порча замина шудгор карда, як чиз — ним чиз корам мегӯяму дасттанҳой мекашам, худам аз дастам намеояд.

### Дағалӣ кардан

рафтори номақбул кардан, дуруштӣ, бадмуомилагӣ зоҳир намудан: Ба одами аз худат калон гапҳои бад гуфта, дағалӣ кардан мегирӣ-мӣ, айб аст!

### Даҳон ғӯшба расидан

шод шудан, бисьёр хандидан: Аз гапҳои имшаба чунон завқ карда хандид, ки хаёл кардам даҳонаш ғӯшанба расид-дия!

### Даҳонкобокӣ кардан

сирре ё гаперо ногаҳон гуфта мондан: Гапҳои ҳозир гуфтагимоя даҳонкобокӣ карда, ба ягон чо гуфта намонӣ!..

### Даҳон кушода шуда мондан

ба ҳаяҷон омадан, мутаассир шудан: Ҳамин шаб циркба чунон бозиҳо нишон дод, ки ҳайрон шуда, даҳонам кушода шуда мондаст!

### Даҳон мум кардан

хомӯш будан ва сухан нагуфтан: Шумо ҳам чорта гап занед охир, шунавем ё даҳонатон мум кардагӣ-мӣ?

### Даҳон об кушодан

ба чизе дил моил шудан, ҳосил шудани рефлекси шартӣ: Ох, гелоси овардагиатона дида, даҳонам об кушодаст!

### Даҳон покиза будан

бадгӯ набудан, шахси ширингуфтор, нармгап будан: Мулло Набиҷона ман бисьёрҳо дӯст медоштам, даҳонашон покиза буд, кас аз ин одам ҳаргиз гапи бад намешунавад.

### Даҳон рост кардан

гаперо гуфтанӣ шудан, ба сухан оғоз карданӣ шудан: Ба Шумо ин кор айб, накунед!— гуфтанӣ шуда даҳон рост карда будам, ки шумо гуфта мондед.

### Даҳон шамшер доштан

сухандону суханғӯ, шахси гапаш гузаро будан: Даҳони раҳмати Лутфӣ шамшер дошт, ҳар куҷоба чӣ гӯянд, маъқул мешуд.

### Даҳон ҷунбидан

1. хаёлгузор будан: Аз рӯи ҳунар гардам, оҳангарӣ мекунем-у даҳонамон меҷунбад, набошад...;
2. ба хӯрдани чизе машғул будан:— Ин қадар даҳонат меҷунбад? — Қоқи мирсанҷалӣ хӯрда истодаам!

### Даҳони бамӯҳр

рӯзадор будан: Ҳамин ғӯсфанда дусад сӯмба харидам, писарам, дуруғ намегӯям, даҳони бамӯҳр истодаам, ҳамин пули харидаша тиду гиред.

### Даҳони дӯзахба рафтан

ба ягон ҷои пуртаҳлука рафтан, ба кори хафнок даст задан: Э, қариб мот шуда, даҳани дӯзахбаназдик рафта мондед-ку, ако!

**Даҳони кармона калонтар кушодан**

ба сарфу харочот омода шудан: Баъд аз ду рӯз тӯй. Акнун даҳони кармона калонтар накушоем, намешудагӣ барин!

**Даҳони калонба нигоҳ кардан**

пешхезӣ накардан ва ба гапи калонсолон гӯш кардан: Бегоҳ бисьёр кори бад содир кардӣ писарам, вақте ки амакат гап мезад, миёнаи гапи вая буридӣ. Ин аз рӯи одоб не. Вақте ки калонҳо гап мезананд, ба даҳонашон нигоҳ карда беадабӣ накун!

**Даҳони мардумба афтидан**

гирифтори овозаҳои мардум шудан: Ҳамин кори расвои савдогария накун: даҳани мардумба афтида мондӣ, кадом рӯз як балоба гирифтор мешавӣ!

**Даҳони мардум баста шудан**

пасанда шудани баъзе овозаҳои байни халқ: Писарам, бисьёр кори хуб кардӣ, ки омада аз аҳволи модарат хабар гирифтӣ. Мардум дар ҳакки ту кимчиҳо мегуфтанд, акнун даҳони мардум баста шуд.

**Даҳони мардумба қуфл зада нашудан**

пасанда карда нашудани гапу калочаи мардум: Ин тӯи кардагиатба ҳар кас ҳар чи гӯяд, хафа нашав, уко, даҳони мардумба қуфл зада намешавад!

**Даҳони халтаи гапа кушодан**

бисьёр қисаҳои ачоиб гуфтанд, ки чонҳо ҳузур кард,— Ҳамин шаб маза кардем-дия! — Қанӣ-канӣ? — Мулло Шариф бисьёр қисаҳои ачоиб ғуфтанд, ки чонҳо ҳузур кард.— Бисьёр нағз, даҳони халтаи гапа кушодаанд-дия!

**Даҳона аз пушти сар кушодан**

ба касе танбеҳи сахт, чазо додан: Ба ман нигоҳ кун, боз як бори дигар беодобӣ кунӣ, даҳоната аз пушти сарат мекушоям, ина фаҳмида мон!

## Даҳона нахорондан

касеро ба гуфтани гапе водор нанамудан, ба баҳс ва мунокиша маҷбур сохтан: Хош, барои чӣ ба акои ман забони таъна мерасонӣ? Мастигариҳои худат аз ёдат баромад-мӣ? Акнун бисьёр гап зада даҳанама нахорон-дия!

## Даҳона олондан

1. чизи ночизеро аз касе пурсидан: Якто арра чӣ ки ба ҳамон даҳон олонда истодаед-мӣ?;
2. чизеро аз худ карданӣ шуда осеб дидан: Пора нагирифта мур-кӣ, сесад сӯм чӣ, ки даҳон олонда ҳабс шуда рафтааст!

## Даҳона покиза нигоҳ доштан

сухани бад, ношоям, аз одоб берун нагуфтан: Писарам, дар байни мардум баобрӯ мешаҕам гӯй, доимо даҳаната покиза нигоҳ дор!

## Даҳона пур карда гап задан

калонгӯӣ кардан, мағрурона гап задан: Аввал пилоната ичро кун-у, сонӣ даҳаната пур карда гап зан!

## Даҳона чор кулоч карда гап задан

наандешида гап задан, мағрурӣ кардан: «Гӯштингириба Раҳмоналӣ полвона мезанам»,— гуфта даҳаната чор кулоч карда гап мезанӣ? Ту бариҳоя вай чалпак карда мепартод!

## Даҳона шуштан

аз касе ё чизе умедвор нашудан, ба чизе умед набастан: Дар бозии шоҳмот Амонуллочона ҳаргиз мот карда наметавонеду, даҳонатона шӯед, ако!

## Даҳонатба фаришта андохтагӣ будааст

мӯъҷизаангез будани гапи касе ва дар амал иҷро шудани он: Шодиёна диҳед Бобо Оқил, «писаратон ба наздикӣ сиҳат-саломат хизмати аскария тамом карда мебиёд»,— гуфта будед, даҳанатонба фаришта андохтагӣ будааст, писарча имшаб омад!

## Даҳонба гап наистодан

1. сирро пинҳон нигоҳ дошта натавонистан: Шумоя дӯстам гуфта вай гапа гӯм, аллакай чанд касба овоза кардед? Акнун донам, даҳони шумоба ҳам гап наменстодааст.
2. лаққидан, сергапӣ кардан: Мон-е, даҳони туба ҳам гап намеистодааст-е, пеши ҳамин қадар олимҳоба «даҳонам ҳаст»— гуфта бидир-бидир гап задан мегирӣ-мӣ!

## Даҳонба реча задан

касеро аз гуфтани алфози бад нигоҳ доштан: Ба даҳони укотон реча зада монед, ҳамин вақтҳо ҳамин қадар бадгап шудааст, ки...

## Даҳон кати нафъ расондан

ба воситаи сухан ба касе ёрдам расондан: Як даҳон гапи шумо кати писарча корба даромад. Даҳонатон кати нафъ расондед, кам нашавед!

## Даҳонпояк будан

хабаркаш будан: Пеши Очилба ҳар гапа нагӯ,— вай даҳонпояк будас, аз ту шунидагӣ гапаша ҳар куҷоба рафта хабар метияд.

## Даҳонсӯхта шудан

аз чизе ва коре зарардида будан ва дигар ба кардани он раъй накардан: Дар ҳавои хунук тани курта баромада, чанд бор касал шудам. Дигар намебароям, даҳонсӯхта шудагӣ ман.

## Даҳонхунукӣ кардан

гапи нохуш гуфтан:— Кӣ медонад, аҷаб не, имсол тоҷатон дуруст ҳосил надиҳад.— Даҳонхунукӣ накуне, аз даҳонат шамол барад!

## Дев доштан

бағайрат, устувор будан ва дар коре иқтидор ва тавоноӣ доштан: А, дар як рӯз ҳамин қадар тока қаландӣ карда шудӣ?— Қандата зан-е, дев дорӣ-куя!

## Дев кия занад?— Ғариба

ба сари одам омадани ҳар дарду алам, нобаробарии кор, ғаму андӯҳ: Пеш вактҳо ҳамин ки як ҷоя дузд занад, ба ягон ҷо зарарае шавад, «Дев кия занад?— Ғариба»— гуфтагӣ барин мо бечораҳоя омада медоштанд. Аҷаб замонҳо буд...

## Девонаи ба кори худ ҳушьёр

зоҳиран беақл, нодон, вале ботинан зирак ва ба нафъу зарари худ сарфаҳм мерафтагӣ: Зоҳиран ҳеҷ чиза намефаҳмидагӣ намояд ҳам, дидӣ ба кори савдо чи қадар ҷобуку чаккон. Ин хел касҳоя девонаи ба кори худ ҳушьёр мегӯянд.

## Девор будан

нодон, бефаҳм будани касе: Вай ҳамин қадар гапҳои ношоям гуфту қойда як даҳан ҷавоби дурустакак намедиҳӣ, ки даҳонаша пушад. Акнун донам, девор будӣ-дия!

## Девор чию, вай чӣ

киноя аз каси гаптаъсирнокунанда, якрав: Ҳазор бор «айб аст, қарзи гирифтагиата те!», гӯям ҳам, сараша ҳам карда чим меистад. Девор чию, вай чӣ? Садқаи гап шавад.

### Девори намкаш барин

ҳар як сухани баду ногуворро ба худ нисбат дода дар изтироб мондан: Мо мастии бародарата гӯем, ту барои чӣ девори намкаш барин худатба кашида аз мо хафа шуда истодаӣ?!

### Девора болои касеба афтондан

айбро ба сари касе мондан: Ҳар дуяшон пеши сӯдба нобот карда, охир девора болои айборчии жолхозба афтонданд-дия!

### Девора пешакӣ задан

барои пардапӯш намудани гуноҳе, айбе, пеш аз дигарон гап зада, худро сафед кардан: Гуноҳата гарданатба гиру пеши муаллимба девора пешакӣ зада, худата сафед карданӣ нашав!

### Деги бенамак барин будан

бемаънӣ гап задан одами беақл будан: Аз гапаш фахмидам, ки деги бенамак барин будааст.

### Деги бесарпӯш барин будан

бонӣ, роҳбар, парастор надоштан: Баъд аз вафоти бечора падараш деги бесарпӯш барин монда буд. Раҳмат ба шумо, ки гирифта калон кардед-у, одам шуд...

### Деги сиёҳ чӯшидан

зиндагӣ гузаштан: Шумо чӣ тавр, ако, зиндагиҳо дуруст-мӣ, охир? Бад не, ука, аз пушти каравулӣ деги сиёҳамо чӯшида истодааст, шукр!

### Деги ҳафтчӯшба чӯшида баромадагӣ

доно, айёр, кордон, кордидаву корозмуда будан: «Вая фиреб метиям»,— гуфта бекор овора нашав, вай деги ҳафтчӯшба чӯшида баромадагӣ, даҳто ту баринҳоя лаби дарьёба ташна бурда ташна мебиёрад!

## Дега обба партофтан

хўрок напухтан, тайёр накардан: Имшаба ошатона завқ карда хўрдем-дия Бобо Оқил раҳмат,!— Ҳар шаб биёед, ҷиянам, ошамо тайёр. Пеш замонҳо нобуда будему бисьёр шабҳо дегамоя обба мепартофтем, ҳозир ин тавр не!

## Дегба бошад, кафлезба мебарояд

зоҳир шудани чизя дар асл вуҷуддошта: Дониши аслии писаратон чӣ тавр, дониши дурусташ бошад имтиҳонҳоя нағз месупорад, хавотир нашавед. Дегба бошад, кафлезба мебарояд!

## Дегу табақа ҷудо кардан

рўзгорро ҷудо кардан, ҳаёти мустақилона гузаронидан: Ҳама рўз ғидӣ-ғидӣ карда мегардед-мӣ, дегу табақаша ҷудо кунед, партоед-дия!..

## Дигараш тани ман

боқимондан кореро ба зимма гирифтан: Шумо ҳамин тахтаи поёна каландӣ кунед, дигараш тани ман.

## Дидба гирифтан

ба нишон гирифтан: Андак саросема нашавед, вай оҳуя муддао дидба гирам, сони тир холӣ кунам!

## Дидба нашиштан

ба табъу зеҳи мувофиқ наомадан, маъқул нашудан: Ҳамин одам ҳеҷ дидамба нашишт-дия, ким-чӣ хел одами хавфнок барин!..

## Дида натавонистан

касеро бад дидан, аз касе рашк бурдан: Тўйба вая нагў, вай як одати бад дорад, ки соҳибтўя дида наметавонад!

## Дидадаро будан

қобил, ба иҷрои ҳар як кор омодаву тайёр, мақбули дигарон будан: Ҳамин писарчаи Аҳмадҷон бисьёр бачаи дидадарон нағз будааст, чӣ кор фармоӣ «не»-я намедонад-е!

## Дидам ба

ба тахмини ман, тақрибан: Ин мавиз, дидам ба аз даҳ кило зиёд бошад даркор...

## Дидор қиёматба мондан

касеро ба сабаби фавт дигар ҳеҷ гоҳ надидан ва риштаи умедро кандан: Эҳ, аттанг-е... бечора Меҳрӣ вафот карда бошанд, акнун дидор қиёматба монд гӯед-чӣ!

## Дидор ғанимат

суҳбати дӯст, ҳамнишинӣ ғанимат будан: Ҳар бор оед, чорта чак-чақ карда шинем, дидор ғанимат!

## Дил абгор шудан

аламнок ва ғамзада будан: Фарзандашон вафот карда ин ҷониб хоҳари кампирам бисьёр дил абгор шуда мондагӣ, дилам месӯзад!..

## Дил адо шудан

зикӣ, гапи бад ва муомилаи нохушро тобу тоқат надоштан: ин қадар гую ман карда, бидир-бидир накунетон, ки бардошта наметавонам. Дилам адо шудагӣ!

## Дил аз задан мондан

фавтидан, мурдан: Бечорая дилаш бегоҳ аз задан монда будааст. Ҷаноза имрӯз соати ду.

## Дил аз худ мондан

1. оқибати ногувори кореро аз амалиёти номақбули худ донистан: Монед, омада имтиҳон диҳад: надонад, дилаш аз худаш монад;
2. аз шахси дигар домангир нашудан: Бошаду натиям, айби ман. Монед омада ба чашмаш дида дилаш аз худаш монад.

## Дил ангуштбона барин будан

дилтанг будан ба ҳар як гапу кор зиқ шудан ранҷидан: Аммуи довам дилатон ангуштбона барин будаастдия ба ҳар як майдатарин чиз зиқ шудан мегиред-мӣ? Хайр, бача-дия, шӯхӣ намекунад-мӣ!

## Дил андохтан

касеро пазмон шуда аз асари вай заиф шудан: Модараш ин бачаи хурда монда беҳуда ба Тошканд рафтааст. Кӯдаки бечора дил андохта анча рангаша гиронда мондааст.

## Дил ба даст овардан

касеро наранҷондан, ба дӯстӣ ва муҳаббати касе муваффақ гардидан: Ту фарзанди ман бошӣ, хурду калона хурмат карда, дил ба даст ор!

## Дил ба ҳар кӯча рафтан

ба фикру андешаҳои гуногун рафтан: Бисьёр, ки бемаҳал омадӣ, дилам ба ҳар кӯчаҳо рафт-дия...

## Дил бесаранҷом шудан

1. ноором шудан: Ҳамон чорта зардолуи ғӯрая хӯрдаму дилам анча бесаранҷом шуд;
2. хавотир шудан: Минбаъд ин қадар дер намон. То омаданат дилам бисьёр бесаранҷом шуд...

## Дил беҷо шудан

1. қай карданӣ шудан: Беҳуда ҳамон зардолуи ғӯрая хӯрдам, дилам беҷо шуда истодааст;

2. ба касе ва чизе танаффур кардан: Гӯр афту башараш ҳамон эшони фиребгаратон шавад!— Хамона бинам дилам беҷо шудан мегирад...

### Дил беҳузур шудан

1. аз хӯрдани чизи ношояме дил беҷо шудан ва қай кардан: Аз болои зардолу беҳуда оби хунук нӯшидам. Дилам беҳузур шуда истодааст;
2. аз касе ё чизе танаффур доштан: Маст шуда, чунон ба хоку гил оғӯшта шудааст, ки афту башараша дида дилам беҳузур шуд...

### Дил бозӣ кардан

1. шавқманд шудан: Ҳамон полвон кати гӯштин мегирифтагӣ шуда, дилам бозӣ кардос, маъракаба даром майлаш-мӣ?;
2. ба вуқӯъ пайвастан: Ҳайрон ман, ки дилам бозӣ карда, ҳамин шаби дароз хобам набурд.

### Дил бой додан

нағз дидан, ошиқ шудан: Ин қадар Гуландома бенӣ, бесаранҷом мешавӣ? Росташа гӯй, ту ба ҳамин соҳибҷамол дил бой додагӣ!..

### Дил вайрон шудан

ғамгин, малул, маҳзун шудан: Кампири бечорая фарзандаш мурдан ия ҷониб шабу рӯз нола мекунад. Аҳволаша дида, дилам вайрон мешавад...

### Дил ганда нашавад

хафа нашавед, (изҳори таъзия ба касе, ки аз шахсони наздикаш фавтидааст): Дилатон ганда нашавад, боботон вафот кардаанд. Шунида дилам сӯхт.

### Дил ганда шудан

1. хафа, ғамгин шудан: Пагоҳ ҳар дуямон ба саёҳат наравем, намешудагӣ барин, шишта-шишта худ аз худ дилам ганда мешудагӣ шудаст;

2. ба аҳволи касе афсӯс хӯрдан: Дами пириба доғи фарзандба шулагӣ аҳволи амакатона дида дилам ганда шуд.

### Дил гарм шудан

меҳру муҳаббат пайдо шудан: «Ба рӯи укотон ҳаргиз нигоҳ намекунам!»— гуфта будаму омада гуноҳаша гарданашба гирифта тавба карданашба боз дилам гарм шуда монд.

### Дил гувоҳӣ додан

вуқӯи ягон чизеро пешакӣ эҳсос кардан: Шумо «Девони Бедила» медиҳад гуфта рафтеду дили ман гувоҳӣ дода буд, ки вай намедиҳад. Бекор овора шуда рафтед-дия!
Ҳаво бад, барф меборидагист,— гуфта дилам гувоҳӣ дода буд, ин барфи лаклакия бенид-а!

### Дил гули ҳамешабаҳор

ҳамеша шод ва фархундаҳол будан: Қошки дили ман ҳам дили шумо барин бошад буд. Бинам, як умр даҳанатон хандаба пур, намедонед, ки хафагӣ чӣ? Дилатон гули ҳамешабаҳор!

### Дил дам будан

1. дар дил осори варам будан: Ба ман нигоҳ кун, дил дам будагӣ барин, ба духтур нишон диҳӣ намешавад-мӣ?;
2. ба коре ё чизе рағбат надоштан, майл ва раъй накардан: Ин пальтои нағз, харед намешавад-мӣ? Барои чӣ дилатон дам, хаёл накунед!

### Дил дард кардан

аз касе ранҷидан: Тӯямба худам рафта хабар кардам, наомад. Акнун вая мон, дилам сахт дард кардагӣ.

мунофиқ, разил, дурӯя: Бегоҳ рӯятонба шумоя ҳамин қадар таъриф кард-а? Ҳамин, ки хеста рафтед, забони ғайбат аз шумо кушод. Ин лаънатия дилаш дигару забонаш дигар, аз ин хел одамҳо ҳушьёр шудан лозим.

## Дил додан

нағз дидан, ошиқ шудан: Ҳамин ки духтарак аз инҷо рафтанӣ шуд, бенам, аҳволи бача ҳам вазнин шудан гирифт. Акнун фаҳмам, ҳар дуяшон дил додагӣ будаанд.

## Дил дуздидан

иштибоҳ кардан, ба шубҳа мондан: Як дил кардам, ки шабангӣ гапатона гӯям, боз дигарҳоба гуфта намонад?— гуфта дилам дуздиду нагуфта мондам.

## Дил ёфтан

ба касе унс гирифтан, меҳру муҳаббат ва майли касеро нисбат ба худ афзун намудан:— Бале, ба кор таъин кардӣ кори хуб шудааст. Хурсанд шуд-мӣ?— Хурсанд шуд.— Ана ҳамин хел дил ёфтан кори наҷиб аст, писарам!

## Дил занг задан

зиқ шудан: Аз як ҷоба хоб кардана дилам занг зад, имрӯз оҳиста-оҳиста беруи баромада, камтар ҳавои тоза гирам,— гуфтам.

## Дил зангор бастан

зиқ шудан, гирифт кардани табиат:— Хош, боз ин ҳаракати сафар?— Дилҳо бисьёр зангор бастагӣ. Насиб бошад, ба саёҳати Москва!

## Дил зардоб шудан

ниг. дил зангор бастан: Аз шишта бисьёр китоб хондана дилат зардоб шуд-ку, як дам дам гирӣ намешавад-мӣ.

**Дил зиррас кардан**

хаеф кашидан, тарсидан, вахмидан: Хамин ки миён ба миён шуд, илоҳим наафтад-дия,— гуфта дилам зиррас карда истод.

**Дил канда натавонистан**

дӯст доштан, меҳр бастан ва тоқати ҷудой накардан: Ман аз ҳамин шаҳр асло дил канда рафта наметавонам-дия!; Кайҳо ба ҷои дигар мерафтам-у, аз модарам дил канда натавонистам.

**Дил кардан**

хоҳиш ва рағбат (майл) намудан: Ба тӯй дил кунед мерафтедкуя, беҳафсалагӣ кардед-дия...

**Дил кати гуфтан**

чизеро пинҳонӣ худ ба худ гуфтан: Ин одами дурӯя, «ба рӯям мана таъриф карда истода бошад ҳам», дилаш кати «одами ганда», гуфта, бад мебинад. Ина ман нағз мефаҳмам.

**Дил кати хун хӯрдан**

зиқ шудан, рӯҳан азоб кашидан: То омаданатона дилам кати хун хӯрдам, ки дар роҳ мабодо ягон фалокат рӯй надода бошад?..

**Дил кашидан**

1. ба касе, чизе майлу рағбат доштан: Шумоя дил мекашаду биёед мегӯем-дия;
2. майлу хоҳиш ба чизе доштан: Ҳамин рӯз дил як палавхонтӯра мекашад-дия!..

**Дил кашол шудан**

ба чизе майлу хоҳиш, рағбат пайдо кардан: Барои шумоя дидан дил кашол шуда омадем, бародари азиз!

## Дил кач будан

ба ҳар чиз бо шубҳа нигоҳ кардан, ҳар як гапу корро рост напиндоштан: — Шоҳмота бисьёр нағз мебозед-куя!— Хайр, ин қадар киноя накуйӣ ҳам мешавад! Дилат, ки кач аст, гапа ба ҷӯчаи дигар мебарӣ!..

## Дил ким-кучоҳоба рафтан

бадгумон шудан, ба майна фикру хаёлҳои ноғувор омадан: Ҳамон бегоҳ бо одамҳои маст баромада рафтӣ, дилам кӯчаҳои бадба рафт, ки боз ягон фалокат рӯй надода бошад-гуфта?..
Дилам ким-кучоҳоба рафт, ки «ин ҳам бадмастӣ мекардааст-дия»...

## Дил кушода шудан

1. аз банди зиқӣ раҳоӣ ёфтан: Анча зиқ шуда шишта будам, баъди камтар китоб хонда доданатон андак дилам кушода шуд-е;
2. хурсанд шудан: Шаб тамоман кӯҳба баромада, расо дилам кушода шуд гӯм бовар кунед ако;
3. ҳузуру ҳаловат бурдан; Қимиз чизи хуб-куя, чор пиёлаша нӯшида, расо дило кушода шуд-дия...

## Дил кӯҳ барин шудан

рӯҳбаланд шудан, фахридан, такья намудан: Шумо набуданба ким-чи хел шишта будам, шумо омадеду дилам кӯҳ барин шуд, домулло.

## Дил ларзидан

ҳаросидан, ваҳмидан, тарсидан: Аз ҳамин полвон нафтид гуфта, дили ҳамаамон ларзида истода буд.

## Дил лаппидан

ҳавотирӣ кашидан: Шумо сиҳат-саломат меомада бошед-мӣ,— гуфта дилам лаппида истода буд-дия!..

### Дил мондан

касеро бад дидан, аз касе ранҷидан: Ба падараш беодобӣ карданаш ин ҷониб аз ин бача дилам мондагӣ; Мон, мана дигар вай кати рӯ ба рӯ накун, уко аз вай дилам сахт мондагӣ.

### Дил мурдагӣ

ҳавас, ҳафсала надоштан:— Биёед, Бобо Ҳамдам, ин усула камтар тамошо кунед, охир!— Э, бача, дило мурдагӣ, худат тамошо кардан гир!

### Дил надоштан

гапе, кореро токати бардошт надоштан: Гапҳои хунуки укотона бардоштанба акнун дил надорам. Гӯед ин қадар хунукгапӣ накунад!

### Дил назаргоҳи ҳақ

баъзан пешакӣ огоҳ шудани касе аз коре, чизе: Шаб мебиёед,— гуфта аз дилам гузаронда будам. Ина бинед, ки дил назаргоҳи ҳақ, имрӯз худатон омада мондед.

### Дил наздик будан

касеро дӯст доштан, чун шахси самимӣ пиндоштан: Дилам шумоба наздик буданба омадам, набошад...
1. хӯрдани чизеро нахостан: Дил накашидан. Ҳозир ош хӯрдам, дигар хӯрок хӯрдана дилам намекашад;
2. касе ва сӯҳбати вайро нахостан; Ҳамон бадлафза мон, чег назан. Бо ҳамэн шиштана ҳаргиз дилам намекашад!..

### Дил намондан

бисьёр зиқ будан, аз оқубати дарду алам ба шунидани гапи ногувор токат надоштан: Ин қадар ҷангу ҷанҷол накунетон, баачҳо. Ба ман дил намондагӣ. Токати доду вой надорам!..

### Дил нимта шудан

мутаассиф шудан, ба риққат омадан: Бечора касал хоб кардааст. Рангаш зард, бемадор... Аҳволаша дида ди-лам нимта шуд.

### Дил нозук будан

аз гапу коре зуд мутаассир шудан: Дилатон бисьёр нозук будааст-е, ба як дахон гап хафа мешавед-мӣ?..

### Дил об нахӯрдан

ба иҷрои коре майл зоҳир накардан ва худдорӣ намудан:— Хуб, ки барои харидани соат дил об нахӯрда будааст, вай соати дуздӣ будааст;
— Ба ҳамроҳ рафтан дилам об нахӯрда буд. Ана дидӣ чӣ шуд?..

### Дил об шудан

мутаассир шудан: Аҳволи маъюсонааша дида, дилам об шуда рафт...

### Дил обу адо шудан

музтариб, ғамгин, мутаассиф шудан: Вафот кардани бечорая шунида, бутун дилам обу адо шуд.

### Дил оина шудан

болидани табъ, рӯҳан шоду хурсанд шудан: Боғатон бисьёр ҷои барҳаво будаст. Баъд аз саёҳат кардани он дилам оина шуд.

### Дил оинаи якдигар

ёрони бо ҳам мувофиқ:— Ман, рости гап, шумоя бисьёр дӯст медорам! Ман чӣ? Шумоя боз ҳам зиёдтар дӯст медорам.
— Рост, дил оинаи якдигар.

## Дил оинаи ҷаҳоннамо будан

шод, хурсанд ва фараҳманд будан: Ба омаданат
ие пазмон будам. Омадию дилам оинаи ҷаҳоннамо
д-дия!;
шахси самимӣ, беғараз дилсоф ва бекина будан;
ну адоват надоштан: Вай одами ба як кас бадӣ ме-
рдагӣ, кина доштагӣ не! Вая нағз медонам, ки ди-
ш оинаи ҷаҳоннамо!; Ман шумоя медонам, рафик
диев, дилатон, ки оинаи ҷаҳоннамо аст, ягон кас аз
умо хафагӣ надорад!

## Дил ором шудан

аз ҳолати тез задан ба ҳолати мӯътадил омадани
ил: Навакак дилам бисьёр зада истода буд, аз ҳамин
ру якто хӯрдаму дилам камтар ором шуд-дия!;
хотирҷамъ ва ором шудан: Одам гуфтагӣ то ин бе-
аҳалии шаб намегардад-дия, писарам, моёна бисьёр
вотир кардӣ. Омадию дилам саҳл ором шуд.

## Дил пеши худоба рафтан

иҳоят гурусна будан: Занак! Зудтар хӯроката каши-
а биёр, ки дилам пеши худоба рафт...

## Дил пур набудан

а касе эътимод ва боварӣ надоштан: Аз ин бача ди-
ам пур набуд, боз маст шуда мебиёд...

## Дил раг задан

укӯи вокеаро пешакӣ эҳсос намудан: Шӯхии писар-
атона дида, дилам раг зада рафт, ки мабодо нааф-
ад гуфта. Ана, дидед, якбора афтида рафт...

## Дил рамидан

.. ҳаросидан, тарсидан: Қойда, шаби торикба овоз на-
буровarда меой-мӣ «Ин кӣ будаст?»,— гуфта, дилам
рамид;
2. чизеро дил накашидан, бад дидан: Аз тухм дилам
рамидагӣ, як бор хӯрда, бутун қай карда будам.

## Дил ранчидан

аз касе ҳаракат ва амали ношоям дидан: Маст шуда, баъзе гапҳои аз парда беруи гуфтанаш ин чониб, аз укатон бисьёр дилам ранчидагӣ.

## Дил рафта ба пушт часпидан

ниҳоят тарсидан, музтариб шудан: Барои чӣ ин қадар долу бедод карда омадӣ? Ягон ҳодиса шудаст-мӣ?— гуфта дилам рафта ба пуштам часпида буд-а!

## Дил рафтан

1. беҳуш ва беҳуд шудан: Баъд аз операция як чанд маротиба дилаш рафта, ҳамая тарсонд;
2. ба чизе моил шудани дил, рағбату орзуи чизеро кардан: Шаб шишта-шишта дилам анчирба рафта буд, ки укотон якбора худашон оварда монанд мешавад-мӣ?;
3. ба касалии даруиравӣ дучор шудан: Аз болои зардолу бачагӣ карда об хӯрдааст-мӣ, намедонам, шаб боз дилаш рафта истодааст.

## Дил рехтан

гурусна будан: Дилам рехт-ку, барвақттар чою пbooата биёр!..

## Дил рост будан

самимӣ, покизазамир будан: Дилатон, ки рост аст, ҳар як коратон нағз шудан мегирад.

## Дил сабук шудан

шод шудан, ором шудан: Чанд рӯз ин чониб танҳо бисьёр зиқ шуда будам. Имрӯз бо шумо чақ-чақ карда, дилам анча сабук шуд-дия!..

## Дил санаф будан

гурусна будан: Дилҳо санаф буд, оша чунон базавқ хӯрдем-ки!.

## Дил сиёҳ шудан

арои коре, чизе ғамгин шудан: Барои саёҳат, ки акаш ҳамроҳ набурд, дилаш сиёҳ шуд...

## Дил симоб барин об шудан

амгин, музтариб шудан: Фарзанд-дия, нолаҳои модааша шунида дилам симоб барин об шуд...

## Дил сип-сиёҳ шудан

ғамгин, зиқ, мутаассиф шудан: Нотобии бечора ҳамширaатона шунида, дилам сип-сиёҳ шуд...

## Дил танбӯр навохтан

киноя аз ҳад зиёд гурусна будан: Занак, ягон дами гарм дорӣ-мӣ? Дилҳо расо танбӯр навохта истодааст-ку!..

## Дил тешик шудан

аз ғами ҳаҷру ҷудоӣ дар азоб мондан: Бечорая фарзандаш мурдан ин тараф, дилаш тешик (сӯрох) шуда мондагӣ...

## Дил торик шуда омадан

оғози пайдоиши зиқӣ ва гирифт кардани табиат: То хол аз укаатон дарак не, худ аз худ дилам ҳамин қадар торик шуда омада истодааст-е!

## Дил торс кафидан

бисьёр зиқ шудан, бетоқат шудан: Аз ин майдакории ту дилам торс кафид-ку, бародар!

## Дил хавф бурдан

1. бадгумон шудан: Дилам хавф бурда буд, ки аз болои шумо ҳамин шикоят карда бошад-мӣ,— гуфта;
2. бим кашидан: Торикии бемаҳал омада истода, аз

як сиёҳӣ дилам хавф бурда, лабамба табхол баромадааст:
3. шубҳа кардан: Чаро дилатон хавф мебарад, ҳамроҳаш рафтан гиред!

### Дил хеста мондан

шоду хурсанд будан:
Бечора анча маъюс мегашт, писарбачааш омадан ин ҷониб дилаш анча хеста монд...

### Дил хун шудан

зик шудан, табъ хира шудан: Ин қадар гирьяву нола мекунӣ-е, дилам хун шуд-ку!...

### Дил хунук шудан

касе, чизеро бад дидан: Ҷобира мондан гир, ба падараш чашм ало карданаш ин ҷониб, аз вай тамоман дилам хунук шудагӣ!

### Дил чак-чакон мондан

чизеро дӯст доштан ва аз сабаби каси дигар будани соҳиби он соҳиб ба он, ба афсӯсу дилкашолӣ мондан: Ҳамон пальтоя нағз дида, харидани будаму якбора, ки вай одам гирифта рафт дилам чак-чакон монд...

### Дил ях барин шудан

касе ё чизеро бад дидан, меҳри дил аз ӯ кандан: Ба ману модараш беҳурматӣ кардаву ҷанҷол карданаш ин ҷониб, дилам ях барин шуд.

### Дил ғаш кардан

ногоҳон, бесабаб тамоми ҳастии касеро худ аз худ хафагӣ, зиқӣ, ғаму андӯҳи номаълум фаро гирифтан ва оқубат нохушие содир шудан: Аз пагоҳирӯзӣ ин ҷониб худ аз худ дилам ғаш кардан гирифт. Мана бинед, ки афтида, дастам мешикастааст.

### Дил ғичим кардан

1. ба дарди сахти дил (шикам) гирифтор шудан: Дилатон ғичим карда истода бошад, духтурба равед!;
2. кинояи аз маъқул нашудани гуфтори касе, ришханд ба гуфтори касе: А, вая мот мекунӣ? Э, вое... Диламам ғичим кард-е!

### Дил кошуқ тарошидан

ба коре ҷазман будан, шавқу завқ доштан: Барои саёҳати Москва рафтан дилат кошуқ тарошида истодааст-куя!..

### Дил ҳақба расидан

бисьёр гушна будан: Аввал ин корҳоя монда, хӯрока биёр, дилам ҳақба расид-ку!..

### Дил чиззас кардан

1. ба чизе хоҳиш ва рағбат, пайдо кардан: Модаговаш бисьёр нағзи зоташ покиза будааст, «мехарам»— гуфта дилам чиззас карда монд-дия:
2. ба ҳаяҷон омадан: Дар дуньё одам ҳам ба одам ҳамин қадар монанд мешудааст-у... Пагоҳ рафиқатона дида: «Э, ҷиянам омадааст-ку».—гуфта дилам чиззас карда мондааст...

### Дил ҷӯш задан

рағбат, хоҳиши касе, чизеро доштан: Оҳ, кани ҳамроҳ ба тамошо баред-ку, дили худам ҳам ҷӯш зада истода буд...

### Дили бад кати

1. бо мақсади бад: Ина ин қадар одами нағз нагӯ, омадани ин бебало не, дили бад кати омадагӣ;
2. бадқасд: Бовар кунед, ки ин гапа дили бад кати гуфтагим не...

## Дили вайрон

1. каси бад, самимӣ набудан: Дили ин вайрон, бо вай шину хез накун!;
2. ғамзада, пурятсу алам будан: Фарзандаш вафот кардан ин ҷониб дилаш вайрон, зиқ мегардад. Ба ин бечора ҳаргиз гапи сахт назан!

## Дили дарьё барин

ниг. дарьёдил будан: Аз гапи ту вай хафа намешавад, уко, зиқ нашав, дили вай дарьё барин, ба ин гапҳо парво намекунад.

## Дили касеба шуда

ба хотираи касе шуда: Ман кучоюю ба сайди бедона рафтан кучо! Дили вайба шуда «меравам» гуфтам-дия!

## Дили кашол кати рафтан

аз касе ё чизе ҷудо шуданро нахостан: Дар шаби хурсандии шумо меҳмондагӣ будам-у, азбаски модар нотоб шудаанд, дили кашол кати рафтем-дия!..

## Дили маймун гӯштбирьён кашидан

дархост кардани чизи муносиб набуда:— Як бор ман ҳам раис мешудам... Хобата обба гӯ, дили маймун гӯштбирьён мекашад-а!..

## Дили нохаҳам кати

бераӷбатона, бидуни майлу хоҳиш: Дили нохаҳам кати рӯиҳотири шумоба рафтам-дия, набошад ҳаргиз қаламама зер намекардам.

## Дили нохоҳаму узри бисьёр

ба коре, чизе майл надоштан, аммо барои рӯпӯш намудани ин майл бисьёр сабабҳо гуфтан:— Ман киноба намеравам, сарам бисьёр дард карда истодааст. Аслан

хохиши рафтан надорам гӯ. Дили нохоҳаму узри бисьёр.

### Дили пур кати омадан

1. ба касе боварӣ намуда, барои чизе ба назди ӯ омадан (рафтан): «Мумиё доранд»,— гуфта ба назди акотон дили пур кати рафта будам-у, «нест»— гуфтанд;
2. ба риққат омадан: Ин қадар бо вазъияти вазнин, дили пур кати омадӣ, ки гап назада, гирья карда истодай?

### Дили сафед кати

беғаразона, софдилона: Ин аз ҳамаи гапу корҳо хабар надорад, бечораба додназанед, дили сафед кати омадагӣ....

### Дила ба качӣ бурдан

гапро ба ростиаш, дурустиаш напиндоштан:— Вай ба шумо дӯст, ба тӯяш равед!— Ба дӯст буданаш ҳаргиз боварӣ надорам. Дилатона ба качӣ набареду рафтан гиред!

### Дила гиронда мондан

1. тарсидан, ваҳмидан: Ман дигар ба самалёт савор намешавам, як бор савор шуда, дилама гиронда мондагӣ;
2. рӯҳафтода шуда мондан: Фарзандаш вафот кардан ин чониб, дилаша гиронда мондагӣ ҳатто берун намебароя д!

### Дила кабоб кардан

1. касеро азоб додан, зиқ кардан: Э, ин қадар шӯхӣ мекунӣ, бас кун-е, дилама кабоб кардӣ-ку;
2. ғамгин ва доғдор шудан: Духтаракаш мурду дили модараша кабоб кард-дия!..

### Дила кофтан

1. дилро беҳузур кардан: Дили наҳорба чой хӯрдан намешудаст. Як-ду хӯрт дам кашидам, ки бутун дилама кофт...

2. фаҳмидан ва санҷидани рағбат, хоҳиш ва мақсади касе: Дили Шокирҷона кофта бин, ки хонадор шудан ният дорад-мӣ ё не?

### Дила кушода партофтан

тамоми гапу кор ва сирру асрори ниҳониро ба касе гуфтан, ифшо намудан: Рости гап, ба духтари акотон дилам кашол, ҳамуна арӯс кардан ният дорам. Ина ба ҳеҷ кас нагуфтиям-куя, шумо ки дӯсти худам ҳастед дилама кушода партофта истодаам-дия!

### Дила кӯҳ барин кардан

боварӣ ва эътимоди касеро ба коре ё чизе ҳосил кунондан: Писаратон, албатта, аз имтиҳонҳояш мегузарад,— гуфта дили падараша кӯҳ барин кардед-дия!

### Дила маҳкам доштан

худро далер ва устувор нигоҳ доштан, наҳаросидан: Ина аспак мегӯянд, писарам, савор шаву парво накарда, дилата маҳкам нигоҳ дор!

### Дила пур кардан

1. ба касе ваъда додан: «Пагоҳ меоям»,— гуфта дилама пур карду наомад;
2. касеро ба муқобили каси дигар барангехтан: Ман медонам, ки ҳамун лаънатӣ дилата пур карда фиристондагӣ, набошад ту ба ман ҳаргиз гапи сахт гап намезадӣ!

### Дила сагу гурбаҳо канда баромадан

хавотир, мушавваш шудан: Одами арӯси навдор то нисфишабӣ мегардад-мӣ? То омаданата дилама сагу гурбаҳо канда баромад, чашм пӯшидагӣ нестам!

### Дила сагҳо тала кардан

хавотир ва бисьёр ноором шудан:— Э, омадӣ-мӣ, писарам, ин қадар бемаҳал моидӣ, то омаданата дилама сагҳо тала кард-а!

**Дила сиёҳ кардан**

касеро ранчондан: Гапҳои беҳуда гуфта анча дилама сиёҳ кард-дия...

**Дила сиёҳӣ пахш кардан**

бо ягон сабаби номаълум зиқ шудан, табиат гирифт кардан: Намедонам, бо чӣ сабаб бошад, ҳамин рӯзи дароз дилама сиёҳӣ пахш карда истодааст.— Хеч гап не, баъзан одам ҳамин хел мешавад. Охираш бахайр шавад;
Намедонам, ду рӯз боз дилама сиёҳӣ пахш мекунаду халос. Охираш бахайр шавад-дия, чудо метарсам!

**Дила тахт доштан**

хавотир нашудан, боэътимод шудан, зиқ нашудан: Дилатона тахт доред, бибичон, насиб бошад, баъди як ҳафта расида меоям!

**Дила фаҳмидан**

максади касеро донистан: Эхистаяк дилаша фаҳм, ки духтари Одила гирифтанба «ҳа» мегуфта бошад-мӣ ё не?...

**Дила хафа кардан**

касеро ранчондан: Беғоҳ маст шуда, дили амаката хафа кардӣ, ука, узр гӯ!

**Дила холӣ кардан**

рози дил гуфта сабук шудан: Бовар кунед, тамоми дилангима ба шумо гуфта, дилама анча холӣ кардам.

**Дила хунук карда гирифтан**

шикор гирифтан ва хашми худро фурӯ нишондан: Вай, ки ғонбона шумоя ғайбат кард, ман ҳам аз додо бобош сар карда кӣ буданаша муддао фош намуда, дилама хунук карда гирифтам-дия!

### Дила хӯрдан

**1.** хавотир, бесаранҷом шудан: Чаро дар вақти гуфтагиат наомадӣ? То омаданата дилама хӯрдам-ку!;
**2.** азоби рӯҳӣ кашидан, ғамгин ва асабӣ шудан: Ба ҳамин касалӣ гирифтор шудан боз дилама хӯрдам, ки боз сиҳат мешуда бошам-мия?..

### Дила хеҷ чоба набурдан

хавотир ва бадгумон нашудан: Дилатона хеҷ чоба наборед, холачон писаратона ҳамроҳи худам бурда, боз ҳамроҳ гирифта мебиём!

### Дила чиғғас занондан

мутаасир сохтан, тарсондан: Минбаъд тамошои дорбозашба намеравам; ҳамин ки поша баста худаша аз ҳаллоҷӣ ҳаво метияд, бутун дилама чиғғас мезанонаду худам ким-чӣ хел мешавам!

### Дила ҷӯшба овардан

ба ҷӯшу хурӯш, ба рағбат овардан: «Э, дароед-е, дароед! Йи хел полвончаҳо пеши шумоба чӣ?»— гуфта дилаша ҷӯшба оварду сони миёнама баста даромадамдия!

### Дилба алов афтидан

хавотир шудан, ба изтироб омадан: Ту намебиӣй,— гуфта се рӯз боз диламба алов афтидагӣ буд.

### Дилба алов андохтан

**1.** касеро ошуфтаҳол, хотирпарешон сохтан: «Эх, шукр нағз будӣ-ку, кадомаш «сахт касал», гуфта диламба алов андохта буд;
**2.** ба ваҳму ҳарос овардан: «Дар шаби торик худат танҳо нарав!— гуфта, барои чӣ дилашба алов меандозӣ!

### Дилба армон намондан

**1.** аз коре бисьёр шод шудан: Имрӯз, ки баъд аз чанд сол фарзанддор шудам, диламба армон намонд;
**2.** дар таассуф ва ҳасрат намондан: Чӣ қадар қувват дошта бошӣ, сарф кун, баъд аз имтиҳон афтиданат дилатба армон намонад!

### Дилба гап доштан

**1.** сирре дар дил доштан: Ин дилашба анча гап дорад-у намегӯяд-дия!;
2. орзуе доштан: Духтарама келин мекардагӣ будеду дилатонба ҳамин гап будаст, барои чӣ барвақтар нафаҳмондед?

### Дилба гирифтан

аз гапу кори касе наранҷидан: Рости гапа гӯям, хабар кардан тамоман аз ёдам фаромӯш шудааст, дилатонба нагиред.

### Дилба даст андохтан

донистани замири (сирри) дили касе: Дилашба даст андохта бинед-чӣ, духтараша доданба хаёл дорад-мӣ?

### Дилба задан

безор шудан аз касе ё аз чизе: Араққурии ҳамин расво ҳам тоза диламба задаст-дия!..

### Дилба кина гирифтан

аз касе хафа шудан, дилранҷӣ пайдо кардан: «Тӯяшба хабар накард»,— гуфта дилатонба кина гирифта мегардед-мӣ? Айби ман!

### Дилба мондан

дар хотир нақш бастан, аз ёд нарафтан: Тамоми кор гузаштку я, ҳамон гапи бадаш диламба мондааст!

### Дилба нағунҷидан

ниҳоят зиқ, ғамгин ва асабӣ будан: Худам бисьёр зиқ шуда шиштиям. Ин қадар овози шӯхии бачаҳоя набарор, диламба намеғунчад.
Ин қадар чоғ назан, писарам, ду моҳ ин ҷониб аз акаат хату хабар нест, диламба гап намеғунҷад...

### Дилба нақш бастан

дар ёд мондан: Нағзиҳотон диламба нақш баста мондагӣ, ако, мо одами аз хотир мебаровардагӣ не!

### Дилба омадан

вуқӯи кореро пешакӣ тасавур намудан, ҳис кардан: Ту албатта, ҳамин рӯз меой,— гуфта диламба омада буд.

### Дилба офтоб баромадан

шоду масрур будан: Шукр, писарам, хизмати аскария нағз тамом карда омадан боз хурсанд ман, диламба офтоб баромадагӣ!

### Дилба санг задан

риштаи муҳаббатро буридан, бад дидан: Қадом рӯз маст шуда, ба рӯям давид, ганҳои пасту баланд гуфт. Аз ҳамон рӯз диламба санг зада, ба рӯяш нигоҳ карданам намеомадагӣ шуд.

### Дилба сахт расидан

касеро озор додан, ранҷондан: Одам гуфтагӣ дили як касба сахт намерасад, ҳама нафрат мекунад!

### Дил ба тарафи касе будан

ба касе хусни тавачҷӯҳ доштан: Шабу рӯз дилам тарафи шумоба буд, ки ҳамин тӯйба расида меомада бошанд-мӣ, гуфта?

### Дилба тугунд карда мондан

гапе, чизе, мақсадеро ҳамеша дар дил нигоҳ доштан: «Укаам сиҳат-саломат оял, як зиёфат карда медиҳам»,— гуфта диламба тугунд карда монда будам гӯед!

### Дилба хоб нарафтан

сирре, воқеаро дар дил пинҳон доштан натавонистан: Дар дилатон гап хоб нарафта, аллакай шабангӣ гапа овоза кардед-мия?..

### Дилба чангол задан

1. касеро озмудан: Дилашба як бор чангол зада бин, кани дар дил чӣ гапҳо дорад?;
2. фикр ва мақсади касеро фаҳмидан: Дилашба чангол зада дидам, ки нисбат ба шумо ҳеҷ хусумат надоштааст.

### Дилба ғундошта гаштан

гапҳои баду кирдори бадеро дар дил нигоҳ дошта, бо ягон сабабу баҳона онро гуфтанд: Ҳамин гапҳоя дилатба ғундошта гаштана, вақташба рӯмба гӯй намешуд-мӣ!

### Дилба ҳазор аспакӣ даромадан

ваҳмидан, хавотир шудан: Мобайни ҳамуиҳоба ту ҳам бошимӣ гуфта, диламба ҳазор аспакӣ даромад. Ҳарчӣ саломат будӣ-е!

### Дилба ҳеҷ чиз набудан

1. ниҳоят гурусна будан: Занак, пагоҳирӯзӣ боз ҳеҷ чиз нахӯрдаам, диламба ҳеҷ чиз нест. Як оши сергӯшту равған паз!;
2. софдил, бекина будан: Укотон, бисьёр одами нағз, дилашба ҳеҷ чиз нест, одами беғараз!

### Дилу бедилон кардан

ба коре бо хоҳишу рағбати том шурӯъ нанамудан: Чаро ин тока дилу бедилон каландӣ карда истодай? Охир, бо ин корат ҳосил рӯёнда наметавонӣ, ука!

### Дилу забон як будан

мунофиқ, риёкор набудан, ростқавл будан: Ман ба гапи шумо бовар мекунам, дӯстам. Дилу забони шумо як аст.

### Дилу ҷигар даргирифтан

бисьёр ташна мондан: Аз кор бисьёр монда шуда омадам, дилу ҷигарам дар гирифт, якто чои талх дам кунед!

### Дилу ҷигар сӯхтан

1. ба ҳолу аҳволи вазнини касе мутаассиф шудан: Ҳар боре, ки ёди падар кунад, аҳволашба дилу ҷигарам месӯзад;
2. ниг. дилу ҷигар дар гирифтан: Дилу ҷигарҳо сӯхт, якто оби чашма наменӯшем-мӣ?

### Дилу ҷигар намакоб барин сӯхтан

1. гирифтори касалии сахти дарунӣ будан: Чаро ин қадар рангу рӯятона гиронда мондед, ако?— Намедонам, бисьёр нотоб ҳастам, дилу ҷигарам намакоб барин месӯзад;
2. ниг. дилу ҷигар дар гирифтан:— Ин қадар об мехӯред?— Бисьёр ташна мондам, дилу ҷигарам намакоб барин сӯхта истодааст...

### Дилу ҷигар намондан

1. нотоб будан: Аҳволам ҳамин ҳафта бисьёр вазнин, ба хаёлам дилу ҷигарам намондагӣ барин;
2. зиқ, рӯҳан дар азоб будан: Бачаҳо ин қадар шӯхӣ накунетон-е, дилу ҷигарам намонд-ку!

### Дилу чигар кима-қима шудан

1. ба ғаму андӯҳ, мусибат гирифтор шудан: Ба ғами фарзанд бечора модараш шабу рӯз нола мекунад. Қас хаёл мекунад, ки дилу чигараш кима-кима шуд-дия;
2. ба дарди сахти даруни гирифтор шудан: Ноинсофҳо ба бечора дору хӯрондаанд-мӣ, дилу чигараш қима-қима шудааст;
3. зиқ шудан: Э, ин баччата гире-е, то омаданата дилу чигарам қима-қима шуд-э!

### Дилу чигара хун кардан

1. ранҷ дидан, азобу машаққат кашидан: То шоҳмотбозия ёд додана дилу чигарама хун кардем-дия!;
2. сидқан, аз тахти дил анчом додани коре:— Дилу чигарама хун карда ки хонондам, мана одам шуда омад-дия!..

### Дилу чигара хӯрдан

аз ҳад зиёд хавотир ва ноором шудан: Э, омадӣ-ку! То омаданата дилу чигарама хӯрдам-а...

### Дилбазан шудан

касе ё чизеро нахостан, бо назари бад нигоҳ кардан: Аз сӯҳбати ҳамин ман ниҳоят дилбазан шудагӣ-дия, ҳамин, ки шишт, ба ҷон чорта гапи сиҳат, фақат мелаққаду халос.

### Дилбардор будан

шахси нек, ба дил наздик, навозишкор будан: Раҳматӣ падаратон бисьёр одами нағзи дилбардор буданд. Ҳамеша бо гапҳои нек дилбардорӣ карда, мана шод менамуданд.

### Дилбардорӣ кардан

бо суханони неку нарму ширин касеро хурсанд кардан, тасалло додан: Модари бечорааш вафот кардан ин ҷониб, бисьёр хафа мегашт. Имрӯз гапҳои маъқул гуфта, анча дилбардорӣ кардед, раҳмат ба шумо!

«Аз писарам хат нест»— гуфта хавотир нашавед, «ҳа» нагуфта худаш мебиёд»,— мегуфтеду дилбардорӣ мекардед, шукр, мана имрӯз худаш даромада омад, бибичон!

### Дилбарӣ кардан

бо гапҳои нағз касеро хурсанд кардан: Падарат мӯсафед шудагӣ. Гапҳои нағз гӯй, иззату ҳурмат намо, дилкашашона оварда тею дилбарӣ кун.

### Дилбастагӣ надоштан

ба касе ё чизе меҳру муҳаббат надоштан: Аз ин шавҳар ҷудо шудани ин зан сабаб дорад: фарзандаш нест, дилбастагӣ надорад.

### Дилвасеъ будан

ором ва осуда будан, бепарво, фориғбол будан: Писарчатон нотобу шумо шоҳмотбозӣ карда мешинед? — Ҷудо одами дилвасеъ будаед-дия!

### Дилгир шудан

зиқ шудан: Аз ҳамин гапҳои бемаънии туя шунидана дилгир шудам-дия, мон-е!

### Дилдорӣ додан

бо суханҳои нек касеро хурсанд ва рӯҳбаланд намудан: Бечора аз нотобӣ хестан ин ҷониб ранги рӯяша бисьёр гиронда будааст. Ҳеҷ гап не, одам касал мешавад, боз сиҳат мешавад. «Дард меҳмон» гуфтаанд, ҳаргиз зиқ шудан лозим нест,— гуфта анча дилдорӣ додам.

### Дильёб нашудан

боварӣ надоштан:— Соата меҳрдидагӣ будаму боз «вайрона набошад?»,— гуфта дильёб нашудам...
«Ҳамин ҷору панҷ дастангима ба он кас дода монам»,— гуфтаму боз дильёб нашудам.

## Дильёбӣ кардан

касеро хурсанд кардан: Ҳеҷ набошад, бо гапи нағз касеро хурсанд намуда, дильёбӣ кардан осон не!

## Дилзанак шудан

1. аз ҳад зиёд тарсидан: Хабари вафоти модарама шунида, чунон ба ғаму тарс дучор шудам, ки дилзанак шуда, ҳамин шаб мижа таҳ кардагиам не;
2. дучори бемории задани дил шудан: Аз ҳамон вақт сар карда дучори касалии дилзанак шуда мондам.

## Дилкафак шудан

аз чизе ваҳмидан, тарсидан: «Акнун ба хонаат дигар намеоям»,— гуфтеду ҳайрон шуда, қариб дилкафак шуда будам-а, минбаъд ин хел ҳазл накунед-е!

## Дилкаш будан

1. мақбули табъ будан: Ҳамин писарчаатон — ҷудо бачаи дилкаш будааст, гапҳои ширин доштааст;
2. болаззат, хушхӯр будан: Бисьёр таоматон дилкаш будааст, раҳмат шумоба!

## Дилкобӣ кардан

сирри касеро фаҳмидани шудан: Беҳуда ин қадар дилкобӣ кардан нагир, ука, ман аҳмақ нестам, ки ҳар як гапа ба ту гуфтан гирам!

## Дилкушод будан

софдилу беғараз ва хушчақчақ будан: Раҳмати Сангин Каримов бисьёр одами дилкушод буданд.

## Дилмонӣ кардан

аз касе изҳори ранҷиш, хафагӣ кардан: Ба амакат рафта узр гӯ. Бегоҳ аз ту бисьёр дилмонӣ карданд.

### Дилнавозӣ кардан

бо гапҳои ширин, муомилаи нек касеро дӯстдорӣ кардан: Бечора касал хоб карда будааст. Чорта гапҳои нағз гуфта дилнавозӣ кардам.

### Дилпурӣ доштан

такья ба чизе доштан, аз будани чизе хотирҷамъ будан: Ин одам ғами дусола хошока хӯрда мондагӣ. Дилпурӣ дорад, ки бепарво мегардад-дия!...

### Дилранҷонӣ накардан

касеро озор надодан: Гапи мана қабул мекунам гӯй, ба талабагон сахт гап зада дилранҷонӣ накун, ки ин мувофиқи коидаи педагогӣ нест!

### Дилсафед будан

шахси бекина, самимӣ будан: Шарифҷон — одами дилсафед, аз шабангӣ гапатон ҳаргиз хафа намешавад!

### Дилсиёгӣ кардан

шӯру ғавғо, ҷангу ҷидол мунокиша кардан: Ду ако-укоҳо дар байни бача даромада, байни худ ин қадар дилсиёгӣ карданатон хуб нест. Мардуми шунидагӣ айб мекунад!

### Дилсиёҳ будан

некӣ надоштан, бадгир, бадгумон, ноодам будан: Вай эшони Тӯраатон бисьёр одами дилсиёҳ будааст. Аз вай ҳушьёр шавед, бародар!

### Дилтанг будан

ба ҳар як гапу кор зуд асабӣ шудан: Бача-дия, бозӣ мекунад, шӯхӣ мекунад. Ба ҳамин ҳам зиқ шудан мегиред-мӣ? Акнун донам, ниҳоят одами дилтанг будед-дия!

### Дилтанг шудан

асабӣ шудан: Бечорая модараш вафот кардан ин ҷониб ҳамин қадар дилаш танг шудааст, ки саҳл гап назада оби дидааш равон мешавад.

### Дилтангӣ кардан

зиқ, ноором шудан: Ин қадар дилтангӣ накунед, ҳозир омада мемонад!

### Дилхунукӣ афтодан

байни якдигар хафагӣ, мунокиша рӯй додан: Занаша сар намедод, дар байни ду қудоҳо дилхунукӣ намеафтод.

### Дилхунукӣ кардан

некӣ ва меҳру муҳаббати дар байн бударо бо рафтору кирдори ғайриматлуб аз байн бурдан: Барои ҷанги ду бача, мобайни ҳар ду доарон дилхунукӣ кардан нағз не.

### Дилхуш будан

хушчақчақ, зариф, бекина будан: Бо вай шишта сӯҳбат кунед, аз наздаш нахезем мегуфтед. Аҷоиб одами дилхуш буд.

### Дилчасп будан

каси хуб, соҳиби гуфтор ва муомилаи нек будан: Бо ҳамин укаатон якҷоя бошам, ҳаргиз зиқ намешавам. Бисёр одами дилчаспи олиҷаноб будаанд!

### Дилшикаста будан

маъюс, аламнок будан: Бечора зану фарзанд надорад; дилшикаста буд, ба вай гапи сахт назан!

### Димоғ дигар шудан

тағйир ёфтани ҳолату рӯҳияи касе ба такаббурӣ, бо кибру ғурур моил шудан: — Ба амал соҳиб шудан ин

чониб саломба алек намегирифтагӣ шудааст-мӣ? — Ҳамин тавр, анча димоғаш дигар шудагӣ...

### Димоғ фосиқ шудан

кибрноку ғурурнок, такаббур шудан: Гӯр ин пулу чизи дунъё шавад, соҳиби чор-панҷ танга шудан ин ҷониб димоғаш фосиқ шуда мондас-а, рӯи касба нигоҳ намекунад!..

### Додо шудам — гадо шудам
### Бобо шудам — адо шудам

баъд аз фарзанддор шудан камбағал, нотавон, қашшоқ шудан ва баъди бобо шудан ҳамаи буду шуди худро сарф карда ба дараҷаи марг расидан: Пеш вақт камбағалҳои фарзанддор ва наберадор шуда аз дасти замона нолида мегуфтанд:

Додо шудам — гадо шудам,
Бобо шудам — адо шудам.

### Домба наафтодан

ба ҳилаву найранг, ба фиреби касе фирефта нашудан: — Ҳушьёр шав, писарам, вай рафта истодагӣ найрангбоз, боз домашба афтида намонӣ!

### Домани пеш ба қафо вазнинӣ накардан

ихтиёр дар дасти худ будан: Барои саёҳат ҳамроҳ равем, рафтан мегирем-дия... Як ҳавлию як худам, домани пешам ба қафоям вазнинӣ намекунад, фаҳмидед-мӣ?

### Домана бо чормағзи пуч пур кардан

бо гапу ваъдаҳои бардурӯғ касеро бовар кунондан ва оқибат фиреб додан: «Ман шумоя албатта, ҳамроҳи худам мебарам»,— гуфта доманатона бо чормағҳои пуч пур карда, охир худаш баромада рафтааст?

### Дона кардан

бо хафсала чизеро чида хӯрдан: Ин мавизи сиёҳи бепул мичози шумоба мефорад. Дона кунед-е!

## Донхурак шудан

одат пайдо кардан, бо касе унс гирифтан, ба ҷое рафтуо мекардагӣ шудан: Ин кас ба ин чойхона ҳаргиз намеомаданду ин вақтҳо ҳар замон меомадагӣ шуда мондаанд-мӣ?— Ин чойхоначии нав — рафиқашон. Ин омадан боз донхурак шуда мондагӣ.

## Дора баланд бастан

нисбат ба имконият бештар амал кардан: — Қойда, як түйба «чор гӯсфанди бӯрдоқӣ биёр» мегӯяд?— О, ноинсофи бевиҷдон-е, дора ниҳоят баланд бастааст-ку!

## Дорат бошад,— овез

чӣ хоҳӣ ва чӣ аз дастат ояд, кардан гир, ман аз ту тарсе надорам: Ба ман нигоҳ карда, чашмоната ало-було накун, дӯғ назан, фаҳмидӣ-мӣ? Дорат бошад, овез!— ман аз ту сари тарс надорам!

## Доруи дарди сар

камьёфт, нодир будани чизе: Ин мумиён тозая, ҳаргиз нест накунед, ки ин доруи дарди сар-а!

## Достон кардан

овоза шудан: Унчаба шудагӣ гапа инчаба омада достон карданат-чӣ?

## Достон шудан

овоза шудан: Ҳамин солаш кати чанд борҳо ба дарс наомадед, гап нашуду як соат касал шуда омада натонистани ман шумоба ҳамин қадар достон шуд-мӣ?

## Доғ дидан

ҳайз дидан (касалии саримоҳии занон): Зан доғ бинад, рӯза намедорад мегӯянд-мӣ?

## Доғ кардан

1. ошиқ (мафтун) шудан: Як бор ҳусну чамолаша нишон доду мани бечорая доғ кард монд-дия;
2. касеро ғамгин ва аламзада кардан: Духтараш вафот карду модари бечораша доғ карда рафт;
3. равғанро ба қиём расондан, ширин кардан: Равғана муддао доғ кун, ки ошаш хушхур шавад.

## Доғ шудан

гирифтори ғаму андӯх шудан ва ба зери бори алами ҳичрон мондан, аз марги одами маҳбуб ва наздики худ аламзада шудан: Як писари баробари қадаш ҳамин сол чор рӯзакак касал шуда аз дуньё чашм пӯшид. Ҳамун алам ин бечорая тамом кард.— Бечора тоза ҳам доғ шудааст-да.

## Доғдор шудан

айбнок (гуноҳкор) шудан: Бечора суд шуду доғдор шуд-дия...

## Доғӯлингӣ кардан

маккорӣ, айёрӣ, фиребгарӣ кардан: Ин беҳуш-меҳуш не, доғӯлингӣ карда, чӯртаба худаша беҳушиба зада истодааст.

## Ду гул якчоя шудан

бо ҳам муносиб афтодани арӯсу домод: Олилчон бисьёр бачаи боақл, арӯсаш бошад, аз худаш нағатар, шукр, ду гул якчоя шуданд.

## Ду даст дар киса кардан

бекорхӯча будан, дар чое кор накарда муфт зиндагӣ кардан: Э, ду даст дар киса карда, кӯчаҳоба бекор гаштанат хар чӣ шав-е!

## Ду дуньёба ҳам натарсидан

аз касе ҳеч хавфе, биме надоштан, ҳеч гоҳ натарсидан: Ба ман ин қадар дӯғ назан, ду дуньёба ҳам ман аз ту наметарсам!

### Ду дунъёя як кардан

ба тамоми қувва саъю кӯшиш намудан, ҳаракат кардан, зӯр задан: Ду дунъёя як кардам ҳам нашуд: «не» намеравам,— мегӯяд.

### Ду кас медидагӣ барин кардан

1. ба касе сахт танбеҳ, ҷазо додан: Дар назди рафиқонаш корхоя хунукаша гуфта, ду кас медидагӣ барин кард-дия!;
2. кореро мувофиқи табъ ба ҷо овардан ва ба мардум манзур карда тавонистан: Қанд занед, ин иморати ду кас медидагӣ барин кардед-ку!

### Ду линга аз Учқӯрғон* овардан

ба касе ҷазои сахт додан, таҳдид намудан: Бо ман сарокалла задани нашав, ки ду лингата аз Учқӯрғон мебиёрам!

### Ду чашми дидагӣ

ҳадаф, объекти муҳокима: Ду чашми дидагиатон фақат манмӣ, ҳамеша ба ман нигоҳ карда дӯғу валвала мекунед!

### Ду чашм чор будан

интизор будан, интизорӣ кашидан: Э, шаб боз ду чашмам чор буд, заб омадӣ-дия!...

### Ду қадами расо кардан

роҳи дурро зуд тай кардан: Ба хонаи мо марҳамат, ду қадами расо кунед, мерасед!

### Ду ҷон ба саломат омадан

сахат саломат таваллуд кардан, солим будани тифлу модар: Набераи нав муборак шавад?! Раҳмат, дуҷон ба саломат омад, худи ҳамин давлати калон.

---

* *Учқӯрғон* — ҷоест дар канор, дур, баланд.

### Дугонахӯрак кардан

бо касе гарав (шарт) бастан ба воситаи донаки думағза: И... Ана якташа мағзаш дута будааст. Ҳардуямон дугонахӯрак намекуним-мӣ?

### Дуд баровардан

касеро ба ғаму андӯҳ гирифтор кардан: Шукр, ки ҳукуматамон кисабурҳоя нест кард. Ҳар рӯз пулу чизи одамҳоя дуздида дудашона мебаровард.

### Дуд кардану суд накардан

чизи бебаҳо буда, бадошт набудан: Ман нагуфтам, ки ин чизи бедошт, нахар! Не,— гуфтию харидӣ. Хайр, оқубат чӣ шуд? Як моҳ нашуда аллакай бисьёр чойҳояш дарида, дуд кардаасту суд не!

### Дуд накардан

1. ба ҳеч чиз қодир набудан: Пеш вақтҳо бечора будему, ақалла дуд намекардем. Ҳозир чӣ. Шукр, ҳама чизба қодир!
2. кам будани чизе: Ин ҳезуматон бисьёр тар будааст, ақалла дуд намекунад.

### Дуд рафтан

дар авҷ будани коре: Равам, қиссаву афсонагӯӣ дуд меравад...

### Дудила шудан

ба коре, чизе майл кардан ё накардан: Ин бисьёр гови зотии нағз, хаёл накарда, дудила нашаведу баракаша гиред монед, ука!;
Ё меравам гӯ, ё намеравам гӯ. Барои чӣ дудила шуда мондӣ!

### Дудилагӣ кардан

кардани кореро гоҳ хостан гоҳ нахостан: Дудилагӣ карда наистеду ё меравам гӯед, ё не гӯед.

## Дудгула задан

1. хашмгин, бадқахр ва оташин шудан: — Қай ман ангурдузӣ кардаам? Охир, ҳамон рӯз ман дар ин ҷо набудам-ку! Кӣ гуфт? — Ин қадар худ ба худ дудғула задан нагиред, шумоя кӣ дузд гуфтааст?
2. авҷ гирифтан, шиддат ёфтан, тафсидан: Ду зӯр бо ҳам гӯштин гирад, тамошояш ҳам дудғула мезадааст-дия!;
3. ниҳоят доғ шудани равған ҳангоми ширин кардан: Э, равғани дег дудғула зада истодааст, аловаша паст-тар кунед!

## Дузд-дузда дар шаби тор мешиносад

қаробату дӯстӣ гирифтан бо ҳаммаслаки бадсиришт: — Ин ду иғвогара бин, доимо якҷоя мегарданд-а? Дузд-дузда дар шаби тор мешиносад-дия!

## Дузди аз тӯда гурехтагӣ барин

шахси чашму рӯяш беҷо, бадафту бадномо ва нооромм: Ин барои чӣ дузди аз тӯда гурехтагӣ барин ин қадар чашму рӯяш беҷо?

## Дум будан

пайрав будан, бо касе алоқаманд будан, дӯст ва ҳам-маслаки шахсе будан: Кадом сол ман ҳам аз пушти шумо дум шуда будам, қариб хонумонам сӯхта буд!

## Думи рӯбо

айёр будан, ба касе пайравӣ кардан, манфиати вайро ҳимоя намудан: Вай ҷӯраат-ку шайтонӣ карда ҳамин қадар моли ҷамъията нобуд кунад, ҳамун рӯзҳо наме-гуфтӣ-мӣ, ки «не» ина айбаш не, ин вайба тӯҳмат. Акнун ҷим мешинӣ. Ту ҳам думи рӯбо, ман туя нағз мешиносам.

**Думи сага кач гуфтан**

забони таъна ва маломат расониданӣ шудан: Аз ягон айбата ёфта натавонистана, думи сагаш кач гуфтааст. Майлаш, инба харгиз хафа нашав, уко!

**Думи шер кати бозӣ кардан**

бо каси аз худ як сару гардан боло сарокалла задан: Ман нагуфтам, ки бо вай шохмотбозӣ накун, вай зӯр. Оқубат мот шудӣ. Бо думи шер бозӣ кардан хуб нест!

**Дума гиреҳ кардан**

касе ё чизеро аз худ дур кардан, рондан: Занат ганда бошад, думаша гиреҳ кун мон!

**Дума кашидан**

ба айбу гуноҳе каси дигарро шарик ва ҳамроҳ карда нишон додан: Ба ҳамин кор ин ҳам буд,— гуфта думи Одилчона ҳам кашиданӣ шудааст.

**Дума кӯтоҳ кардан**

касеро аз худ дур сохтан, пеш кардан: Ин бачаи магазинчиатон дасти калб дошта бошад, думаша кӯтох кунед монед!

**Дума нарра кардан**

аз ҷое рафтан, гурехтан: Ҳамроҳи мо намешиштагӣ бошӣ, хез, думата нарра кун!

**Дума хӯрчин кардан**

1. рӯпӯш кардани чизе, коре: Рафта ғулӯяшона ки равған кард, кори ҷинояташа думаша хӯрчин карда мондагӣ;
2. ваъда дода вафо накардан: «Пагоҳ биёед, фардо биёед»,— гуфта ваъда доду имрӯзба омада «кор нест» гуйю кора думаша хурчин кун мон!
3. чизеро пинҳонӣ аз худ кардан: Бисьёр кори хуб шу-

дааст, ки ба даст афтодааст! Ноинсоф якбора ҳазор метр атласа думаша хӯрҷин мекунад-мӣ?;

4. аз кор пеш кардан, рондан: Аҷаб шумоед, ин хел одами беинтизом бошад, айбаша ба горданаш монеду думаша хӯрҷин кунед монед-дия!

## Думба ғалбер бастан

назар ба имконияти мавҷуда зиёдтар амалеро содир кардан: Дар ҳавлиаш ҳудаш намеғунҷаду боз хоҳарзодааша кӯчонда овардаастмӣ? Тавба, худаш намеғунҷаду думашба ғалбер бастанаш чӣ?!

## Думбул рафтан

дар ҷаҳон хору зор нашуда айёми миёнсолӣ чашм пӯшидан, мутеъ ва дастнигари касе нашуда фавтидан: Хайр, баччам, ҳамаамон аз як мурдан қарздор. Мурдан дадаатба хафа нашав. Хору зор нашуда думбул рафтан, ҳамин ҳам гапи калон.

## Думкалта будан

сару либоси кӯтоҳ ва номувофиқ пӯшидан: Ба қаду барат муносиб либос пӯшӣ намешавад-мӣ? Ин сару либоси кӯтоҳа пӯшида, думкалтан хунук шудӣ-ку...

## Думликконӣ кардан

хушомадгӯӣ, рӯбинӣ, айёрӣ кардан: Ту бало будӣ, ман туба коил. Ором шиштагӣ одам, ҳамин ки раисат омад, таъзим карда: «Э, канӣ, ин ту марҳамат, чой кунем! Хоҳед, ош ҳам тайёр мешавад, заб омада мондед-дия!»,— гуфта расо думликконӣ кардӣ-я, «қандата зан»-е!

## Думравӣ кардан

ба касе пайравӣ кардан: Ҳамон магазинчии дузда, ки рафиқат баромада таъриф кард, ту ҳам ба вай думравӣ карда, ниҳоят боло бардоштӣ-я, бало-е!

### Думча додан

1. ба иҷрои амале розӣ шудан:— То вая розӣ кунондана ба ҷонам ҷон намонд-дия!— Хайр, сонӣ думча дод-мӣ, охир?— Думча дод!;
2. пухта расидани меваҷоти полезӣ: Қанӣ ба харбузахурӣ барам! Пеши харбӯза шаб думча дод.

### Дуньё ба назар равшан шудан

пас аз ноороми̇ҳо — орому осуда ва шод шудан: То омаданаша бисьёр хавотир будам; омаду дуньё ба назарам равшан шуд-дия!..

### Дуньё ба назар торикистон шудан

зиқ шудан, хира шудани табиати шахс, ноором шудан: Ин дарди дандон ин қадар бад будааст-у, ҳамин шаби дароз як дандони ашкам дард карда, дуньё ба назарам торикистон шуд — ғӯям бовар кунед...

### Дуньё надидагӣ

таҷрибаҳои ҳаёт ва зиндагӣ надоштан, неку бад, гармию сардии оламро аз сар нагузаронидагӣ:— Писарчатон бо мо хайрухуш накарда рафт-а?— Аз вай ҷои гила не, вай ҳоло бачаи дуньё надидагӣ, кай медонад, ки об боло меравад ё поён?

### Дуньё рӯи каф барин шудан

ҳамвор шудан: Мо ҳаргиз ҷанга намехоҳем, ҳамеша тарафдори сулҳем. Ҷанг нашавад-куя, шуда монад, дуньё рӯи каф барин мешаваду халос!

### Дуньё ширин будан

ғувора будани ҳаёт ва зиндагӣ: Синну солатон ба наваду панҷ расида бошад ҳам, шукр ранги рӯятон нағз. Саҳл таб бароварда бошед, мегузарад, хафа нашавед, бобоҷон!— Ҳамин тавр, писарам, дуньё ширин-дия, боз як-ду соли дигар умр бинам мегӯям...

### Дуньё ширинй кардан

**1.** дар ҳаёт аз зиндагӣ дил канда натавонистан: Аз боботон тамоман умедама канда будам-у, дуньё ширинӣ карда саҳат шуда хестаанд-а!;
**2.** дорой, сарватро дӯст доштан:— Те!— гӯяд, ҳамон дастангиата медодӣ, ин қадар калтак намехӯрдӣ.— Дуньё ширинӣ кард-дия!

### Дуньё ҳосил шудан

ниҳоят шоду хурсанд шудан, ба мақсад ноил гардидан: Писарчааш мактаба тамом карда омаду дуньёш ҳосил шуд-дия!

### Дуньёи баҳасрат

киноя аз ғаму ғусса, дуньёи бевафо, ташвишнок ва ғайра: Ҳамин қадар ҳаракат намуда писараша хонадор карданӣ буду бечора, тӯй карда натавониста аз дуньё чашм пӯшида рафт.— Дуньёи баҳасрат будааст-дия-е, илоҷ чӣ!

### Дуньёба посутун нашудан

абадӣ набудан, човидона намондан: Ин қадар пулу чиз-гуфта шабу рӯз чон меканӣ? Дуньёба посутун намешавӣ-ку!...

### Дуньёя пушти по задан

аз баҳри дорой баромадан, пулу чизро нағз надидан: Харочоти имрӯзая кӣ медиҳад?— Ин кас!— Набошад чӣ, метиям! Мо дуньёя пушти по задагӣ одам!

### Дуньёя танг нагирифтан

мумсикӣ, хасисӣ ва тангдастӣ накардан:— Имсол ҳамроҳи мо ба саёҳат меравед-мӣ? Ин қадар дуньёя танг нагиреду «меравам!»— гӯед.

### Дуньёпараст будан

молпарасту пулпараст, дӯстдорандаи пулу чиз будан: Ин қадар пулу чиз гуфта, шабу рӯз медавед? Ҳай дуньёпараст будаед-дия, шумо!

**Дуньёпарастӣ кардан**

*киг.* дуньёпараст будан: Ин қадар дуньёпарастӣ кардан чӣ нафъ дорад? Пулҳои ҷамъ кардагиатона аввал катта-катта хӯред намешавад-мӣ, охир?

**Дуойна шудан**

дуқавла, дуфикра шудан: Ба ман ниғоҳ кун, уко, ё гапи вая маъқул кун, ё гапи ина. Дуойна шудан чӣ лозим!

**Дурнамо будан**

аз масофаи дур ба назар нағз, хушрӯю зебо намудан: Ин пӯстини харидагиятон аз дур бисьёр нағз менамудааст-а! — Ҳамин тавр, ин худаш дурнамо будааст.

**Дурӯза умр**

умри кӯтох, ноустувор: Дар ин дурӯза умр нағзӣ кун, гӯр гапи ганда шавад!

**Дурӯғгӯ — душмани худо**

дурӯғгӯйро ҳатто худо дӯст намедорад:— Пагоҳ рафтанат аниқ рост-мӣ, ё дурӯғ?— Дурӯғгӯ — душмани худо, меравам, ки гуфтам, албатта, меравам!

**Дурӯғгӯӣ аз имон ҷудо мекунад**

дурӯғгӯӣ хуб нест, аз одамгарӣ ва боварӣ дур мекунад, шармандаву шармсор мекунад: Ба ман ниғоҳ кун, бача, дурӯғ нагуфта росташа гӯ, дурӯғгӯӣ аз имон ҷудо мекунад, пули ҳамин мӯйсафеда кӣ гирифт?!

**Дурӯягӣ кардан**

мунофиқӣ кардан: Дурӯягӣ карда, болои гапа пӯшидан чӣ даркор? Баромада росташа гуфтан гир-дия!

**Духтар — меваи ҷавпазак**

зуд ба воя расидани духтар:— Духтар — меваи ҷавпазак-дия, аллакай калонакак шуда мондааст-а!

### Духтари модараш бӯса накардагӣ

духтари бикр, зебову батамкин: Ин «не»,— гуфта бошад, хафа нашав, занак, писаратба як духтари модараш бӯса накардагия гирифта медиҳам, фаҳмидӣ-мӣ!

### Духтари саросема шудагӣ аз шавҳар намеосояд

дар иҷрои коре набояд шитоб кард: Одам гуфтагӣ тока саросема шуда калавдӣ намекунад, оқубат ҳосили дуруст намедиҳад. Ҳар корба асло саросема нашав, духтари саросема шудагӣ аз шавҳар намеосояд!

### Духтари қад ба рас

духтари ба балоғат ва воя расидагӣ: Духтари қад ба раса мемонед, ки ба ҳамин қадар ҷои дур худаш танҳо равад?!

### Душмана бо шакар куштан

шахси бадхоҳро бо суханҳои мулоим ва рафтори хуб мулзам сохтан: Туя ба тӯяш хабар накарда бошад, ту хабар кунӣ, мурданаш кати баробар мешавад. «Душмана бо шакар куш»— гуфтаанд.

### Дуҷон будан:

ҳомиладор будан: Шумо одами дуҷон бошеду ҳамин қадар чизи вазнин мебарореде-мӣ, келинҷон!

### Дӯкони гапбофӣ доштан

аз худ ҳар хел гапҳоро бофта баровардан:— Ҳалимҷон занаша чор фарзандаш кати сар додааст,— мегӯянд... Рост-мӣ?— Тамоман дурӯғ, одамҳои дӯкони гапбофӣ доштагӣ бофта баровардагӣ гап-ин!

## З

### Забон баровардан

айбу гуноҳи худро эътироф накардан ва ба айби дигарон даҳон кушодан: Худат-ку доимо маст шуда ме-

гашти-я, имрӯз боз забон баровардӣ, ки як каса таъна занӣ?!

### Забон газида шиштан

мулоҳизакорӣ кардан, сухан ноғуфта орому хомӯш шиштан: Дар назди доноён, калонсолон одам гуфтагӣ ин қадар маҳмаддоногӣ намекунаду забонаша газида, ба гапи онхо гӯш андохта мешинад, фаҳмидӣ-мӣ?

### Забон гирифт кардан

*1.* дар овони бемории сахт бурро сухан гуфта натавонистан: Бечорая аҳволаш бисьёр бад. Бегоҳ рафта бинам, хоб кардаасту забонаш гирифт карда, базӯр гап мезанад:
**2.** бо ягон сабабу баҳона суфта гап зада натавонистан, забон лакнат пайдо кардан: Бегоҳ дар маҷлис баромад карда, чӣ шуд, ки гапаша гум карда забонаш гирифт карда монд. Он қадар мурданивор арақ хӯрдааст, ки гап зада наметавонад, забонаш бутун гирифт карда мондааст.

### Забон дароз кардан

таклифе кардан, хоҳишеро баён намудан:— Дар китобхонаи шахсиаш «Хамса»-и Низомӣ ҳаст мегӯянд, се-чор рӯза медода бошад-мӣ? Аз карнайчӣ як пуф, як бор забон дароз карда бинед-чӣ, зоро «не» нагӯд...

### Забони (чизеро) донистан

ба коре моҳир будан: Ба амакатон ман коил, аз бист кунда ток ҳамин қадар мавиз гирифтаанд-а!— Забони тока нағз медонанд-дия!

### Забон дорад, ки гап занад

айби худро эътироф накарда, ба айби дигарон даҳон кушодан: Худаш шабурӯз маст шуда мегардаду боз «Фалончӣ арақхӯрӣ карда мегардад!»,— гуфта забон дорад, ки гап занад!

**Забон кати лесидан**

1. касеро бисьёр дӯст доштан: Марҳум модаратон бисьёр каси дӯстнавоз буданд. Ҳар бор равам, он қадар хурсанд мешуданд, ки хаёлашон забонашон кати лесанд;
2. кинояи аз озодаву покиза будани ҷое: Ҷои шиштатон чунон тозаву озода будааст, ки равған резад, забон кати лесида мешавад.

**Забон каҷ рафтан**

гапи ношоям гуфтан, саҳв кардан: Кадом рӯз забонам кач рафта, баъзе беодобиҳо карда бошам, мебахшед, айби ман!

**Забон кушодан**

ба гап сар кардан, сухан гуфтан: Шумо ҳамчун хостгор ба худи падараш як бор забон кушода гӯед-чӣ, вай чӣ мегӯяд?

**Забон нагаштан**

1. ба гуфтани чизе ҷуръат накардан: Оё қабул мекарда бошанд, ё не гуфта «камтар аз ҳамон мумиёи тозаатон дода истед»,— гуфтанба забонам нагашту чӣ гуфтанама надониста гашта омадам;
2. ҳиҷолат кашида хомӯш мондан: Вақте ки ин гапа аз ман пурсиданд, аз шарм доштана чӣ гуфтанба забонам нагашта монд....

**Забон равғанин будан**

хушгап, ширингуфтор, нармсухан будан: Ҳамин рафиқ Амонов хуб одами ширинсухан-дия, хаёли кас, ки аз гапашон ҳаргиз сер намешавӣ.— Рост, забонашон равғанин, кас аз гапашон маза мекунад!

**Забон рост кардан**

баҳри хоҳиш ва илтимос ба сухан оғоз намудан: Барои «Ҳафт авранг»-а се чор рӯза хонданба бо илтимос забон рост кардани шудаму боз забонам нарафт.

### Забон тез будан

балчахл, махмалдоно ва бадсухан будан: Худи духтаратона забонаш тез будааст, набошад хушдоманаш хеч чиз намегўяд.

### Забон устухон надоштан

тасодуфан калимоти номакбулро вирди забон кардан, ба забон гирифтан: Магар хамон гапи дар назди мехмонхо мегуфтагӣ буд? Бубахшед, забон устухон надорад-дия, якбора аз дахонаш баромада рафтааст...

### Забонкўтохӣ кашидан

дар назди касе аз сабаби кўтохӣ норасоие доштан, ба гуфтан ё кардани коре чуръат карда натавонистан: Вайа боб мекарду аз сабаби камтар карздорӣ доштанаш забонкўтохӣ кашид-дия.

### Забона газида мондан

хайрон шудан: Вай хохарзодаатон ин кадар раккоса будааст-у.... Бегох раксаша дида забонама газида мондаам.

### Забон газидан

1. хангоми нутк кардан ногох сарфахми хусни кубхи гуфтори хеш шуда аз идомаи сухани худ худдорӣ намудан: Рости гап, ба хар як гап аввал андеша лозим будааст. Бегох Шодибоя фалону бисмалон гуфта акнун гап зада истода бинам, додарзодаам нишастааст. Якбора забонама газида чим шуда монам мешавад-мӣ?; 2. забонро бо дандон газидан: Бегох жори ачоиб шуд: гўшти пухтагиаш сахт будааст, мехоям гуфта, якбора забонама газидам-е... Анча хун равон шуд...

### Забона гунда газидагӣ

дар мавкеи зарурӣ аз чавоб гуфтан сар печидан: Барои чӣ аз дарсхо прогул кардӣ?— Барои чӣ гап намезанӣ, забоната гунда газидагӣ-мӣ, гап зан охир!

### Забонаша ғунда газад

безабон, гунг шавад, (дуои бад): Ман аз вай ихлосама тамоман кашидам. Сари чавониаш кати ба амаки мӯйсафедаш ин кадар гапи бад мегӯяд-е! Дилам кати: «Хе, забоната ғунда газад-е»,— гуфтам.

### Забонба калима наомадан

1. аз камоли тарсу бим ҳарфе гуфта натавонистан: Аҳволи вазнини вай бечорая дида он қадар тарсида будам, ки ҳатто гап заданба забонамба калима наомада буд;
2. моту мабҳут гардидан, забон лол шудан: Оббо, ин овози Барно Исҳоқова ҳамин қадар кори калон-мӣ? Тамошоба даромадам, ки ҳамин хондана сар кард. Овозаша шунида, ҳамин қадар ҳайрон шуда мондаам, ки бовар мекунед-мӣ, барои гап задан забонамба калима наомада монд.

### Забони дигар доштан

дурӯягӣ кардан, мувофиқ будан: Шаб ғоибона раиса ғайбат карда, имрӯз ин қадар таъриф кард?— Э, ба гапҳои вай бовар накунед, вай забони дигар дорад.

### Забони кача рост кардан

таълим додан, омӯзонидан, саводнок кардан: То чон дорам, рафиқ Қодирова хурмат мекунам, ин кас забони качи мана рост кардагӣ!

### Забони сурх сари сабза медиҳад барбод

гуфтори бад одамро ба бадбахтиҳо дучор мекунад: Ҳамин гапи бада намегуфт, калтак намехӯрд. Ин натичаи забони бадаш

«Бараҳна дид лоларову шабнам гуфт:
Кулоҳи сабзи ту аз боди субҳ чун афтод?
Чавоб доду биханддиду гуфт: нашнидӣ,
Забони сурх сари сабзро диҳад барбод!»

## Забони худ кати гуфтан

иқрор шудан, эътироф намудан: Бо забони худатон гӯед, ки аз ҳамин кор бохабар будед ё не?

## Забондароз будан

шахси бенуқсон будан ва фикрашро озодона гуфта метавонистагӣ будан: Раҳмат ба модаратон, планҳояшона, ки ҳамеша пурраю барзиёд иҷро мекарданд, забонашон дароз буд-дия, ҳама гапашона гуфтан мегиран.

## Забондарозӣ кардан

фахридан, болидан: «Писарам раис»,— гуфта ин қадар забондарозӣ кардан хуб нест. Амал ҳинои рӯи кафи духтарҳо барин гап!

## Забонкӯтоҳ будан

норасоӣ ва кӯтохие доштани касе аз касе ва дар назди ӯ ба гуфтан ё кардани коре ҷуръат карда натавонистан:— Ин барон чӣ бо шумо шоҳмотбозӣ накард?— Ду-се бор мот шуда, забонкӯтоҳ шуда мондагӣ.

## Забоншириин будан

хушгапу хушмуомила, нармгуфтор будан: Ман бо устод Раҳим Ҷалил борҳо шинухез кардаам, ҳамсӯҳбат шудаам. Бисьёр шахси бузурги забонашон ширин будаанд. Кас ҳаргиз намехоҳад, ки аз сӯҳбаташон дур шавад.

## Заволи вақт

ҳангоми фурӯ рафтани офтоб: Ҳозир қариби шом-заволи вақт, дониста монед, ки «Хамса»-и ин каса ман нагирифтаам.

## Замин зер карда гаштан

ба дараҷаи офиятмандӣ умргузор будан, саломат будан:— Чӣ тавр, саломат-мӣ, шумо?— Шукр, як навъ замин зер карда гаштем, зодаҷон!

**Замин кашад**

ба маънои нест шавад, гум шавад: Писару духтар якдигараша нағз дида, «ба ҳаёт мебароем» гӯянд, тӯ «не» мегӯй? Бо ҳамин аҷлат замин кашад-е!..

**Замин хабар набарад**

гапе (сухане) ба гӯши мурда нарасад, то арвоҳаш хафа нашавад:— Хайр, акнун мурду замин хабар набарад, бисьёр ғайбатчӣ буд-дия!...

**Замина канда баромадан**

сахт дард кашидан, озор дидан:— Чаро ин қадар рангатона гиронда мондед?— Ҳамин шаб дилам чунон дард кард, ки замин канда баромадам-дия!...

**Замина хат кашидан**

чашм ба замин дӯхта шиштан, ба сукут рафтан: Аҷаб одамҳое... Омада зорию тавалло карда сад сӯм қарз гирифт. Имрӯзашба омада «те» гӯям, замина хат кашида мешинад, тавба!

**Заминба даромадан ё осмонба парида рафтан**

аз назар ғоиб, нопадид шудан: Охир китобҳо ҳозир дар ҳамин ҷо буд-ку! Чаро нест, заминба даромад, ё осмонба парида баромад?

**Заминба задан**

1. касеро беобрӯ, беҳурмат кардан: Дар назди ёру дӯст акалла як бор «хуш омадӣ», нагуфта худама обрӯма бутун заминба зад-а!;
2. қимати чизеро бисьёр паст гуфтан: Ин ҷомая нархаш панҷоҳ сӯм! Бист сӯм гуфта ин қадар заминба назан, уко!

**Заминба занӣ, осмонба мебарояд**

киноя аз ниҳоят шӯх будани кӯдак: Ин писарчатон бисьёр шӯх будааст-е, заминба занед, осмонба мебарояд-а!

### Заминба хобондан

афтондан, мағлуб сохтан: Раҳматӣ Раҳмоналӣ полвон ниҳоят зӯр буд-дия... Бо кадом як полвон гӯштин гирад, ҳамоно заминба мехобонд...

### Замину осмона надонистан

1. ниҳоят шӯх будан: Ин писарчаатон ҳамин қадар шӯх-мӣ, замину осмона намедонад-а!;
2. аз асари мастӣ беҳушу хотир будан: Имшаб чунон маст шуда омадӣ, ки замину осмона намедонистӣ, айб аст!;
3. касали сахт будан: Қасалии бечора анча сахт. Шаб бинам, обу аракба ғӯтидагӣ, замину осмона намедонад, чашмаш пӯшидагӣ, хоб кардааст.

### Зани бепо

бадахлоқ, ношоиста, нолоиқ, бадкирдор: Амакат-а «садқаи одам шав» гӯ, қойда занаш-а чор фарзандаш қати аз хона пеш карда, ҳамун як зани бепоя мегирад?

### Занпараст будан

занро бисьёр нағз дидан, аз ӯ тоқати ҷудоӣ надоштан: — Барои чӣ шабона намебароед, ки чорто чақчақ карда шинем?— Ин каса мегӯед-мӣ, ниҳоят занпараст будаанд, хаёлашон ҳамин, ки аз назди келинбучам ҳаргиз берун набароянд.

### Зарба шинондан

таъсири худро гузарондан: Вакте ки бо ин ҳамгап шудам, хаёл кардам, ки гапаша гум кардагӣ барин забонаш анча гирифт карда монд. Хаёлатон дуруст, ин одам анча зарбаша шинондагӣ, ки ҳаст, дар вақти гап задан анча худаша гум карда мемонад..

### Зардоб будан

ниҳоят зиқ, асабӣ, бадгап, дилтанг ва тундхӯ будан: Бо вай мана ҳаргиз рӯ ба рӯ накун-а, бародар, ки кас қафида мемурад. Камтар аз димоғаш болотар гап за-

да монӣ, суп-сурх лаблабу барин тафсида, мехоҳад, ки бо ту даст ба гиребон шавад. Ин хел зардоб будаги одамҳо кати ҳаргиз рӯ ба рӯ шудана намехоҳам!

### Зардоб чакондан

аз ҳад зиёд зиқ кардан:— Э, ин бачат ин қадар гирья мекунад? Зардобама чаконд-ку!..

### Зарфтангӣ кардан

1. хасисӣ, мумсикӣ кардан: Тӯйба одам гуфтагӣ миёнаша калон мекушоду майдатарин чизба зарфтангӣ кардан намегирад!
2. зиқ, асабӣ шудан: Хайр, бача бо бача ҷанг намекунад-мӣ? Барои ин зарфтангӣ карда, зиқ шудан чӣ даркор?

### Заршинос будан

неку бадро нағз фарқ карда тавонистан: Китоби Ҷавҳарӣ ба фурӯш омадан замон аввал шумо харидед, заршинос будаед.

### Зарьёб будан

ҳушьёр, чусту чолок, кордон, ӯҳдабаро будан: Писаратона дуои нек кунед, бисьёр бачаи зарьёб будааст, вай кам намешавад!

### Захми забон задан

бадгӯӣ, бадлафзӣ кардан, тунду турш дили касеро ранҷондан: Баҳудаву беҳуда гапи ганда кати захми забон задан айб не-мӣ?!

### Захми сӯзан задан

чизеро дӯхтудӯз кардан: Ба қадри ин сӯзанӣ расидон, ки ман ина захми сӯзан зада дӯхтагӣ!..

### Захми теғ мераваду захми забон намеравад

гапи бад дили касонро меранҷонад ва аз дилхо зудуда намешавад: Барои чӣ гапҳои бад гуфта вай бечорая бисьёр озор додӣ? Айб аст, захми теғ мераваду захми забон не!

### Заҳ кашидан

намнок шудан: Таги ин девор анча заҳ кашидааст, нағзакак таъмир накунед, намешавад!

### Заҳр будан

тундхӯ, бадгап ва дуруштмуомила будан: Вай раисотона холӣ кардетон-мӣ? Бисьёр кори хуб кардетон, вай одамбашара не, заҳр буд!

### Заҳр рехтан

1. аз сардӣ ба дараҷаи гармӣ омада расидани ҳаво: Бегоҳ ҳаво бисьёр хунук буд-куя, имрӯз анча заҳраш рехтааст;
2. суханҳои дурушт гуфтан, ниқор гирифтан: Айб аз худаш гузашта буд. Кадом рӯз омаду бекорба дар ҳаққи ин бисьёр гапҳои пасту баланд гуфт. Ин ҳам қасос гирифтанӣ шуда, муддао заҳраша рехт-дия!
3. осеб дидан аз ягон ҷондори заҳрнок: Ин мори заҳрнок-а, аз ин эҳтиёт кун, ки заҳраша резад, бисьёр хавфнок...

### Заҳр кардан

ҳангоми хӯрок хӯрдани шахсе бо сухан ва муомилаи дурушт табиати вайро хира сохтан:— А писарам, барои чӣ ин ошата нахӯрдӣ?— Вақти хӯрда истодан инатон виқ-виқ карда, рости гап, оши овардагиатона заҳр кард. Аз гулӯям дигар намегузарад.

### Заҳри одама одам мебардорад

аз суҳбату ҳамнишинӣ ва аз гапу гуфтору чақ-чақ хурсанд шудан, дар дил ғаму ғурбат намондан: Ҳар

замон омада истед: ана ҳамин хел чақ-чақ кардан боиси хурсандии якдигар мешавад. «Заҳри одама одам мебардорад»,—гуфтаанд.

### Заҳри кавок кардан

ба касе хуб ва илтифоткорона назар накардан, ба касе бад нигоҳ кардан, муомилаи хуб накардан: Хонааш сараша хурад, вай барин калонтабиатҳоя. Ба хонааш дигар кадамама зер намекунам! Ҳар бор равам, ба ман нигоҳ карда заҳри қавоқ мекунад...

### Заҳри дила рехтан

дарди дилро гуфтан, бо ҳам сӯҳбат кардан, рози дил гуфтан: Чандин рӯзҳо боз бо якдигар нашишта, муддао хумории сӯҳбат шуда гашта будем. Имрӯз муддао заҳри дили якдигара рехта, хурсанд шудем-дия!...

### Заҳрбардор будан

ҳамнишину ҳамғап ва дӯст будан: Ҳар бор кашиш накарда биёед, ако, камтар чақ-чақ карда заҳри дила холӣ кунем. Мо бо ҳамдигар заҳрбардор ҳастем, ина дониста монед!

### Заҳрханда кардан

хандаи кинояомез, пуртамасхур кардан: Чаро ҳар бор ман гап занам, ту як бор заҳрханда карда мемонӣ? Ба хаёлам, гапи ман ба ту намефорад-дия!...

### Зеби чома — қабули омма

либоси хуб боиси хушсуратии кас мегардад: Насиб кунад, чомаи пӯшидагиатон ба худатон бисьёр зебидааст: «зеби чома — қабули омма» — гуфтаанд.

### Зер карда даромадан

ногаҳон, беибо, нопурсиш ва ғайри интизорӣ ба чое дохил шудан: Намемонад, ки чорта гапи худа гуфта шинем. Гап назада зер карда даромадан мегирад.

### Зер шуда рафтан

пасанда шудани гапу калоча ва ғайбат: Дар вақтҳои прогул мекардагиаш бисьёр гап мезанад. Алҳол бачаи нагз шуданаш ин чониб, вай гапҳо зер шуда рафтагӣ.

### Зер шудан

1. вазнин, ботамкин ва боодоб шудан: Пеш бисьёр шӯх буд-куя, ҳозир калон шуда, анча зер шудаст; 2. бардошта шудани гапу калочаи мардум дар ҳаққи касе: Дар хусуси занаша бо се нафар фарзандаш сар доданаш бисьёр гапу калоча шуда буду, не, ба хаёлам алҳол ин гапҳо то як андоза зер шудагӣ барин.

### Зеҳи кунд будан

чизеро зуд ва хуб аз худ карда натавонистан: Ҳамин ҷадвали карра-карра чӣ, ки ҳамина надонӣ? Зеҳнат тоза ҳам кунд будааст-дия!..

### Зинапаррак барин кор кардан

сар-сарӣ, беэътиборона ва бо ҳила кор кардан: Тока ин хел зинапаррак барин рӯякӣ кор кунӣ, туба ҳосил метияд-мӣ?!

### Зинда ба зинда куштан

касеро бо суханҳои обдор мулзам ва шармандаву шармсор кардан, рухан азоб додан: Худаша бо манманӣ таъриф карда шишта буд, чор даҳон айбаша гуфта, дар назди шиштагиҳо зинда ба зинда куштед мондед-дия!..

### Зинда сағера мондан

дар вақти ҳаёт будани падар, бо ягон сабаб аз ӯ ҷудо шуда мондан, зинда ҷудо шудан: Вақте ки падарам модарама сар дода, зани дигар гирифту бо ҳамон зани нав шуд, моро фаромӯш кард. Мо 4 нафар хоҳару додар зинда сағера мондем.

**Зиқов кардан**

...борон касе ба таври чиддӣ пурсиш кардан, маълу... пурсидан: Вакте ки зиқов карда мепурсанд, ба... айбаш иқрор мешавад.

**Зол будан**

..., рамузфаҳм, доно ва хушьёр будан: Вай бисьёр ...и зол будаст, гап назадан пеш, аз рамузи гап ди...й одама медонистааст.

**Зор набудан**

...асе ё чизе мӯҳтоҷ, толиб ва эҳтиёҷманд набудан: ... ба амали медодагиаш зор не, ки сарама хам кар...ушомад кунам!

**Зот паст будан**

...онадони нек, соҳибтарбия ва некӯфазилат набудан: ... вақташ «мо эшону тӯра»,— гуфта худаша таъриф ...да мегашт. Аслаш, ки зоташ паст буд, имрӯз маст ...а гаштани ина бин!

**Зоға қағғос заданаш барин**

...оя аз бадгӯй кардан, сухани ногувору нолоиқ гуф...— Ҳамин Сангин аҷаб одами бефаҳм будааст-дия, ...й дар назди одамҳо худ аз худ ба ман нигоҳ карда ...ингпаррой мекунад, тавба!— Аз вай хафа нашав, ..., гапҳои вай зоға қағғас заданаш барин гап.

**Зуволааш калон**

...е серризқу насиба: Шодиёна те, ҷӯраат машинаи ...оскивич» бурдааст.— Насиб кунад, аслан худаш йи...и зуволааш калон!

**Зоғе бе доғе набудан**

... ҳар кас як дард, як алам, як ҳасрат будан: Дар ...ам аз хӯрдан, аз пӯшидан камӣ надорад. Худаш ...хси бадавлат, ҳаргиз ҳасрат надорад-дия, гуфта

гардам, бисьёр хасрат кард. Акнун донам, ҳеч зоге бе доғе набудааст-е!

**Зуволааш нимта**

каси камризқу насиба: — Ҳамин қадар худата ба чор тараф мезанию, боз «мазаам-не» мегӯӣ? — Хайр, чӣ гӯям? Аслан зуволаам нимта бошад, гуноҳи ман-чӣ?!

**Зӯр овардан**

нисбат ба аҳволи касе супориши вазнинеро ба дӯши ӯ бор кардан: Ин-ку як муаллими оддӣ-я? «Ба тӯят даҳ пуд биринҷ дам кун!,— гуфта зӯр овардан чӣ даркор!;..
Ман ку худам нотоб. «Ҳамин тока аз каландӣ барор!»,— гуфта зӯр овардаатон «Болои сӯхтаба намакоб» не-мӣ!

## И

**Изо кашидан**

шарм доштан, хиҷолатманд шудан: Бо далелҳои раднопазир, ки гуфтааша рад кардӣ, худаш ҳам, бечора изо кашид.

**Изора гарданба овехтан**

касеро шармандаву шармсор кардан: Вай беору номуси шарманда кати баробар нашав! Ҷош ояд, аз изораша гарданашба овехта шармандагӣ кардан ҳам рӯй наметобад!

**Изорба бӯбарак даромадан**

ба ташвиш афтодан, ноором шудан: Ин мулло Шариф ин қадар бесаранҷом? Як ҳафта мешавад, ки магазинаша тафтиш мекунанд. Изорашба бӯбарак даромадагӣ!

## Икиру чикир

майда-чуйда: Дилатона васеъ кунед, икиру чикирба хафа шуда мегардед-мй!

## Илм бетаг аст

илм интиҳо надорад: Ба ман нигоҳ кун, ҳазор сол хони ҳам, боз чала мемонад. Илм бетаг аст, фаҳмидй-мй?

## Имрӯз гузарад, фардо худо подшоҳ

ҳозирро ғанимат донистан, ғами пагоҳро нахӯрдан: Ин оши тақдир кардагия хӯрда, шикамата сер карда гир. Имрӯз гузарад, фардо худо подшоҳ!

## Имтиҳон карда дидан

жасеро аз ҳар хусус санчидан: Ин чавона корба қабул кардан гиред, бисьёр чавони хуб. Мо ина кайҳо имтиҳон карда дидагй.

## Ин тарафа нигоҳ кардан

аз беморй офият ёфтан:— Ако, падар чи тавр, як навъ дуруст шуданд-мй?— Шукр, ин тарафа нигоҳ карда хестанд.

## Ин тараф, он тарафа дида кор кардан

1. ҳушьёр шуда, ҳар чизро санчида, эҳтиёткорона амал кардан: Кори раисй осон не, ука, дар намемонам гӯй, доимо ин тараф, он тарафа дида кор кун!.
2. мувофиқ ба вазъият кардан: Ту «тӯй вадаванг мекунам»,— гуфта худата беҳуда маиб накуну ин тараф, он тарафата дида кор кун!

## Инсон-бандаи эҳсон

накӯкорй ба ивази эҳсони инсон: Раис, ки ба ин ёрдам карда ҳар чи — ҳар чи медиҳад, ин ҳам аз гапи вай намебароядия, «инсон-бандаи эҳсон» — гуфтаанд.

даводавӣ мекунад, худаш ҳам, кайки даруни эзор барин будаст, тавба-а!..

**Кайф ба арши аъло расидагӣ**

ниҳоят маст будан: Ба акотон насиҳат кунед намешавад-мӣ, ин қадар маст мешавад, айб не-мӣ? Бегоҳ бинам, кайфаш ба арши аъло расидагӣ, на замина медонаду на осмона!

**Қалавончак нашудан**

ноустуворӣ кардан, болои гапу коре истодагӣ кардан: Дирӯз дар назди раис як гап гуфтию имрӯз дар ғайбаш дигар гап мезанӣ? Қалавончак нашаву як гапба ист!

**Қалака кардан**

писанд накардан, масхара кардан: Ба роҳаш рост рафта истодагӣ одама чоркаса калака карданашон чӣ нафъ дорад? Айб немӣ?

**Калида тоб дода мондан**

касеро танбеҳ додан; огоҳонида мондан: Писарчаи хурдиатон бисьёр гандагаштӣ карда, бисьёр касона озор медодагӣ шудааст. Шумо-падар, саҳл калидаша тоб дода монед, намешавад-мӣ?!

**Калла кати кор кардан**

ақлро кор фармудан: Роҳи ина ёфтанӣ бошӣ, ба ҷои як каса пурсидан худат калла кати кор кун, бародар.

**Калла кор кардан**

сарфаҳм рафтан, фикр давидан, пай бурдан: Офарин, масъалая дуруст кор кардия, каллаат кор кард!

**Калла надоштан**

беақл, нодон будан: — Э, пагоҳирӯзӣ кати писарчая ба куҷо бурда истодаед? — Се-чор рӯз боз тобаш не, ба

пеши эшони тўраам бурда, як ириму дирим кунонда биём-чӣ!

— Э, ба назди одами калла надоштагӣ бурда чӣ кор мекунед? Духтурба баред-е!; Падарат туя ба саёҳати Москва мебарам гуфтанду ту «не» гуфтӣ-мӣ? Акнун донам, калла надоштӣ!

### Қалла хум барин шудан

1. сари касе гиҷ шудан: Ҳамин як масъалаи мушкила ҳал кардам,— гуфта тоза бисьёр гап задӣ-дия! ...Ту гап задию каллаи ман хум барин шуд;
2. баъд аз хоби зиёде ё пас аз мастии лоақил гаранг-шудан: Аз бисьёр хоб кардан каллаам хум барин шудааст. Як чои талх дам карда биёр, зоро кушода шавам...

### Қаллаи мурдашӯ шудан

шарманда, ҳиҷолатманд шудан: Дар байни зану шавҳар ҳаргиз надаро! Як шавад зану шӯ, мобайн-ба ту шавӣ-каллаи мурдашӯ!

### Қаллаи сӯхтагӣ

беқал, нодон: Шунидед-мӣ, Ҷобир занаша сар дода, як беваи нағз дида, мегирифтагӣ шудаст.— А, ҳамин хел зани хушрӯи боақлу фаросата сар додаст? Э, бо ҳамон каллаи сӯхтагиат мур гӯ-е!

### Каллаба афтидан

ба зиммаи касе афтидани айбе, гуноҳе: Дуздия худи ҳамин карда будааст-дия, вақти суд кардан гуноҳ каллашба афтид.

### Қаллаба гирифтан

1. айбу гуноҳеро иқрор шудан, эътироф намудан: Хош, ҳамин писари ҳамсояя бекорба зада гирьёндӣ! Гуноҳата калатба гир;
2. чизеро дарк кардан: Китоба, ки хондӣ, маънаша ҳам каллатба гир-дия!

**Каллая гум кардан**

аз ақлу хирад, фаҳму фаросат бегона будан: Ҳамин қавсобба токата аз об набарорӣ кай об медиҳӣ, акнун донам, каллаата гум кардӣ, уко!; Э, бо бача баробар шуда чӣ кор мекунӣ? Каллаата гум кардӣ-мӣ?

**Каллая хӯрдан**

аз ақл бегона шудан: Ҳосили токҳо имсол бисьёр нағз. «Иҷро шудани плани ангурсупорӣ дар гумон»,— гуфтмӣ? Каллаата хӯрдӣ. План барзиёд иҷро мешавад!

**Каллаварам будан**

чизеро нафаҳмидан, ба чизе сарфаҳм нарафтан: Аҳамияти қавсоба надонӣ каллаварам будӣ-ку!

**Каллакаду будан**

беақл будан: Борони тобистон магар муфид аст? Ҳаргиз не! Акнун донам, каллакаду будӣ.

**Каллакалони гӯрадузд**
**Боғба дарою ангура дузд**

беақлу фаросат, беандеша: Каллаи Ашӯр калон бошад ҳам, ақли дуруст надорад. Ақлаш бошад «ман раис шавам, ҳамаата аз кор пеш мекунам!» мегӯяд-мӣ? Каллакалони гӯрадузд, Боғба дарою ангура дузд.

**Каллапуфаки пистапӯчоқ будан**

нодон, бехирад, беқал будан: Ҳамин вазифа чӣ, ки ҳамина тайёр накарда омадӣ. Акнун донам, каллапуфаки пистапӯчок будӣ!

**Қалобаи бесарунӯг**

чизи печ дар печ: Ҷанҷоли онҳо қалобаи бесарунӯг, ин ҷанҷола сӯд ҳал накунад, каси дигар ҳал карда наметавонад!

## Калобаи бесарунӯг барин

печ дар печ будани коре ва мушкил будани ҳалли он: Охир, ин ҳуҷҷатхои хонандаҳоя ба тартиб дароредлия, калобаи бесарунӯг барин карда мондед, аз ин кӣ чӣ мефаҳмад?

## Калонии худба паридан

мағрури амал ва мансаб шудан: «Имрӯз ман сардори ту!»— гуфта калонии худатба напар! Динаякак ҳардуямон дар як парта шишта мехондем! «Раис шудам»,— гуфта ин қадар калонии худатон-ба напаред, ако, имрӯз шумо, фардо каси дигар!

## Калонгӯй кардан

1. бо фахру тамаино худро ситоиш, таъриф кардан: «Ман фалон мекунам, бисмалон мекунам»,— гуфта калонгӯй кардан нафъ надорад. Аввал як кора куну баъд таъриф кардан гир!;
2. аз ҳад зиёд муболиға кардан, лоф задан: «Аком зӯр»-гуфта, ин қадар калонгӯй кардан нагир. Як зӯрхо ҳаст, ки дар назди вайхо акот дардарак ҳам намешавад!

## Калобончак будан

устувор набудан: Барои чӣ дам меравам мегӯй, дам не? Ин хел калобончак будан нағз-не! Ё меравам гӯй, ё не, уко.

## Калон гап задан

худситой кардан, худро бо таърифу тавсиф болобардорӣ кардан: «Ман фалон кардам, ман бисмалон мекунам»,— гуфта баланд рафтан, калон гап задан не. Нона калон газу гапа калон назан!

### Калонигарӣ кардан

1. аз мансаб ва мартабаи каси наздики худ болидан ва ё ба дастгирии ягон кас умед баста ҳавобаландӣ, мағрурӣ ва худситоӣ кардан: «Амакам раис» — гуфта калонигарӣ, накун, уко, нағз не.
2. ба давлату дороии хеш ғарра шудан: Аз пушти давлатат калонигарӣ мекунӣ-мӣ? Вай пулу чизи бедарди миён афтидагиатба туф мекунам.
«Туя мат мекунам!» — гуфта ин қадар ҳам калонигарӣ кардан ба ту намезебад, уко, боз худат мат шуда намонӣ!
3. ба мансаби худ ғарра шудан: Раис шудӣ, шудӣ-дия, ин қадар калонигарӣ кардан нагир!

### Қалоҳида-чалоҳида гаштан

як навъ умргузор будан: Ин вақтҳо камнамо, дурустмӣ, шумо?—Қалоҳида-чалоҳида гаштем-дия, худи шумо чӣ тавр?

### Қалтак ба сари (касе) шикастан

айбу гуноҳ ба зиммаи касе афтидан: Шӯхӣ кардагӣ писари Отабегу калтак омада ба сари писари ман шикаст...

### Қалта рафтан

камандешагӣ кардан: Вай хурду шумо калон. Айб аз вай гузаштагӣ бошад ҳам, калта нараведу кӯпрук шуда, гапҳои дар байнатон шудагия зери по кунед монед!

### Қалӯши (касеро) пеши пояшба мондан

1. аз бахри касе баромадан, аз даргоҳ бароварда гуселондан: Аҷаб одаме будӣ ту, бародар, занаш ганда бошад, калӯшаша пеши пояшба монда, якбора тӯғрӣ кун мон-дия!
2. ҳурмати касеро ба ҷо овардан: Духтарам, барака меёбам гӯӣ ҳар бор кампир берун баромаданӣ шаванд, калӯшашона пеши пояшонба монда дуошона гир, баракa меёбӣ!

## Ками мову карами шумо

...изи кам ва ночизи касеро ба чон бисьёр донистан ва ...абул кардан: Ман медонам, ки нархи гусфандатон ...нчсад сўм. Аммо барои мо панчох сўм кам мекунед. ...ами мову карами шумо!

## Кама тияду гама не

...р зиндагй бояд беларво беғаш буд: Шумо «ман аз ... каму аз вай кам»,—гуфта ғам нахўред, хохарчон. ...ама тияду гама не!

## Каму кўтох кардан

... анчом расондани коре:—Хош, имората тамом кар-..., хотирчамъ шудед-мй?—Чй кор кунем, охир, ука, ...бора каму кўтох кардем мондем-дия!

## Камарбаста шуда омадан

... махбусй озод шуда омадан: Домулло, укаатон аз ...бс озод шуда омадаанд, хурсанд шудед?—Набошад-..., кисматаш хамин будааст. Камарбаста шуда ома-... гишба хам шукри беадад!...

## Камбагала аз болои шутур саг газидааст

...ад накардани кори шахси камбагал ва гирифтор ...дани ў ба ғаму ғурбат:—Э, ин чою чалоли кори ка-...н муборак шавад, Бобо Масобир!—Шукр, рахмат ... шумо, писарам, пеш вактхо камбағал, бебизоат бу-...м, корамо омад надошт, «камбағала саг аз болои ...утур газидааст»—гуфтагй гапхо барин кадами ба ...ш мемондагимо хамеша ба кафо мерафт. Хозир чи, ...ина аз шарофати ғамхории давлатамон хамеша ко-...мон панч, писарам!

## Камбағала назан, накўбу чомааша даррон

... шахси нодор нисбат ба азоби чисмонй азоби моддй ...сонидан сахттар ва вазнинтар аст: Шукр холо ман ...мбағал нестамкуя, аммо нисбат ба дорони шумо мо

барин одамҳо камбағалтар. Қамбағала назан, нақубу ҷомааша дарон гуфтагӣ гапҳо барин зӯратон ба гови мо расид, ки зада ду пояша шикастед-мия!

### Камбудӣ гузаштан

норасоие содир шудан аз касе: Шумоя тӯйба хабар кардан аз ёдам фаромӯш шудааст. Ин камбудӣ аз ман гузаштас, мебахшед, ука!

### Камкамак будан

шахси камақлу фаросат будан: Ба рафиқатон гӯед, минбаъд ин кораша такрор накунад. Шаб бисьёр хафа шудам. Дар назди меҳмонҳо ба чои чор даҳан гапи дуруст гуфтан, фақат бедонааша таърйф мекунад-мӣ?— Аз вай хафа нашавед, вай худаш аслан камкамак буд!

### Канаба кандан

алоқа, муносибатро қатъ намудан: Бо Сангин чаро саломy алек накардӣ?— Духтари акаама сар доданаш инҷониб мо аз вай канаба кандагӣ!

### Каначаспак шудан

ҳаргиз ҷудо шуданро нахостани касе, аз каси дигар, якҷоя будан: Ту имрӯз бо акаат меравӣ. Ҳар рӯз ба ман каначаспак шуда рафтан мегирӣ-мӣ?

### Канда шудан

баъд аз орият ёфтан аз касалӣ бо сабабе аз нав бемор шудан:— Падаратон нағз шуданд-мӣ?— Саппа саҳат шуда буданду пали ҳавлия каландӣ карда канда шаванд мешад-мӣ? Бегоҳ инҷониб боз тобашон не.

### Каси калон

1. соҳибмансаб: Ин одама шинохтӣ-мӣ?— Не!— Министр.— Оҳҳо, каси калон будааст-ку!
2. мутакаббир, мағрур ва ҳавобаланд: Укотон ҳамин қадар каси калон шудааст-мӣ, ки ақаллан саломи одамиба алек намегирифтагӣ шуда мондааст!

**Кас бо иззат сер**

…урмати якдигарӣ амри воҷиб аст: Писарам, ба хона…т, ба маъракаат ҳар кас оянд, пеш аз ҳама, иззат кун, …урматаша ба ҷо ор! Кас бо иззат сер!»

**Каҳдонба алов афтидан**

…ниҳояти ташна будан ва ташна шудан: Ин қадар чой мехӯрӣ, ё каҳдонба алов афтид-мӣ?..

**Кафи даст хоридан**

…аз ҷое даромад шудан, пул гирифтан: Кафи дастам хорида истодааст, бояд моҳона диҳад.

**Қафангадо шудан**

…бечизу чора, бе ҳеҷ чиз мондан, нодор шудан: Ба гапи ҳар кас даромада, тӯя калон кардаму охир қафангадо шудам!..

**Кафба бардошта гаштан**

…касеро эрка нигоҳ доштан, навозишкорона лагандбардорӣ кардан: Вай, ки раис аст, ин албатта кафба бардошта мегардад-дия.

**Кафиданба наздик омадан**

…фарбеҳ шудан: Аз паси даромади бедарди миён ҳамин қадар фарбеҳ шудааст, ки кафиданба наздик омадааст-а, тавба!
…касеро таърифу тавсиф намуда, оқибат фиреб додан:

**Кафтарпарронӣ будан**

…касеро таърифу тавсиф намуда, оқибат фиреб додан: «Ту фарзанди одами дуруст. Тӯй мекардагӣ бошӣ, чору панҷ қарадор шавӣ ҳам майлаш. Аммо чор кас медидагӣ тӯй кун, писарам» гӯяд, мани беақл ба гапи вай даромадаму то ҳекиртак ба қарз ғӯтидам. Акнун донам, ин гапо — ҳамааш кафтарпарронӣ будааст.

## Қафтархона шудан

чон рафтуомади дигархо шудани маҳале: Ман бехуда ба вай боданӯши расво лофи ошной зада будаам. Аз бисьёр омадани ҷӯраҳои боданӯшаш се моҳ ин ҷониб хонаам кафтархона шуда монд...

## Каъба чӣ меравӣ? дилеро дарьёб

нисбат ба каъба рафтан дилеро ба даст овардан беҳтар аст: Бале писарам, хеҷ касро наранҷону дил ба даст ор. Бузургон гуфтаанд: Каъба чӣ меравӣ? дилеро дарьёб.

## Кач рафтан

ҳарфи ношоям задан, рафтори ношоям содир намудан: Холо бєз ҳам камтар хонед,— гуфта, ба ту насиҳат кунад, ту бошӣ, мақсади вайя ба качӣ бурдию, пас рафтӣ, гапҳои ношоям зада, бечорая хафа кардӣ!

## Қирми чашм мурдан

1. бо ташкил намудани ягон маросими шодмонӣ орзӯи деринаи худро ба амал овардан ва шоду масрур шудан: Хайр, ба ман чӣ? Тӯи вадаванг карда, кирми чашмаш мурда бошад ҳам, то хекиртакаш ба қарз гӯтид;
2. касе ё ҷизеро тамошо карда, аз он ҳаловат бурдан: Имшаб кунчорабазма тамошо карда, кирми чашматон мурд-мӣ?

## Қирму кана кардан

ба тозагӣ риоя накардан, ифлос ва чиркин будан: Ба ман нигоҳ кун, як бор ба оина худата бин, ба чӣ аҳволӣ? Ин қадар ифлос ту, то ба кай ҳамин хел кирму кана карда мегардӣ? Як маротиба ҳаммом равӣ намешавад-мӣ!..

## Қирмаки ба даҳа рафтагӣ барин

ором, хомӯш, қобил: Писаратон писарҷон-дия! Ба гапи ҳама ором гӯш карда мешинаду мағзи гапа ҷудо

карда мегирад. Он кадар орому кобил, ки кирмаки ба даха рафтагӣ барин...

**Қирмаки нав аз даҳа хестагӣ барин**

гурсуна ва серхӯрок: Ин қадар хӯрок мехӯрӣ? Қирмаки нав аз даха хестагӣ барин-а, ё тавба-е!...

**Киса пур кардан**

ришва (пул) додан: Қисаи вайя пур кардагӣ, ки инба гап намезанад.

**Кифт ба кифт будан**

аз одам пур будан, каси бисьёр будан: Бозори Ӯротеппа ачоиб бозор-дия... Аз бисьёрии одама кас кифт ба кифт шуда мегардад-е.

**Қиштзорба алов афтидан**

ниҳоят ташна будан: Қиштзорба алов афтид-мӣ, ин кадар чой менӯшед!

**Қову чов кардан**

1. касеро ҷустуҷӯ намудан: Писарча нафаҳмида ба автобуси Бекобод савор шуда рафтааст. Ду рӯз ковучов карда базӯр ёфтим-дия;
2. аз болои касе тафтиш бурдан: Дар вақти мудири магазин буданаш бисьёр корхои нодуруст карда будааст. Ин сир кушода шуда, алҳол кову чов карда истода будаанд.

**Қоми (касеро) бардоштан**

чизеро бисьёр дӯст доштан: Ин кадар қанд мехӯрӣ? Қомата қанд кати бардоштагӣ-мӣ?

**Кому забон бастагӣ**

1. гап наздан, ба гап ҷавоб нагардондан: Чаро аз дарсхоят прогул мекунӣ? Гап зан охир, чаро кому забоната бастагӣ, гап зан!

2. таҳти таъсири касе будан, ба раъйи вай нигоҳ кар-да кор кардан: Раис кому забони ина бастагӣ. Кадом роҳа нишон диҳад, ба ҳамин роҳ меравад, беақл!

### Қор аз даст рафтан

гузаштани фурсат, дер шудан, вақтро гузарондан: Бар-вақттар хостгорҳоятона фиристонед,— гуфтам, «ҳа ана, ҳа мана» гуфтеду бепарвогӣ кардед.— Пагоҳ фи-ристонем?— Не, акнун кор аз даст рафт, духтараша ба каси дигар номзад карданд.

### Қор ванг

пешрафт будани коре! Хайр, аз Зафарободба рафта-натон хурсанд-мӣ?— Қорхо ванг, додар, ҳамин сол аз пахта ҳосили баланд ба даст овардем.

### Қор зада шудан

аз коре дилбазан шудан ва дигар ҳавсалаи ичрои онро надоштан: Ин махсия ин қадар бесифат, сарам дилам дӯхтед? Ин не, вай не корзада шудаед, усто!

### Қор напухтан

оид ба ягон масъала мувофиқат ҳосил нанамудани тарафайн: Чаро аз кор баромадӣ?— Э, вай раиси ни-ҳоят ҳавобаланд будааст. Қори ман вай қати напухт.

### Қор омад кардан

бахт ёфтан, барор гирифтани касбу кор. Қораш омад карда аз латареяи ситена як мошин бурда мешавад-мӣ!

### Қор пошна задан

кор пеш нарафтан, барор нагирифтан: Давлат, ки дар магазинҳо молу чиза сероб карда мондааст, албатта, қори ҳаннотҳои расво пошна зада монд-дия!

### Қор равғанин будан

сердаромад будани коре:— Чӣ тавр, ба база рафтанат ин чониб корат дуруст-мӣ?— Қори равғанин будааст, бародар, ягон маротиба раз ман туя хурсанд карда фиристонам!

### Кор ранги дигара гирифтан

мувофиқи чашмдошт ҳал нашудани масъала:— Пагоҳ ба кор қабул мекардагӣ буд, кадом дилсиёҳ ганда карда нишон додааст-мӣ, аз қавлаш гаштааст.— Кор ранги дигарро гирифт гӯед-чӣ?

### Кор хӯрчин будан

чатоқ ва ғайриматлуб будани коре: Дирӯз рафта аз як сар дида баромадам, кораш хӯрчин будааст. На ҳисоб ҳасту на китоб...

### Кор чатоқ

мувофиқ табъ набудани коре:— Чӣ тавр, токҳоя аз об баровардӣ?— Не, раис, кор чатоқ шаб ин чониб ба гӯшаи мо об наомадааст.

### Қор ширин-шакар шудан

хуб ва мувофиқи табъ шудани коре:— Розӣ шуд-мӣ?— Розӣ шудан ҳам гап-мӣ, корҳо ширин-шакар шуд. Пагоҳ занҳоя фиристонед, понашона гирифта оянд.

### Қор шудан

**1.** бемадор, лоғар ва заифу нотавон шудан: Қасал шудан ин чониб кораш шуда мондааст. Базӯр роҳ меравад;
**2.** фавтидан, мурдан: — ҳа, тинчӣ-мӣ? — То беморхона бурдана бечорая кораш шуд;
**3.** ба итмом расидани коре: — Ҳоло ҳам кораша давом дода истодааст-мӣ?— Ду соат пеш кораш шуда буд.

## Қор қандин шудан

дуруст ва мувофиқи табъ шудани коре:— Шодиёна ди-ҳед, ако, корҳо қандин шуд.— Чӣ тавр?— Писаратон имтиҳона бо баҳои панҷ супурд.

## Кори бадба гаштан

амали номақбуле содир намудан: Қори бадба гашта доимо мастӣ кардан гирифт, охир чӣ шуд? Шаш моҳ ин ҷониб касал хоб будааст.

## Қори хун доштан

кори зарур ва ҷиддӣ доштан: Ба ман нигоҳ кун, кори хун дошта бошӣ ҳам, аввал вая мону укаата ба духтур бар!

## Қори худ кати шудан

1. машғул ба кори асосии худ шудан ва ба кори дигарон халал нарасондан: Ту дарси забон, ин математикая тайёр карда истодетон. Ба кори ин халал расон-данат чӣ даркор. Хез, кори худ кати шав!
2. дар арафаи фавт будан:— Бобот чӣ тавр?— Қасали-ашон бисьёр вазнин шаб ин ҷониб кори худ кати шуда мондагӣ.

## Қори хунук кардан

амали ношоиста ва номақбулро содир намудан: Ту калон, вай хурд. Бо ҳамон баробар шуда, вая заданат дуруст буд-мӣ? Қори хунук кардӣ!

## Қори шаб-хандаи рӯз

сифати коре, ки шабона ба ҷо оварда мешавад, бо кори рӯзона баробар нест: Ман гуфтам-а гӯшаҳои оба рӯзона баста мон! Не гуфтию ин кора шабона кардӣ, охир чӣ шуд. Ним гӯша об ба дигар тараф зада рафтааст. Беҳуда нагуфтааст, ки кори шаб-хандаи рӯз!

## Қори ӯбада

бетартиб (беназм) будани коре: А, ин корҳо ӯбада-ку, чаро то имрӯз ба тартиб надаровардед?

### Кора ба чаппааш гардондан

масъалаи ҳал шуда истодаро ба баръаксаш гардондан: Ба ҳамроҳ рафтанамон розӣ буду кадом рафта кора ба чапааш гардонда, намерафтагӣ кардааст.

### Кора аз нав зинда кардан

кори беҳаракат мондаро аз нав ба ҳаракат овардан: Кори ҷиноятии Сангина як навъ хобонида буданд. Кадом маълумот додааст-мӣ, аз нав зинда карда, тафтиш бурда истодаанд, мегӯянд?

### Кора аз сар пухта кардан

илоҷи ба вуқӯъ пайвастани кореро пешакӣ гуфтугӯ кардан, ҳал намудан:— Ба тӯи никоҳ якта гӯсфанд кифоя, чӣ мегӯед?— Майлаш, ман розӣ.— Бале, ба дилатон гап набиёду кора аз сар пухта кардан нағз-дия.

### Кора аз ҷояш сар кардан

аз ҷои зарурӣ, ба мақсад мувофиқ сар кардани коре: Аввал рафта бо падараш гуфтугӯ карда, кора аз ҷояш сар кардед, ки фарзандаш лом нагуфта розӣ шуд-дия!

### Кора ба гармиаш кардан

ба сарвақти худ ба ҷо овардани коре: Кушодани тока ба таъхир андохтан хуб нест, дер монад, батамом хок мелесад. Ҳар як кора ба гармиаш кардан беҳтар.

### Кора бурдан

коре, масъалаеро ба манфиати худ ҳал кардан: Бегоҳ вай баланд омаду ту хоксорӣ карда худата ором нигоҳ доштӣ. Кора бурдӣ, раҳмат ба ту!

### Кора давондан

корро пеш бурдан: Вақти офтобшинам ҳам шуд. Кора давонда ҳамин бома аз андова бароретон, писарам, илтимос!

### Кор кардан

1. касеро ба нохушиҳо гирифтор намудан: Ба чаҳор тараф давида, охир кораша кардааст-дия!— Чӣ кор кардааст?— Аз кор холӣ кардааст;
2. касеро ё ки чизеро ба дарачаи корношоямӣ расондан; Ин корда ба ҳар чиз зада кораша кардию! Бин сабзия ҳам дуруст намебурад;
3. касро ба ҳалокат расонидан: Дар ҳолати мастӣ ду корд зада кори бечорая тамом кардааст, ноодом!

### Кора куштан

кореро хобондан, ба қафо андохтан: Омадию аз сари токбурӣ се каса бурдию кора куштӣ мондӣ.

### Кора пазондан

ягон масъаларо ҳал намудан;— Ҳа, розӣ шуд-мӣ?
— Кора пазонда омадам, розӣ шуд.

### Кора сабук кардан

кори аз ҳад зиёдро қариб ба итмом расондан: Э, ин токи бисьёр буд-е, се кас бошетон ҳам, қариб аз каландӣ бароварда, корро анча сабук кардетон-ку!

### Кора хунук кардан

суръати кореро суст кардан, аз пешравӣ боз доштан: Ту омада инҳоя ба гап гирифтию кора хунук кардӣ мондӣ. Ҳоло андовая тамом аз даст мебаровардаңд.

### Кора чаппа-роста кардан

1. корро мувофиқи табъ ва дуруст ба ҷо наовардан: Ин масъалая дуруст ҳал накарда, кора чаппа-роста кардӣ-ку!
2. тафтишоти ҷиддӣ ва қатъӣ бурдан: Як моҳ ин ҷониб кораша чаппа-роста карда дида баромада истодаанд.

### Қора ҷунбондан

ба кардани коре оғоз (шурӯъ) намудан: А, ако Салим, имрӯз бозори гӯсфандба? — Сар карда гӯсфанд харидаӣ, уко. — Э кора ҷунбонда, тӯя сар мекунам гӯед-чӣ?

### Қорба баробар часпидан

ба иҷрои коре дастҷамъӣ шурӯъ намудан: Имрӯз ҳашар, дӯстон! Қорба баробар часпетон, худи ҳамин рӯз тока аз каландӣ мебарорем.

### Қорба даст нарасондагӣ будан

бо коре балад набудан: Тамоми умр корба даст нарасондагӣ бошад, токбурия чӣ донад?

### Қорди кунд катӣ куштан

касеро дар зери таънаи сахт гирифтан, руҳан азоб додан, шарманда кардан: Ҷобир ба писари Шариф забони таъна зад, баъд аз он ки «писари бадмасти худаша ба зери таъна гир» гуфтӣ, хаёл кардам, ки Ҷобира корди кунд кати куштӣ-дия!

### Қорда аввал ба худат зан, дард накунад, баъд ба каси дигар зан

сахтӣ, мушкилӣ, ношоямиро аввал ба хаёти худ санҷидан, озоре аз он падид наояд, баъд ба каси дигар раво дидан: Ту ҳам фарзанди Толиба задӣ? Қорда аввал ба худат зан, дард накунад, баъд ба каси дигар зан, — гуфтаанд.

### Қордонба кор осон

ба кардани коре мушкилӣ накашидани касе: Қордонба кор осон мегӯянд, гапи ҳақ. Ҳамин тавр набошад, танҳо худатон дар як рӯз ҳамин қадар ҷоя аз андова мебаbooред-мӣ!

### Қосаи пӯшида-пӯшида

ҳар коре, ки шуд, гузашт, онро дигар набояд ифшо кард: Хайр, «не», — гуфта ҷавоб додетон-мӣ? Қосаи пӯшида-пӯшида, дигар болои гапа накушоетон!

### Косаи умед шикаст

1. аз касе ранчидан ва қатъ гардидани робитаи дӯстӣ ва рафтуои тарафайн: Аз рӯзе, ки ду-се гапи сахташа шунидам, ба хонааш дигар рафтуо намекунам. Косаи умедам шикаст;
2. баъди фавтидани касе дигар ба даргоҳи он хонадон рафтуо накардан: Амакам зинда буданд, ҳар замон ба он даргоҳ мерафтам. Он кас ҳам вафот карданду косаи умеди ман ҳам тамоман шикаст.

### Косаи чинӣ барин

ниҳоят зебо, хушрӯй, ба ҳусну ҷамол: Духтари Санавбаройя ба писаратон арӯс кунед-чӣ, кас бинад ҳавасаш меояд. Рости гап, косаи чинӣ барин гӯям бовар кунед, келин!

### Қосахонаи сара тағораи ҷомашӯӣ кардан

касеро ҷазо додан, азоб додан: Ба вай гӯй, ки бо ман ҳазлу шӯхӣ, бозӣ накунад, ки косахонаи сараша тағораи ҷомашӯӣ карда мемонам!

### Косиби мушаша гум кардагӣ барин

парешонхотир будан ва дар иҷрои коре ба хаёл фурӯ рафтан: Чаро имрӯз косиби мушаша гум кардагӣ барин ин қадар хаёл карда гаштед?

### Кулӯхи ба чашм будан

гапнофаҳм, нодон, беақл будан:— Канӣ якто шоҳмот занем!—Шумо як кулӯхи бачашм бошед, шумо куҷову шоҳмотбозӣ куҷо.

### Кулӯхи бекора будан

ниг. кулӯхи бачашм:— Сето ҷой рехта фақат ман гап задаму ақалла лом намегӯяд-а?— Э, аз вай чаро гила мекунӣ. Вай як кулӯхи бекора бошад!...

### Кулӯхпарронӣ кардан

киноятгӯӣ ва гапларонӣ кардан: «Гӯр мастию гӯр одами аракхӯр шавад!» гуфта ба тарафи ман ин қадар кулӯхпарронӣ накуну аввал мастии укаи худата гӯ, донистӣ-мӣ!

### Кун мондан

фарбеҳ шудан: Пеш як одами харобу лоғар буд, сардор шудан ин ҷониб анча кун мондааст-а!

### Кун замина бӯй накардан

дар як ҷой ором нанишастан, рост истодан ё мунтазам рафтуо карда истодан: Охир ин қадар меҷунбию роҳ меравӣ, бача гуфтанӣ ҳамин хели мешавад-мӣ? Ақалла кунат замина бӯй намекунад-а!

### Кунакӣ шиштан

шикаст хӯрдан, нодор шудан, зарару осебе дидан: Хиёнат карда сирраш кушода шуду кунакӣ шишт монд!

### Кунба сиёҳлой молидан

касеро ба доми фиреб кашидан, аллондан: Духтарама ба ту никоҳ карда медиҳам»,— гуфта бечора Қобила муддао кор фармуду оқубат духтараша ба писари як магазинчӣ дода, куни инба сиёҳлой молиду куҷику холӣ гусел кард монд...

### Кундан ҷувоз шудан

фарбеҳи кулӯла шудан: Ё тавба, мудири ошхона шудан ин ҷониб кундан ҷувоз шуда мондааст-а!

### Куни гӯзинба нони ҷав баҳона

чизеро надонистан ва барои рӯпӯш кардани он чизеро баҳона карда нишон додан: Тока расво карда ка-

ланди кардию «имрӯз анча тобам нашуд» мегӯӣ? «Куни гӯзинба нони ҷав баҳона» гӯ!

### Куни дуньёба алов сар додан

бадкор ва бадкирдор, маккор ва фиребгар будан: Ту писарам, бо ин ҷавон лофи рафоқат назан, аз вай пои рафтуомадата кан! Вай куни дуньёба алов сар дода, чанд борҳо ҳабс шуда баромадагӣ.

### Куни кора кандан

кори андак мондаро ба итмом расондан: Э, қариб вақти офтобшинам шуду ҳоло ҳам тамом накардетонми? Барвақттар куни кора канетон-е, вақт рафт.

### Куни кор канда шудан

ба итмом расидани коре: Э, кай омадед, Бобо Собири азиз!— Дуто мӯзаи надӯхтагиамон буд. Ҳозир куни кор канда шуду хотирҷамъ шуда омадам-дия.

### Куни осмон ба замин омада часпидан

вазъиятро маҳдуд ва танг пиндоштан: Як дам шин, ин қадар сабукрафторӣ накун, ука, куни осмон ба замин омада часпидми, ҳозир меравам гуфта истодай?

### Кун сабук шудан

1. кам шудани рафтуои одамон: Ба тӯй хабар шудагӣ одамҳо қариб ҳамаашон омадаанд. Акнун куни одамҳо ҳам анча сабук шуда монд;
2. кам мондани чизе: Мардак куни орди овардагиатон сабук шуд, як-ду лингаи дигар орд овардан даркор.

### Кункаш доштан

касеро ҳамроҳ гирифта гаштан: Рафтору кирдори ҳамин эшони тӯра ба ман ҳаргиз маъқул не. Ба кучое,

ки раванд, кункаш доранд, ҳамроҳашон наберчаашона гирифта мебаранд, шармандагӣ!..

### Кунчунбак шуда гаштан

аз паси касе таъқиб кардан, касеро дунбола гирифта гаштан: Хушьёр шав, «туя ба даст меафтонам»,— гуфта аз паси ту кунчунбак шуда гаштааст.

### Кун кӯр гирифтан

дар ҷое ором шуда шиштан:— Чаро ин қадар камнамо, ба берун кам мебароед.— Кас пир шудан баъд, ҳамин тавр мешудааст. Дар назди кампир кун кӯр гирифта шиштем-дия!

### Куртаба нағунчидан

ниҳоят шод шудан: Имрӯз ҳама хурсанд, куртаашба намеғунчад, шоду мамнун.— Чӣ тавр?— Ҷашни 60-солагии республика!

### Куртаканӣ кардан

ҷангу ҷанҷол, занозанӣ ва шӯру ғавғо кардан: Даҳ сӯм чӣ, ки барои ҳамин якдигар кати куртаканӣ мекунетон, айб аст!

### Курта-курта гӯшт гирифтан

ниҳоят хурсанд шудан: Ҳамин ки пилани пахтасупории республикамон пур мешавад, мо курта-курта гӯшт мегирем.

### Куртая аз кайк тоза кардан

аз худ хотирпарешониро дур кардан: А, ин қадар имрӯз бесаранҷом?— Ду-се рӯз ин ҷониб саҳл мушаввашхотиртар ҳастам, бародар.— Куртаатона аз кайк тоза кунед, баъд баҳузур бо хотири ҷамъ гаштан мегиред, ако.

## Куртакхӯрда будан

шахси таълимдида будан:— Собирҷонро бисьёрхо дӯст медорам, бисьёр одами баодоб.— Падараш куртакхӯрда буданд, ин ҳам фарзанди ҳамон одам-дия!

## Кӯрба асо

раҳнамо: Худат шоҳмотбозия намедонию, боз кӯрба асо ба ин ёд дода истодай!

## Кӯр шудан-шӯр шудан

бо аъмо шудани чашм ба ҳама дилбазан шудан: Вақте саҳат шудам ҳама, ҳама рӯз ба хонааш даҳҳо нафар ёру дӯстон меомаданд. Ду чашмам аъмо шудан ин ҷониб ягон кас намеояд, канӣ вай одамҳо?! Ҳа, воқеан, кӯр шудам, шӯр шудам-дия:

## Кӯтара савдо кардан

якбора, яклухт ҳал (савдо) кардани коре: Биринҷ биринчи хуб будааст. Ина бист килою сӣ кило накарда, кӯтара савдо кунед монед!

## Кучукфеъл будан

бадгӯю бадхӯю бадгуфтор будан: Шабу рӯз маст шуда мегардаду аз забонаш як калима гапи дуруст намебарояд, вай пеш ҳам кучукфеъл буд, бо вай баробар мешавӣ-мӣ!

## Кучуку пишак шудан

ҷангу ҷидол ва шӯру ғавғо кардан, баҳсу мунокиша кардан: Ҳой мардак! Барои харида овардани якто «ҷигули» то ба кай ҳар дуямон кучуку пишак мешавем, охир-а?!

## Кушода шудан

хушьёр шудан, ба худ омадан: Аз бисьёр хоб кардана каллаам хум барин шудааст, як чой талх дам карда биёр, зоро кушода шавам.

## Л

### Лаб додан

дурусттар маълум ва намоён шудани чизе: Ин лабангиатона «табхол» нагӯед. Хо ана, дидед, акнун лаб дода, маълум шудааст. Ин сабилмонда аз ҳамон доғихо будааст.

### Лаб кач шудан

1. сахт маст будан: Пеш вақтхо шабу рӯз нӯшида, лабаш кач шуда мегашт. Шукр акнун ба қолаб даромада, одам шудааст;
2. ишора ба сахт тарсидан: Ина ачина задааст-мӣ, лабаш ин қадар кач шуда мондааст;

### Лаб хоридан

рамзи бо касе дар мунокиша шудан: Ду рӯз ин чониб лабам мехорад, бибичон, илохо бо ягон кас чанг накунам-дия!

### Лаб чазза бастан

зухуроти аломатхои беморӣ:— Ин қадар лабат чазза бастааст?— Се-чор рӯз боз нотоб хастам, ако;
2. нишонаи хастагӣ, гурусна будан: Ҳомидчон ин қадар лабат чазза бастааст, касал-пасал-мӣ?., ту? — Не, шукр, саломатиам нағз-куя ҳамин рӯзӣ дароз ба токхо об монда, бисьёр хаста шудам, илова бар ин намак начашидаам!

### Лаба лесида гаштан

дар холати гуруснагӣ будан: Бозӣ гуфта, аз пагоҳӣ то бегоҳӣ лабата лесида мегарди-мӣ? Биё аз ин ош хӯрда, аввал шакамата сер кун!

### Лаба табхол зер кардан

**1**. аз коре, чизе сахт тарсидан: Имшаб аз аҳволи вазнинии модаркалонам сахт тарсидам. Пагоҳирӯзӣ хезам, лабама табхол зер кардааст;
**2**. баъд аз беморӣ нишонаи офият ёфтан: Дарди сахт кашидед. Мана акнун лабатона табхол зер кардааст. Шукр, акнун сиҳат шудед!

### Лабба пашша шинад, киш нагуфтан

**1**. ором, қоил, хомӯш будан: Ман писрачаатона бисьёр дӯст медорам. Он қадар хоксор, ки лабашба пашша шинад, киш намегӯд-а!
**2**. аз камоли хиҷолатмандӣ худро ором нигоҳ доштан; Баъд аз бозии шоҳмота бохтан он қадар ҷим шуда монданд, ки лабашба пашша шинад ҳам, киш намегӯянд-а, тавба!

### Лаба газидан

**1**. ба коре, ба чизе ва ба ҳоли касе таассуф хӯрдан: Вақте ки вафоти он каса шунидам, худама гум карда, лабама газида мондам гӯям бовар кунед;
**2**. ба амале водор кардан, ба накардани коре ба тарики рамз ишора намудан: Бача-бачаи зирак будааст. Вақте ки шӯхӣ мекард, ҳамин ки падараш лабаша газид, оромакак шуд-а!
**3**. ба коре, ба чизе мутаҳаййир шудан: Лаҳзае ки ба дор баромада бозӣ мекард, ҳуш аз сарам парид, лабама газида мондаам...

### Лабу даҳон надоштан

нотиқ набудан, нағз гап зада натавонистан: «Гунҷишка қассоб кушад»—гуфтаанд. Гапа гапдонаш гап занад, меарзаду мезебад. Ба гап задан лабу даҳон, ки надорӣ, номаъқул карда ин қадар бисьёр гап мезанӣ-мӣ, гӯед-а!

### Лабу даҳони касе мум кардагӣ будан

**1**. хиёнатро содир намуда, хомӯш гаштан ва худро бепарво вонамуд кардан: Чандин ҳазор сӯм пули колхоза таги ҷиғилдон карда, ба пеши назари мардум

лабу дахонаша мум кардагӣ барин шуда мегардад-а, рӯбо!
2. гап назадан, чизе нагуфтан: Ба саволи муаллим ҷавоб те охир, лабу даҳоната мум кардагӣ барин мешинӣ-мӣ?...

### Лабу даҳона бастан

бо ягон сабабу баҳона касеро аз гап задан боздоштан, ба хомӯшӣ водор сохтан: Шабангӣ ғайбатчийи аҳмака расо боб кардед-ку, ҳамин ки аз ғайбату шикоят гап сар кард, ҷавобан байти Ҳофиз:

Айби риндон макун эй зоҳиди покизасиришт,
Ки гуноҳи дигарон барту наҳоҳанд навишт-ро хонда як мисол кати лабу даҳонаша бастед мондед-а!

### Лабу даҳона кирми гӯр чинад

киноя аз маҳкум кардани маҳмаддоной ва лаққигии касе:— Гӯр ин лаққӣ шавад, аз бисьёр гап задан ҳамая безор кард-а!— Лабу даҳани вая кирми гӯр чинад, сергапии вая акнун фаҳмидед-мӣ хоҳарҷон?

### Лабу даҳона мум карда мондан

касеро ба пинҳон нигоҳ доштани сирре водор намудан: Медонӣ, барои чӣ гап намезанаду ҷавоб намедиҳад? Барои сирру асрора кушода надодан устодони таълим додааш лабу даҳони ина мум карда мондагӣ.

### Лабу даҳона наолондан

1. молу мулк ё чизеро номаълумона ва маккорона барҳам додан, нест кардан ва онро аз дигарон пинҳон нигоҳ доштан: Мудири анбор шуда, бало барин лабу даҳонаша наолонда ҳаққи мардума меҳӯрад-е, тавба!
2. ҳангоми хӯроккӯрӣ озодона, лабу даҳонро ифлос нанамуда хӯрокро хӯрдан: Ин писарчаатон бисьёр эҳтиёткор будааст. Хӯрд бошад ҳам, лабу даҳонаша наолонда як коса мастобая хӯрд-а!

### Лабу даҳоната сел шуштагӣ-мӣ

ҷаро ба сухани касе ҷавоб нагардондӣ ва хомӯш мондӣ: Қай як умр нӯшидӣ, ки туя ба мастшавӣ айбдор

мекунаду ту ғап намезанӣ? Лабу даҳоната сел шуштагӣ-мӣ, сахтакак ҷавоб намегардонӣ!

### Лабу даҳанба қайроқ задан

тезгуфтор, суханвар будан ва бо ҷунин хусусият дигаронро ба ҳайрат ва хомӯшӣ водор сохтан: Э, вай муаллим ниҳоят ғапдон будааст-е, ҷунон ғап мезанад, ки лабу даҳонашба қайроқ задагӣ, ҳайрон шуда мондаам.

### Лабу лунҷ овезон будан

ғамгину малул будан, табиат хира шудан: Ин қадар лабу лунҷат овезон, ягон кас ҷанг кард-мӣ?

### Лабу лунҷа дуруст кардан

чизеро ба тартиб даровардан: Ин деворҳои ҳавлиатон ин қадар вайрону шӯрхок шудааст? Лабу лунҷаша дуруст карда монед намешавад-мӣ?

### Лабу рӯя лесидан

1. касеро нағз дидан, дӯст доштан ва навозиш кардан: Модар, оҳ модар! Ба фарзанд чӣ қадар меҳрубонӣ! Лабу рӯи фарзандаката мелесию навозиш мекунӣ халос!
2. ба касе лагандбардорӣ, хушомадгӯӣ кардан: Ина бин, хаёлаш лабу рӯи раиса қариб лесад-а:

### Лаблабу барин шудан

1. хиҷолатманд шудан: Бозия бохта, лаблабу барин шудед-а!
2. аз камоли таъсири чизе суп-сурх шудан: Укаатон аз мастӣ лаблабу барин шавад, шумо аз сардии сахти сармо лаблабу барин шудед-а!...

### Лаблабуи касе баромадан

асрори касе фош шудан, ҳувайдо гардидан: — Як магазина ғорат карда, имрӯз сирраш бутун кушода шудааст.— Лаблабуяш баромадааст гӯед!...

## Лаввас дар гирифтан

оташин шудан: Хайр, нафаҳмида як даҳон гапи бечо гуфта боз худаш пушаймон шуда узр гуфт. Барои ин лаввас дар гирифта бо вай ҷангталаб шуданат чӣ лозимият дорад?

## Лангар партофта шиштан

дар ҷое оромона ва ботамкин нишастан: Бибикалон аҷаб зани нуронии накӯсират-дия, бинед лангар партофта нишастааст, ки ҳаваси кас меояд.

## Латта барин шудан

**1.** суст ва бемадор шудан: Ҳамин рӯз бисьёр кор карда латта барин шудам, якто чои кабуди талх дам карда биёред!
**2.** хиҷолатманд шудан: Бидир-бидир кардию ба як савол ҷавоб дода натавониста, латта барин шудӣ мондӣ!

## Лаъната ба худ харида гирифтан

бо содир намудани кори бад сазовори нафрат ва лаънати дигарон шудан: То ба кай меҳнат накарда маст шуда мегардию лаъната ба худат харида мегирӣ?!

## Лозим омад, золим омад

аз рӯи зарурат ба коре иқдом кардан: Доред-мӣ, надоред-мӣ, мехоҳед-мӣ, намехоҳед-мӣ ба тӯи бародарзодаатон якто гӯсфанди бӯрдоқӣ харида, ҳадья мекунед-дия, «лозим омад, золим омад»-гуфтаанд.

## Лойхӯрак шудан

машғул ва сарбанди лою гил шудан, сохтан:— Барои якто имората буд кардан ду моҳ ин ҷониб меҷунбаму ҳеҷ не, ки ба итмом расонам.— Ниҳоят лойхӯрак шудам,— гӯед-чӣ!

### Лоф задан

манманӣ ва худситоӣ кардан: — Барои як девора сохтан се рӯз ин ҷониб меҷунбед-мӣ. Ба ҷои шумо ман мешудам, дар як рӯз тамом мекардам!— Ин қадар лоф назану аввал мӯзаата кашида ба лой даро!

### Лофи ошноӣ задан

бо касе дӯстӣ кардан ва беваҷоӣ накардан: Писарҷон, ту ки бо ҳамон рафиқат лофи ошноӣ задӣ, ҳаргиз беваҷоӣ накун!

### Луқма додан

дар асnои сухан гуфтани касе ба гапи вай сухане ҳамроҳ намудан: Чаро аз вай дилмонӣ карда истодаӣ? Дар вақти гап зада истоданат, ки хато кардӣ, луқма дода гапата ба қолаби ислоҳ даровард, кори бад шудмӣ?

## М

### Мавизи сиёҳ ба ком шудан

ба духтари зебову танноз хонадор шудан:— Рости ғап, Дилбарҷон дилбараки хушрӯю зебо буд, ки укаатон ба ҳамон хонадор шуд-дия.— Рашк набаред, ука, мавизи сиёҳ ба коми одам шуд.

### Маддан дила ғундошта гаштан

арзу шиква ва эътирози нисбат бакасе доштаро ҷамъ карда гаштан ва онро якбора гуфтан: Дилаш сиёҳ набошад, як сол ин ҷониб маддан дилаша ғундошта гашта, акнун имрӯзба омада арзу дод мекунад-мӣ?

### Маддая кафондан

мақсад ва муддаои дилро гуфтан: Дилаш, ки хонадор шудана мехостааст, чаро то имрӯз аз ман руст карда омад? Охир маддан дилаша ба шумо кафондааст-ку!

## Мазза гурехтан

1. касал (бемор) шудан, суссту заиф гардидан: Аз нотобӣ сар бардоштан инчониб, мазза гурехтагӣ, ҳатто ба кӯча баромадан ҳам мадор надорам.
2. бартарӣ аз даст рафтан, рӯ ба бохт овардан: Ду руха дода мазаи бозиаш гурехт, акнун бозия давом доданаш нафъ надорад;
3. шарманда ва беобрӯ шудан: Дар маҷлис, ки одамҳо баромада як ба як сирраша кушоданд, албатта маззааш гурехта, ба ҷавоб гардондан ҳам забонаш нагашт-дия!

## Мазза рафтан

бемор шудан: Ба зери тӯфони сармо монда маззаам рафт, ука, хонаяи муддао тафсонда гарм кун!

## Маззая равондан

1. касеро шармандаву шармсор кардан: Қандаша занад, раис, номаълумона пулҳоя зери чилгиллон кардани кассира як ба як фош карда маззааша равонд;
2. лоғару бемадор кардан: Гӯр ин табларза шавад, тамоман маззаи мана равонда беҳол кард.

## Маззахӯрак шудан

ба истеъмоли чизе одат кардан, барои такрори он рағбат пайдо кардан: Оши палави Зоҳирҷон пухтагӣ ба шумо мазза дод-дия. Акнун маззахӯрак шуда ҳар бор меоед.

## Майна каду барин будан

беаклу заковат, бефаҳм будан: Ҳамин як масъалаи осона ҳал карда натавонистӣ. Акнун донам, майнаат каду барин будаастдия.

## Мана хӯрди-дия

маро безор кардӣ: Аз бисьёр лаққидан мана хӯрди-дия, ин қадар ҷоғ задӣ акнун?!

## Манаҳбандон шудан

ба чизе ва ба пешрафти кори касе рашк бурдан, ҳасуд хӯрдан, нотавонбинӣ кардан: Гӯр ин дилсиёҳи лаънатӣ шавад, ҳар бор ки ба шарафи ичрои нақшаҳояш ҳамсаратона таъриф мекунанд, ранг аз рухи ин одам парида, манаҳбандон мешавад мемонад, тавба!

## Ман дар гӯям, ту девор мегӯӣ

ман як гап занам, ту гапи дигар мегӯӣ: Занак, ош кун,— гӯям, ту доимо «не имшаб шӯрбо мекунем» гуфта гапи мана доимо рад мекунӣ? То ба кай ман дар гӯям, ту девор мегӯӣ!

## Ман дар чӣ хаёлу фалак дар чи хаёл

ниг. ман дар гӯям, ту девор мегӯӣ: Хаёли ман шабу рӯз дар роҳи муоличаи кунонидани модарашу бача набошад, мана ба сайёҳат баред!»— гуфта фарьёд мезанад. Ачабо ман дар чи хаёлу фалак дар чи хаёл!

## Ман нахӯрдам, вай мана хӯрд

аз паси коре, чизе зиқ шудан ва хира шудани табиати касе: Имрӯз ба хонаи Шарифчон ба меҳмонӣ рафта будам. Як оши бамаънӣ пухта баровард. Дар айни бо иштаҳа хӯрда истодан ногоҳ зану шӯ ғавғо бардоштанд. Зиқ шудаму хаёл кардам, ки ман оша нахӯрдам, вай мана хӯрд.

## Ман сӯзан будам-мӣ?

ҳама кор ба сари ман аст, магар?: Ман дигар ба хонаи акам намеравам. Завчаашон дар як чо нишаста: «Ҳа, Шарофат, хонаяя рӯбучин кун, Шарофат об биёр, Шарофат ҳезумҳоя шикаста мон» гуфта кор фармудан мегиранд. Чӣ, ман сӯзан будам-мӣ, ҳамаи кор ба сари ман?

## Марази часпон шудан

шилкинӣ кардан: Ту нӯшӣ, ман нанӯшам, ҳамеша аз паси ман марази часпон шуда мегардӣ-мӣ!

### Марг дар миёнаи ду абрӯ истодан

доимо дар хавотир будан: Ин қадар аз худ нарав, имрӯз тар хастем, пагоҳ хушк мешавем, ука, мурдаиа ҳам хаёл кун.
Дар дунёе посутун намешавй. Ина дониста мон, ки марг дар миёни ду абрӯ истодааст.

### Марг хабар додан

заифу нотавон шудан, ба ҳолати марг расидан: акаи бечораатон чӣ шуд, ки ин қадар аҳволаш бад шуда мондааст?— Ҳамааш касофати мастӣ. Шабу рӯз, ки нӯшид, имрӯзба омада марг хабар додагӣ барин шуддия!

### Мард хандон — номард гирьён

ба муваффақияти дӯст дӯсти ҳақиқӣ шод, вале номард (ноодам) ғамгин мешавад: Шумоя, ки бо орден сарфарозонидаанд, албатта, мо хурсанд шудем-дия, касони ҳасудхури нотавонбин-чӣ? Беҳуда нагуфтаанд, ки мард хандон, номард гирьён.

### Мардуми осмонӣ будан

дар минтақаи беоб, ҳамеша ба умеди боридани борон зиндагӣ кардан: Дар гузашта шаҳри мо камоб буд. Ба боғу кишту кор об намерасид. Мо мардуми осмонӣ будем. Шукр, имрӯз обанбор сохта шуду ҳама чо гул кард.

### Маро газад, туро чӣ ғам

ба зарар (осебе) дидани касе парво накардани каси дигар: Ман дарди дандон шуда, аҳволам batанг шавадуту хандаву бози кунӣ ва «аҳволатон чӣ тавр?» гуфта напурсӣ. Беҳуда нагуфтаанд, ки маро газад, туро чӣ ғам?

### Махави баабрӯ будан

шармандаву шармсор, сазовори сарзанишу нафрини мардум будан: Гӯр ҳамин манманию ҳавобаландӣ ша-

вад. Эшонатон дар ҳар маърака шишта ҳеҷ касро писанд намекарду доимо «ман!» мегуфт. Охир чӣ шуд? Ба ягон маърака намегуфтагӣ шуданд, худаш бошад махави баабрӯ барин шуд монд!

## Махави қошдор будан

*ниг.* махави баабрӯ будан: Номи ҳамин бахшӣ аз ҷаҳон нест шавад, мана акнун шармандаву шармсор шуда махави қошдор баринак мешудааст-ку! Одамҳо асло чеғ намезананд-ку!

## Машқа паст кардан

назари худро паст кардан, дар назди касе эътибори худро паст кардан: — Шумо акнун мӯйсафед шудед. Кор накарда, аз давлати писаратон баҳузур дам гирифта гардед намешавад-мӣ? — Э писарам-е, холо шукр дасту поям бутун. Ҳар бор рӯй ба писарам оварда «ба ман як сӯм те чойпулӣ кунам» гуфта машқама паст карда гардам-мӣ?

## Маҳ нав будан

дар арафаи таваллуд будани касе: Шумо бори вазнин набардоред, ҷони модар, маҳатон нав будааст, эҳтиёт кунед!

## Маҳкам истодан

дар ягон кор устувор будан, ба гапу кори худ истодагарӣ кардан: «Не» гуфта маҳкам истодан гиред, шумоя ҳеҷ кор карда наметавонанд.

## Мева ранг овардан

ба пухтаи расидани меваҷот: Тавба-е Ленинободба пеши меваҳо ранг овардаасту ин ҷоба ҳоло ҳам ғӯра.

## Мезакин будан

тарсончак будан: Акнун донам мезакин буди-дия, «шаб торик гуфта» ба обмонӣ намеравам мегӯи-мӣ?

### Мех зада мондагӣ

*киг.:* мехи заррин шуда мондан: Шумо Маскава дидагӣ-мӣ? Не, баччам, аз Ӯротеппа дигар ҷоя асло дидагим не. Ҳамин ҷоба мана мех зада мондагӣ.

### Мехи заррин шуда мондан

дар ҷое ё макону манзиле муқимӣ будан:— Аз Қӯргонтеппа акнун кӯчида намеоед-мӣ? Дар ҳамон ҷо арӯсу домоддор шуда мондему чи тавр кӯчида оем?— Э, мехи заррин шуда мондам гӯед.

### Медагушна будан

баднафс, нисбат ба чизе харис будан: Тӯрапочотон ҳамин қадар хӯрок хӯрда истода, хаёлаш боз ҳамон оши табақангия ҳам хурад-е, тавба, бисьёр медагушна будас.

### Меъдасер будан

баднафс набудан, шахси батамкин ва мақбул будан:— Тӯрапочотон рӯи дастурхон будагӣ чизҳоя аз як сар чинда хӯрда истодаасту бечора укаатон ба ягонтояш ҳатто даст дароз намекунад-е?— Рост, вай аз аввал ҷавони медасер буд.

### Меҳмона меҳмонкӯб кардан

эҳтироми меҳмонро ба ҷо наовардан ва нисбат ба ӯ беҳурматӣ зоҳир намудан: Гапи меҳмона чор-панҷкаса рад карда, меҳмона меҳмонкӯб кардагиҳоятон аз рӯи одоб набуд.

### Меҳмони нав шудан

кӯдак таваллуд ёфтан: Акаатона табрик кунед, бегоҳ меҳмони нав шуд.

### Меҳр тофтан

касеро дӯст доштан:— А, биёед, ако, боз пагоҳирӯзии барвақт катӣ?— Меҳрам тофта, шумоя бинам гуфта омадам-дия.

### Меҳнатӣ будан

шахси меҳнатдӯст будан, ба меҳнат таваҷҷӯҳ доштан ва бо меҳнат обутоб ёфтагӣ будан: «Раҳмат ба укаатон, ки ҳамеша бинам дар сари кору машғули ягон чиз аст.— Рост, ин ҷавони меҳнатӣ буд-дия, меҳнат кардана бисьёр дӯст медорад.

### Меҳри гиёҳ доштан

ба меҳру муҳаббат будан, эҳтиром, навозиш ва дӯстдории дигаронро сазовор шудан: Шумо меҳри гиёҳ доред-мӣ, ҳама шумоя дӯст медорад.

### Миён боқуввват будан

**1.** зӯр, паҳлавон будан; Раҳмоналӣ паҳлавони номдори миёнаш боқувват буд; **2.** шахси бадавлат будан:— Амакатон ниҳоят иморати мӯҳташам кардаанд-дия, насиб кунад.— Рост мегӯед, миёни он кас бақувват, фаҳмидед-мӣ?

### Миёни кора шикастан

сабаби сустшавии суръати кор шудан, коргаронро аз кор кардан боз доштан: Гӯр мастии ту шавад, омада лаққидан гирифтию миёни кора шикаста, ҳамая аз кор мононлӣ. Дафъ шав-е, башарат хунукат тосад!

### Миёна баста кор кардан

ба коре ҷиддӣ ва боғайрати том шурӯъ намудан:— Монда нашавед, бародар, имрӯз ғайрататон калон-ку?— Саломат бошед, миёна дурустакак баста кор накунем, намешудагӣ барин.

### Миёнаи гапа буридан

ҳангоми гап зада истодани касе навбати суханро ба худ гирифта, риштаи нутқи нотиқро буридан: —ман имрӯз...— Хайр, донистам чӣ гуфтан мехоҳед, ҳамааш маълум.— Миёнаи гапи мана буридани ту аз рӯи одоб-мӣ? Гапама ҳам гум карда мондам. Ором ист буд, ман чӣ мегуфтам.

### Миёнаи мардум шудан

дар байни мардум обрӯ пайдо кардан, сазовори izzaту эҳтироми дигарон шудан: Писарам, камина падарат аз баҳори 90 нафас мегирад. Офтоби сари кӯҳ баринам. Ту ҳоло ҷавонӣ. Қобилу хоксор, меҳнатдӯсту дидадаро бош, то миёнаи мардум шавӣ.

### Миёнаи обу гилба будан

дар ҳолати бим ва хавфу хатар будан: Ҳоло ба вай гап назан, ду рӯз ин ҷониб кораша тафтиш карда истодаанд. Худаш миёнаи обу гилба истодаасту боз аз вай пул талаб мекунӣ?

### Миёнаба даромадан

**1.** дар байни ҷанҷоли ду кас ҳамроҳ шудан, дахолат кардан: Ин ҷанҷолу хархашаи ҳар дуи онҳо се сол боз давом карда меояд. Миёнаи ин корба даромадани шумо нафъ надорад; **2.** восита, миёнаравак шудан ба коре: Ман ба ин кор ҳаргиз розӣ намешудаму акнун шумо миёнаба даромадед, нолоҷ розӣ мешавам-дия.

### Мижа назада баромада рафтан

ба гапу коре розӣ, мувофиқат кардан: Акааш бисьёр бачаи гапдарои қобил будааст. Вақте ки молҳои аз падараш мерос мондая байни доларон тақсим карданд, ба ин кам расида бошад ҳам, расаматаша гирифту мижа назада баромада рафт.

### Мижа ғам нахӯрдан

натарсидан, парвое накардан: Ин бисьёр бачаи шӯх будааст, падараш ҳамин қадар ҷанг кунад ҳам, мижааш ғам намехӯрад-а!

### Мия гум кардан

рафтор ва амали беақлонаи ғайри матлаб содир намудан: Шумо мияатона гум кардед-мӣ, ки ба ин корҳои ношоям машғул шуда гаштед?

## Мия турш шудан

бо гапу мағали аз ҳад зиёд касеро бетоқат ва ноором сохтан: Э, ин қадар чоғ мезанӣ, бас кун-е мияма турш кардику!

## Мисба гаштан

бадавлат, давлатманд шудан: Зиндагии вай ҷандон хуб набуд, аммо ҳозир, худо зиёда кунад, бисьёр нағз мегӯед, ин дуруст аст. Дар магазин кор карда истоданаш ин ҷониб вай мисба гаштагӣ.

## Мобайн кушод будан

дар мобайни ду кас мусовият ҳосил будан: Бозия ду маротиба шумо бурдед, ду маротиба ман, мобайни ҳар дуямон ҳам кушод, бародар.

## Мобайнба даромадан

ба амале, ҳаракате, коре ҳамроҳ шудан, ба сӯҳбат халал расонидан: Вакте ки маросими гузаронидани тӯя калонсолон бо ҳам маслиҳат мекунанд, мобайнба даромада гап задани ту аз рӯи одоб не. Ҳоло ту хурдӣ писарам.

## Мокиёнпар будан

дар сухани худ устувор набудан, ҷавонмардӣ надоштан: «Ба саёҳат ҳамроҳ меравем»—гуфта ваъда додию дар ин рӯз омада аз қавлат гаштӣ? Акнун донам мокиёнпар будӣ, ука!

## Мокуи бофандаҳо барин будан

1. *ниг*, мокиёнпар будан: Бегоҳ роҳбарии синфа қабул мекардагӣ шуда, имрӯз «не» мегӯӣ? Акнун донам мокуи бофандаҳо барин будӣ; 2. барои иҷрои ягон гапи коре бисьёр сарсону овора шудан, равуо ва давугечи бисьёр кардан: Ба хостгорӣ раваму падару модараш қабул накунад, ман чӣ кор кунам. Як моҳ аст, ки мокуи бофандаҳо барин равуо мекунам.

### Моли зиёдатӣ сар накафондааст

чизи зиёдатӣ зарар надорад: Хайр, ба болои бирингҷи ба нияти тӯй гирифта мондаат боз ука*т бирингҷ оварда аст. Гир мон, ука, моли зиёдатӣ сар накафондааст.

### Моли мурда — паси мурда

чизу чорае, ки баъди фавти шахс аз байн меравад, ба касе насиб намекунад:— Баъд аз вафоташ тамоми чизу чораву анҷомҳои хонаашa ворисонаш байни худ тақсим карда гирифтаанд.— Рост, беҳуда нагуфтаанд, ки моли мурда — паси мурда.

### Момоқулдурoқ барин шудан

ниҳоят фарбеҳ шудан: Вая нигар, аз пурхӯрӣ момоқулдурoқ барин шуда мондааст-а!

### Морбозӣ кардан

айёрӣ, маккорию фусункорӣ ва шайтонигарӣ кардан: Қасалиата ба духтурҳо нишон те, хоҳарам, ба гапҳои бахшӣ бовар накун. Вай бахшия ман нағз медонам, ки морбозӣ мекунад. Ҳаргиз пойбанди доми фиреби вай нашав.

### Моргазида аз арғамчини ало метарсад

каси мусибатдида ва аламзада аз андаке ҳолати ногувор дар биму ҳарос меафтад: Писарчааш, ки каме нотоб шуд, албатта гирифтори аҳволи вазнин мешаваддия. Аз ин пеш ҳам ду писарчааш фавтида, дилаш об шуда буд. Дар гапҳо мегӯянд-ку моргазида аз арғамчини ало метарсад.

### Мос кардан

бо гап ба доми мақсад афтондан:— Аввал «мӯмиё надорам» гуфт. Ҳамин ки аз дадову бобояш сар карда «саховатмандон» буданаша шарҳи ҳол кардам, баъд хандиду бароварда дод.— Бо гапат мос кардӣ, қандата зан!

### Мошиная суст кардан

оҳистатар хӯрок хӯрдан: Ба ош аз рӯи одоб ба дигарҳо нигоҳ карда даст дароз мекунанд, мошиная суcттар кун, ука!

### Моҳ сӯхтан

гирифт кардани моҳ:— Дар газетаҳо «моҳ месӯхтааст» гуфта хабар дода шудааст, рост-мӣ?— Моҳ шаб сӯхта буд-ку, нафаҳмидӣ-мӣ?

### Мулоимхунук будан

бадрафтор ва бадкирдор будан: Ҳар як кор фармоям, як баҳона ёфта, саркашӣ мекунӣ? Акнун донам, мулоимхунуки расво будӣ-дия!

### Мурда дар ҳонаву зинда дар гӯр

бисьёр ғам (афсӯс) хӯрдан:— Аҳволи модараша дида дилам вайрон шуд. Аз вафоти фарзанди 18-солааш зор-зор гириста нола мекунад. Оҳ кашида аз дасти фалак шикояткунон: «Чӣ илоҷ, мурда дар ҳонаву зинда дар гӯр» мегӯяду хунобаи чашмаш равон мешавад.

### Мурда мондан

ба хоби сахт фурӯ рафтан:— Чаро ҳамин қадар чеғ задаму овоз намебароред?— Аз кор ҳамин бегоҳ хеле бемаҳал омадам. Намедонам монда шуда будам-мӣ, чунон хобам сахт бурдааст, ки мурда мондаам.

### Мурда-мурдани калон

маросими фавти шахси обрӯманд, ба ҳама маълум ва машҳур;— Раҳмати падаратона хурду калони шаҳр медонист, мурда-мурдани калон обрӯи дуруст кардан лозим.

### Мурданба даст нарасидан

ниҳоят серкор будан:— Ин вақтҳо ин қадар камнамо?— Э, мондан гиред, ако, он қадар кор бисьёр, ки мурданба ҳам даст намерасад.

**Мурданӣ будан**

1. хасис, мумсик будан:— Ин дилаш ғушна буду барои чи ба ҳарифона шарик нашуд.— Ин пештар ҳам мурданӣ буд, монед, чӣ, як сӯм харочот кунад, ки чонаш барояд монад. 2. қобилияти меҳнатии худро гум кардагӣ, лоғар, касалӣ ва бемадор будан: А, ин асп мурданӣ буду барои чӣ пул дода харида омадӣ?

**Мурдаша саг намехӯрад**

каси ба худаш тинч, осуда, сердаромад, сарватманд: Дар ин чо маззаи акатон набуд. Қадом рӯз рафта бинам, хонаву анчомҳои кори калону ба тагаш мошинаву хӯчаини як магазини калон. Эх, ҳа, мурдаша саг намехӯрад.

**Мурдаю зиндая як кардан**

аз тахти дил саъю кӯшиш, чидду чаҳд кардан: Тамоми мурдаю зиндаама як карда, дарса тайёр кардаму охир «5» гирифтам-дия!

**Мурғи дил зинда будан**

қатъи назар аз пирӣ ва балоғатии умр ҳанӯз чун чавонон шӯхӣ ва хандаву бозӣ кардан, афъол ва рафтори чавонӣ содир намудан: Раҳмат ба шумо, падар, ки синну солатон аз ҳаштод гузашта бошад ҳам, аксар вақт мисли чавонҳо ба тамошои кино меоед-а!— Ҳамин тавр, писарам, Давлати Советӣ мо барин пирҳоя аз нав чавонӣ бахшид, холо мурғи дил зинда, писарам!

**Мусичаи бегуноҳ шуда шиштан**

орому сокит нишастан, худро бегуноҳ вонамуд кардан: Бегоҳ мурданивор арақ хӯрда маст буд. Имрӯз дидӣ, мусичаи бегуноҳ шуда нишастааст.

**Мусичаи думбурида барин шудан**

сару либоси кӯтоҳ, ба қаду бар муносиб напӯшидан: А, ин чӣ хел сарулибоси кӯтоҳ пӯшидӣ, ки мусичаи думбурида барин шуда мондӣ?

**Мустамандони ғамата ранг бину ҳол пурс**

вазъияту кайфияти шахс аз қиёфааш маълум мешавад:— Чашмонат пинак рафта истодааст, имшаб хоб нарафтӣ-чӣ?—Маълум-ку мустамандони ғамата ранг бину ҳол пурс,— гуфтаанд, имшаб сменаи ду корам буд, ако.

**Муштипар будан**

заиф, нотавон ва ноӯҳдабаро будан: Як рӯзи дароз кор карда ду метр девора аз даст бароварда натавонистӣ-мӣ? Муштипар будӣ-дия!

**Мушт-мушти аввалин**

шахсе, ки амалеро муқаддамтар иҷро кардааст, шоистаи таҳсин ва таъриф аст:— Бинед, як пушти тока кӣ тоза ва босифат каландӣ карда баромадааст?— Ба ҳардуятон ҳам офарин, аммо мушт-мушти аввалин гуфтагӣ барин, Пулодҷон кора пештар тамом карда баромад.

**Муштҳу хекиртак шудан**

дар набард шудан, бо ҳам ҷанг кардан, даст ба гиребон шудан: Дар байни ҳар дуятон нимпула гап нагузаштаасту барои ҳамин ҷанг карда муштҳу хекиртак мешаветон-мӣ? Бас-е айб аст!

**Мӯи сар рост хестан**

бадқаҳр, бадҷаҳл шудан: Ба ҳамон гапи ношоями гуфтагиаш мӯи сарам рост хесту боз «астағфируллоҳ» гуфтам-дия.

**Мӯя дуд кардан**

аз чизе хабар фиристодан: Чаро худатон омадед? Мӯятона дуд кунед ҳам меомадем-ку!

**Мӯйлаба тоб додан**

бо ишора ба касе амр додан, иҷрои корро фаҳмондан: Ако, шумо калон.— Сахл мӯйлабатона тоб дода монед, ба мо ҳам камтар аз ҳамон молҳо диҳед!

**Мўйлаба мор хона мондан**

шахси мўйлабдароз, босалобат ва пурдабдаба будан: Мўйлабаша мор хона мемонаду гапаша бин-а!

**Мўру малах барин**

ниҳоят бисьёр, бешумор:— Дар ин чо имрўз ин қадар мўру малах барин одам чамъ шудааст?— Ҳозир мусобиқа сар мешавад, ҳаман инҳо тамошобин!

**Мўсо ҳам ба роҳи худ**
**Исо ҳам**

ҳар кас бо роҳу зиндагии худ: Хонаи ту чудою хонаи укаат ҳам. Ба вай гап парронда чӣ кор мекунӣ? Ба аҳволи худаш мондан гир! Мўсо ҳам ба роҳи худ, Исо ҳам.

## Н

**На ба замин мегунчад**
**на ба осмон**

1. аз ҳад зиёд, фаровон будани чизе: Шукр имсол омади пахта нагз, ин ҳамааш меҳнат! Боварӣ дорам, ки ҳосили пахтаамон на ба замин мегунчад, на ба осмон! 2. чизеро аз ҳад зиёд муболиға кардан: Қойда як кас чил коса мастоба мехўрад-мӣ? Гапе гўй, ки як кас бовар кунад. Ин гапат на ба замин мегунчаду на ба осмон!

**На гарм, на хунук**

на суд, на зиён: Хайр, кори ношояма вай содир кардааст, азобаша худаш мекашад. Барои ман на гарм, на хунук!

**На соя бошаду на ҳамсоя**

ҳеч чиз ва ҳеч кас лозим нест: Ин ниҳолҳоя дар наздикии ток нашинон, сояаш ба ҳосили ток зарар меорад. Ток мегуфтааст, ки ба ман на соя бошаду на ҳамсояоби лаванд бошаду каланди даванд!

### На хамир, на фатир

на суд, на зиён, на нафъ, на зарар: Хоҳ ин раис шавад, хоҳ вай, барои ман на хамир, на фатир!

### На хона монду на мӯрӣ

киноя аз чизе намондан, бе ҳеҷ чиз мондан: Барои ин на хонаам монду на мӯриам. Ҳамааша сарфи ҳамин кардаму боз ба кадрам намерасад-а!

### На хурда медонаду на калона

1. шахси худписанд, ғарра, мутакаббир будан: Ин писарчаи Тӯрачонатон на хурда медонаду на калона. Бисьёр бачи мутакаббир будааст! **2.** беодоб будан: Дар ҳамин ҷо хурду калон шиштему ақалла салому алек накарда гузашта рафт, беодоб! На хурда медонаду на калона.

### На ӯро хатар, на эро зафар

на хуб, на бад, миёнаҳол:— Чи тавр, аҳволатон дурустмӣ, Шарифҷон?— Дуруст, на ӯро хатар, на эро зафар гаштем-дия, бародар.

### На ҳалқаи заррин, на дарди гӯш даркор

на роҳати чизе даркору на азоби вай: Беақл набошад, вақти кория ба ҳисоб нагирифта, 2—3 рӯз Фарғонаяя саёҳат карда оем мегӯяд-мӣ? Саёҳат гуфта аз кор монаму гап шунавам-мӣ? «На ба ман на ҳалқаи заррин даркору на дарди гӯш» гуфтам.

### На хуш доштан, на ёд

1. ниҳоят шӯх будан: Ин писарчаатон бисьёр шӯх будааст, зеҳн монда истам, на хуш дорад, на ёд; 2. ноором, нотинч, хотирпарешон будан: Эх, фарзандаш вафот кардан ин ҷониб на хуш дорад, на ёд. Ҳатто кори кардагиаша намедонад, бечора.

### На ҳӯканда, на чӯканда

шахси ноухдабаро, беақл: Ту худат чӣ хел одам? Ин кора медонӣ? — Не! Вай кора медонӣ? — Не! На ҳӯканда, на чӯканда, чия медонӣ?

### Нав аз тухм баромадагӣ будан

ҳанӯз ҷавон, хурдсол, таҷрибаи дуруст надоштан: Вақте ки мо шоҳмотбозӣ мекардем, ту нав аз тухм баромадагӣ будӣ, тирмизак, ба ман ёд медиҳӣ!

### Нав аз қадоқ баромадан

аз харҷу хароҷот ва қарз ба тозагӣ халосӣ ёфтан: Ин кас чиқим (харҷ) накунан нав аз қадоқ баромадагӣ.

### Назарба ҳеҷ чиз нанамудан

1. аз ҳад зиёд зиқ будан: Бо вай шӯхию ҳазл накун, ки хафа карда мемонад, дирӯз писарчаи ба ҷон баробараш вафот карда, худаш безӯр гаштааст. Ҳозир назарашба ҳеҷ чиз наменамояд! 2. хеле бадҷаҳл ва дарғазаб будан; Ҳозир бисьёр қаҳраш омадагӣ, бо вай ғидӣ-ғидӣ накун, ки дилата сиёҳ карда мемонад. Ҳозир назарашба ҳеҷ чиз наменамояд.

### Назарпаст будан

ҳимматбаланд набудан, хасис ва мумсик будан: Барои панҷ тин гурба ба офтоб намебарояду барои панҷ тин кашмакаш мекунед-мӣ? Ниҳоят назарпаст будед-дия.

### Найранг кардан

маккорӣ кардан, касеро фиреб додан, ҳилакорӣ кардан; «Қарза те»-гӯям, «пулам нест»— гуфта найранг карда мегардӣ.

### Нам кашидан

аз ягон гап хавф бурдан, мазмуни онро ба баъзе кору ҳаракати содирнамудан худ нисбат додан ва ба қаҳр омадан: Ба мурдан падараш дуруст обрӯ накард гӯям, шумо барои чӣ нам кашида, оташин шуда истодаед?

## Намак карда мондан

1. ба чизе намак пошида мондан; Занак, ин гўшта намак карда мон, бўй накунад! 2. чизеро сари вақт кор нафармудан, аз он истифода набурдан: Пулатон ҳасту писаратона хонадор намекунед, мардак? Вай пулҳоя намак карда мондан чӣ нафъ дорад?

## Намак начашидан

ҳеҷ чиз нахўрдан: Аз пагоҳирўзӣ машғули кор шуда, то ҳол намак начашидаам, як оши нағз паз занак!

## Намак хўрда намакдона шикастан

аз касе некӣ дида, ба қадри некӣ нарасидан, ба некӣ бадӣ кардан: Дар хонадони Шарифҷон калон шуду боз писараша зада маиб кардааст? Қадрношинос, намак хўрда намакдона шикастааст!

## Намаку собун карда мондан

чизҳои зарурии рўзгорро харида омадан:— Аз куҷо?— Аз бозор, ука, зиндагӣ-дия, камтар намаку собун карда омадем.

## Наолонда хўрдан

1. боэҳтиёт, ҷое, чизеро ифлос накарда хўрдан:— Ин писарчаатона бинед, мастобааша эҳтиёт карда, ягон ҷояша наолонда хўрда истодааст-а? 2. пул ё чизи ҷамъиятро устокорона соҳибӣ кардан: Мудири магазин шуданаш ин ҷониб молу чизи қиматбаҳои омадагия ба мардум надода, дар бозор бо нархи қимат фурўхта фоидааша наолонда хўрда истодааст-дия, маккор!

## Нарх фаровардан

арзон кардан: Аз сари давлатамон гардам, нархи телевизора камаш нисфӣ фаровардааст.

## Нарх ширин шудан

ниг. нарху наво ширин шудан: Аввали баҳор-дия, дар бозор нархи як кило сабзӣ ширин шуда, ба як сўм баромадааст.

### Нарха ба замин задан

нархи чизеро нисбат ба арзиш паст кардан, нихоят арзон кардан: Нархи ин гӯсфанди бӯрдоқӣ аз чорсад сӯм кам не. Шумо саду панчоҳ сӯм гуфта нархаша ба замин назанед.

### Нарха баробар кардан

арзиши чизеро мувофиқи арзиши худаш муайян намудан: Аз рӯи инсоф нархи ин ҳайвони безабона баробар карда муайян кунед, ки на сих сӯзаду на кабоб.

### Нарха баровардан

1. нархи чизеро муайян намудан: Нархи килои сабзия бароретон. Охир кам-кам харида равем! 2. худро таърифу тавсиф кардан, лоф задан: Ин қадар худата таъриф карда, нархата баровардаңат кати мо кӣ будани туя надонем будаст!

### Нарха дамондан

нархи чизеро қимат кардан: Килои биринҷ як сӯму панчоҳ тин буд, килои вая як сӯму ҳаштод тин карда, нарха ин қадар дамондетон!

### Нарха куштан

*киг*, нарха шикастан: Сесад сӯм гова сад сӯм, гуфта нархаша накушед.

### Нарха паст задан

киг, нарха шикастан: Ин асп — аспи ҳазор сӯмӣ, сесад гуфта, нархаша паст назан!

### Нарха шикастан

қимати касе, чизеро паст кардан: Ин гилема чорсад сӯмая, дусад сӯм гуфта нархаша нашиканед!

## Нарха шинондан

тавассути ташаббуси нек ва чидду чахд макбул аз писандидаи мардум шудан, обрӯ гирифтан: Раис шуданаш ин чониб, кори колхозамон пеш рафт. Қандаша занад, нархаша шинонд!

## Нарху наво ширин шудан

нархи чизе кимат шудан: Шукр, хозир фаровонӣ. Солхои чанг нарху наво бисьёр ширин шуда буд.

## Насиб канда шудан

1. аз чое ба чое рафтан: Акнун доимӣ душанбегӣ шудед-мӣ?— Бале, насиб аз ин чо канда шуда будааст; 2. фавтидан: Бечора амакатон вафот карда будаанддия.— Насиб канда шудан баъд, чорае нест!

## Нафас гарм будан

хушхон, соҳиби овози форам будан: Нафаси раҳматӣ Содирхонҳофиз гарм буд-дия, чон чони шунаванда, роҳат мекард!

## Нафас рафтан

нисбат ба касе ё чизе орзуи нек ё бад кардан:— Зиёфат карда додагитонба раҳмат! Писардор шавид, ки боз зиёфат карда диҳед.— Шуд, нафас рафт, насиб бошад, соли дигар ҳамин вакт боз як зиёфат-дия!

## Нафас хушк шудан

барҳам хӯрдан, нест шудан: Аз кучо медонистааст, ки боронгарӣ намешудааст? Кори деҳқонии мо чӣ мешавад? Бо ҳамин гапаш нафасаш хушк шавад-е!

## Нафаси хунук кардан

нисбат ба дигарон бадӣ хостан, гап ва овозаҳои нохушеро паҳн намудан:— Баъд аз ду рӯз хунуки қахратун мешудааст, фаҳмидӣ-мӣ, ако?— Ин қадар нафаси хунук кардан нагир-е, аз даҳонат шамол барад!

ки дар маросимҳои тую азо пул додан аз рӯи қонда не. Дуюм ҳамин, ки ин акотон ба нафсаш задагӣ; нафси бад—балои бад!

### Нафсба расидан

1. касеро ранҷондан, ба ғазаб овардан:— Ин эшонатон чаро бо ман тумшуқ карда мегардад?— Рӯзи тӯят, ки нафсашба расидӣ, қаҳраш омадагӣ-дия! 2. аз расидани чизе шод шудан:— Пул додӣ, ки ба лабонаш табассум омад-а?— Нафсашба расида даромад шуддия, намерасид-чӣ? Балоба мемондӣ!

### Нафскалон будан

ҳариси молу чиз будан: А, ба ин пули додагиат чаро вай қаноат кунад? Ба вай аз ҳазор-ҳазор гап зан. Ин одами нафскалон буд, фаҳмидӣ-мӣ?

### Нахоида фурӯ бурдан

1. чизеро нахоида хӯрдан: Гӯшти даҳонангиата нахоида фурӯ набар, ба меъдаат зиён дорад; 2. ифодаи таҳдид ба маънои задан, куштан ва нобуд кардан: Ту «ман зӯр, ман полвон!» гуфта аз худ нарав. Ту баринхоя нахоида фурӯ мебарам, фаҳмидӣ-мӣ!

### Наъли хари мурдагӣ

чизи паст, беарзиш, бесифат ва номаъқул:— «Гилем биёред»,— гӯям ҳамин шоли куя задагия овардед-мӣ? Ҳамеша наъли хари мурдагия харида меоед-дия, мардак!

### Нағма баровардан

қилиқ, ҳаракати нав баровардан: Ҳама рӯз «пул диҳед!» гуфта боз нағма баровардӣ!

### Нағма реша надоштан

ҳила бебақо будан ва оқибат фош шудан:— Ҳазору як нағмая кор фармуда, савдогарӣ карду охир ба даст афтод-дия!— Нағма реша надорад-дия!

### Нағмакорӣ кардан

ҳила ва фиребро кор фармудан: Ин тока чаро дурустакак каландӣ накардӣ? Ба кори ҷамъият нағмакорӣ кардан хуб нест!

### Наҳсба мондан

кори касе пешрафт накардан:— Ба ин замин хуб кор кардаму ҳосили дуруст надод.— Қаҳрат наояд, ука, шабу рӯз маст мешавӣ, албатта, корат пеш намеравад. Ту наҳсба мондагӣ, фаҳмидӣ?

### Некӯ кардан, аз пур кардан

кори хушсифат аз таҷриба аст:— Шаввоз, тока кокули духтарҳо барин бурида нағз кор кардааст-а.— Зиёда аз сӣ сол аст, ки касбу кораш ҳамин. Некӯ кардан, аз пур кардан.

### Нею нестонба нигоҳ накардан

ба коре, чизе маҷбур кардан, водор намудан: «Намеравам»— гуфт, ба нею нестонаш нигоҳ накарда, ҳамроҳ гирифта омадам-дия!

### Нигоҳ накарда омадан

касеро мунтазир нашудан, шитоб кардан: Ҳамроҳ омаданӣ будем, як дам истода, ба ман нигоҳ накарда омадӣ-я!

### Нигоҳубин кардан

касе ё чизеро тарбия ва парвариш намудан:— Ин гӯсфандатон аллакай бӯрдоқича шуда аст-ку!— Набошадчӣ нигоҳубин кардан баъд, аз ин ҳам нағзтар мешавад!

### Нимзабона гап задан

фаҳмо ва дуруст гап назадан, саҳеҳ талаффуз накардан: Нимзабона гап назану ба ман гӯй, ки чаро баҳои «2» гирифтӣ?

**Нинакшах будан**

ганнодаро будан: Ҳазор бор гуфтам, ки ҳавлиро рӯбучин карда тоза карда мон. Ин қадар ту нинакшах будай, ақалла ҷӯроб назадия!

**Нишеб кардан**

1. чизеро пинҳонӣ дуздидан, онро ноаён аз они худ кардан: Аз анбори колхоз шабона ду линга ҷава нишеб карда истодагиашба дастгир кардаанд; 2. чизеро каме ба паст моил намудан: Лингая камтар нишеб карда доред, гандум бемалол резад; 3. чизеро ба касе камтар додан: Ҳарбузая камтар ба мо ҳам нишеб кунеддия.

**Нишонба гирифтан**

1. сайдеро нишон гирифтан: Қанд занед, ба шумо ман қоил! Ҳамон оҳуи ба нишон гирифтаатона задед-а! 2. касеро таъқиб кардан, осебе ба ӯ овардан: Шумо, ки раиса дар маҷлис баромада танқид кардед, вай ҳам қасос ситондани шуда, шумоя нишонба гирифтагӣ, хушьёр шавед!

**Нештар задан**

ба касе сухани бад ва кинояомези тезу тунд гуфтан: А, ин акаат чӣ хел одам? «Ҳа бойбача, кайфу сафо карда шиштед-мӣ?— гуфта ба ман нештар зада рафт!

**Нозба расидан**

иззатталаб будан:— Гир, аз ин хӯрок хӯрда, ишкамата сер карда гир, сонӣ вай кората кардан мегирӣ.— Не, намехӯрам! — Нав гурусна ман гуфта истода будию ин қадар нозба расидӣ, ки боз «не» мегӯӣ!

**Нокардакор, ин кор ба
ту чӣ кор?**

ба кори як умр накардагӣ ноӯҳдабароёна шуғл варзидан: Ман гуфтам-ку токбурия намедонӣ, ҳамая бало мезанонӣ, нокардакор, ин кор ба ту чӣ кор?!

### Нома ба забон нагирифтан

бо касе хусумат кардан, ба вай эътирози сахт баён кардан, дигар бо ӯ ҳамгап, дӯст шуданро нахостан: Агар духтарата ба писари ман надиҳӣ, дигар номи мана ҳаргиз ба забон нагир!

### Нома ба замин задан

обрӯи касеро резондан, касеро бадном кардан: Вай олим бошаду «ҳеҷ чиза намедонед!»— гуфта номаша ба замин задӣ?!

### Номаша гиру гӯшаша каш

баробари ба забон гирифтани номи касе ҳозир шудани ҳамон кас:— А, во аҷабо, ҳозир гапатона гуфта истода будем, ки худатон даромада омадед-а!— Номаша гиру гӯшаша каш гуфтагӣ гапа нашунидаед, магар?!

### Номаъқула нонаша хӯрдию сангпушта сонаша

номаъқул кардӣ:— А, аз ҳамин замин ҳосил намерӯяд, мегӯӣ? Бо ҳамин гапат номаъқула нонаша хӯрдию сангпушта сонаша!

### Нон аз пухтан

ҳосил аз меҳнат аст: Ба нонпазӣ беҳавсалагӣ кардан дуруст нест. Бисьёр пазӣ, барака ҳосил мешавад. «Нон аз пухтан» гуфтаанд.

### Нон бо як рӯ пухтан

бо ҳамсари худ то абад умр ба сар бурдан ва бо дигар кас ҳамсар нашудан: Чаро занаташ сар медодӣ? Номаъқул кардӣ! Нон бо як рӯ пазад!

### Нон бутун будан

таъминоти хуб доштан: Акаатона дидам, муаллими калони мактаби олӣ шуда кор мекардаанд. Нонашон бутун будааст, аз ҳар ҷиҳат ба худашон тинҷ. Ба шумо салом мегӯянд.

**Нон ёфта, дандон наёфтан**

ҳангоми ба роҳат умр ба сар бурдан бо ягон сабаб аз он роҳати фароҳам омада истифода бурда натавонистан ва мутаассиф шудан: Ба ҳазор азобу машаққат фарзандҳоя калон кардам, акнун вақти роҳатҳояшона ди ланам расида буд, ки касали якҷоя шуда мондам, хоҳарҷон. Нон ёфта дандон наёфтам,— гуфта худ ба худ зиқ мешавам.

**Нон ҳам нону нонмайда ҳам нон**

чизеро хурду ҳақир нашуморидан, нописандӣ накардан: Имрӯз иди наврӯз. Қам бошад хам, идипулии бобоята гир, писарам, нон ҳам нону нонмайда ҳам нон!

**Нони касбу кора хӯрдан**

ба воситаи ягон касбу ҳунар зиндагӣ кардан: То умр дорам касби бошарафи муаллимия тарк намекунам. Панҷоҳу шаш сол боз нони муаллимия хӯрда меоям.

**Нона бо равған хӯрдан**

нағз умр ба сар бурдан, осудаҳолона зиндагӣ кардан: Пеш чӣ будем? Ҳама ба як бурда нон зор будем. Шукр, аз ғамхории давлатамон нонамона бо равған хӯрда гаштем.

**Нона калон газу гапа калон назан**

калонгӯӣ ва худситоӣ накардан, ба худ ғарра нашудан: «Ман ҳама чиза медонам»— гуфта ин қадар калонигарӣ накун; нона калон газу гапа не!

**Нона «нанна», мавиза «какка» гуфтан**

кинояи аз хурд, нотавон ва бетаҷриба будан: Ту куҷою бо ваӣ баробар шудан куҷо? Дар назди ӯ ҳоло ту нона «нанна», мавиза «какка» гуфта гард, уко.

**Нона хоида ба даҳон андохтан**

1. чизеро ба касе равшан, фаҳмо ва дуруст фаҳмонда додан: Шеъри устод Ҷомӣ «Ба дандон рахна дар фӯлод кардан»-ро устод ҳамин қадар нағз фаҳмонда доданду ҳанӯз нафаҳмидӣ? Охир, нона хоида ба даҳонат андохтанду ақаллан фурӯ бурда наметавонӣ? Қаллаварам будӣ-дия! 2. бе меҳнату ранҷ чизеро соҳиб шудан: Акнун калон шудию ҳанӯз ҳам меҳнат накарда ба дасти падарат нигоҳ мекунӣ? Нона хоида ба даҳонат андозанд-мӣ?

**Нона хӯрда ба намакдон туф кардан**

некии касеро надонистан, беандешагӣ ва ноодамӣ кардан: Амакат туя тарбия намуда, калон кард. Бо ин ду маротиба омадию як бор рафта, аз аҳволаш хабар нагирифтӣ. Нона хӯрда ба намакдон туф кардан аз рӯи одамигарӣ нест!

**Нону намак хӯрдан**

зиёфати касеро хӯрдан, аз касе некиҳои зиёд дидан: Мо нону намаки падаратона бисёр хӯрдагӣ. Шумо фарзанди ҳамон кас будед-дия?

**Нону ҷурғот нахӯрдагӣ будан**

сирдону ҳолдон ва ҳамгапу ҳамнишин набудан: Ман як умр бо вай нону ҷурғот нахӯрда бошам. Аз куҷо донисга, маро ғайбат мекардааст?

**Норбонба баромада, фаромаданаша андешидан**

оқибати вазифа ва кори масъулиятнокро андешидан: «Дар магазин кор мекунам» — мегӯӣ, хайр, майлаш. Аммо ин бисёр кори нозук, масъулиятнок аст, ки дар охир баъзе норасоиҳо ба вуҷуд омаданаш мумкин. Ба норбон баромада, фаромаданаша ҳам андеша кун, писарам!

### Норбонба якбора набаромадан

ҳама корро бо оҳистагӣ, тадриҷан, бо навбат ба ҷо овардан: Якбора баҳои «5» нагирифтам гуфта зиқ нашав. Одам норбонба якбора намебарояд. Имрӯз «4» гирифтӣ, пагоҳ баҳои «5» мегирӣ.

### Нотавонбин будан

пешрафти кори касеро дида натавонистан, ҳасудхӯр будан: Вай раис нотавонбин буд, кор кардани ҷавонхоя ҳаргиз намехост.

### Ноумед шудан

риштан хоҳишу талабро аз касе, чизе кандан: Бечора барои ҳамон китоб омада буду аз ёфт нашудани он ноумед шуда рафт-дия!..

### Ноф кашиш кардан

гурусна мондан: Хез, занак, як ош кун. Ҳамин рӯзаш кати кор карда, намак чашидагиам не. Нофам кашиш карда истодааст.

### Нофа таранг кардан

касеро дар зери таъзиқ гирифтан: Аввал «ман нагирифтам»— гуфта инкор кард, ҳамин ки сахт гардону печон карда нофаша таранг карданд, ноилоҷ иқрор шуд.

### Ноф кати печутоб хӯрдан

сахт ранҷ (дард) кашидан:— Акаатона ҷаро ба табобатгоҳ бурдетон?— Ҳамин бегоҳ «дилам дард кард» гуфта нофаш кати печу тоб хӯрдан гирифт. Ноилоҷ бурдем-дия!

### Ноҳунба зор

фарзандталаб, мӯҳтоҷи фарзанд будан: Ту фарзандата ин қадар озор нате, одамоне ҳастанд, ки ноҳунашба зор!

### Нури чашм донистан

касеро фарзанд хондан: Ман шумоя нури чашм медонаму ҳар бор омада наменистед-мӣ?

### Нури чашм кардан

касеро ҳурмат кардан, иззату эҳтиром кардан: Марҳамат ба хона, мо шумоя нури чашм мекунем!

### Нӯги даст кардан

хӯрок ё чизеро камтар хӯрдан:— Аз ош муддао хӯрдӣ?— Не, сер будам, танҳо нӯги даст кардам халос.

### Нӯги даста дароз кардан

бо касе дуруст ва бо меҳру муҳаббат воҳӯрдӣ накардан: Барои бо ту воҳӯрдӣ кардан огӯш кушоям, ту нӯги дастата дароз мекунӣ!

### Нӯги дук сафед нашудан

рӯзи беҳбудиро надидан: Пеш вақтҳо шабу рӯз меҳнат мекардем, нӯги дукамон сафед намешуд. Шукр, ки имрӯз ҳаёти ширин дорем.

### Нӯги забон гап задан

самимона ва аз тахти дил гап назадан: Ҳар чӣ гӯям, нӯги забон гап мезанад, вай одам не!

### Нӯги забон заҳр доштан

бадгап, бадлафз будан: Илоҳи мана бо вай ҳамхона накунад, ки нӯги забонаш заҳр дорад.

### Нӯги нохун барин

каме, андаке: Гӯр модари ӯгай шавад, ба фарзандони худаш нони бутун медиҳаду ба ин бечора нӯги нохун барин.

### Нӯги сӯзан кати ёфтан

бо амали дарздӯзӣ ёфтани чизе: Ин сӯзания надаррон, писарам. Ман ина нӯги сӯзан кати ёфтагӣ.

### Нӯл овезон шудан

дар қаҳр, ситеза шудан: Ин қадар нӯлата овезон карда мешинӣ, ягон кас гурбаата пишт гуфт-мӣ? Биё, хӯроката хӯр, хунук нашавад.

### Нӯл ба нӯл шудан

**1.** бо ҳам ҷанг андохтан: Қанӣ, бедонаатона биёред, бо ин бедонаи меҳмон як бор нӯл ба нӯл шавад; **2.** бо ҳам сирру ҳол гуфтан: Дирӯз акаатон бо Масобир нӯл ба нӯл шуда чиҳо гуфтанд?

### Нӯл ба осмон будан

худписанд, мағрур, мутакаббир будан: «Раис шудам» гуфта, ин қадар нӯлата ба осмон карда нагард! Ту ҳам мисли мо як одам-дия!

## О

### Об аз болои кишт меравад

нӯшидани об баъди хӯрок воҷиб аст:— Ака Салим, як пиёла чой нӯшед.— Не уко, дилам гушна. Шумо барин палав мехӯрдем, об аз болои кишт меравад гуфтагӣ барин дил чой мекашид. Ҳамин тавр не?

### Об барин донистан

ба дараҷаи аъло донистан:— Ин укаатон аз олами адабиёт бохабар-мӣ.— Хеле бисьёр шеъри бузургона об барин медонад ва маънидод ҳам карда медиҳад.

### Об гирифтан

**1.** обила кардан, авҷ гирифтан, ба ҳаракат ва ба амал омадани чизе: Чечакаш анча об гирифтааст, кӯдаката

эхтиёт кун, духтарам. 2. ба касе тақлид кардан, пайравӣ намудан: «Бародарам тӯи калон кард» гуфта об гирифта, ту ҳам ҳамин номаъқулия кардании ҳастӣ-мӣ?

## Об дуздидан

газак гирифтан, аз нав авҷ кардани ҷароҳат баъди об гирифтан: Дандонат об дуздида ба дард даромадааст. Гарм нигоҳ дор, писарам!

## Об кардан

моле ё чизеро фурӯхта пул кардан:— Хош, мавизи бурдагиата чӣ кор кардӣ?— Ҳамааша об карда омадам, хотират ҷамъ бошед.

## Об рӯшнои

об сарчашмаи ободонӣ ва зиндагии хуб аст, рамзи накӯист: Хайр, оба резондӣ, майлаш, хафа нашав, об рӯшноӣ.

## Об хӯр!

номаъқул кардӣ: Ҳамин шабу рӯз ҷудо дилам бухс мекардагӣ шудааст.— Як Тошкандба тамошо карда биёям-мӣ гуфта истодаам.— Ҳамин вакти корба?— Ҳа, чо мекунад? Баъд аз 7—8 рӯз мебиём-дия!— Оххо «Баъд аз 7—8 рӯз» будааст. Туба ҳамин қадар ҷавоб медодаам-мӣ? Об хӯр.

## Об ӯпқон карда рафтан

аз як ҷо ба ҷои дигар гузаштани амалиёт, коре:— Комиссияҳои омадагӣ корҳои инҷоя тафтиш карда баромад-куя! — Хайр, акнун мебурафтааст-мӣ? — Не, об тарафҳои шумонба ҳам ӯпқон карда мерафтагӣ барин.

## Оби даҳон кашол шудан

ба чизе ҳавас пайдо кардан, майл кардан: Ин анори кори калона аз куҷо харидӣ? Ту хӯрда истоданю оби даҳони ман кашол шуда истодааст.

гиристан мурдаро нороҳат мекунад: Тири аз камон часта гашта ба чояш намеояд. Ба вафоти species бобоят бисьёр гирья накун, бачам. «Оби дида — чароҳати мурда» гуфтаанд.

### Оби кашонда

чизи аз чои дигар овардашаванда, камчин, камьёфт:— Аз ин лиму бо меъёраш хуретон, оби кашонда-дия.

### Оби лаванду каланди даванд

барои нашъунамои хуби ток ва гирифтани ҳосили он пайваста меҳнат лозим аст: Аз ток ҳосили баланд гирифтанӣ бошӣ, оба чунон сар те, ки оҳиста чорӣ шавад, чунон каланда ба кор бар, ки то ба решаи кунда равад. «Ба ман оби лаванду каланди даванд кор фармо» мегуфтааст ток.

### Оби нонӣ кардан

касеро калтаккорӣ кардан, муддао задан: Ҳамин рӯз боз маст шуда омадааст. Падараш «боз маст шуда омадӣ-мӣ»— гуфта муддао зада оби нонӣ кардааст.

### Оби равон барин

1. чизеро бисьёр хуб аз ёд донистан: Шеърҳои Турсунзодая оби равон барин медонад-а; 2. басо ором ва беовоз будан: Машинаи «Волга» оби равон барин мегаштааст-дия, ҳатто мӯи сари кас намечунбад.

### Оби хунук рехтан

бо сухани ношоистае дили касеро хунук кардан, завқу ҳаваси ӯро суст кардан: Акнун дилам чӯш зада кор карда истода будам, ки як гапи бад гуфта ба дилам оби хунук рехт монд.

### Оби ҳама чоя хӯрдагӣ

каси чаҳонгашта, ҳама чойро дидагӣ ва хушьёру корбудкун: Биё, дар сӯҳбати ин амакат шин, бисьёр чиз-

хоя фахмида мегирӣ. Ин кас оби ҳама ҷоя хӯрдагӣ, бисьёр чизҳоя медонанд.

### Оба баровардан

сирру асрори касеро фош кардан: Ин бисьёр хиёнатхои калон карда будааст. Имрӯз тафтиш карда, акнун обаша бароварда истодаанд.

### Обреша маҳкам будан

ҳомӣ ва пуштибон доштан:— Амакаш раис-а, бо ин пасту боло гап назан!— Обрешааш маҳкам будааст гӯ!

### Обсофкунак шудан

касеро бо касе ба созишу муросо андохтан ва ба бартараф намудани низои тарафайн саъй намудан: Гапи ҳар дуяш сахт гурехта, панҷ сол мешавад, ки бо ҳам гап намезананд. Дар мобайни инҳо беҳуда обсофкунак шуда надаро, ки худат хиҷолатманд мешавӣ.

### Обғалт будан

дар муносибат ва робита бо касе наздику дӯст будан: Шумо ҳамон китоба мегирифтагӣ бошед, ба Қомилҷон гӯед, ин одам илтимос кунад, вай «не» намегӯяд. Ҳардуяшон обғалт буданд-ку.

### Ов кардан

1. сайд (шикор) кардан: Раҳматӣ Лутфӣ нишонгири кори калон буданд. Баъзан аз кӯҳҳои Мастчоҳ, ки он ҷо пракурор шуда кор мекарданд, дар як рӯз дуто-сето оҳуя ов карда меомаданд; 2. дил ба даст овардан: Дар дуньё одами ҳақиқӣ шуда умр ба сар мебарам гӯй, писарам, бо ҳар роҳ дили одамия ов куну дила маранҷон, ки аз дила ов кардан хубтар кор барои одамӣ нест. Медонӣ, ҳазрати Мирзо гуфтаанд:

Санги роҳи худ шуморад Каъбаву бутхонаро,
Ҳар ки чун Бедил тавофи Каъбаи дилҳо кунад.

### Овоз зангӯладор будан

хушовоз будан: Қандаша занад, Маъруфхӯча Баҳодуров, овозаш зангӯладор будааст-дия!

### Овози булбул ба гӯш нафоридан

**1.** ниҳоят зиқ ва табиат гирифт кардагӣ будан: Ҳамин рӯз шаш соат дарс дода бисьёрҳо зиқ шуда омадам. Ин қадар виқ-виқ кардан нагир ҳозир овози булбул ҳам ба гушам намефорад; **2.** касал ва хаста будан: Модарат касал хоб кардаанд, бисьёр дод нагӯ, ҳозир овози булбул ҳам ба гӯши он кас намефорад.

### Овоза замину замона гирифтан

шӯҳратманд шудан: Овозаи паҳлавониаш замину замона гирифта буд-ку, аз ҳамон полвонча афтодааст-мӣ?

### Одам бе номча, мавиз бе думча намешавад

ҳама чиз камбудӣ, норасоӣ дорад: Майлаш, аз вай норасоӣ содир шуда бошад, ҳоло вай хурд, шумоён калон. Ба ислоҳ дароварда тарбия кунетон, писарам. Инсон бе камбудӣ намешавад. Гуфтаанд-ку «одам бе номча, мавиз бе думча намешава».

### Одам кучову олам кучо

аз ҳеҷ чиз бехабар: Охир, ин мурданак нӯшида масти беҳуш шудаасту боз ба ин насиҳат мекунӣ? Бо ин аҳволаш намедонад, ки одам кучову олам кучо.

### Одам шудан

ахлоқ ва услуби хуб доштан, фазилатҳои неки инсониро ба худ нигоҳ доштан:— То ба кай ҳамин тавр мегардӣ, хон, меҳнат кун одам шав!

### Одами ба ҷонаш расидагӣ

шахсе, ки аз ниҳояти асабият ва нокомӣ ба кардани ҳар коре қодир аст, шахсе, ки тобу тоқаташ ба ҳадди

эътимод расидааст:— Ин қадар қошу қавоқи ин овезон?— Имрӯз аз ду фан баҳои бад гирифтааст. Ба ин гап назанед, ин одам ба ҷонаш расидагӣ, фаҳмидедмӣ?

**Одами бадҳазм**

шахси бадкирдор, ҷоҳил, бадмуомила, қадрношинос:— Ту як шахси хондагӣ, вай чӣ? Як одами бадҳазми хулозадагӣ. Бо ҳамон сарокалла мезанам мегӯӣ?

**Одами бекор — дарахти бебор**

аз бекор ҳама безор: Меҳнат куну меҳнатдӯст бош, писарам. Аз каси бекор, ҳама безор. Бекор нагард, «одами бекор — дарахти бебор» гуфтаанд.

**Одами бутун будан**

боақл, доно ва фозил будан: Раҳматӣ Турсунзода одами бутун буданду ҳайф шуданд.

**Одами дамдузд**

ором, хаппакӣ, суханчин, дилсиёҳ. Вай ба назар қобилак менамояд, аз вай ҳушьёр шав. Вай як одами дамдузди расво!

**Одами кӯсаба ришбарой мушкил**

кору амале, ки иҷрояш басо мушкил аст:— Эшони тӯра, кай зиёфати мана карда медиҳед.— Алҳол ҳаракаташба.— Э, солда-е, аз ин кас зиёфат интизор шудан одами кӯсаба ришбарорӣ мушкил будан барин гап.

**Одами назаркарда**

одами нек, бахислат, маъқулу манзур:— Имсол синни муборакн тағоятон чанд?— Наваду хафт.— Чӣ қадар хуб, он кас одами назаркарда.

## Одамӣ шири хом хӯрда

одам бе камбудӣ намешавад: Дар ҳамин сармои сахт пиёда сафар карда, дасту поя ба хунук мегиронед? Фикр накардед?— Одамӣ шири хомхӯрда-дия, ука, ба ғафлат мондам!

## Одамба қатӣ шуда гаштан

бо мардум, халқ якҷоя будан, якҷоя нафас гирифтан, дар байни мардум будан: Ба ман нигоҳ кун, писарам, моҳӣ бо об зинда бошад, мову ту одамон қати зинда. Ту ҳам, шукр, соҳиби зану фарзандӣ. Акнун худата ба канор нагиру одамба қатӣ шуда гард, фаҳмидӣ?

## Одамбоз будан

шахси одамнавоз, ҷӯрабоз ва дил ба даст меовардагӣ будан: Раҳматӣ падаратон одамбоз буданд. Рӯзе набуд, ки аз Тошкенту Фарғона, аз Самарқанду Бухоро ба хонаи ин кас меҳмон наоянд.

## Одамашба афтидан

1. ба ҷои муносиб сазовор шудан: Домод бисёр бачаи қобилу хоксор. Духтаратон одамашба афтодааст. Илоҳӣ ҳар дуяшон осоянд! 2. киноя аз шахси номуносиб, мунофиқ: Ҳамая монда бо ҳамун авбошсифат рафиқ шуди-мӣ? Акнун одамашба афтодӣ!

## Одамигария хӯрдан

эҳтироми дигаронро ба ҷо наовардан, нисбат ба дигарон беҳурматӣ кардан, аз рӯи услубу одоб рафтор накардан: Ба ман нигоҳ кун, мӯйсафед баромадан, аз ҷоят хеста чой диҳӣ намешавад-мӣ? Ту набераашон барин гап. Акнун донам, одамигария бутун хӯрда будӣдия!

## Одамохунд будан

одами нек, некӯсират ва бофазилат будан: Акаатона ба сӯҳбати мо гирифта оред, сари мо ба осмон мерасад-ку. Он кас одамохунд будаанд.

## Одамфурӯшӣ кардан

1. дар ҳаққи касе бадгӯӣ, хиёнат кардан, ғайбати касеро кардан: Ту одам бошӣ, амаки худата бад карда иншон дода, одамфурӯшӣ мекунӣ-мӣ, ноодам! 2. аз мансабу амали касе фоида бурдан ва ба ин восита худро манфиатнок кардан: Амакам раис, ман ба он кас гуфта коратона тӯғрӣ мекунам, гуфта сари ҷавониат кати одамфурӯшӣ мекунӣ!

## Олама ба сар бардоштан

шӯру ғавго, доду фарьёд кардан: Оқибат аз ҷон мондагиат меёфтӣ-ку! «Пулама гум кардам, кӣ дуздид?» гуфта дар як дам олама ба сарат бардоштӣ!

## Олама сел шуста равад ҳам парво накардан

ба ҳар як чиз, ба ҳар як ҳодиса бепарвоёна назар кардан, эътибор надодан: Ҳамин шаб банд-банди устухонам сӯхта касал шуда баромадаму як бор «ба ту чӣ шуд?» нагуфтед-а! Олама сел шуста равад ҳам парво намекунед-е!

## Оламу ҳаводис

дар ҳаёт рӯй додани ҳар як ҳодисаи ногаҳонӣ имкон дорад: Ҳаво гирифт карда, вайрон шуда истодааст. Аз эҳтиёт чакманата пӯшида рав. Оламу ҳаводис, мумкин аст, ягон бориши калон шавад.

## Оламсӯз будан

бадкор, фитнаву бадкирдор будан: Аз ин шайтони дурӯяи фасодкор эҳтиёт шудан лозим. Ин як одами ҷангандози оламсӯз будааст, ки ҳама аз шарраш ҳазар мекунад.

## Орди гандум ҳар ҷо, кайвонӣ ҷо-ҷо

хӯрокворӣ дар ҳама ҷо ёфт мешавад, аммо пазандаи бомаҳорат на дар ҳама ҷо пайдо мешавад:— Бай-бай

расо палави кори калон пухтед-дия. Зоҳирҷон бисьёр ошпаз. На ҳама кас ин одам барин пухта метавонад. Дар гапҳо мегӯянд-ку: орди гандум ҳар ҷо, кайвонӣ ҷо-ҷо..

## Орзу айб надорад

орзуи ҳар чӣ воҷиб аст: Одамҳо ба саёҳат мераванд. Орзу айб надорад гуфтагӣ барин насиб бошад, ман ҳам Ҳиндустона саёҳат карда омадан ният дорам, чӣ гуфтед?— Фикратон дуруст.

## Орди зер карда мондагӣ барин

*ниг.* ошаки дам кардагӣ барин: Духтари Собирҷони ман медонам. Бисьёр духтари боақли андешакор. Орди зер карда мондагӣ барин худаш.

## Осиё бо навбат

иҷрои ҳар кор бо навбат: Шумо бозӣ карда, бозия бохтед, акнун навбати мо. Осиё бо навбаташ!

## Осиё тез будан

зуд-зуд хӯрок хӯрдан ва ба навбат нигоҳ накардан: Дар вақти ошхӯрӣ баробар ва бо навбат даст дароз кардан аз рӯи одоб мегӯянд. Қаҳрат наояд, ука, ба як бори мо ту се бор даст дароз мекунӣ-мӣ? Ниҳоят осиёт тез будааст-дия?

## Осиёба дохил шав, ки гардаш занад

бо одамоне шину хез, ҳамгап ва ҳамсӯҳбат шав, ки аз некии онҳо бархурдор шавӣ: Ҳамеша, писарам, бо одамони бофазли нексират ҳамнишин шав. Аз онҳо баҳравар шав, осиёба дохил шав, ки гардаш занад.

## Осиёя бе об гардондан

бо ҳила ва макр ба ҷо овардан:— «Ман тобам не» гуфта ҳила мекунию бо мо кор накарда ҳақ гирифтан мехоҳӣ? Не, осиёя бе об гардонда наметавонӣ.

## Осмон ба дастат бошад, ба сарам парто

{ar чӣ ҷабру ситаме раво мебинӣ, кардан гир: Ҳамин ıраки лаънатия намехурам гуфтам, намехӯрам. Нею ıаҷбур мекардагӣ бошӣ, осмон ба дастат бошад, ба :арам парто!

## Осмон ба сар фурӯ рафтан

5а зери азобу машаққат мондан, зиқ шудан, ба мушкилиҳо дучор шудан: Хайр, даҳ сӯмата гум кардӣ, садқаи сар. Осмон ба сарат фурӯ рафт-мӣ?

## Остона баланд

киноя аз шахсон ва хонадони доро ва баландмартаба: Пеш вақтҳо мегуфтанд, ки «фалонӣ бой, фалонӣ эшон, гӯра, остонаи онҳо баланд, ба духтари онҳо хостгор лафиристон. Беҳуда духтарашона ба фарзанди ту баəин камбағалҳо намедиҳанд. Шукр, ки Давлати Советӣ 5арпо шуда он «остонабаландҳо» гум шуданд ва имрӯз ҳамаамон баробар ҳастем.

## Остонаи тоза кардан

дарргоҳро аз каси бад пок кардан: Қӯлдошбой, уко, шумо худатон фарзанди одами дуруст-ку, ин корҳоя ба шумо кӣ мондааст. Мешунавам, ки меҳмонхонаатонба шабҳо чӯраҳотон кати шишта арақхӯрӣ мекардаетон. Айб не-мӣ. Гапи мана мегирам гӯед, остонатона аз ин хел одамҳо барвақттар тоза кунед, ҷон уко!

## Офтоби дари хона

шахси маҳбуб, азиз: Э, омадӣ-мӣ, ҳамсараки азизам, гу набошӣ ҳама ҷо ба назарам торик. Ту офтоби дари хонаи ман.

## Офтоби сари кӯҳ

умри одамӣ кӯтоҳ аст, онро бояд ғанимат донист: Ту падару модарата ҳурмат кун. Онҳо офтоби сари кӯҳанд.

## Офтобгардон кардан

1. сахт тергав, тафтиш ва таҳқиқ намудан: Суд ҳам яксола мадохилоту махоричи совхоза пурсида, сарбухгалтера расо офтобгардон кард-дия: 2. чизеро гаштаю баргашта тагуру карда дидан: Ин биринҷ-биринҷи тоза, бе курмак. Ин қадар офтобгардон карда диданатон чӣ нафъ дорад!

## Оши кас — остонаи кас

аз хӯроки каси дигар шикамсер намешавад:— Ба тӯй рафта ош хӯрдаму боз ҳам гурусна барин-а.— Одатан ҳамин тавр. Оши кас — остонаи кас гуфтаанд. Ҳамин ки аз остонааш қадам ба берун ниҳодед, оши хӯрдагиатон ҳамоно ҳазм мешавад.

## Оши нав

меваи нав:— Э, помидор омадааст-ку!— Бале, оши нав, канӣ марҳамат!

## Ош кати ҷангӣ будан

аз ош парҳез доштан:— Қанӣ, аз ош марҳамат, чаро нахӯрда шиштед?— Мо ош кати ҷангӣ, бародар, меъдаам касал!

## Ош шавад

хӯроки хӯрдагӣ ҳазм шавад, манфиат бахшад, ташаккур:— Қанӣ, ба ош марҳамат, Ҷӯрабой ако!— Ош шавад, ман ҳозир ош хӯрдам.

## Ошаки дам кардагӣ барин

вазнин, ором, хомӯш: Барои писаратон арӯс кофта нагардед. Ҳамин духтари амаки Шодибой-дия, хушрӯй, боақлу зебо. Ошаки дам кардагӣ барин.

## Ошнои хасакӣ

рафиқи ноустувор, бевафо ва қадрношинос: «Ман бо ту рафиқи ҷонӣ» мегӯию ба ягон лозиму мавридам намеоӣ, «аҳволат чӣ тавр» намегӯӣ. Ту ошнои хасакӣ!

**Оқубати одамӣ «вой»**

охири умр ҳеҷ, мурдан: Одамӣ бошӣ дар ин умри дурӯза меҳнат куну нағз хур, нағз пӯш, умрата нағз гузарон. Оқубати одамӣ «вой».

**Оҳараш нарехтагӣ**

чизи нав, ҳанӯз истифода нашудагӣ: Ин атласа харед, барака меёбед, ҳанӯз оҳараш нарехтагӣ!

## П

**Пайраҳа кардан**

Ба ҷое бисьёр рафтуо кардан: Аз ин ҷо шабу рӯз гузашта, ҳамая пайраҳа кардӣ-ку? Айб не-мӣ?

**Паноҳ шудан**

касеро парасторӣ кардан, ҳомӣ ва мададкор шудан:— Ин писарча, ки ба хонаи меравад, шумо амакҷонаш ба ин паноҳ шавед-дия!

**Паноҳат ба худо**

худо нигаҳбонат шавад (ба тариқи дуо ба касе фотеҳа додан): Хайр, акнун меравӣ-мӣ, паноҳат ба худо!

**Панҷ панҷа баробар не**

одам аз одам фарқ дорад: «Ҳар дуяш аз як падару модар шудагию барои чӣ укааш ин қадар донишманду акош не»— мегӯед. Охир панҷ панҷа баробар не-ку!

**Пар додан**

ба касе сар фаровардан, тобеъ шудан, қоил шудан: «Вай бисьёр бачаи доно» гӯям, шумо розӣ намешудед. Гапам рост баромада худатон дидед-ку! Акнун пар додан гиред.

### Пару бол рехтан

ғамгин, маъюс ва малул, беҳомию парастор шудан: Фарзанди калониаш вафот кардан ин ҷониб пару болаш рехтагӣ. Ҳеҷ чиз ба назараш намеиамояд.

### Пастӣ кардан

хасисӣ, мумсикӣ кардан:— Барои як сӯм ин қадар хархаша мекунӣ? Пастӣ кардан ба одами ҷавонмард намезебад!

### Паст рафтан

сухани ношоям гуфтан: Ба суханҳои ношоям муомила карда, ин қадар паст рафтан дуруст нест. Дамата гир!

### Пасту баланд гап задан

бо ҳам дар муноқиша шудан: Хайр, бача бо бача ҷанг кардааст, ба шумо — калонҳо чӣ шуд, ки бо ҳам ин қадар пасту баланд гап мезанетон? Айб аст!

### Пасту баландии ҷоеро надонистан

1. Баландӣ ва чанию чуқурии ҷоеро надонистан: Бачам, дар ин торикии шаб мани мӯйсафед танҳо берун намебароям, пастию баландии ин ҷоя надонам. Боз афтода маиб нашавам?; 2. аз шароит ва вазъияти ҷое бехабар будан: Мана ба назди духтурҳо худатон ҳамроҳ гирифта баред ман меҳмон бошам, пастию баландии ин шаҳри шумоя надонам.

### Пеши офтобба набаромадан

барои чизи ночизе овора нашудан; Ба ин пули додагиатон гурба пеши офтобба намебарояду вай қабул мекунад-мӣ?

### Пеши пойба сар мондан

1. касеро бисьёр дӯст доштан, бо меҳру муҳаббати самимӣ нигоҳ кардан, сари таъзим фуруд овардан: Мода-

ри азиз, дар дуньё барои ман шахси ғамхору мӯътабар шумоед. Лозим оял пеши пои шумоба сар мемонам; 2. ба касе хушомадгӯй, лагандбардорӣ кардан; Ба ман нигоҳ кун, мард бошӣ, як умр мардона рафтор куну хушомадгӯй накун! Ҳар бор бинам «раисҷон!»— гуфта қариб пеши пои раисба сар монӣ? Ин кори хуб не!

### Пеши по кати нишон додан

мутакаббир, ғарра ва худсито будан: «Зани калон шудам»,— гуфта одамҳоя пеши пош кати нишон медодагӣ шудааст-а!..

### Пеши по хӯрдан

1. роҳравон лағжидан, пой ба чизе зада такон хӯрдан: Бечора Аҳрора шунидед-мӣ, бегоҳ роҳ рафта истода пеши по хӯрда афтида як пои росташ шикастааст; 2. аз оқибати рафтор ва афъоли бад ба ҳолати ногувор дучор шудан: Пешхезӣ кардан, ки гирифт, оқубат пеши по хӯрда, аз кораш ронда шуд-дия!

### Пеши роҳа бастан

1. касеро аз роҳ боз доштан: Мон, ҳазл кардагим не пеши роҳама набанд, корам зарур, меравам; 2. бо роҳи макру фиребу дуо ба пешравии кори касе мамониат овардан:— Барои чӣ кори ман ҳаргиз пеш намеравад, бибиҷон, ҳайрон ман...— Ман дирӯз ба фолбин рафта будам. Вай фол кушода гуфт, ки кадом душманаш пеши роҳи духтаратона бастагӣ, хононед, кӯчонед, дуою фотеҳа кунонед...

### Пеши табара пахта гирифтан

барои иҷрои коре бо ягон восита касеро ба роҳ даровардан:— Ҳамин қадар ҷинояташ калон буду сӯд озод кардааст-мия?— Эҳтимол пеши табара пахта гирифта бошад?

### Пеши чашмба будан

аз касе дур набудан ва бо ҳам якҷоя будан: Шукр, ки хоҳарҷон, имсол писарам пеши чашмамба кор карда истодааст.

## Пешонаба ғунчидан

насиб кунад, умраш дароз шавад (дуои хайр дар нисбати фарзанд):— Фарзандатон бисьёр бачаи боақли қобил, гапдаро, меҳнатдӯст. Аз ин фарзанд хурсанд мешавед.— Гуфтагиатон шаваду пешонаамба ғунчад!..

## Пешониата худо кушояд

чор тарафат қибла, ту озод хастӣ, (ифодаи орзуи нек нисбати шахсе, ки ба ҳаёти мустақилона қадам мениҳад): Хайр, писарам, ба сафар рафта истодай, илоҳи пешониата худо кушояд!

## Пешрав будани кор

дар авҷу тараққӣ будани кори касе: Бачам коргари меҳнатдӯст дия, ба Душанбе ҳам рафтааст, ки доимо кораш пешрав будааст...

## Пешхезӣ кардан

маҳмаддоноӣ, мунофиқӣ кардан: Пешхезӣ кардан, ки гирифт, оқубат пеши по хӯрда аз кораш ронда шуддия!

## Пиёдакашак кардан*

касеро ба ҳар тараф кашола кардан, қасди талаву тороҷ кардан: Имрӯз — рӯзи тӯят, ҳар чи дошта бошӣ, барор!— гуфта қариб мана пиёдакашак карда будандa, тавба!..

## Пиёдаҳо савора, савораҳо пиёда

гоҳ ин тавру гоҳ он тавр, ҳар кор бо навбаташ: Чангдин сол вай раис буд, имрӯз навбати раисӣ ба ин расид. «Ҳеҷ боке нест. Пиёдаҳо саворану савораҳо пиёда, кори дунъё ҳамин хел...

---

* Дар ниҳоят кӯпкоритозӣ якто буз ё гӯсоларо кӯшта ба миён партофта «акнун пиёдакаш» — гуфта эълон менамуданд. Тамоми аспсавору тамошобинҳои пиёдагард баробар ба бузу гӯсола мечаспиданд ва касе, ки зӯр бароянд, аз они вай мешуд.

### Пилтая аз гӯш гирифтан

1. суханони (насиҳати) касеро гирифтан: Пилтая аз гӯшат гиру ба гапҳои ин кас диққат те ва ба иҷрои он кӯшиш намо, писарам!; 2. касеро аз мақсад ва роҳи акпеш гирифтааш гардондан ва онро рад кардан: «Акнун дигар ман намехонам»— гуфтӣ? Не, ин пилтая аз гӯшат гир, то ман зинда ҳастам, аз хондан намемонӣ!

### Пинак рафтан

хоб пахш кардан: Ин қадар пинак рафта истодаӣ, камхоб шудӣ-чӣ?

### Пои рафтуомада кандан

рафтуомадро қатъ кардан:— Ин вақтҳо ба хонаи амакатон намеравед-мӣ?— Не, ду сол боз мо пои рафту омадамона кандагӣ.

### Пои худ кати нест шуда рафтан

худ-аз худ ғоиб шуда рафтан:— Чаро ин вақтҳо Мирзо Салим наменамояд?— А, нашунидед-мӣ?— Се рӯз шуд, ки шабона аз хонааш баромада ба пои худ нест шуда рафтааст...

### Пои қуттигӣ будан

пой хурд будан:— Шумо батинкаи чандум мепӯшед?— Сию ҳаштум.— О, поятон қуттигӣ будааст-ку!

### Пой баровардан

1. бомаврид ва бемаврид ба ҳар ҷо рафтан, оворагардӣ кардан: Аҷабо, як духтари бамаънии хубе буд. Ҳайронам, ки ин вақтҳо пой баровард баҳудаю беҳуда ба ҳар ҷо мерафтагӣ шудааст; 2. оғози ба роҳ даромадани тифл: Шукр, Ҳакимҷонак пой баровардa, қадам мемондагӣ шудааст-а!

### Пой дароз кардан

1. истироҳат намудан:— А, пойҳона дароз карда шиштед?— Хеле, монда шуда омадам, ба кас камтар роҳат ҳам лозим? 2. фавтидан:— Бечора Бобо Ҳаким ҳам ин бегоҳ пояшона дароз кардаанд-дия! Э, вафот кардаанд-мӣ?

### Пой кати рафта, сар кати омадан

ба ҷое саломат рафта он ҷо фавтидан ва он маитро овардан:— Кӣ медонад, қисмат. Ба курорт саломат рафта, дар ҳамон ҷо вафот кардааст. Бегоҳ ҷасадаша овардаанд, имрӯз ҷаноза... О — бечора-е, ба по рафта, ба сар омад гӯед-чӣ!..

### Пой кати рост истода натавонистан

1. ниҳоят маст будан: Ҳамин қадар бисьёр менӯшид, ки пояш кати рост истода наметавонист. Баъд аз қарор нӯшидана тарк карду туппа тузук одам шуда монд; 2. лоғар ва бемадор будан: Бечора дарди бисьёр кашида он қадар заиф шуда мондааст, ки пояш кати рост истода наметавонад.

### Пой кати рост нагаштан

бардурӯғ овозаҳо паҳн кардан, ҳар хел гапҳоро бофтан, ҳангоматалаб будан: Ин Эшонхон фарзанди ҳамон тӯрани дурӯғгӯйдия, ҳар хел гапҳои бардурӯға паҳн карда, пояш кати рост намегардад.

### Пой кушода шудан

ба ҷое равуо кардан: Панҷ сол ин ҷониб ако-уко бо ҳам гап намезананд. Дирӯз мӯйсафедҳон гузар ҳар дуяшона оштӣ доданд. Баъди ҳамин пои ду додарон кушода рафтуо мекардагӣ шуданд.

### Пой латта барин шудан

бемадор, заиф, суст шудан: Гӯр беморӣ шавад, аз касалӣ хестан ин ҷониб поям латта барин шудааст, ҳаргиз дуруст роҳ рафта наметавонам.

**Пой мемондагӣ ҷой надоштан**

ҷои рафтуо мекардагӣ, шахси умеднок надоштан: Хоҳари бечораам вафот кард. Акнун пой мемондагӣ ҷой надошта бошам, дигар омада чӣ кор мекунам?

**Пой накашидан**

барои ба ҷое рафтан чандон рағбат надоштан, майл накардан:— Шумо имшаб ба кино меравед-мӣ?— Намеравам, поям накашида истодааст.

**Пой ғеҷидан**

фош шудан, гуноҳ собит шудан: Дар назди суд аз гапи худаш пош ғеҷиду ба ҷавобгарӣ кашида шуд-дия, набошад...

**Пойба задан**

аз касе ғолиб баромадан, нисбат ба шахси дигар пешравӣ доштан: Усто Акрама мӯзадӯзи номӣ мегуфтанд, ин мӯзаи дӯхтан ту аз вай ҳам кори калон-ку! Қандата зан, ба пои Усто Акрам, задӣ!

**Пойба латта бастан**

аломати девонагӣ, худро ба девонагӣ задан: То ба кай бекор гашта, мазаммати мардума мешунавӣ. Поятба латта баста гард мон-дия!

**Пойба ҳино бастагӣ**

суст роҳ рафтан: Ба поят ҳино бастагӣ-мӣ? Зудтар қадам монӣ-чӣ!

**Поя ба ҷойгаҳ нигоҳ карда дароз кардан**

мувофиқи иқтидор ва тавоногии худ кор кардан: Ин қадар «Тӯи калон мекунам»,— гуфта, ба худат зӯр набиёр, поята ба ҷойгаҳ нигоҳ карда дароз кун.

**Поя бечо партофтан**

рафтори ношоям содир намудан: Ба ман нигоҳ кун «сардори як идора шудам»— гуфта поята бечо партой, дароз умр намебинӣ, аз корат пеш мекунанд.

**Поя кашола карда натавонистан**

ноӯҳдабаро будан: Худи вай пояша кашола карда наметавонаду буридани тока ба ҳамин одам фармудӣ-мӣ?!

**Поя монда ба сар рафтан**

ба ҷое бо тамоми меҳру муҳаббати дил, хурсандона рафтан:— Писарча аз хизмати аскарӣ ояд, гӯям, ба хона оед-а! Ҷонам кати, поя монда ба сарам меоям!

**Поя тиргак кардан**

дар гапи худ истодагарӣ кардан: Писарчаатон намеомояд? Ҳамроҳи падараш ба саёҳат рафт. А, бачаи хурдсол?— Чӣ илоҷ «Ман ҳам меравам»— гуфта пояша тиргак карда, ки истод, ноилоҷ падараш ҳамроҳ бурданд-дия!..

**Поя ғеҷондан**

касеро ба ягон кори бад шарик карда нишон додан: Ба кори аз саҳро дуздидани гандум пои Салима ҳам ғеҷонда аст-мӣ?..

**Поятба хор назанад**

дар зиндагӣ ҳаргиз осебу зараре набинӣ, шикастро набинӣ: Пеш рав, бо меҳнати ҳалол ба халқат хизмат намо, писарам, ба поят хорназанад!

**Пояш бечо**

шахси бадрафтор: Бо вай рафиқигарӣ накун, писарам, вай одами пояш бечо. Оқибат туя шарманда мекунад!

**Пойгаҳа хилват кардан**

аз назари дигарон пинҳонӣ кореро кардан: Балоча, пойгаҳа хилват карда, суруд мехондагӣ шудӣ-я!

**Поймонӣ дигар шудан**

1. мутакаббир, худситой, ғарра шудан, аэхуд рафтан: Чор танга пул ба кисааш даромадан ин ҷониб, поймонаш дигар шудааст-а!; 2. маст будан, калавидан: Аз вай худата дур гир, лаънатӣ боз маст барин, поймонаш ҳам дигар шудагӣ; 3. беҳол, бемадор шудан: Дар вақтҳои саҳатиаш ба мактабаш чор қадам монда мерафт. Ҳозир чӣ? Аз беморӣ хестанаш инҷониб поймонаш ҳам дигар шуда, базӯр роҳ мерафтагӣ шудааст.

**Посира кардан**

ба кишти замин ҳамроҳ шудан, баҳри манфиати худ чизе коштан:— А, ин аробаи гандума аз куҷо оварда истодаед? Ба замини наздиҳавлигии укаамон камтарак посира карда будем. Доди худо-дия, уко.

**Пул хӯрдан**

1. ришва гирифтан: Вай пул хӯрда будагис, ки кори ина тӯғрӣ мекунам гуфтагис-дия; 2. сарфу хароҷот кардан: Як рӯзба чанд пул мехӯрӣ, ки боз пул гуфта омадӣ?

**Пул — чирки даст**

пул бақо надорад, аз даст ба даст мегузарад; Ба ин пули дастангиат ҳамон палтоя бихар. Пул чирки даст. «Харидӣ-дӯхтӣ, фурӯхтӣ-сӯхтӣ»— гуфтаанд.

**Пули бедарди миён**

пули муфт, пуле, ки бо роҳҳои қаллобӣ ё меҳнати саҳл ба даст оварда шудааст: Ман ҳам агар ту барин пули бедарди миён медоштам, зуд мошин мехаридам.

**Пули бисьёр—душман**

пули бисьёр метавонад ба инсон оқибатҳои нохуш ба бор оварад: Сангини бечорая дар ҷои хилват зада, та-

моми пулаша шиппонда гирифтаанд. Чунин воқеаҳо бисьёр рӯй медиҳад, пули бисьёр ба одамизод душман мегӯянд-ку!

**Пули якшумур**

пули нақд: Ман ин гӯсфанда дусад сӯм пули якшумур дода харидагӣ. Арзон намефурӯшам.

**Пулба чечак баромадан**

аз сабаби кампулӣ ё бепулӣ ҷуръати харочот надоштан: Ба пулатон чечак баромадагӣ-мӣ, ҳамин хел як пальтои зебои ба худатон муносиба «намехарам» мегӯед?

**Пулдорба кабоб,**
**бепулба дуди кабоб**

шахси доро метавонад аз неъматҳои моддӣ баҳравар гардад, аммо шахси бепул не: Пули бедарди миён, ки дорад, мошин харидааст, мо чӣ? Ба музди меҳнати ҳалол қаноат мекунем. Боз мо барин одамҳо гап занад, рӯяша чаппа гардонда, пулдорба кабоб, бепулба дуди кабоб.— гуфта бевичдон пичинг мепарронад.

**Пул кати ба даҳон задан**

дами касеро бо пул паст кардан, пули бисьёрро нишон додан:— Ин қадар калонигарӣ мекунад? Пул кати ба даҳонаш боб карда зан, саҳл аз дамаш фароянд!

**Пул-пула ёфтан**

дар савдо ва тавассути пул-пули бисьёр (фоида) ба даст овардан:— Хонаи ҳаннот сӯзад, килои бирнича ба як сӯму бист тинӣ харида, як сӯму ҳаштод тинӣ мефурӯшад-а!.. Пул-пула меёбад, гуфта ин хел касҳо аз баҳри инсофу одамгарӣ ҳам мебароянд!

**Пул-пули бой, об-оби сой**

пули бой мисли оби сой аст, бе меҳнат ба дасти вай омада аст. Сарфи он барои соҳибмеҳнатон ҷоиз ва равост:— Пули боя ёфтӣ-мӣ? Вай азони худат, бемалол сарф кардан гир.— Пул-пули бой, об-оби сой гуфта-

анд. Пули боя гирифта сарф кардан, аз сой об гирифта хўрдан барин гап.

**Пул-пули ҳалол будан**

пули бо ранҷу меҳнат ба даст омада: Пулат-пули ҳалол будааст, ки ба ҳамин хел як зани соҳибҷамоли боақлу фаросат соҳиб шудӣ.

**Пуфаки дам кардагӣ**

**1.** ниҳоят фарбеҳ будани касе: Аз пурхурия он қадар фарбеҳ шудааст, ки пуфаки дам кардагия худаш-а; **2.** мутакаббир, ғарра, ҳавобаланд ва худситой: Қалон шудан ин чониб, пуфаки дам кардагӣ шудааст, ки ақалла басалом ҳам алек намегирифтагӣ шудааст-е!..

**Пуштба мондан**

пас аз фавти волидайн умри онҳоро давом додани фарзанд: Илоҳӣ сараш дарда набинад, ҳамин солҳо писарчаатон анча қад кашида мондааст-а, бибичон!— Аз худо умедам ҳамин, ки намураду пуштамба монад-дия!

**Пуштба одам доштан**

ҳимоятгар доштан: Бо вай баробар нашав, пушташба одам дорад.

**Пўлок мурдан**

беҳол будан, умеди хайриятӣ набудан: Ин эшонамон пўлокашон мурдагӣ барин назарамба. Беҳуда умед накунед аз он кас.

**Пўст кандан**

азоб додан, таҳдид кардан, мағлуб намудан: Ба ман шоҳмотбозӣ карда мебарам нагўед, пўстатона меканам!

**Пўст рафта ба устухон часпидан**

аз ҳад зиёд харобу лоғар шудан: Бечора сахт дард кашида пўсташ рафта ба устухонаш часпидааст-е!

таҳдид кардан, ба зери шиканҷа гирифтан: Минбаъд аз дарсат монй, ба пўстат коҳ ҷой мекунам, фаҳмида мон!

## Р

### Раги хоба ёфтан

1. ҳолати рўҳй-психологии касеро омўхта ба ў муомила кардан ва ба ин восита масъалаеро ҳал намудан:— Аввал «ин хел китоб надорам»,— гуфта инкор кард. Баъд аз он ки бо муомилаи нек мақсадро фаҳмонда додам, баъд хандиду гап назада китобро бароварда дод.— Қандата зан раги хобаша ёфтам гў!
2. касеро ба воситаи каси дилхоҳаш ба иҷрои коре розй кунонидан: Раис барои ба шумо участкаи наздиҳавлигй ҷудо карда додан розй шуд-мй?— Розй шуд. Раги хобаша ёфта, ба амакаш гуфтам, баъд участка медодагй шуд.

### Рам хўрдан

ҳаракати касе ё чизеро пай бурда ба кардани коре ҷуръат накардан ва худро ба канор гирифтан: Вай лаънатй бо мақсади дуздй омада буду ҳамин ки овози сулфаи маро шунид, рам хўрда гурехт.

### Рамақ дигар шудан

тағьир ёфтани фикр ва ҳолату вазъияти руҳй: Калон шуданаш, ин ҷониб рамақаш дигар шудааст-мй?

### Ранг баромадан

1. баъд аз шустушў тоза ва озода шудан: Нав ба хокухумуш ғўтида будй. Мана, ба оина нигоҳ кун, баъд аз шустўшўи модарат акнун рангат баромад-а!
2. фош шудани сирру асрори касе:— Баъд аз се рўза тергав дуздиаша ба калла гирифт.— Хайр, оқубат рангаш баромада аст-дия!..

### Ранги рўй гаштан

ранг зард шудан, нишонаҳои ранҷ ҳувайдо гардидан: Ба хаёлам, ука, анча ранҷ кашидед-а, назар ба пештараҳо ранги рўятон хеле гаштааст-а...

### Ранги рўяша хўрдан

хароб ва лоғар шудан: Қасал шуда, ранги рўятона хўрдед-а, Ҳалимҷон?

### Рангу рўй ба ҷояш

нағз, солим: Ука, ду шаб ин ҷониб бедорхоб шуда, кор карда бошед ҳам, боз рангу рўятон ба ҷояш парво накунед!

### Ранга гирондан

хаставу лоғар ва хароб шудан: Қасал шуда, рангатонро анча гиронда мондед-а!

### Ранга канондан

ба ғазаб омадан, бадҷаҳл шудан: Ман гурбата «пишт!»— гуфтам-мӣ, ки ба ман рангатро канонда гап мезанӣ!

### Ранг-ранг тофтан

1. чило додан ялаққос задани чизе: Бай бай ин моли тозаи куртавория аз кадом магазин харидед? Насиб кунад, дар шуои офтоб ранг-ранг метобад-а!
2. бадқаҳр ва ғазабнок шудан: Дар байнатон як-ду гап гузаштмӣ, нагузарт-мӣ, ранг-ранг тофта чашмоната ба ман ало мекунӣ? Осмони ба дастат бошад, ба болои сарам парто-е!; 3. рашк бурдан, ҳасуд хўрдан: Ҳис кардед-мӣ, баъд аз шумоя ба раисӣ интихоб карданашон Шарифхўҷа ранг-ранг тофта ким-чӣ хел шудагӣ барин шуд-а?..

### Рахна шудан

кам шудан, интиҳо ёфтан: А, ҳамин қадар равған аллакай тамом шуду боз равғани ин чалак ҳам рахна шудмӣ!

## Раҳ бастан

ба иҷрои нияте мамониат расонидан: «Ҳамроҳ ба Душанбе меравем»— гуфтию се рӯз инҷониб аз ту дарак нест. Пеши роҳи мана баста мондӣ!

## Раҳ поидан

касеро нигарон ва мунтазир шудан: Чаро ин қадар дер мондӣ бисьёр хавотир шудам. Аз роҳата поидан чашмам канда шуд.

## Раҳи ростба рафтан

софдилона ва босадоқат кор ва зиндагӣ кардан: Акнун, ки ба кор дохил шудӣ, бе хиёнат кор куну ба роҳат рост рав, писарам, рӯи зарару осеба намебинӣ!

## Раҳи кора ёфтан

рафти ҳаёт ва зиндагиро аниқ дарк намуда, мувофиқи он амал намудан: Амакбачаатона дида омадам. Кораш бисьёр нағз, тинҷу хурсанд. Раҳи кораша ёфтагӣ, салом гуфт.

## Раҳа бегона кардан

аз як роҳ ба роҳи дигар гузаштан, роҳро табдил кардан: Ман аз кӯчаи калон рафта истодам, ки пешрӯям, муаллимонам омада истодаанд. Аз рӯи ҳурмат раҳа бегона карда, ба кӯчаи тарафи рост гузаштам.

## Раҳа тӯғрӣ кардан

1. роҳи дурустро ба касе нишон додан: Ин бача боғи ҳамсоя намедонад, писарам роҳаша тӯғрӣ кун, худат. 2. шахси гумроҳро ба роҳи ҳақиқат ҳидоят намудан: Ҳуҷҷатҳои идора ва роҳи тартиботу тақсимоташа тӯғрӣ карда мон, пагоҳ муфаттиш меояд.

## Раҳа қайчӣ кардан

1. роҳи дурро наздик ва масофаро ихтисор кардан: 2. барои ҳис намудани дурии роҳ гапзанон рафтан: Ин

раҳ бисьёр роҳи дур буд. Бо шеърхонӣ раҳа кайчӣ карда омаданамона надониста мондем.
3. роҳи рафта истодан касеро бурида гузаштан: Ман имрӯз ба сайд намеравам, омада истода будам, ки пеши роҳамро гурба кайчӣ карда гузашт. Хосият надорад мегӯянд.

### Раҳата гир

машғули кори худ шав, ба кори шахсони дигар мудохила накардан: Ба ҷанҷоли ману ин ту чӣ кор дорӣ? Рав раҳата гир!

### Бе ресмон баста мондан

ба касе ваъдаи омадан карда, дар вақти гуфта шуда наомадан: Шумо гуфтед, ки дар соати як меоям. То соати се нигоҳ кардам наомадед. Мана бе ресмон баста мондед-а?!

### Реша дар об

ҳомӣ ва мададгор доштан:— Шарифхӯҷа бисьёр корҳои ношоям содир намуду барои чӣ чорае ба ӯ дида нашуд?— Решааш дар об аст. Калон будани амакаша худат медонӣ-ку!?

### Реша ғафс

ҳомии зӯр доштан:— Ин бисьёр кору рафтори ношоям содир мекунаду чаро ба ӯ чорае намебинанд?— Амакаш калон-дия!— Оҳҳо, решааш ғафс гӯед-чӣ!

### Решаи дуо сабз

дуо гирифтан боиси ба камол расидан аст: Решаи дуо сабз аст, писарам, хизмати падару модара ба ҷо оварда дуошонро гиред!

### Решаи ҳақ зӯр

ҳақиқат охир ғалаба мекунад: Бечора се моҳ ноҳақ дар ҳабс хоб кард. Тафтишоти охирин муайян намуд, ки вай бегуноҳ будааст. Решаи ҳақ зӯр, ҳақ ба ҷояш қарор гирифт.

## Решакан кардан

1. чизеро аз таҳу буньёд канда нобуд кардан: Ба фикри ман, тамоми ин дарахтҳоя решакан куну ба ҷояш ниҳолҳои нав шинон уко!
2. ба касе зарар ва осеб расондан: О, ноинсоф-а, аз мансабаш истифода бурда, тарафдорҳои раиси пештараро тамоман решакан карда партофт-а!

## Ризқ лаб задан

неъматеро нисбат ба меъёр зиёдтар соҳиб шудан: Э, чойя бисьёртар рехта мондам-мӣ? Хайр, зарар надорад, ризқатон лаб зад.

## Ризқи меҳмон ҳамрои худаш меояд

баробари ба ҷое ташриф овардани меҳмон, ба хонаи мизбон ногоҳ омадани чизе: Мана, шумо омадеду ҳамсоямон ҳам як табақ тушбера карда омад. Мегӯянд-ку: «Ризқи меҳмон ҳамроҳи худаш меояд».

## Риму хун хӯрдан

ҳаққи касеро аз худ кардан: Амак нашуда мур-е, баъд аз вафоти додараш «ду гилем аз они ман!»— гуфта ҳаққи сағирҳоя бароварда гирифта аст. То риму хун хӯрдана хок панаҳат кунад-е!

## Риш тофтан

ба касе қасд кардан: Барои чӣ ба ман риш метобӣ, ман аз ту сари тарс дорам-мӣ?!

## Риштаи пой кушода шудан

ба ҷое рафтуо кардан:— Э, ба хонаи мо ҳам меомадедия? Ин чӣ тавр, ки риштаи пойтон кушода шуда монд?

## Риштаи умед канда шудан

маъюс шудан, ноумед шудан:— Духтараш вафот кардан ин ҷониб, риштаи умедаш канда шуда, ба ин хонадон намеомадагӣ шудагӣ...

**Ростба завол не**

ростӣ ҳамеша пойдор аст: Ростба завол не,— гуфтагӣ барин дар назди суд рости гапро гуфта додам.

**Рости — ризои худо —**

*ниг.* **ростба завол не:**
Ростӣ-ризои худо. Росташа гӯй, ки ба болои ҳамон воқеа ту ҳам будӣ-мӣ?

**Рустамона кор кардан**

далерона, баҳодурона, ба талаб мувофиқ кореро ба ҷо овардан: А, дар як рӯз ҳамин қадар тоқа танҳо худат аз калондӣ баровардӣ? Қандата зан, ука. Рустамона кор кардӣ-дия!

**Рӯ гардондан**

1. аз касе дил мондан, хафа шудан:— Чаро ин вақтҳо аз писаратон рӯй гардонда мондед, холаҷон!— Монедчӣ, хоҳарам «занам! — гуфту рӯяша аз модараш чаппа кард; 2 аз касе алоқаро кандан, муносибат вайрон шудан: Вай дурӯғгӯи мутаҳам будааст. Беҳуда тӯҳмат карданаш ин ҷониб рӯй гардонда, ба хонааш ҳам намерафтагӣ шудам.

**Рӯи каф барин будан**

ҳамвор будан: Бале писарам, замина нағз шудгор кардӣ, ки рӯй каф барин шудааст-а!

**Рӯ мондан**

1. зебо ва пурҷило шудан: Ба мӯзаатон лок занондан ин ҷониб, анча рӯ мондааст-а!
2. бешарму ҳаёгӣ кардан, рафтори нолоиқ кардан: Пеш ин тавр набуд. «Раиси идора шудам»,— гуфта, ин вақтҳо акаатон ҳам хеле рӯ мондааст...

**Рӯи бепул хунук**

шахси бепул арзиш надорад: «Рӯи бепул хунук»,— мегуфтанду ба фарзанди одами камбағал духтар намедоданд. Аҳвол чӣ? Ба пулу чизат нигоҳ намекунанд, мепурсанд, ки «Домодшаванда чӣ касбу ҳунар дораду кадом мактаби олия тамом кардааст?!

### Рӯи дил гап задан

сухани самимӣ нагуфтан:— Рӯи дил гап задан лозим нест. Ту росташа гӯй, ки мақсади хонаан дорӣ ё не?..

### Рӯи обба баромадан

аз ҳолати ногувор баромадан ва беҳбуд шудан: Пеш вақт аҳволи мо чӣ хел буд? Ба як бурида нон зор будем. Шукр, ҳукумати советӣ барпо шуду ҳамаамон рӯи обба баромадем!

### Рӯи пулдор гарм

гапу кори пулдорро маъқул донистан ва нисбат ба ӯ ҳурмату навозиш изҳор намудан: Пулаш, ки бисьёр ҳаст, одамҳои ба вай лагандбардорӣ мекунанд, тавба!— Рӯи пулдор гарм гуфтани мардум бесабаб не-дия!

### Рӯи хуш надодан

омадани касеро нахостан, бо касе муомилаи дуруст накардан: Ман дигар ба хонаи арӯсатон намеравам. Ҳар бор равам, рӯи хуш намедиҳад.

### Рӯба задан

**1.** аз таҳ ба рӯ намоён шудан: Бисьёр кори хуб шуд, ки таспатон ба рӯ задааст, ин аломати некист!
**2.** сирру асрори касеро ифшо, маълум ва ошкоро кардан: Аз анбор ду сад кило асала пинҳонӣ бароварда аз худ карда будааст. Имрӯз тафтиш карда ёфтанду сирраш рӯба зада ба ҷавобгарӣ кашиданд.

### Рӯба нигоҳ накардан

ба касе илтифот накардан: Маст шуданаш ин ҷониб, ҳатто падараш ҳам рӯяшба нигоҳ намекунад!

### Рӯба пой мондан

нисбат ба касе беэҳтиромӣ кардан, рафтори ношоям содир намудан: Ин гова амакаш меҳаридагӣ буд, вай рӯи амакашба пой монда, худаш харида аст-мӣ?

### Рӯба пӯстак кашидан

баъди амали ношоистае бешармона ба дигарон рӯ ба рӯ шудан: Ҳамин қадар бӯҳтона дар ҳаққи шумо карда, оқубат худаш шарманда шуд. Боз имрӯз рӯяшба пӯстак кашида омад-мӣ?

### Рӯяш хушк шавад

дидани дидори касеро нахостан, нисбат ба касе изҳори танаффур кардан: Ба тӯятон ҳамон ғайбатчии дурӯггӯйро хабар накунед, рӯи ҳамон хушк шавад!

### Рӯбучин карда рафтан

1. ҷоеро тозаву озода карда, баъд ба ҷое рафтан: Духтарам, хонаву ҷойя аввал рӯбучин карда, баъд ба кораŧ рав!
2. тамоми анҷом ва молу чизро гирифта рафтан: Занаш-мӣ? Тамоми анҷому чизу ҷораро рӯбучин карда ба хонаи падару модараш рафтааст...

### Рӯза кӯр кардан

бо ягон машғулияте рӯзро гузаронидан: Ҳикоятгӯӣ карда рӯза кӯр кардем-дия, вагарна то омадани шумо бисьёр зиқ мешудем.

### Рӯканӣ кардан

бо ҳам ҷанг кардан: Ҳар дуяш маст шуда, дар назди издиҳом муддао рӯканӣ кардаанд, шармандаҳо!

### Рӯтарошӣ кардан

бо ҳам мунокиша кардан, муомилан дағал кардан: Ҳар дуятон амакбача, бо якдигар рӯтарошӣ карданатон айб не-мӣ!

### Рӯхунук шудан

бад шудани муносибат, якдигарро бад дидан: Бо якдигар ду даҳан гапи пасту баланд гуфта, ду сол ин ҷониб ҳар дуяшон рӯхунук шудагӣ.

**Рӯхунукӣ кардан**

касе ба касе мунокиша кардан ва муносибати тарафайн бад шудан: Баъд аз хар дуяшон ҷудо шудан барои кимҷӣ гапашон гурехта, бо якдигар рӯхунукӣ карданд.

## С

**Сабӯс барин вазнин шудан**

киноя аз сабукӣ накардан, ором нишастан: — Хайр, акнун меравам, ба ман рухсат! — Камтар сабӯс барин вазнин шавед, меравед...

**Савдой шудан**

1. ба чизе хуморӣ будан ва дар орзуи он ба хаёл фурӯ рафта гаштан: — А, ранги ин одам ин қадар зард, одамони мадҳуш барин доимо ба хаёл фурӯ рафта мегардад? Ин одам савдой шудааст, ба хаёли кӯкнор фурӯ рафта ҳамин хел мегардад;
2. девонаавзоъ гаштан: Ох, аҳволи Гадойҷона бин-а, дилам месӯзад. Ниҳол барин ҷавонмард буд. Зани соҳибҷамоли парипайкар дошт. Занаш вафот кардан ин ҷониб савдой шуда мондагӣ, бечора!

**Савобталаб будан**

нисбат ба дигарон кори хайр, амали нек содир намудан: Раҳмат, писарам, ба ту! Бори ҳамин мӯйсафеда бардошта рафта истодай, ҷавони савобталаб будай. Харгиз кам нашав!

**Аз саг сара ва аз сара саг рӯидан**

аз бад нек ва аз нек бад таваллуд ёфтан: — Раҳматӣ падараш як одами майпарасту майзадан шаб ҳангию рӯз бангӣ буд. Ин фарзандаша бин-а, олими фаришта, тавба!.. — Чаро «тавба» —гуфта ҳайрон мешавед? Охир, дар гапҳо мегӯянд-ку «аз саг сарау аз сара саг мерӯяд!»...

## Сагдаҳанӣ кардан

баддафз будан ва бадлафзӣ кардан: Ин кас калон, ту хурд. Наандешида сагдаҳанӣ кардан кори хуб нест. Узр гӯй!

## Сад забон кати гап задан

мунофиқ, каззоб, дил дигару забон дигар будан: Ту худат чи хел одам? Дар назди худаш таъриф карда ба осмон бисту ҳафтум баровардӣ. Баъд аз рафтанаш ғайбат карда истодаӣ? Сад забон кати гап мезадӣ-дия!

## Сайд барор нагирифтан

кори касе пешрафт накардан: Палтои гуфтагиатон будааст-мӣ, харида омадед-мӣ? Не, на палто будаасту на он костюми шумо гуфтагӣ. Сайд барор нагирифт, овора шуда омадем...

## Санг ба сар хӯрдан

танбеҳ дидан, сазовори таъна гардидан: Аз гапҳои шумо санг ба сараш хӯрд, минбаъд ҳамин кораша намекардагӣ шуд.

## Санги осьёро ба сар чаппа кардан

ба касе азобу уқубат ва ҷазои сахтро раво дидан: Мо ҳамин як ҷавонмардем, ки касе ба сарамон санги осьёя чаппа кунад ҳам, сар медиҳему сир не!

## Санга баркаш карда дидан

касеро ҳаматарафа санҷида, хусусияти ӯро фаҳмида гирифтан: Ман санги вая баркаш карда дидагӣ. Одами хабаркаши каззоб. Бо ин хел касон ҳаргиз шинухез накун!

## Сандуқи дилба шамол задан

дам гирифтан, саёҳат кардан, шод шудан: Хайр ба саёҳат меравем-мӣ? Меравем, ако, сандуқи диламонба як шамол занад-е, бисьёр зиқ шудем-ку!

### Сар аз мӯрӣ набаромадан

ҳанӯз хурд будан;болиғ набудан: Амак, домодшаванда ба духтаратон муносиб, чои нағз. Худаш магазинчӣ. «Не» нагуфта розӣ шавед. — Рости гап, сари духтарам ҳоло аз мӯрӣ набаромада аст, илова бар ин, хонда истодааст. Ҳаргиз розӣ шуда наметавонам...

### Сӯхта як мушт хокистар шудан

алам кашидан, ба ҳоли касе сӯхтан, мутаасиф шудан: Абдуазимхони бечора мурдааст. Шаб ҳамин хабара шунида сӯхта як мушт хокистар шудам-дия!

### Сар аз санг шудан

тобовар, бақувват шудан, умри дароз дидан (дуои нек): Хайр, фарзандгадо шуда, ки имрӯз писардор шудед, сараш аз санг шавад!

### Сар ба девори лаҳат расидан

наандешида кор кардан ва оқибати ногуворни онро дар охир пай бурдан: Аз оқубати касофати мастӣ борҳо ба чазо гирифтор шуд. Рафта-рафта, ки сараш ба девори лаҳат расид, мана акнун наменӯшидагӣ, як одами саппа саҳат шуда монд...

### Сар бардошта гашта натавонистан

1. шарманда ва хиҷолатманд шудан: Ту ҳама рӯз нӯшида гардӣ, ман дар байни мардум сар бардошта гашта наметавонам.
2. заиф ва бемадор будан: Аз беморӣ офият ёфта хеста бошам ҳам, бисьёр бемадор ман. Рости гап, ҳанӯз сарама бардошта гашта наметавонам...

### Сар болои раг шудан

лоғар, хароб ва бемадор шудан: Бечора ранҷи сахт кашида будааст. Аз беморӣ хеста сар болои раг шуда мондааст-а!..

**Сар деги мис барин**

одами сарклон: — Полвони омадагӣ имрӯз ба гӯштингири даромад-мӣ? Э, вай кати кӣ баробар шуда метавонад? Сараш деги мис барин-у!

**Сар калу дил нозук будан**

қатъи назар аз бадномой, табиати нозук доштан, хар хел хӯрокро таҳаммул карда натавонистан: — Хайр, мураббо ин қадар дуруст қиём нашудааст,— гуфта, ин қадар нозу нуз накарда хӯрдан гиред.—Хайр, чӣ илоҷ ман як одами сарам каллу дилам нозук бошам...

**Сар кафонад ҳам**

тухми анқо шуда бошад ҳам, басо-вазнин расад ҳам:— «Девон»-и ҳазрати Хоҷая се-чор рӯз дода истед, хонам. Боз мегардонам.— Ба худам бисьёр зарур, хонда истодаам.— Хайр, сар кафонад ҳам, се-чор рӯз дода истед!

**Сар нодону по нодон**

гумроҳ, бетаҷриба, ҳайрон:— Ин укотон машғули ягон кор шавад, намешавад-мӣ? То ба кай ба кӯчаҳо сар нодону по нодон мегардад?

**Сари гӯсола лесидагӣ**

сари бемӯи бадшакл: Гӯр сари гӯсола лесидагии ҳамон эшони тӯраатон шавад. Ба назарам он қадар хунук менамояд, ки ҳаргиз нигоҳ накунам мегӯям.

**Сари дил равшан будан**

шоду хурсанд, фархундабол ва масрур будан: Мирзоако, шумо чӣ тавр, сари дилатон равшан-мӣ? Шукр, нағз, аз худатон пурсем?

**Сари зуволая гум кардан**

чӣ кор карданро надонистан, бесаранҷом, саргум шудан: Бечора, завҷааш вафот кардан инҷониб сари зуволааша гум кардагӣ. Чӣ кор карданаша намедонад.

### Сари кора доштан

машғули коре шудан: То ба кай ҳамин тавр мегардӣ, айб аст! Барвакттар сари ягон кора дошта, меҳнат кун, уко!

### Сари роҳа доштан

касеро маътал кардан, боздоштан: Сари роҳама надоред, ако, сар дихед, дарс дорам.

### Сари хама шамшер набуридааст

шахси хоксорро зарару осебе нест: Ман-манӣ накун, хоксор шав ва хоксорона кадам мону сарата хам карда гард. Сари хама шамшер набуридааст.

### Сари шохба задан

танбеҳ додан ва ба тартиб даровардан: Сари шохи фарзандонатонба зада монед дадош, бисьёр шабгардӣ накунад.

### Сари ҳафтсала хунук шудан

сулфидан, андаке ночӯр шудан, худро бад хис кардан аз сабаби тағьир ёфтани мичоз: — Ин қадар бисьёр сулфида истодаед?— Намедонам, сари ҳафтсалаҳо хунук шудааст-мӣ, ду рӯз ин чониб худама чандон хуб ҳис намекунам.

### Сара ба дару девор задан

1. зорӣ ва илтичо намудан: Саратона ба дару деворҳо занед ҳам, ин китоба ба шумо намедиҳам. Беҳуда овора нашавед!;
2. азобу укубати зиёдеро раво дидан: Акнун ин қадар зиқ шуда, худатона ба азоб намонед, модарчон, саратона ба дару деворҳо занед ҳам, акнун вай зинда намеояд. Тир аз камон частагӣ!

### Сара ба сангҳо задан

ба ичрои коре, чизе бо тамоми ҳастӣ кӯшиш, чидду чаҳд кардан: Духтар дилдодан худа дорад. Сарата ба

сангҳо занӣ ҳам, барои ба писари ту ба шавҳар баромадан розӣ намешавад.

### Сара ба сари дигар задан

бо касе ҷанг ва хархаша кардан: Ту олим бошӣ, вай чӣ? Чандон илми дуруст ҳам надорад. Хайр, як даҳан гапи ношоям гуфта бошад, сарата ба сараш зада баробар шуданат лозим-мӣ?

### Сара гирифта баромада рафтан

касе, ҷоеро тарк намудан, дигар орзу накардан: Бечора, аз занаш хафа шуда, даҳ сол мешавад, ки сараша гирифта баромада рафта будааст...

### Сара куҷоба задана надонистан

чӣ кор кардан, ба куҷо рафтан ва ба кӣ рози дил гуфтанро надониста ҳайрон мондан: Чӣ кор кунам, мадҳушнамо шудагӣ барин. Сарама куҷоба заданама намедонам, ҳайрон ҳастам.

### Сара сабук кардан

аз баъзе ташвишҳо хотирҷамъ шудан: Тӯя кай карданӣ ҳастед? — Ҳоло номаълум, бародар. Барвақттар карда, саратона сабук кунед монед!

### Сара чарх занондан

касеро гаранг ва фирефта намудан ва ба роҳи худ даровардан:— Чаро духтаратона ба ҳамон шахси намехостагиш додан ба розӣ шудед? Охир, чунин ҳол на дар қонун ҳасту на дар қоидаи миллии худамон! — Рости гап айби ман. Панҷ-шаш кас шуда гап кати сарама чарх занонданд, ки ризоият додагима ҳатто худам ҳам надониста мондаам...

### Сара ҷои назадагӣ намондан

баҳри иҷрои мақсад, ҳама кас, ҳама ҷоро дидан, аз назар гузаронидан, пурсуҷӯ намудан: Чор сол ин ҷониб дарди пой будам. Сарама ҷои назадагиам намонд, ки

дорую дармон, ёбам, Мана, ба хамин оби гармамон бисту чор рӯз рафта табобат карда сапна саҳат шавам мешавад-мӣ...

### Саратонба борон боридана морон борад

харчиз дар фасли худаш муносиб ва муфид аст: Саратон дохил шуд. Акнун бориши борони ҳозира зарар дорад, ки нафъ надорад. Дар саратон борон боридана морон борад, мегӯянд.

### Сараша хурад

ба касе марг талабидан, заволашро хостан: Ман ба молу чизи давлаташ зор нестам, ки парӣ барин духтарама, беруп аз ризояташ ба писари шулпукаш баровар-да диҳам. Давлаташ сараша хурад!

### Сарба афтодан

1. ба ҳолати ногуворе дучор шудан: Шумо духтури ҳозиқ ҳастед. Фарзандама нағз табобат кунед, як умр аз шумо ман миннатдор. Ҳамин холат сарамба афтодан ин чониб, хобҳои шабам ҳаром;
2. ба касбу коре машғул шудан: Кулӯхрезӣ айб не, писарам, ин меҳнат аст. Ба сарам, ки афтодааст, албатта, машғули ҳамин кор мешавам-дия!

### Сарба кӯҳи Муғул афтодан

ба мушкилӣ, рӯзи сахт дучор шудан: Хайр, сад сӯмата гум кардай, садқаи сар. Ба сарат кӯҳи Муғул афтид, ки ин қадар хафа мешавӣ?

### Сарба мӯй намондан

киноя аз бисьёр ичро кардани коре, бисьёр воқеаҳоро аз сар гузаронидан, пурдон, пуртачриба ва пурдида будан: Нури чашми падар, одам мешавам гӯй, бо касони бад не, бо одамони нек шинохез кун. Оқибати ҳамаи ин корҳоя дида-дида сарамба мӯй намондааст, фаҳмидӣ, писарам?

### Сарба об рехтан

чизеро ба итмом расондан, нест кардан: Ин асали дастия барои доругӣ оварда будам. Аллакай ҳамина ҳам батамом хӯрда сарашба об рехтитон-мӣ!

### Сарба турми осьё гаштан

ба мушкилии сахте дучор шудан, ба мусибате гирифтор шудан: Ин қадар димоғатон сӯхтагӣ барин? Бегоҳ ин чониб, сарам бисьёр дард мекунад. Хайр, ҳеҷ гап набудааст-ку, ман гумон кардаам, ки ба саратон турми осьё гаштааст-мӣ...

### Сарба чормағз шикастан

касеро озор додан, таҳдид кардан ва ба зери шиканча гирифтан: Гӯй, қадамаша дуруст-дуруст монда гардад, ки боз ба сараш чормағз шикаста, кораша расво карда намонам...

### Сару бар надоштан

1. васеъ, калон, беканор будани чизе: Э,вай замини кишти пахтааш ҳамин қадар калон-мӣ, бинам, сару бар надорад; 2. роҳбар, сардор, маслиҳатгар надоштан: Маъракааш, ки сару бар надорад, тартибаш вайрон...

### Саргаранг шуда мондан

чи кор карданро надониста ҳайрон мондан: Корҳоя ин қадар чигел карда рафтааст, ки... Чӣ кор карданама надониста саргаранг шуда мондам...

### Сарокалла задан

бо касе часпу талош кардан, ҳарбу зарб задан; — Вай бошад паҳлавон, ту чӣ? Дорои қувва бошӣ ҳам, ҳанӯз ҷавонӣ. Бо вай сарокалла задани ту дуруст нест, писарам!

### Сарпаноҳ доштан

манзили хоксоронаи истиқоматиро соҳиб будан: Охир, дар ҳамон ҷо, ки истиқомат мекардагӣ бошед, ягон сарпаноҳ доред-мӣ? Дорам: ако, як дар хона.

**Сартиллои куннукра будан**

мўъчизаовар, нест андар ҷаҳон пиндоштан: «Фарзанд дорам»— гуфта аз кору бори хона тамоман даст кашидӣ-мӣ. Ё ки ин кўдаки таваллуд кардаам сартиллои куннукра гуфта кори хонаяя тамоман фаромўш кардӣ-мӣ?

**Сарторик шудан**

ҳангоми ҳомиладорӣ ба хўрдани чизе майл ва эҳтиёҷ пайдо кардан: Ин қадар гелос мегўӣ, сарторик шудӣ-мӣ?

**Сархориба даст нарасидан**

ниҳоят серкор (серташвиш) будан: Ин вақтҳо ҳам меомадагӣ шуда мондед?— Қори ғунучини пахта дар авҷ. Рости гап, сархориба даст намерасад.

**Сафу ҷамъ шудан**

гирдуғун шудан: Ёру дўст аз ҷойҳои хабар кардаамон омада сафу ҷамъ шаванд — баъд тўйча сар кунам!

**Сахт рафтан**

ба таври ҷиддӣ дар муноқиша шудан: — Муаллимҳо бо ҳам баҳс кунанд, бисьёр сахт ҷаспуталош мекарданд. Бегоҳ дидед, дар боран ҷадидизм ва моҳияти реакционии ин ҷараён ду кас чӣ қадар баҳсу мунозира карданд. Рост ман ҳам зеҳн монда шишта будам. Ҳар дуяшон бисьёр сахт рафтанд.

**Сел шуста рафтагӣ барин**

орому сокит: — Чаро дар ин ҳавлӣ ҳеҷ кас нест?— Бибӣ Собира — хоҳарам, ту куҷоӣ? А, ин қадар ҷимҷит, ҳама ҷоя сел шуста рафтагӣ барин. Хо Бибӣ Собира!

**Сиёҳии сари дил будан**

номатлуб ва ба табиат номувофиқ будан, чиз ё каси нодаркор:— Ин гови шохзанатона чӣ кор кардед? Вай сиёҳии сари дил буд, ако, бароварда фурўхтем!

### Симба рафтагӣ будан

айёр, маккор, шайтон ва фиребгар будан: — Ту бо ин сарокалла назан, уко, туя фиреб медиҳад. Ин симба рафтагӣ, фаҳмидӣ-мӣ?!

### Симчӯб барин будан

лоғарӣ дароз ва қадбаланд будан: Тағотона дида ҳайрон шудам. Ин қадар симчӯб барин қоқи дароз.

### Синаи модараша буридагӣ

безорӣ, авбош, дузд, қадрношинос: Ҷобира медонӣ, чӣ хел одам? Вай синаи модараша буридагӣ арақхуру қиморбози лаънатӣ: Бо вай ҳаргиз шинухез накун.

### Синасоф будан

шахси бекинаву беғараз ва самимӣ будан: Ман падаратона бисьёр дӯст медоштам: шахси мӯътабари меҳнатдӯст, бо хурду калон баробар, одами синасоф буданд.

### Сипоҳигарӣ накардан

дар назди дигарон худро то як андоза баландмақом нигоҳ доштан: Сипоҳигарӣ накарда, Шумо ҳам чорто гап зада шинед, охир!

### Сипоҳгария аз даст надодан

худро устувор ва мардона нигоҳ доштан, ҳолати руҳии худро ниҳон нигоҳ доштан ва бо ин восита дар назди дигарон худро хиҷолатманд накардан: Ба гапҳои тезутунди шумо қариб гирья карда буду сипоҳигариро аз даст надода, худаша ором нигоҳ дошта истодия?

### Ситора ба ситора тӯғрӣ омадан

ба ҳам меҳру муҳаббат пайдо кардан, бо ҳам мувофиқ будан, якдигарро дӯст доштан: Ҳамин муаллима мебинам, ки доимо бо Қодиров Набиҷон якҷоя мегарданд.

якчоя шинухез мекунад ва ҳамдигара дӯст медоранд.
— Рост гуфтӣ, ситора ба ситораи якдигарашон тӯғри омадагӣ...

### Ситорахунук будан

баднамо ва бадсурат будан: Дар чое, ки ман бошам, ин хел одамони ғайбатчия чег назанед. Ин одами ситорахунук будааст, ман ин хелҳоя дӯст намедорам...

### Собуни ман кати ҷомашӯй накардааст

ғазаби маро ҳанӯз насанҷидааст, қувваи маро эҳсос накардааст: Ба укаат фаҳмон, ки бо ман ҳазлу шӯхӣ, сафсатагӯӣ накунад. Ҳоло собуни ман кати ҷомашӯй накардааст. Бекор, даҳонаша аз пушти сараш кушода мемонам!

### Собунак кардан

**1.** чизеро калон-калон гирифтан: Оша баробар гир-дия, ина ҳарифона мегӯянд. Ба рафиқон нигоҳ накарда собунак карда даруни ҷиғилдонба задан мегирӣ-мӣ?;
**2.** фиреб додан: Намедонам, чӣ кор мекунию собунак карда, ҳамаи дуппилҳоя ба тарафи ман меғелонӣ мемонӣ.

### Соз кардан

**1.** пардаҳои асбоби мусиқиро бо ҳам ҷӯр, мувофиқ кардан: Усто, танбӯратона соз карда, як бор «муноҷот»-а менавохтед;
**2.** касеро аллондан, фиреб додан: Бисьёр соз кардӣ, ки «ҳозир меоям» — гуфта, аз байни он авбошсифатҳо худата дур кардӣ;
**3.** касеро дар хиҷолат монондан: — Вай аз ҳад зиёд худаша доно гирифта буд-ку, дуто савол дода банд кардӣ мондӣ-а! — Рост, ман ҳам ҳамина гуфтанӣ будам. Соз кардӣ, уко, кандата зан, «давои курут оби ҷӯш!»

### Созиш кардан

**1.** мувофиқ омадан, фоида бахшидан: Асал, дар ҳақиқат, дору. Ба миҷози камина созиш кардагӣ. Ҳамеша

кам-кам истеъмол карда меистам. 2. ба касе муросо кардан: Ҳар чи бошад ҳам, вай роҳбар, ту бошӣ коргар. Ба ҳар як кор ман-манӣ накарда, созиш кун, уко!

### Сол хушк омадан

камбориш омадани сол: Аз сари ҳукуматамон гардам. Имсол дар шароити шаҳри мо сол хушк омада бошад ҳам, аз баски ҳукуматамон ҳамая бо орду нон таъмин карда истодааст, хушксолӣ ҳаргиз маълум не.

### Соли саг форидан

созиш кардани ягон ҳолату вазъият ба касе: — Ба ин нигоҳ кун, мудири база шудан ничониб чӣ қадар шикам мондааст! Соли саг форидан баъд, кас ҳамин хел мешавад.

### Сояи давлатба гаштан

бо ғамхорӣ ва илтифоти касе умр ба сар бурда гаштан: — Хош, Бобо Ҳамдам, чӣ тавр шумо нағз-мӣ? — Шукр, бисьёр нағз. Нафақая гирифта дар сояи давлатамон кайф карда гаштем-дия!

### Соя кати гап задан

дар ғайби касе гап задан: Дигар бо вай шинухез намекунам. Бисьёр одами ғайбатчӣ будааст. Хайр, сояш кати гап зада, чӣ кор мекунӣ! Гапат бошад, рӯ ба рӯ ба худаш гӯ, уко!

### Соя кати ҷанг кардан

касеро бад дидан, дар ғайбаш вайро сарзаниш кардан, бо касе ғоибона ҷанг кардан: Як одати шумоя дӯст медорам, ки каси ғайбатчия бад мебинеду бо сояҳояш ҷанг мекунед. Ин бисьёр афъоли хуб аст.

### Аз соя рамидан

касеро дӯст надоштан, аз ӯ худро дар канор гирифтан: — Чаро Сангина дида, роҳатона дигар кардед? —

Рости гап аз сояи ин хел одамҳои каззоби ҳасадхур дилам рамида, ҳаргиз рӯ ба рӯ нашавам мегӯям.

**Соя тунук будан**

тарсу (буздил) будан: Шумо мард шуда истода «дар хона худам танҳо хоб намекунам», — мегӯед-мӣ? Акнун донам, ниҳоят соятунук будаед-дия!

**Соҳиби мурдаву зинда будан**

парастор, соҳибобрӯ, нигоҳубинкунанда, қадрдон ва қадршинос будан: Марҳуми тағомо қори Файзуллоя бисьёр дӯст медоштанд, эътиқодашон баланд буд. Вай соҳиби мурдаву зиндаам мегуфтанд...

**Соҳиби хонаву дар шудан**

издивоҷ кардан, ба шавҳар баромадан, зандор шудан: Писарам, акнун ки соҳиби хонаву дар шудӣ, феълҳои бачагната тарк намуда, мардонавор рафтор кун!; Духтар, ки соҳиби хонаву дар шуд, бо ҳамон рӯзғори худ шуда меравад.

**Суп-сурх ҷасад будан**

нодорам, камбағал ва бемолу чиз будан: Чаро ба вай пул қарз додӣ, акнун аз вай пул рӯёнданат амри маҳол, худаш суп-сурх ҷасаду!..

**Суст наомадан**

фурӯнишинӣ накардан, паст наомадан: Дар шоҳмотбозӣ нисбат ба вай ту афзалӣ дорӣ, уко, суст набиё!..

**Сухана накуштан**

илтимос ва хоҳиши касеро рад накардан: Хайр сухана накушта, ҳамон китобатона се-чор рӯза дода истед, хонда шавам, боз оварда медиҳам!

**Сӯзан ҳама чиза дӯхта худаш урьён**

нисбат ба худ ба дигарон беҳтар хизмат кардан, ба дигарон ёрӣ расондан: Шумо аҷоиб одам. Ба ҳама масли-

ҳат медиҳед, роҳ нишон медиҳед, маслиҳатгари ҳамаи мо мешаведу ба кори худатон «ман бояд чӣ кор кунам»— гуфта аз мо мепурсед. Ҳамин тавр ука, сӯзан ҳама чиза медӯзаду худаш урьён.

### Сӯз-сӯз кардан

чизеро ба пеши назари дигарон ҷилва дода, аламу рашки онҳоро бедор кардан: Хайр, куртаи тиллотабор карда, ки пӯшидааст, насиб кунад. Ба пеши назари мо сӯз-сӯз карда нишон доданаш барои чӣ, хуҳарчон, худатон гӯед!

### Сӯхтагӣ банда будан

шахси зарардида, манфиат надида: Шумо фаҳмидедмӣ, Ҳакимҷон аз ин занаш вақташ ҷоқ бошад,-мӣ? Даруни ду солба як занаш мурда зани дигараш баромада бурафт.— Ин рӯз худаш бо забонаш гуфт, ки «мо сӯхтагӣ банда будаем»-куя, не ҳозираш нағз.

## Т

### Таб бурдан

1. ҳарорат баланд шудан: Ҳарорати бадан баланд шавад, одама ким-чи хел мекардааст. Ҳамин шаб акотона таб бурда чунон гапҳое гуфтанд, ки худам ҳайрон шуда мондам; 2. аз касе хавф бурдан, тарсидан: Чаро аз ин кас таб мебаред. Гапатона гуфтан гиред. Ин кас аз оин худӣ!

### Табақа дойра кардан

хӯроки дар табақ бударо хӯрдан ва табакро холӣ кардан: Намедонам, гурусна будем-мӣ, як табақ оши баровардагиаша ду кас битамом хӯрда, табақа ба соҳибаш доира карда додем!

### Табиат гаштан

1. аз касе дил мондан, меҳр бардошта шудан, бад дидан: Ман дигар бор бо вай ҳамнишин намешавам. Фик-

ру зикраш як каса ғайбат кардан. Рости гап, аз вай тамоман табиатам гашт;
2. аз чизе тапаффур кардан: Шабангӣ гӯшти овардагиаш бӯй кардагӣ будааст. Бӯяш ба машомам расида тамоман табиатам гашт;

### Табъ ланҷ шудан

1. табиат гирифт кардан, зиқ шудан: Дигар бо вай рафиқатон ҳамсӯхбат намешавам. Қася боақлу тамиз набудааст. Аз гапҳои бемазааш табъам ланҷ шуд; 2. аз сабаби беморӣ табиат чандон шод набудан, табиат гирифт кардан: Гӯр нотобӣ шавад. Қасалии арақӣ шудан ин ҷониб табъам ланҷ шуд-дия!..

### Табъ подшоҳу хотир вазир будан

шахсе, ки ҳар чизи хостагиашро ба иҷро мерасонад, ҳар чи хоҳад мекунад ва инону ихтиёр ба дасти худаш аст: Намеравам, ки гуфтам, намеравам! Табъам подшоҳу хотирам вазир! Рафта гӯ, ки намеомадааст!

### Табъи дил

мувофиқи хоҳиш, айни муддао: — Табъи дил ош пухтед-дия қанд задед!

### Тавфиқба омадан

рафтори ношоистаи худро тарқ намудан ва қадам ба роҳи накӯӣ ниҳодан, ба инсоф омадан: Бисьёр кори хуб шуд, ки ба муқобили мастию майзадагӣ қарор баромад. Баъд аз ҳамин, рости гап, акаам низ нӯшидана тамоман тарк кард ва тавфиқба омад.

### Тавқ вайрон будан

сурату сифати накӯӣ надоштан: Бо ин киморбози бангӣ шинухез накун. Аз ин одами тавқаш вайрон накӯӣ намебинӣ!

### Тавқи зиндагия дуруст кардан

зиндагониро аз ҷиҳати моддӣ хуб кардан: — Шарифҷонако, чӣ тавр, корҳоятон дуруст-мӣ? — Шукр, бись-

ёр нағз. Меҳнат карда, тавки зиндагия дуруст карда гаштем.

### Таги бинӣ ҷунбидан

хӯрок хӯрдан: Шикамҳо нағора навохта истодааст. Як кабоб кунед, сахл таги бинӣ ҷунбида истад...

### Таги гапа фаҳмидан

аз ҳақиқати ҳол бохабар шудан, воқиф гардидан: Таги гапа фаҳмам, ин овозаҳои пуч аз тарафи эшони тӯраатон паҳн шуда будааст...

### Таги дандонба ширин шудан

маъқул ва писандида шудани чизе: Қанӣ, «Девон»-и Ҳофиза медиҳед ё таги дандонатонба ширин шуда монд?

### Таги дасти касба будан

дар зери итоати касе будан: Ду сол мешавад, ки таги дасти падаратонба оброн шуда кор мекунам.

### Таги дастба гирифтан

ба итоати худ даровардан, тобеи худ сохтан: Писарчаатон бисьёр шӯх шудааст. Дурустакак таги дастба гиред, ако!

### Таги дег сӯхтагӣ будан

ба касе кину адоват доштан:— Дар ин тӯй чаро амакатон нестанд?— Духтарашон аз писари мо ҷудо шуданаш ин ҷониб таги дегашон сӯхтагӣ, бо ман ногапӣ.

### Таги дил вайрон

соҳиби мақсаду муддаои нек ва одамият набудан: Ин одами хуб не, таги дилаш вайрон. Доим ба ҳалли ҳаман масъала зид мебарояд. Бо ин одам ҳамнишин нашав, писарам!

## Таги дила гуфтан

мақсад ва муддаоро изҳор намудан: Таги дилата ба ман гӯй, ки Санавбархона нағз мебинӣ ё не?
— Таги дилата гӯй, ки ҳамроҳи мо ба сайёҳат меравӣ ё не?

## Таги дуньёба ҳам нест

нодир, камьёфт будани чизе: Офарин, усто, ин иморате, ки шумо сохтаед, рости гап, таги дуньёба ҳам нест...

## Таги забонба забонча доштан

мунофиқ, дурӯя будан, рост ва самимӣ гап назадан, айёрӣ кардан: Ба гапҳои вай мунофиқ бовар накун, писарам. Ҳозир ба ман як гап занад, ба ту дигар гап мезанад. Вай таги забонба забонча дорад.

## Таги заминба мор ҷунбад, донистан

ҳушьёр, доно, зираку бофаҳму идрок будан: Дар назди ин пирамард муддао андеша карда, сонӣ гап зан, ки ин одам таги заминба мор ҷунбад, медонад.

## Таги кора тоза кардан

пешакӣ масъаларо ҳал кардан, кореро пешакӣ ба фоидаи худ анҷом додан: Таги кора тоза карда гӯй, ки агар шумо равед, ман меравам.

## Таги корба мондагӣ будан

ниҳоят серкор будан, банд будан ва ба кори дигар машғул шуда натавонистан: Ин вақтҳо ҷаро ба чойхона намебароед, ба хаёлам, тамоман дар таги кор мондагӣ шумо...

## Таги муштба гирифтан

касеро задан, кӯфтан, азоб додан: Хайр, фарзандатон аз дарсҳояш прогул карда бошад, вайя таги муштба гирифта, ҳамин қадар азоб медиҳед-мӣ? Гап кати насиҳат карда фаҳмонед-дия!

**Таги нафас гарм будан**

хушхон, хушовоз, нармгуфтор, хушгап будан: Таги нафаси раҳматӣ Абдуқодирҳофиз бисьёр гарм буд. Аз шашмақом хонад, кас ҳаловат мебурд.

**Таги нафас хунук будан**

овози нофорам доштан, суханҳои ногувор гуфтан, бадлафз будан: Гӯр таги нафаси хунуки ҳамон беандеша шавад. Аз гапаш гӯё барфу борон мерезад. Ба ғайр аз алфози қабеҳ гуфтан, дигар гап надорад...

**Таги остинакӣ додан**

чизеро ба касе пинҳонӣ, ришва додан: — Ба ин сӯфии балохӯратон ҳам ягон чиз таги остинакӣ додед-мӣ? — Чӣ илоҷ, надиҳӣ, ки балоба монӣ, ноилоҷ се сӯм дароз кардам-дия...

**Таги пой кардан**

нисбат ба касе беҳурматӣ ва нописандӣ кардан: — Амакҷон, аз ҳақраҳаи худатон гузаред, намешавад-мӣ? Ҳама рӯз аз ин марзаи боғи мо гузашта, хурду калони мана таги пой карданатон дуруст-мӣ?

**Таги пой шудан**

дучори беэҳтиромӣ ва нописандӣ шудан: Ин беобру номус омадан ин ҷониб таги пой шудем-ку! Охир, ҷилави ин ноодама кашида монетон, намешавад-мӣ?

**Таги пой хилват шудан**

касе намондан, барои иҷрои коре фурсати муносиб пеш омадан: Ҳама рафта, таги пой хилват шуд. Акнун корә сар намекунем-мӣ?

**Таги пойба одам будан**

бəандеша гап задан, рафтор кардан, одамони гирду атрофро аз пеши назари мулоҳиза гузаронда, баъд гап задан: Аҳмад, аз вай гап назан, таги пойба одам ҳаст. амакаш дар ҳамин ҷо нишастааст.

### Таги пойба чоҳ кофтан

дар пайи зарар ва осебе расондани касе шудан, ба касе душманӣ кардан: Таги пои амакатба чоҳ кофта, вай аз вазифааш холӣ карданӣ шуд. Дар натиҷаи тафтиш маълум шуд, ки амакат ҳақ будаанд. Худаш чора гирифту чоҳкан зери чоҳ шуд.

### Таги пою рӯи по

наздикони соҳиби маърака, шахсоне, ки дар маърака хизмат мекунанд: Ба тӯй хабар кардагӣ одамҳо ҳама омада рафтанд. Акнун таги пою рӯи по будагиҳо ҳама ба ош марҳамат!

### Таги табақа гардондан

ҷавоби чизеро гардондан, ба ивази санбӯсаи тарафи хонадони арӯс ҷавобан аз тарафи хонадони домод пулу чиз ва умуман ба арзиши санбӯса чизе фиристода мешавад: — Барои санбӯсаи аз тарафи арӯсшаванда фиристонда шуда, таги табақаи гардондетон-мӣ? — Гардондем, 500 сӯм дода фиристодем!

### Таги табақа лесидагӣ

дар сӯҳбати одамони нек бисьёр нишастагӣ, аз онҳо усулубу одоби одамигариро омӯхтагӣ: — Ин мӯйсафеди омадагӣ кистанд, ки ин қадар шахси адибу хуштавозӯъ ва некгуфтор будаанд? — Ин кас яке аз ҳамнишинони марҳум Ҷавҳарианд. Таги табақи он зотҳои бузурга лесидагӣ одам бад мешавад-мӣ, ҷони бобо!

### Таги чашм кардан

касе ва чизеро мадди назар гирифтан: Ҳамин гӯсфанди бӯрдокия таги чашм карда мондаам. Не нагуфта, харед, бародар, барака меёбед!

### Таги хокба рафтан

мурдан, фавтидан, вафот кардан: Ҳайф ба он қаламкашоне, ки таги хокба рафтаанд!

**Тагакӣ задан**

чизеро пинҳонӣ аз худ кардан, дуздидан: — Сангиназ шунидӣ-мӣ? — Не, чӣ кор кардааст? — Моли магазина тагакӣ зада, ба даст афтодааст.

**Тагбаст зӯр**

касе ки хӯроки нағз, босифат ва болаззат хӯрдааст: — Қанӣ, ба шӯрбо марҳамат! — Ош шавад, навакак паловхонтӯра хӯрда будем. — Тагбаст зӯр гӯед!

**Таг-тагба наистодан**

1. соҳиби дороии бисьёр будан: — Гӯр чашми тангги дуньёдор шавад. Давлаташ таг-тагба наистад ҳам, боз пул гуфта мемурад; 2. қабоҳат, рафтори ниҳоят бад: Бевиҷдон коре кард, ки таг-тагба намеистад. Ҳама одами шунидагӣ лаънат кард!

**Тагупурс кардан**

чизеро пурсон шудан, чизеро равшан сохтан: Ман ин бачая тагупурс карда бинам, амакбачаи Шарифҷон будааст: «Ин оши кӣ?» — гуфта тагупурс карда мегардед-мӣ? «Ангура хуру боғаша напурс»,— гуфтаанд.

**Тан гирифтан**

мутасаддӣ шудан: Ман ин одама чандон хуб намешиносам. Хайр, ба туфайли илтимоси шумо қарз дода меистам. Агар дар вақташ қарза барнагардонад, додани қарзаша шумо тан мегиред-мӣ?

**Тан обод шудан**

соҳиби молу чиз шудан, осудаҳол шудан: Дар ин ҷо бекор-бекор ҳам мегашт. Кори хуб кард, ки ба Зафаробод рафту пахтакор шуда, танаш ҳам обод шуду шароити зиндагониаш ҳам бисьёр нағз шуд.

**Тана бахшидан**

ба касе ба шавҳар баромадан: Дар овони ҷавониаш ина нағз дида, танаша бахшида буд. Мана ҳозир акнун, эҳ-ҳа, соҳиби чандин нафар фарзанду набераву абера!..

#### Тани гарм бедард намешавад

на ҳамеша солим будан, тасодуфан бемор ҳам шудан мондан: Хайр, «сарам дард карда истодааст»,— гуфта ин қадар зиқ нашав, писарам, тани гарм бедард намешавад!

#### Тани бесар барин шуда гаштан

парешонавзоъ, ҳайрон, мушаввашхотир гаштан: — Ин бечора ин қадар савдоиҳо барин шуда мегардад, ба назарам, авзоаш хеле парешон барин.— Рост мегӯед, бечорая фарзандаш вафот кардан ин чониб тани бесар барин шуда мегардад.

#### Танпарвар будан

худпарвар (эгоист) будан: Шумо-одами ба қадри ҳаёт мерасидагии танпарвар. Ҳамеша бо хӯрокҳои болаззат худатона парвариш мекунед. Ман шумоба қоил!

#### Танте будан

ростқавл будан: — Хайр, ҳамроҳи мо ба саёҳат меравем? — Меравем! — Росташа гӯед! — Моён ҳамеша танте будем, танте мемонем, ако, меравем, ки гуфтем, гапамон якто!

#### Тантегӣ кардан

ризоият додан, саркашӣ накардан: Ин ки гуфтан гуя қабул кард, ту ҳам тантегӣ куну ба гапи ин даро-дия!

#### Тап-тапи загома будан

наҳи гардидани ҳар гуна овозаҳои беасос, пуч, ноустувор: Раиса аз кораш бекор мекардаанд,— гуфта шунидем, гапи рост бошад-мӣ? — Ин овозаҳо — ҳамааш таптапи загома, бовар накунед!

#### Тару хушк баробар сӯхтан

гунаҳкору бегуноҳ хурду калон, зану мард баробар ба ҷазо гирифтор шудан: Шукр, ки давлатамон моя аз ха-

мон амирҳои хунхор озод кард. Ҳамин ки ҳуҷум карда меомаданд, тару хушк баробар месӯхту ҳама ҷо харобазор мешуд.

**Таранг кардан**

1. чизи сустро кашидан: Арғамчинро барои чӣ ин қадар таранг карда кашидӣ, саҳл халтатар кунӣ, намешавад-мӣ?; 2. аз гапу коре гарданкашӣ кардан, гуфтани касеро рад кардан: Не, гуфта ин қадар таранг кардан чӣ даркор? Гард ҳамроҳам!

**Таранг шудан**

1. чизеро сахт (маҳкам) кашидан: Бас, ресмонро ин қадар накаш, худаш таранг шуд; 2. худро оро додан, зебо шудан: Имрӯз сару либосҳои куҷошинам пӯшида, ниҳоят таранг шудӣ-ку!

**Тарафкашӣ кардан**

ба муқобили ҳарифи касе баромадан ва тарафи дигарро ҳимоя кардан: Мо ҳар дуямон сару кор дорем, тӯ дар мобайн даромада тарафкашӣ накун!

**Тарки дунъё кардан**

аз ҳаёт ва зиндагии ҳастӣ даст кашидан, ба одамон наёмехтан: Барои чӣ шумо ин қадар камнамо ҳастед, ё тарки дунъё кардед-мӣ?

**Тарошаи аз болои бом афтодагӣ барин**

сухане, ки бе алоқамандӣ ба сӯҳбат аз тарафи шахсе гуфта мешавад: Ин бадлафзи каззоб тарошаи аз бом афтидагӣ барин ба ин сӯҳбати мо аз куҷо пайдо шуда монд?!

**Тасмакорӣ кардан**

касеро муддао бо тасма зада азоб додан, кин кардан: Бисьёр кори хуб кардааст, ки писараш дуздӣ кунад, муддао тасмакорӣ кардааст. Минбаъд ин кораша намекунад.

## Тасп баланд будан

1. ҳарорати касе баланд будан: Қанӣ, эҳ-ҳа, таспаш ниҳоят баланд-ку, духтур чег задан лозим; 2. бадҷаҳл, бадқаҳр будан: Ин қадар таспатон баланд будааст, ягон кас катӣ ҷанг карда омадед-мӣ? Худатона даст ба гиред, уко!

## Тахтапушт хок нахӯрдагӣ

дар гӯштингирӣ ҳаргиз ба мағлубият дучор нашудагӣ: Ин мӯйсафеда мешиносӣ-мӣ, писарам? — Не! — Ин каса Бобо полвони Яккабоғӣ мегӯянд. 35 сол дар Ӯротеппа ба полвонӣ ном бароварда, тахтапушташ хок хӯрдагиш не!

## Тағмаи қиёмат шудан

сахт танбеҳ ва ҷазо дидан: Ҳамин танбеҳи додагиатон ба вай тағмаи қиёмат шуд, ки дигар ҳаргиз аз ёдаш фаромӯш намешавад.

## Тақаи хари мурдагия кофта гаштан

мумсик, хасис, чашмтанг ва назарпаст будан: Акнун донам, тақаи хари мурдагия кофта мегаштагӣ будӣ-дия, ҳамин картошкаи тосидагия кас аз бозор харида орад?

## Тачанг шудан

асабӣ, бадқаҳр шудан: Аз гапҳои ношоями рафиқат тачанг шудам-дия, минбаъд бо вай шинухез намекунам!

## Те, ки хурам, зан ки мурам

танбал, муфтхӯр будан: Сиппу солат ба 18 расидаасту ҷаро ба меҳнат кардан хушат намеояд? То ба кай те, ки хурам, зан ки мурам! — гуфта мегардӣ!

## Тез будан

1. гузаро (тез) будан: Ин кордатон бисьёр тез будааст. Дастама ганда бурид; 2. кор ва ҳаракати чобуконаро доштан: Дар кор кардан бисьёр тез будед. Ҳа нагуф-

та ҳамин қадар ҷоя рӯфта озода кардед-а!; **3.** зуд асабӣ ва бадҷаҳл шудан: Ниҳоят одами тез будӣ-дия, як даҳан гапба ҳамин қадар ҷаҳлат меояд-мӣ?

**Тезии корд дар нӯги корд**

ҳар корро ба таъхир наандохтан дар вақташ ба ҷо овардан: Ҳозир моҳи қавс. «Тезии корд-дар нӯги корд»,— гуфтагӣ барин вақта нагузаронда, тока аз қавсоб бароред!

**Тезӣ кардан**

бесабрӣ кардан, тоқат надоштан, вазнинӣ накардан, мулоҳизакор набудан: Ҳаво ҳавои тӯй мекардагӣ набуд. Шумо тезӣ карда имрӯз тӯя сар кардед, оқубат чӣ шуд? Ҳама дар таги борон монд!

**Тезпаррӣ кардан**

сабукрафторӣ кардан, андеша накарда амалеро содир намудан: Ҳамин қадар одамони калонсол истода, бидир-бидир гап задани ту дуруст-мӣ? Барои ҷавонон тезпаррӣ кардан хуб нест!

**Теппаи сарба баромадан**

фармонфармоӣ кардан, беэҳтиромӣ содир намудан, нозпарвар будан: Ин писарчаатона ин қадар эрка калон кардед, ки ҳар як гапатона рад карда, теппаи саратонба мебаромадагӣ шудааст!

**Тети попо шудан**

**1.** ба роҳ рафтан оғоз намудани тифл: Шукр, Одилчонакам ду сола пур карда, тети попо шуда монд, амакҷонаш! **2.** дар касе эҳсосоти ғурур ва худситоӣ зоҳир гардидан: Раис шуданаш ин ҷониб анча тети попо шудааст-мӣ?

**Теша ба сӯи худ задан**

манфиати худро дар назар доштан ва бар манфиати худ кор кардан: То ба кай теша ба сӯи худ зада ин чизҳоро ба хонаи худ мебаред? Мо ҳақбар нестем-мӣ?

## Тею талаб

1. ба касе қарз дода, баъд онро аз шахси қарздор талаб кардан: Ту пули қарз гирифтагиата кай медиҳӣ? Қарз, ки гирифтӣ, те-дия! Тею талаб гуфтаанд; 2. аввал озуқа (гизои) хуб дех, парвариш кун, баъд маҳсул талаб кун: Ту ба ин гови зотиат аввал бисьёртар кунчора хурону баъд аз вай ширу қаймоқ гир. Тею талаб-дия!

## Тигаҳ тинч шудан

ором ва осуда будани шахси бемор: Чанде пеш хеле нооором буд-куя, духтурҳо нигоҳубин кардан ин чониб тигаҳаш тинч шуда монд.

## Тилло резад ҳам

ҳар чи имкониятро фароҳам оварад ҳам, ҳар чи дикад ҳам: Акнун ки аз амакат дилам мондааст, тилло резад ҳам, ба тӯяш намеравам.

## Тиллобаркаш кардан

чизеро эҳтиёткорона ва баробар карда бар кашидан: Ба мо ҳаққатон даркор нест, бачам, тиллобаркаш карда медиҳем, ки на ҳаққамон равад, на ҳаққатон ояд...

## Тир кардан

ба коре, чизе касеро восита карда нишон додан: Ба-рон ҳамон кора пазондан амаката тир карда чӣ кор мекунӣ? Худат омадан гир-дия!

## Тир хок хӯрдан

ба мақсади пешгирифтан худ ноил нашудан, ноумед шудан: Ба умеди духтари амакаша арӯс кардан рафта буд-у, азбаски духтар ба як ҷавони дигар дил бохта будааст, ба мақсадаш нарасида, тираш хок хӯрда омад.

## Тирез додан

бо касон наёмехтан, баҳонаҷӯӣ кардан, худро ба канор гирифтан: То ба кай тирез дода, аз мо дур шуда мегардӣ? Имшаб ба меҳмонхона баро!

## То мурдана аз ёд фаромӯш накардан

чизеро абадӣ аз ёд набаровардан, фаромӯш накардан: Раҳмат ба шумо, бародар, некиҳои кардагиатона то мурдана аз ёд фаромӯш намекунам!

## То омадан ҳазорто зоидан

бисьёр хавотир, ноором гардидан: Ту, писарам, дили модара надонӣ, ки чи хел. Як поси шаб мегузараду акнун меоӣ? То омадани ту ҳазорто зоидам. Аз хавотирӣ заррае чашм напӯшидам.

## То пагоҳ кӣ хасту кӣ нест

ба ҳаёт ва умри одамӣ боварӣ ва эътимод нест: Ба якдигар ғаниматем. То пагоҳ кӣ ҳасту кӣ нест.

## То риш баровардан ба одами кӯса нахандидан

то анҷоми амале кору ҳаракати дигаронро айб накардан: Ин аз фанни забон баҳои «3» гирифт,— гуфта айб накун. Аввал худат аз имтиҳон гузашта баҳои «4», «5» гир, баъд занӣ мезебад. То риш набарорӣ, ба одами кӯса наханд, ука!

## То тина ҳампо будан

1. Дар вақти ҳисобу китоб миқдори камтаринро ба ҳисоб гирифтан, ҳисоби дақиқ кардан (ба маънои мусбат): Кори ҳамин бародари ту дуруст. Дар вақти ҳисоб кардани харҷу хароҷоти ҳарифона то тина ҳампо шуда ҳисоб мекунад; 2. хасисӣ ва мумсикӣ: Аз вай пулу чиз интизор нашав. Вақте ки ҳар дуямон ба саёҳат рафта будем, мана силу зардоб кард-а... Хӯроки дуруст намехӯрад, ба театру тамошо намеравад. Тавба, дар вақти ҳисобу китоб то як тина ҳам ҳампо мекунад-а, чашмтанг!

## То туф хушк шудана

лаҳзае нагузашта: Э, балоча-е, то туф хушк шудана китоба гирифта омадӣ-я!...

**То хар аз об гузаштан**

то кор буд шудан, то мақсадро ба ҷо овардан: То ҳараш аз об гузаштан, мана «муаллимҷон» мегуфт. Ҳайрон ман, баъд аз мактаба тамом кардан, ақалла салом ҳам намедиҳад-а, беинҷдон!

**Тоба гирифтан**

ба касе ҷазо, танбеҳ додан: Шӯхӣ кард, падараш тобаша гирифта монд-дия!

**Тори тортанак барин шудан**

ниҳоят хароб ва логар шудан: Бечора аз бисьёр ранҷ кашидан тори тортанак барин шуда мондааст-а!

**Торан мӯ наҷунбидан**

озор наёфтан, ором рафтан: Асфальт чизи хуб-дия. Ба болои роҳи асфальтпӯш мошинсавор равӣ, торан мӯят намеҷуноад-а!

**Торан мӯ ғам нахӯрдан**

бепарво будан, ба ҳар як кору ҳол бепарвоёна нигоҳ кардан: О, гарданшахе, падараш ҳамин қадар ҷанг мекунад-у, торан мӯяш ғам намехурад-а!

**Тоқат намондан**

бесабру ором шудан ва аз коре, чизе дигар худдорӣ карда натавонистан: То ба кай шӯхӣ мекунӣ? Дигар тоқатам намондку, пагоҳ рафта ба муаллимат мегӯям!

**Ту дидию ман надидам шудан**

хайрият ёфтан, тамоман сиҳат шудан: Ҳамон доруи духтур додагӣ ниҳоят доруи хуб будааст. Се маротиба молида буд, ки ҷароҳаташ пурра саҳат шуда, ту дидию ман надидам шуд монд..

**Ту донӣ, худо**

росташро гӯй, дуруғ нагӯ (касеро савганд додан): Ту донӣ, худо, пула ту гирифтӣ ё вай?

### Ту хуру манхур шудан

ниҳоят фаровон будани чизе: Чаро наомадед? Олам ҳам буд, ту хуру манхур шуд.

### Тую манӣ кардан

бо ҳам чанг ва бадгӯӣ кардан: Бас кунед, барои як гӯсфанд харидан шуда тую манӣ кардани ҳар дуятон айб аст!...

### Тунд будан

асабӣ, бадгап, ҷоҳил будан: Ба ту як даҳон гапи тӯғрия ҳам гуфта намешавад-а, зуд қаҳрат омада ҷавоби бад мегардонӣ. Акнун донам, ниҳоят тунд будӣ-дия!...

### Тундгапӣ кардан

бадгапӣ намудан: Ба каси аз худат калон тунд гапӣ кардан хуб нест!

### Тундигарӣ кардан

асабӣ шудан, муомилаи дурушт кардан: Вай гапи тӯғрия гуфту барои чӣ ту ин қадар тундигарӣ кардӣ?

### Тунукӣ кардан

1. ғафс, бақувват набудан: Барои болор ин тахта тунукӣ мекунад.
2. чандон пулдор набудан, соҳиби дороии дуруст набудан: Тӯя алоқадри ҳолаш кардан лозим. Барои ташкили тӯи калон ин укотон тунукӣ мекунад.

### Туп — тулум будан

1. бедасту пой таваллуд ёфтан аз батни модар: Кӯдака дида ҳайрон шудам. Аз модар туп-тулум таваллуд шудааст; 2. бе пулу чиз будан: Ин — худаш туп — тулум буду аз куҷо қарзи гирифтааша ёфта медиҳад.

## Туп-тулум шудан

бе хеч чиз мондан: Номаъкулӣ карда кимор бозӣ мекунад-мӣ? Мана, оқубат чӣ шуд? Қимора бохта туп-тулум шуд монд!

## Турби тунд набудан

арзон ва ночиз набудан: — Ин мӯзаатон чанд сӯм, ако? — Ҳаштод сӯм! — Э, ин қадар қимат? — Ин турби тунд не, қимат бошад, нахаред-дия!..

## Турки яклухт

соддадил, самимӣ ва ростгӯй: Укаатона бисьёр дӯст медорам. Ҷавони тӯғрӣ, софдилу турки яклухт.

## Турми дар аз тилло будан

бой, сарватманд ва соҳиби дороии бисьёр будан: Мана ин ҳавлии нақшунигор кардан ба ҳолати фарсудагӣ омадая, ки ту мебинӣ, пеш аз они Юнусбой буд. Бинобар бои калон буданаш хеч каса назару писанд намекард, рости гап, гӯр давлаташ шавад, турми дараш аз тилло буд.

## Туф ба даҳон мондан

мақсад ҳосил нашудан, кори қасд карда ба ҷо меовардагиро бо ягон сабабу баҳона ба ҷо оварда натвонистан, ҳасрат ба дил мондан: Ин мардак нияти раис шудан дошт. Азбаски халқ ина нахоста, каси дигара раис интихоб кард, туфаш ба даҳонаш монд...

## Тут барин тӯда кардан

афтондан, хобондан, задан: Қандаша занад Баходурполвони чорбогӣ! Танҳо худаш дар гӯштингирӣ дахто полвони зӯра тут барин тӯда кард монд-а!

## Туф карда гиреҳ кардан

Нахӯрда, напӯшида чизеро пасандоз карда мондан: Нахӯрду напӯшиду пули ёфтагиаша туф карда гиреҳ кар-

дан гир[illegible]. Мана, оқубат аз дунъё чашм пӯшиду вай пулҳо би[illegible]м-киҳо монд...

**Туф кардан**

бад ди[illegible] ҳазар (нафрат) кардан: «Ман пулдор» — гуфта [illegible]адар аз худ нарав. Ба вай пулу чизат ман туф ме[illegible]м, фаҳмидӣ-мӣ!...

**Тухми аз Бағдод омадагӣ**

камьёф[illegible]одир, пурбаҳо будан: А, ҳамин мӯмиё чи, ки ба ама[illegible] намедиҳӣ? Тухми мӯмиё аз Бағдод омадагӣ-мӣ?

**Тухма хушк карда фиристодан**

касеро [illegible]влоду аҷлодаш несту нобуд кардан: Ба вай шилпук[illegible]адгапат гӯй, ба даҳонаш нигоҳ карда гап занад, [illegible]ухмаша хушк карда мефиристонам!

**Тушберая хом шумурдан**

ноандеш[illegible] кор кардан: Ман ин хел полвонҳоя дар як дам ба[illegible]ин чаппа карда мепартом! — гуфта калонигарӣ на[illegible]! Тушберая хом шумурдӣ, вай катӣ ҳаргиз баробар[illegible]да наметавонӣ!

**Тӯмори дарди сар будан**

сарвар [illegible]ан, шахси бузург ва мӯътабар будан: Раҳматӣ па[illegible]атон тӯмори дарди сари ҳамаи мо буданду аз дунъё[illegible]маҳал чашм пӯшиданд-дия...

**Тӯтӣ барин**

зебо, ху[illegible]й, дилкаш: Як духтар таваллуд кардааст, ки тӯтӣ[illegible]ин...

**Тӯтӣ барин хондан**

нагз, зе[illegible]а бо овози форам сароидан: Шаввоз расо овози ху[illegible]оштааст. Тӯтӣ барин мехонад-а!...

### Тӯшаи охират шудан

**1.** хӯроки охирини бемор дар арафаи фавтидан: — Бечора шаш моҳ касал хоб карда, як соат пеш аз вафот накардан амакаш ош овард. Аз ҳамин ош одамҳои сахат барин анча хӯрду баъд аз чанд дақиқае чашмонаша пӯшида чон дод, бечора...— Ҳамин оши хӯрдагиаш тӯшаи охират шудааст-дия; **2.** таъбирест, ки ҳангоми касеро сарзаниш кардан истифода мешавад (дуои бад). Ман ба умед ҳамин асала оварда будам. Ҳар кас дуздида хӯрда бошад, тӯшаи охират шавад!

## У

### Устухон тоза будан

аз авлоди пок ва накӯном будан: — Ин кас бисьёр бачаи қобили боздабанд. Фарзанди муаллим дия, бародар! — Албатта, бесабаб не, устухонаш тоза будааст-дия!..

### Устухондор гап задан

ба касе талху пичинг, киноя кардан: Хайр, вай гуноҳ кардааст, гуноҳи мо чӣ, ки ба мо нигоҳ карда устухондор гап зада истодаед?

### Умр шамол барин гузаштан

зуд ва номаълум гузаштани умр: Дирӯз бачаи хурд будем, аллакай қадам ба шасту се мондаем. Ҳайфо, ки умр шамол барин мегузаштааст-е...

### Умрам расид ба хафтод, очанг ба руям афтод

пир шудан, нишонаҳои пирӣ зоҳир гардидан: — Э, ако, аллакай ба рӯятон очингхо пайдо шудааст-мӣ? — Синну солхо ҳам аз ҳафтод гузашт. Дигар чӣ мешуд, охир? Гуфтаанд-ку: умрам расид ба хафтод, очинг ба рӯям афтод.

### Умед кашидан

ба накўкории касе умед бастан, чашм доштан, нигарон шудан: Бечора, барои ҳамон китоб умед кашида омадааст. «Не» — нагуфта, бароварда диҳед!

### Умедвор шудан

интизор шудан, интизорӣ кашидан: Ҳамон рўз ниҳоят умедвор шудему нарафтед-а!?

### Умед кашида омадан

бо хоҳишу илтимос ва талабе ба назди касе омадан: Хайр, аз кори кардааш пушаймон шуда, ки имрўз умед кашида ба даргоҳат омад, гапи нағз гўю салом те, писарам!

### Умед кардан

орзу ва майлу рағбат кардан: Умед карда будам, ки рўзи домодии фарзандатон омада хизмат кунам. Шукр, имрўз ба мақсадам расидам.

### Уболак карда нишон доданӣ шудан

ҳама чиз, гапу корро дониста, худро чун каси нодон нишон додан: Аз таги гапу кори шуда гузаштагӣ бохабару назди сўдба худа уболак карда нишон доданӣ шуд-а!

### Узр — собуни гуноҳ будан

ба гуноҳи содир кардашуда узр гуфтан, боиси аз байн бардошта шудани гуноҳ будан: Хайр, бачагӣ карда ба шумо камтар беодобӣ карда бошад, акнун пушаймон шуда, худаш узр гуфта истодааст. Шумо бояд аз гуноҳаш гузаред, узр — собуни гуноҳ гуфтаанд.

### Улфатӣ кардан

ошноӣ (мусоҳибат, ҳамнишинӣ кардан): Чаро ба меҳмонхона намебароед? Ҳар замон баромада, бо мо ҳам улфатӣ кунед-дия, ако!

## Ф

### Фалакба расидан

1. шод шудан, болидан: Аз омаданатон чунон шод шудам, ки хурсандиам фалакба расид,— гӯям бовар кунед-дия!... 2. ниҳоят ғамгин, аламнок шудан: Аз шунидани чунин хабари нохуш охи бечора фалакба расид.

### Фалокат задагӣ

шахсе, ки дорои хислатҳои мусбат намебошад: — Хайр, ман рафтам! — Э, чаро? Камтар шинед охир! — Ана вай фалокат задагӣ омада истодааст, дар сӯхбати чунин касон ман шишта наметавонам!

### Фалокат пок шудан

аз ҳодисаи ногаҳонии фоҷиавӣ саломат мондан ва эмин шудан: — Дар роҳ омада истода, мошин чаппа шуда равад мешавад-мӣ? Қариб аҳволҳо бад шуда буд-е...— Фалокататон пок шудааст, шукр кунед, ука!

### Фалокат рӯй додан

ҳодисаи бад, ногувор ва фоҷиавие падидор шудан: Ҳамин бегоҳ фалокати калон рӯй дода, ду гург ба рама наздик шуда оид мешавад-мӣ? — Не чӯпонҳои бағайрат ҳушьёрия аз даст надода, ҳар дуяшя ҳам куштанд.

### Фарбегия гӯсфанд мебардорад

киноя аз мағрур шудани касе, ки молу давлати зиёд дорад: — Чор танга пулба соҳиб шуда, одаму олама назараш намегирифтагӣ шуда мондааст-мӣ? — Рост фарбегия гӯсфанд мебардорад, ниҳоят аз худ рафтааст...

### Фарзанди касе намекунад фарзандӣ, сад тавқи заррин ба гарданаш гар бандӣ

бегона бегонагии худро мекунад: — Э, ин писар калон шуда мондааст-ку! Ин ҳамон аз хонаи бачагон гирифта калон кардагиашон не-мӣ? — Бале, худаш. Мо аз ин барака ёфтем. Меҳнатдӯст, гапдаро, ба меҳру оқу-

бат. Пеш вақтҳо: «Фарзанди касе намекунад фарзандӣ, сар тавки заррин ба гарданаш гар бандӣ» мегуфтанд, ки имрӯз аҳамияташа гум кардааст.

**Фаришта будан**

қобил ва қобилтабиат будан: Ин фарзандатон ҷони одам, гӯям, бовар кунед. Як фариштая худди худаш.

**Фаришта паридан**

1. суст, маъюс, дар ҳолати ногувори маънавӣ будан! Аз кор бекор шуданаш ин ҷониб, хеле фариштааш паркидагӣ-я! 2. харобу лоғар ва беҳолу бемадор будан: Бечора акаатон ранҷи сахт кашида будаанд-дия, имрӯз бинам, ба назарам фариштаашон анча парида мондааст...

**Фалсафахонӣ кардан**

ҳарзагӯӣ, сергапӣ кардан, лаққидан, бисьёр ҷоғ задан. Хайр, бисьёр фалсафахонӣ кардана мону зудтар оша кашида биё, ки ишкамҳо танбӯр навохта истодааст!

**Фарьёд ба ҷое нарасидан**

ба арзу ҳоли касе гӯш накардан, эътибор надодан, илтифот нанамудан: Аз сари давлатамон гардам, ба ҳар як идора равам, «Бобо, марҳамат, гӯшамон ба шумо, чӣ гуфтан мехоҳед?» — гуфта ҳурмат мекунанд. Дар замони пеш фарьёдамон ба ҷое намерасид, писарам!

**Фассу фуссаш калон**

лабдабадор, ҳашаматнок: «Эҳҳе, ба тӯи карнайдори вай сардорат рафта будӣ-мӣ? — Рафта будам, фассу фуссаш калон, даст ба гиребон бурда ҳайрон шудам...

**Феъли бад — коҳиши ҷон**

хислату амали бади шахс боиси касолати ӯ мегардад: — Аз камоли бисьёр нӯшидан, рангаш заъфарон шудааста! — Феъли бад — коҳиши ҷон,— гуфтаанд.

### Феъл гаштагӣ

1. тағьир ёфтан ва дигаргун шудани ҳолати рӯҳӣ: Тавба, аз кор ронда шуданаш, ин ҷониб феълаш хеле гаштагӣ-я! 2. бо ягон сабабу баҳона муносибат ва робитаи касе бо касе бад шудан: — Ин ҷаро бо ҳама ҳолпурсӣ карда, рӯяша аз ту чаппа карда рафт? — Мана ба тӯяш хабар накард,— гуфта ин вақтҳо феълаш аз ман гаштагӣ.

### Феълу хӯяш васеъ

меҳмоннавоз, сахӣ, ҷавонмард ва олиҳиммат: — Ба хонаи рафиқатон якбора даҳ кас ба меҳмонӣ равем, малол намеомада бошад-мӣ? — Дар ин бора парво намекунед, вай одами феълухӯяш васеи олиҳиммат, фаҳмидед-мӣ?

### Фикрдароз будан

боақл, мулоҳизакор, дурандеш будан: Ба фикрам, рафта оқибати ин кора бо падаратон маслиҳат кунед. Чунон ки медонам, он кас ниҳоят одами фикрдароз буданд.

### Фикркӯтоҳ будан

ақлу заковати комилро соҳиб набудан, андеша надоштан: Акнун донам, шахси фикркӯтоҳ будаед. Кас бо акааш ногапӣ шуда мегардад-мӣ?

### Фикркӯтоҳӣ кардан

дурандешӣ накардан: «Мансаб»-гуфтию росту дурӯғ ба ҳар ҷо аз болояш шикоят кардӣ. Оқибат чӣ шуд? Чаҳормағз омада ба сари худат шикаст. Фикркӯтоҳӣ кардӣ-дия!

### Фикру хаёл ба ким-куҷо будан

ба гапу коре диққат ва эътибор надодан, фикр ба ҷои дигар банд будан: Ман гап зада меистаму фикру хаёли ин ба ким-куҷо. Бо ҳамин аҳвол ин дарс мефаҳмад-мӣ?

### Филро магас барин карда нишон додан

муболиға кардан, ҳарзагӯӣ намудан: «Ман тамоми мамлакати дуньёя дидагӣ»,—гуфта бошад ҳам, ба гапҳои вай бовар накун, ука, вай филро магас барин карда нишон медодагӣ одам.

### Фиссу бод баромадан

асрори касе фош шудан: Дар натиҷаи пурсуҷӯи суд фиссу бодаш баромада, тамоми айб ба гардани худаш афтид...

### Фисфисаки мавизкӯбак

сусткор ва танбал: О, фисфисаки мавизкӯбак-е, ҳанӯз як пушта тока аз каланд набаровардӣ?

### Фишанг мондан

1. касеро аз ҳад зиёд таърифу тавсиф кардан: Ба ин кадар таъриф намеарзидагӣ буд-у, расо таърифу тавсиф карда фишанг мондӣ-дия!... 2. касеро бо касе барангезонидан: Ҳар дуяш наздик ба муросо омада буд-куя, вайа ин ганда кунонида фишанг монду аз нав ҷанг доронд ноинсоф!

### Фолбинак ман кашидан

бенатиҷа баромадани пешгӯии касе дар бораи шахси дигар ё чизе: Ман ба Шумо гуфта будам, ки баъд аз баромадани карор дар бораи «муборизаба муқобили мастӣ ва майзадагӣ» укаам нӯшиданаша тарк мекунад. Панҷ моҳ мешавад, ҳамон зормондая ба даҳонаш намегирад. Росташа гӯед, ки фолбинакатон нам кашидмӣ!

### Фол дидан

дар бораи оянда касе ё чизе пешгӯӣ кардан: Ман пешакӣ фолаша дида гуфта будам-ку «ин олим мешавад!» Гуфтагим омад-мӣ!

### Форигмасъала будан

бепарво, дилвасеъ, форигбол будан, эътибор надодан: Се рӯз ин ҷониб ҳамин як пала хишова накардӣ-я, ниҳоят форигмасъала будӣ-дия!

### Фурӯхта шудан

1. ба касе хиёнат кардан: Ба амакат фурӯхта, тамоми сирри хонаро рафта гуфтӣ-мӣ!.. 2. ба воситаи чизе касеро ба худ тобеъ кардан, тарафдори худ сохтан: Аслан духтараша ба писари Шарифҷон медодагӣ буд. Сангин, ки пинҳонӣ пули калон дод, ба ҳамин фурӯхта, шуда аз қавлаш гашт, беиҷдон!

### Фурӯш хӯр

нидоест бар таҳсини шахси дигар, ки маънияш «Ман ба ту қоил» гуфтан аст: Ҳамиқ полвони номӣ ҳарифи ман буд. Акнун, ки чаппак карда задӣ, маро фурӯшу хӯр.

## Х

### Хабари пухта

мужда, хабари дуруст, саҳеҳ ва аниқ: Аз соли нави хониш маоши муаллимон зиёд мешудааст, рост-мӣ? Рост ин хабари пухта, дар ин бора қарор ҳаст.

### Хаёли хом

фикр ва андешаву амали нодуруст, беҳуда: Ойлаат бисьёр як зани оқилаи дурандеш. «Аз ӯ ҷудо мешавам» — гуфтанат хаёли хом. Ҳаргиз ин кора накун!

### Хаёли хомба рафтан

амалеро, ки оқибати он суде надорад, содир намудан: «Ман аз кори савдо даромади бисьёра соҳиб мешавам», гуфтию хаёли хомба рафта, муаллимия тарк кардӣ. Мана, акнун имрӯз пушаймониат суд надорад, уко!

### Хаёла гум кардан

ноором ва мушаввашхотир будан: Укаат нотоб хоб кардан ин ҷониб, хаёлама гум кардаам, писарам, алҳол ба ин гапи ту ҳеч чиз гуфта наметавонам!

### Хаёлӣ шуда мондан

камхуш, васвасӣ шудан, фикр дар як ҷо набудан: — Амакатон мисли пештараашон ҷандон хушьёру чобук не-мӣ? Ҳамин тавр, бародар, доги фарзанд мисли тӣр ҷигари падару модара сӯрох мекардааст. Фарзандашон вафот кардан ин ҷониб хаёлӣ шуда мондагӣ...

### Хазон зад

1. бад шудани саломатӣ ва зард гардидани ранги рӯ: Бечора касал шудан ин ҷониб ҳазон задааст-а, рангаша бин! 2. фавтидан: Ҳар гоҳ бародарзодаатон ба ёдам оянд, гӯё симоб барин об мешавам. Дар айни камолоти ҷавонӣ ду рӯзакак нотоб шуда хазон зад рафт...

### Хайру барака паридан

аз байн рафтани фаровонии маводи хӯрокӣ, серию пурӣ: Пеш вақтҳо хайру барака парида буд-куя, шукр, алҳол ҳама ҷо серию пурӣ.

### Халос шудан

1. аз ҳамл раҳоӣ ёфтан, таваллуд кардан: Қанӣ, шодиёна баоред. Устобобо, ба шумо набераи нав шуд. Духтаратон саломат халос шуда, шер барин писарчаи нав ба дунё омад; 2. аз таҳлукае озод шудан, эмин гардидан: Сӯд адолатпарвар-дия. Укаатона се рӯз сӯд карда бегуноҳ баровард-а! Бечора халос шуд.

### Халтаи гӯшт

ниҳоят фарбеҳ: Ту ҳамаяя монда аз ҳамон одам маслиҳат мепурсӣ-мӣ? Вай халтаи гӯшт-у!..

### Халта хулта кардан

савғову салом, майда-чуйда кардан: Шарифҷон ба пази бародаратон ба Москва мерафтааст. Камтар халта-хулта карда дода фиристодам.

### Хамири зувола нагирифтагӣ барин

ниг.: халтаи гӯшт: А, ин кӣ? Ин қадар ғафси кулӯла, хамири зувола нагирифтагӣ барин-а, ё тавба!

### Хамири норасидагӣ барин

нокисулақл, фарбеҳи беақл: — Одамон беҳуда ба вай «кунда» ном монда, беҳуда қӯшоққунда намегуфтаанддия, фикр накарда ба ту ҳамин гапҳоя мегӯяд-мӣ? — Рост мегуй, ука, худаш ҳам худди хамири норасидагӣ барин!

### Ханда кати гузаронидан

ба коре, чизе чандон эътибор (аҳамият) надодан: Ту одами аҷоиб будӣ. Ҳар кас ҳар чӣ гӯяд, ханда кати мегузаронӣ-мӣ?

### Хандаи бисьёр гирья меорад

бемавқеъ, бисьёр ханда кардан — оқубати нек надорад: Баҳудаву беҳуда хандидан мегирӣ-мӣ? Хандаи бисьёр гирья меорад, писарам.

### Хандахариш шудан

боиси хандаву тамасхур ва масхараи мардум шудан: Акнун, ки нӯшидана тарк намудӣ, туя ҳама ҳурмат мекардагӣ шуд. Пеш нӯшида дар байни мардум хандахариш шуда мегаштӣ.

### Хандида-хандида ҷони каса гирифтан

бо хандаҳои тамасхуромез касеро ранҷондан, зиқ ва асабӣ кардан: Ба ҳар як кори ман механдед? Ин тавр бошад, ҳамин корҳоя худатон баҷо оред? — Магар хандидан кори бад аст, ки қаҳрат меояд? Ман медонам, ин хандаи шумо соф ва самимӣ не. Хандида-хандида ҷони одама мегиред!

### Хандонрӯ будан

каси кушодчеҳраи хушхулқу хушахлоқ будан: Писаратон-бачаи хандонрӯ будааст. Ман вая бисьёр дӯст медорам, ако.

**Хандида-хандида ба болои сар баромадан**

касеро навозиш карда оқибат, фармонфармон худ сохтан: Ба ман нигоҳ кун, писарам, азбаски ҳамеша хандида-хандида гап зада, ранҷидани дили туя нахостам, ба болои сарам баромада, рафторҳои ношоям мекардагӣ шудӣ-я, айб не-мӣ?

**Хар мемурад ё харрот**

аз касалии касе набояд хулосаи пешакӣ баровард: «Одами пир касал шуд»,— гуфта аз вай риштаи умеда кандан дуруст нест. Холо кӣ медонад, хар мемурад ё харрот?

**Харата ҳай кун**

машғули кори худ шав, ба кору холи дигарон кордор нашав: Мо байни худ гап зада истодаем, ту дар мобайни гапи мо ҳамроҳ шуда чӣ кор мекунӣ? Хез харата ҳай кун!

**Харбузаи сарнобуридагӣ**

чизи номаълум, муаммо: Ин гӯсфанди харидаи мана дида тахмин кунед, ки чӣ қадар равған мекарда бошад? Ҳанӯз ин харбузаи сарнобуридагӣ. Аз куҷо донам, ки чӣ қадар равған мекарда бошад?

**Харидӣ-дӯхтӣ, фурӯхтӣ-сӯхтӣ**

чизи харида шуда ҳар чанд қимат бошад ҳам, оқибат судманд аст: — Мана ин пальтоя бинед, ако, ба нархи қимат — ба 250-сӯм харидам. Ба хаёлам хеле қимат-а?— Қимат нагӯед. Нағз кардед, ки харидед. Харидӣ-дӯхтӣ, фурӯхтӣ-сӯхтӣ гуфтаанд.

**Харобу ҳалок шудан**

1. аз ранҷи бисьёр лоғару бемадор шудан: Бечора, се моҳ касал хоб карда харобу ҳалок шуда мондааст; **2.** дар натиҷаи сарфу хароҷоти ноҷоиз ва беҳуда бе ҳеҷ чизе мондан: — Ин бэақли ҳавобаланда мегӯед-мӣ? «Қӣ

будани мана мардум фаҳмад!» — ғуфта, то хекиртак қарз гирифту тӯй калони карнайдор кард. Аҳвол дар киса — фисмирӣ надорад. Ҳамин шабу рӯз қарзҳоя дода-дода, ниҳоят харобу ҳалок шуда мондагӣ, ки ба аҳволаш мурғони ҳаво гиръя мекунад...

### Харпанҷа андохтан

қасеро бад дидан, қасдан ба ӯ ҳуҷум кардан: Ин ки аз болои вай дурӯғ-дурӯғ маълумот навишта тӯҳмат кард, вай фурсата ёфта харпанҷа андохту айбаша ба каллааш монда, аз кор пеш кард.

### Хасакӣ будан

1. бесифат, ноустувор будан: Ин каландии кардагиат хасакӣ будааст, уко, расмаш тока то миён кофта каландӣ мекунанд; 2. каси нодон будан, чандон ақли дуруст надоштан: Илми одам, аслан хасакӣ будааст. Чӣ будани мантиқа намедонаду боз вай олим буда аст-мӣ, тавба!

### Хаспӯш кардан

1. кореро бесифат анҷом додан! Тока, расмаш, дурустакак гӯр мекунад. Ина рӯякӣ хаспӯш карда аст-у аз ин ҳосил мерӯяд-мӣ? 2. болои ҷиноятеро пӯшидан, ҷинояткорро ба ҷавобгарӣ накашидан: Ҳамин қадар моли магазина азхуд карду боз вай «бегуноҳ» будааст-мӣ? Ҷиғилдони вая равған карда бошад, болои кора хаспӯш карда монд-дия!

### Хата бароварда натавонистан

саводи казоӣ надоштан: «Дар мактаб нағз мехонам»-ғуфта, худата таъриф мекуни-ю, ҳамин як хати саломатия дуруст бароварда наметавонӣ!

### Хата гирифта, ба мӯҳраш маътал будан

1. умр ба охир расидан: — Ҳамин шабу рӯз бечора бобоям бисьёр дар ҳолати вазнин. — Синни муборакашон? — Наваду панч. Бечора, хата гирифта ба мӯх-

раш маътал будаанд-дия; 2. дар арафи бохти бозӣ будан: Фарзу руха дода, боз бозия давом медиҳед? Хата гирифта, ба мӯҳраш маътал будаед, як шах гӯяд, коратон тамом-у!..

### Ҳекиртака дарронда

бо овози баланд доду фарьёд кардан, овоз баровардан: Ин қадар ҳекиртаката дарронда дод нагӯ, ман аз ҷу сари тарс надорам!

### Хобу хаёлба набудан

дар фикр набудан, ғайричашмдошт будан: Духтарама ба шавҳар додан хобу хаёламба ҳам несту хостгор меомадааст?

### Хизр назар кардагӣ

шахсе, ки дар кору зиндагӣ ҳамеша пешрав аст: Ба ин кас хизр назар кардагӣ. Синнашон аз наваду панҷ гузашта бошад ҳам, йигитхо барин қадам монда мегарданд...

### Хира будан

танбал, коҳил будан: Ҳай бачаи хира будӣ-дия, падарат барин одам кор мефармояду «не» мегӯӣ-мӣ?

### Хира шудан

барои иҷрои мақсаде ба ризоияти касе нигоҳ накарда, такрор ба такрор раъй бар он намудан: «Қитобама намедиҳам! ки гуфт, шуд-дия! Хира шуда омадан мегирӣ-мӣ!

### Хира-хира хандидан

хандан тамасхуромезе кардан, ба коре ва чизе нописандона назар кардан: Чаро ман гап занам, хира-хира механдӣ, ман ягон гапи ношоям гуфтам-мӣ?

### Хитой кардан

касеро ба қаҳру ғазаб овардан, оташин кардан: Ҳамин рӯз ба ягонто саволи муаллим ҷавоб надода, муаллима хитой кардӣ-дия!

### Хиҷолат кашидан

шарм доштан: Дар назди меҳмонон ту бисьёр лаққидию ман хиҷолат кашидам.

### Хоб набурдан

аз боиси чизе ноором, бесаранҷом шудан: Хайр, ҳамин пула ҳар вақт оварда медодӣ-дия, уко, хобат набурд-мӣ?

### Хоби шаба ҳаром кардан

бедорхобӣ кашидан: Ҳамин бегоҳ тамоман хоби шабама ҳаром карда, як тахта тока тамоман аз об бароваидам-дия!..

### Хонда партофтан

бо суханони тунду дағал касеро ранҷондан, таъназу мазаммат ва маломат кардан: — Тамоми айбу гуноҳаша ба рӯяш гуфта, муддао хонда партофт-дия!

### Хоки кӯча

беқадр беарзиш, бечора: Бо вай тую ман карда чӣ кор мекунӣ, вай чию хоки кӯча чӣ!

### Хоки мазора ҳам наовардан

чизе наовардан (набурдан): Аз Душанбе омаду нагуфт, ки ба модараш тӯҳфае барам.— Дасти хушк омад? — Хоки мазора ҳам наовард, беақл...

### Хоки мо сабук-дия

киноя аз ҳарвақт объекти муҳокима ва мазаммат қарор гирифтани шахс: — Шумо дар ҳамон кори савдо шарик будед-мӣ? Не, уко, аз мурдани худ хабар дош-

таму аз вай кор не. Шумоя ҳам «шарик» буданд,— гуфта айбдор карданд-у? Хоки мо сабук-дия, уко, ҳар чи-ҳар чи гуфтан мегиранд...

### Хоки по дору

касеро шахси нек, бовафо, мўътабар ва иззатманд донистан (ҳисобкардан): Падарата ҳурмат намо, писерам, хоки пояшон дору! Вақтҳои охир чудо пир шудя мондиян...

### Хоки поя ба чашм тўтиё кардан

касеро ба дарачаи олӣ дўст доштан, ҳурмат кардан, мўътабар донистан: Модарчон, модари азиз! Хотиратон чамъ бошад, ки то зинда ҳастам, хоки пои шуморо ба чашмам тўтиё мекунам!..

### Хоки сиёҳ

ниҳоят арзон: Ҳамин сол ҳосили токи шаҳрамон хеле фаровон, ҳама мустағнии ангур.— Арзон-мӣ, охир? — Арзон ҳам гап-мӣ, хоки сиёҳ!

### Хоки ҳардуяша аз як чой гирифтагӣ

аз чиҳати хислату хў як хел, бо ҳам баробар: Ин ду дилсиёҳи шикватгара бин, кирдукор, гирумони ҳар дуяш як хел-а! Хоки ҳар дуяша аз як чой гирифтагӣ...

### Хок вазнин будан

аз чое ба зудӣ рафта натавонистан, дилнишину мақбул будани чое: Дар Душанбе се рўз истода бармегардам гуфта будеду чаро ин қадар дер мондед? Хокаш вазнин будааст, уко, гашта мондем!

### Хок лесидан

1. нобуд (фосид) шудан, вайрон шудан: Ин токҳоя дар вақташ нақушодӣ, тамоман хок лесидаасту, акнун ҳосил гирифтанат дар гумон..; 2. фавтидан, ба зери хок рафтан: Ин вақтҳо бобоятон наменамоянд? — Як сол

шуд, ки вафот карда буданд. О, бечора-е, хок лесида-аст-дия! 3. киноя аз ҳеҷ чиз нахӯрдан: Кор накунӣ, аз куҷо нон мехӯрӣ? Хок мелесӣ-мӣ?

### Хок панаҳ (пинҳон) кунад

ба маънии мурдан беҳтар: Нисбат ба падару модараш рафтори ношоям содир карда бошад, дар ҷаҳон гашта, чӣ кор мекунад? Хок панаҳ кунад беҳтар.

### Хока аз хоктӯдан баланд гирифтан

аз хонадони касони сарватманд келин кардан, бо оилахои баландмартаба муносибати хешӣ пайдо кардан: — Писаратона хонадор кардед-мӣ, ако? — Э, нашунидед-мӣ, духтари муаллиматона номзад карда мондем.— Бисьёр кори хуб кардед, муборак шавад. Муаллим бисьёр одами маълуму машҳур. «Хок гирӣ, аз хоктӯдан баланд гир»,— гуфтаанд.

### Хока рӯфта партофтан

нест кардан, ҷазо додан, аз чизе маҳрум намудан: Ба ман нигар, бо тӯҳмат аз болои ҳар кас маълумот нависната тарк накунӣ, хоката рӯфта мепартоям, ина донista мон!

### Хокба рафтан

фавтидан: Ин вақтҳо бобо Мир Умар намемоянд? — Се сол шуд, ки хокба рафтаанд.

### Хок кати яксон шудан

маҳв, несту нобуд шудан: Ҳайфи ток, ба ток меҳнат кунӣ, ки ҳосил диҳад-дия! Меҳнат накарда, токи серҳосила хок кати яксон кардӣ-ю!

### Хокаки бехта будан

шахси қобил, вазнин ва хоксору ботамкин будан: Шукр, арӯсеба соҳиб шудам, ки хокаки бехта будааст. Қобили гапдарову гапбардор...

## Хокам куҷо

дар кучо фавт мекунам: — Шумо ба куҷо сафар карданӣ ҳастед, амак? Э, писарам, хокам куҷо, ҷои рафтанама худам ҳам намедонам...

## Хокистара ба бод додан

касеро несту нобуд (маҳв) сохтан: Ба вай рафта гӯй, ки бо ман бозӣ накунад. Хокистараша ба бод медиҳам.

## Хокпӯш кардан

сиррероовоза (ошкор) накардан: Вай гапҳоя кашола карда мегардед-мӣ, хокпӯш кунеду монед-дия.

## Холабеғам будан

ба кору бори зиндагӣ беэътиборона нигоҳ кардан, парво надоштан: То имрӯз токҳоя гӯр накардӣ? Фардо, ногаҳон хунук шуда монад, ҳамааша мезанад-ку! Акнун донам, ниҳоят холабеғам будӣ-дия!..

## Хола-гули лола

хола чун модар азиз аст ва ҳурмату дӯстдорӣ мебояд: Холаҷон мана ба рӯи ин кӯрпача гузашта шинед, ҳозир барои такья карда шиштанатон болишт ҳам овар-да мемонам. Холата бисьёр дӯст медорӣ-куя, духтарам. Набошад, чи «хола-гули лола» гуфтаанд. Ин кас гули сари сабати ҳамаамон!

## Хомгап будан

кӯтоҳандеш будан: Дар назди дигарон боандеша гап задан аз рӯи адаб аст. Ту чӣ? Хаёл накарда ҳар чӣ ҳар чӣ гуфтан мегирӣ. Акнун донам, ҷавони хомгап будӣ, ука!

## Хомӣ кардан

дар коре бетаҷрибагӣ, камтаҷрибагӣ кардан: Ман гуфтам-а ҳамун орди Зомина харид, хомӣ карда «не» гуфтед, мана акнун пушаймон.

**Хомтамаъ шудан**

ба чизе умед бастан: Беҳуда хомтамаъ шуда, аз вай китоб талаб накун, намедиҳад!

**Хомхаёлӣ кардан**

ба фикру андешаи беҳуда рафтан ва амали ғайриматлаб содир намудан: Хомхаёлӣ карда, токҳоя пеш аз вақт кушодӣ, ука, дидӣ, ҳамааша хунук задааст!

**Хона гирифтан**

вусъат ёфтан, паҳн ва васеъ гардидан: — Оташ дар гирифт-мӣ? То ҳол шамол буд. Ба назарам, акнун хона гирифт-дия!

**Хона ҳуввас карда мондан**

бо рафтани касе гӯё бе кас мондани хона: — Падаратон аз ин ҷо кӯчида рафтан ин ҷониб, хона ҳуввас карда мондааст-а!

**Хонаи бачадор-бозор**
**хонаи бебача-мазор**

он ҷое, ки тифл ҳаст, мағалу шодӣ ҳукумфармост, он ҷое ки тифл нест, ҳузнангез аст: — Аз сари бача гардам, дар ҳар ҷое, ки бача ҳаст, он ҷо гапу хандаю бозӣ, дар ҷои бебача ҳама ҷим, гӯё ба даҳони ҳама қуфл задагӣ. Рост мегӯед, хоҳарам, бесабаб нагуфтаанд, ки «хонаи бачадор-бозор, хонаи бебача мазор...»

**Хонаи беодамба гап задагӣ**
**барин**

эътибору диққат надодан ба сухани шахси дигар: — Аҷабо, ту гап зада истодаию ҳуши ин дар ким-куҷо. Ба ин гап задан, дар хонаи беодам гап задагӣ барин гап...

**Хонаи вайба дуди ғам афтад**

ба кулфату мусибати сахт гирифтор шавад (дуои бад дар ҳаққи касе): Ба фарзанди ман, ки тӯҳмат карда,

мана ҳамин қадар сарсону саргардон кард, илоҳо хонаи вайба ҳам дуди ғам афтад!

### Хонаи гург бе устухон намешавад

одами калонсол ва ботаҷриба чизе дорад: Дар хонаи Мирзо Ҳалим доимо мӯмиё ҳаст. Ба ту, ки зарур шуд, рафта илтимос кунӣ, албатта камтар ёфта медиҳад. Охир, дар гапҳо «хонаи гург бе устухон намешавад»,— гуфтаанд.

### Хонаи ору (занбӯрба) даст задан

бо гурӯҳи моҷароҷӯён дар мунокиша шудан, бо одамони ҳангоматалаб мунозира кардан: Бо вайҳо баробар нашав, ки туя шарманда мекунанд. Ба хонаи занбӯр даст зану балоба мон!..

### Хонаи умед

хонаи дӯст, манзили рафтуо мекардагӣ: — Э, падари азиз, кори хуб кардаед, ки омадед-дия, хуш омадед! — Хонаи ту, духтарам, барои ман хонаи умед. Наомада куҷо мерафтам?

### Хонаба нони хӯрдан надораду номи сагаш Марҷоной

чизе надорад, аммо баландмақомӣ, ҳавобаландӣ мекунад: — Гапу гашти ин бемаъния бин, аз гашту савлаташ саг метарсад. Ҳамая аз паси мастӣ барбод дод. Хонашба нони хӯрдан надораду номи саг Марҷоной!

### Хонаба нони хӯрдан надоштан

хеҷ чизе надоштан: — Эҳҳа, коратон калон-ку, Бобо Собир, як тараф мошинаи «Жигули», як тараф ҳаммоми хонагию як тараф телевизор, худо зиёда кунад.— «Туф-туф!» — гӯед, писарам, чашм нагирад. Дар замони пеш дар хона нони хӯрдан надоштем. Ин ҳамааш ғамхории давлатамону меҳнати ҳалоламон, ҳамин тавр не?..

## Хонаба офтоб даромадан

хушнудӣ ва суруру шодӣ фаро расидан, фараҳ ёфтан: А, Меҳриниссохон, имрӯз даҳонатон пури ханда? — Набошад чӣ, бегоҳ Ҳабибҷонакам хизмати аскария тамом карда омад. Шаб ин ҷониб хонаамба офтоб даромадагӣ.

## Хонама аз куҷо меёбам

чӣ тавр (бо чӣ) зиндагӣ мекунам, қашшоқ мешавам: Ин қадар ки «тӯи калон кун» мегӯед, баъд хонаама аз куҷо меёбам?..

## Хонасалот шудан

бе ҳеч чиз мондан, садамаи сахти иқтисодӣ дидан, кашшоқ шудан: — Хуб шуд, мастӣ карда, мастӣ карда, имрӯз хонасалот шуда мондӣ?!

## Хонахароб шудан

*ниг.* хонасалот шудан: Чаро ин қадар ранги рӯяша гирондааст? — Напурс, қимора бохта, хонахароб шудагӣ...

## Хонумон пуштба шудан

овворагардӣ (кӯчокӯчӣ) кардан, аз чизе зарари зиёд дидан: Гӯр ин сел шавад, имсол ниҳоят зарари калон расонид, бечора одамҳоя хонумонаш пушташба шуд.

## Хор нигоҳ доштан

ба касе раҳм ва илтифот накардан, кулфату озор додан: Ҳар кас мувофиқи нияту амалаш медидааст. Мувофиқи шунидам ҳамсоятон — Биби Розия духтари ӯгаяша ҳамеша азоб дода, хор нигоҳ медоштааст. Мана, оқибат чӣ шуд? Аз болохонааш афтода, ду пояш шикаста, якҷоя шуда хоб карда аст»,— мегӯянд. Қошҷагинаша бардошт-дия!

## Хори пои ту ба дидаи ман занад

ба ту осебе нарасад, тайёр ҳастам ҳар дарди туро ба худ гирам (изҳори садоқат): На ин ки ман туро дӯст надорам, писарам, хори пои ту ба дидаи ман занад,— мегӯям!

## Хуб гап

маъқул: Дар айни замон беҳтар аз сулҳ ба мо муҳимтар чизе нест! — Хуб гап, рост!

## Худ аз худ даргирифтан

оташин шудан, ба ғазаб омадан, бадқаҳр гардидан: Вай дар ҳаққи шумо ин гапа нагуфтааст. Беҳуда худ аз худ даргирифта аз вай хафа нашавед!

## Худа аз ҷое кашиш кардан

*киг.* худа дуздондан: Ин вақто худатона кашиш карда ба хонаи мо намерафтагӣ шуда мондед?

## Худа ба канор гирифтан

1. худро ба як сӯ нигоҳ доштан, аз фалокате (ҳодисае) эҳтиёт кардан: Эҳтиёт кори шарт, ҳамин ки мошин меояд, худата ба канор гиру ҳушьёр шав. 2. ба кору бори дигарон ҳамроҳ нашудан, наёмехтан, халал нарасондан: Ба ҷангу ҷанҷоли инҳо ҳамроҳ нашуда, худата ба канор гирифта гаштанат беҳтар...

## Худа ба карӣ задан

чизеро шунида ва фаҳмида худро ба нофаҳмӣ (нодонӣ) задан: Ҳар бор, ки ба ту гап занам, худата ба карӣ мезанӣ-я! Борҳо нагуфтам, ки аз дарсҳоят баҳои «2» нагир!

## Худа ба мурданӣ задан

хасисӣ ва мумсикӣ кардан: Аҷабо, набераатон «Бобо, бист тин диҳед, ба кино медароям»,— гуфта омаду ба-

рои бист тин худатона ба мурданӣ зада, «пулам нест!» — гуфта бачая ноумед карда фиристондед-а!

### Худа ба ногумонӣ задан

**1.** оҳиста ва пинҳонӣ ба ҷое рафтан: Барои фаҳмидан худа ба ногумонӣ зада равам, ҳар ҷорашон материал нависи карда шиштаанд. **2.** гапе, коре ё чизеро фаҳмида худро ба нофаҳмӣ задан: Дар бораи Шокирхӯҷа бисьёр гапу кора медонеду худатона ба ногумонӣ зада мешинед?

### Худа ба офтоб тоб додан

табалию коҳилӣ кардан, худро озор надодан: То ба кэй худата ба офтоб тоб дода мегардию кор намекунӣ. Аз бекор, ҳама безор. Баромада кор куну ба зери мазамматн мардум намон!

### Худа ба теғу табар задан

барои касе ё чизе азобу машаққат ва тамоми мушкилиҳоро ба дӯш бардоштан: худама ба теғу табар зада, туя меҳуронам, мепӯшонам, ба мактабат мехононаму ҳамаи ин ташвишҳои мана ба назари эътибор нагирифта, аз дарсҳоят баҳои «2» мегирӣ!

### Худа ба харобот задан

аз кору бори дуньё даст кашидан ва бо тамоми ҳастӣ ба тасаввуф дода шудан: Раҳматӣ ако Мирсаид худашона ба харобот зада, ҳатто бо наздиктарин одамҳояшон ҳам шинухез намекарданд.

### Худа ба ҳар тараф задан

**1.** аз камоли сахтии дарду ранҷ, бетоқат шудан: Укаатон ҳамин шаби дароз дилашон дард карда, худашона ба ҳар тараф заданду чашм пӯшидагиашон не! **2.** барои коре ё ташвиши зиндагӣ ба ҳар ҷо давуғеҷ намудан, кор ва меҳнат кардан: Худама ба ҳар тараф зада шумоёна калон кардам. Шукр, дар дами пириам акнун роҳататона бинам-дия, писарам!

### Худа ба ҷиндигӣ задан

худро ба нодонӣ, нофаҳмӣ гирифтан, ба фиреби дигарон пардохтан, худро девонаву мадҳуш вонамуд сохтан: Худата ба ҷиндигӣ зада, чӣ корҳои ношоям кардаама «намедонам»-мегӯӣ-мӣ? Ҳамааша медонӣ!..

### Худа бой надодан

сир ва ҳолати вазнини руҳиро ба дигарон нафаҳмонда, худро сипоҳ ва устувор нигоҳ доштан: Ба фикрам, хеле нотоб буду худаша бой надода, дар назди моён хандаву бозӣ карда шишт-дия...

### Худа гирондан

1. аз нотобӣ ва ранҷурӣ харобу лоғар шудан:— Беморӣ ба ту хеле таъсир кардааст-а, ука, худата хеле гиронда мондӣ! 2. аз чизе хиҷолатманд шудан: Дар назди олимону адибон андеша накарда ҳар як гапа гуфтан мегирӣ-мӣ? Дуто савол доданд ҷавоб дода натавониста, худата гиронда мондӣ.

### Худа гум кардан

бесаранҷом шудан ба ҳаяҷон омадан: Аз таърих якто савол дод, ки ҷавоб дода натавониста худата гум карда мондӣ-ю!

### Худа дошта натавонистан

ҷаҳлро фурӯ набурдан, худдорӣ карда натавонистан: Чаро бо ҳамон авбошсифат тую ман кардӣ?— Як гапи беҷо гуфта монд, рости гап, худама дошта натавонистам!

### Худа дуздондан

худро аз дигарон пинҳон гирифтан, канораҷӯӣ кардан: —А, ин вақто чаро ба назди моён наомада, фақат худатона дуздонда мегардед?

## Худа канда-канда гирифтан

аз коре пушаймон шудан, афсӯс хӯрдан, оху надомат кардан: Қошкӣ ҳамроҳи шумо ба саёҳат мерафтам, бисьёр хурсанд мешудам. Баъд аз рафтани шумо худама канда-канда гирифтам, ки чаро нарафтам?

## Худа коҳондан

1. Ранги рӯйро гирондан, харобу лоғар шудан: Як чанд вақт касал хоб карда, худатона хеле коҳонда мондед-а? 2. аз паси коре ташвиш кашидан, худро азоб додан, зиқ шудан: Беҳуда худатона коҳонда, ба духтари вай хосттор нафиристонед!

## Худа нағз карда нишон додан

худро нисбат ба касе некхоҳ, дӯст ва дилсӯз нишон додан: Ин қадар лагандбардорӣ карда, худата ба чашми раис нағз карда нишон доданат катӣ, беҳуда туя ба кори анбор намемонад, овора нашав!

## Худа нишон додан

1. худро ба назари касе намоён кардан: Баъзан нотавонбинҳо туя «як моҳ ин ҷониб бедарак шуда рафтагӣ»— гуфта дар шаҳр овоза паҳн кардаанд, як маротиба рафта, худата нишон те, ки даҳони мардум баста шавад.; 2. иқтидори худро ба назари дигарон намоиш додан: Қандата зан, уко, бо ҳамин хел як паҳлавонн номӣ гӯштин гирифта, чалпак карда зада, худата нишон додӣ-я!

## Худа равған кардан

хешро парвариш намудан: Дар рӯзҳои таътил худата муддао равған кардӣ. Акнун ба каландин ин ток дурустакак кор кун, уко!

## Худа саранҷом кардан

1. худро сариштa карда тавонистан, роҳ гашта тавонистан:— Шумо нав сар аз бистари беморӣ бардоштагӣ. Ҳоло бемадоред. То истгоҳи мошин ман асои дас-

татон шуда равам, бобоҷон?— Раҳмат писарам, ту хавотир нашав, худама бемалол саранҷом карда метавонам! **2.** аз ҷиҳати моддӣ худро таъмин намудан: Ба майдони пахта нағз кор карда, худаша саранҷом карда гирифт. Алҳол писарам ба худаш бисьёр тинҷ.

### Худа тоб додан

**1.** афсусу надомат кардан: Бечора, дусад сӯмаша гум карда, худаша бисьёр тоб дода, ба ман ҳасрат кард; **2.** дар рақсу бозӣ маҳорат нишон додан, печутоб хӯрдан: Ба рақси Малика Қаландарова қоил шудам. Расо худаша тоб дода, мерақсидааст-дия!..

### Худа хоки пои дигарон ҳисоб кардан

хоксорӣ кардан, худро фурӯтан гирифтан: Дар ҳаққи мо* ҳар чи гӯянд, майлаш. Мо худа хоки пои дигарон ҳисоб мекунем.

### Худа худ дидан

беҳбудии худро андешидан: Акнун, ки хонадор шудӣ, ба умеди падари мӯйсафедат нашаву худата худат бин, ука!

### Худа хун кардан

барои касе ё чизе худро ҷигархун кардан, азият кашидан: Наход ман шумоя бад бинам-а, ман барои шумо худама хун мекунам, фаҳмидед-мӣ?

### Худа хӯрдан

ниҳоят ноором ва парешон шудан, бетоқат шудан: Як моҳ ин ҷониб хаташ намеояд, худама худам хӯрда истодаам.

### Худа чаккаба кашидан

*ниг.* худа ба канор гирифтан: Ин хел ҷанҷолхоба қӯш (ҳамроҳ) нашаву худата чаккаба кашида гаштан гир!

* *Ин ҷо мо* — ба маънои муфрад аст.

**Худа шинохта мондан**

дорои ақлу фаросат будан, ба камол расидан, неку бадро фарқ карда метавонистагӣ шудан: Писаратон ҳамин сол худаша шинохта мондааст. Саломаш тарк не!

**Худа ширин кардан**

ба ҷое кам рафтуо кардан ва дар назари дигарон азиз нигоҳ доштан: Ин вақтҳо худатона ширин карда, ба хонаи мо кам рафтуо мекардагӣ шуда мондед-а?!

**Худа эҳтиёт куну ҳамсояя дузд мадор**

айби худро ба сари дигарон бор накун: «Пулама ту гирифтӣ»- нагӯ, ука, ин нагирифтааст. Беҳуда айба ба болои ин намон. «Худата эҳтиёт куну ҳамсояя дузд мадор!»— гуфтаанд. Худата эҳтиёт кунӣ намешавад-мӣ!

**Худата ба чар парто гӯяд, мепартой-мӣ?**

андеша накарда гапи касеро қабул мекунӣ?, тақлидкорӣ мекунӣ?: Ҳамин лаънатии мая «нӯш»-гӯяд, ту нанӯш, як кас худата «аз чар парто»-гӯяд мепартой-мӣ?!

**Худата мард донӣ, каси дигара шер дон**

афзалияти (бартарии) каси дигарро эътироф кун: Дар шоҳмотбозӣ «вая мот мекунам» гуфта ин қадар боло нарав. Вай ҳам зӯр бозӣ мекунад. «Худата мард донӣ каси дигара шер дон!»— гуфтаанд.

**Худаша кушт**

зебид, муносиб афтод (нисбат ба сару либос): Ин костюм ба ман зебида аст-мӣ?— Зебидан ҳам гап-мӣ, худаша кушт гӯям, бовар кунед-дия, ако!

## Худба гарм кардан

бо ягон сабабу баҳона муҳаббат ва побандии касеро нисбат ба худ ба вуҷуд овардан, ба худ ром кардан: Ҳамеша хизматаша ба ҷо оварда, раиса худашба гарм карда гирифт, ки раис ҳам бе вай об аз гулўяш намегузарад, фаҳмидӣ-мӣ?

## Худба нагирифтан

1. кину адовати касеро ба дил ҷой надодан: Вай, укотон, ҳарчӣ гўяд ҳам худатонба нагиред. Ҳоло вай ҷавон, ба хусну қубҳи ҳар як гап дуруст сарфаҳм намеравад; 2. мушкилиҳои ҳаётро мардонавор таҳаммул кардан, устуворӣ нишон додан: Ман ба Ҳошимҷон қоил. Ҳарчанд нотоби сахт шаванд ҳам, худба нагирифта, боз ба кор мераванд.

## Худба набудан

1. беҳушу беёд будан: Касалиаш хеле вазнин. Худба не, ҳар чанд гап занам, ҷавоб намедиҳад; 2. ниҳоят шод ва масрур будан: Бача-дия, сару либоси навро пўшида худба не.

## Худба нигоҳ карда кореро кардан

муносиби аҳволи худ рафтор ва амал кардан: Шумо дирўзакак сар аз бистари беморӣ бардоштед. Ҳамин қадар тока, ки каландӣ кардаед, албатта тобатон нашуд-дия, худатонба нигоҳ карда, кор кунед намешавад-мӣ?

## Худба омадан

1. аз дараҷаи беҳолӣ ва дарди тоқатшикан рў ба беҳбудӣ овардан, кризиси (бўҳрони) бемориро паси сар намудан: Касалии хеле вазнин буду баъд аз укол кардан андак худба омад-дия; 2. аз ғурур фаромадан, аз кибр ба ҳолати хоксорӣ омадан: Вақте ки мансабдор буд, ақалла саломи касе ба дуруст алек намегирифт. Шукр аз кор холӣ шуда, худба омадааст...

### Худба рӯйхунук кардан

бо ягон амали ночо ё сухани носазо нисбат ба худ кину адовати касеро ба вучуд овардан: Ин қадар гапҳои киноянгез гуфта, вая худатба рӯйхунук карданат чӣ нафъ дорад?!

### Худба тинҷ будан

осуда ва некӯаҳвол будан: Бобо Шодӣ худашба тинҷ. Ҳашт фарзанд — ҳамеша кор карда, ин мӯйсафеда ба руи каф нигоҳ медоранд.

### Худба чаққа кардан

ниг.: худба гарм кардан: Хезед, дадачонаш, ина як бор кӯчаба бароред.— Корам ҳаст, дастам намерасад.— Охир манба наменистад, аз аввал, ки гапҳои нағз зада худатонба чаққа кардед, акнун бароред-дия!

### Худу бехуд

шод ва хурсанд: Укааш, ки хизмати аскария бомуваффақият адо карда омад, чигар-дия, худу бехуд, дунъё ба назараш равшан...

### Худо бардорад

нест шавад, барҳам хӯрад (дуои бад дар ҳаққи касе): Ҷанга худо бардораду ба халқҳо оромӣ ва осудагӣ барқарор шавад!

### Худо гирифт

нест шуд, барҳам хӯрд: Аз паси меҳнатам якто гови ҷӯшоӣ харида будам. Ина ҳам худо гирифт. Шабона ба арғамчин печ хӯрда, мурда мондааст...

### Худоноумедӣ кардан

дар ҳаққи касе ноинсофӣ, бевиҷдонӣ содир намудан: Ҳама айби хушдоманаш. Ба духтараш гуфтааст, ки шавҳараш ояд, гӯяд, ки модараша дар ҳамин ҷо монда ҳамроҳаш танҳо мана гирифта барад. Ин қадар худоноумедӣ кардан кори одами дилсоф не-дия!..

## Худоҷӯ ёфт шудан

шахси мададгору раҳмдил пайдо шудан: Хайр, дар меҳмонхона чой нашавад, ягон нафар худоҷӯ ёфт мешудагист. Наход як шаб ба хонааш чой надиҳад?

## Худрав будан

қобил, гапдаро ва лоиқи ҳар як кор будан: Аз ин писаратон барака меёбед, ако, бачаи худрави ҷавонмард будааст. Ҳар як коре, ки мефармоед, аз табъатон зиёдтар ба ҷо меорад.

## Хуми шинии пур барин

шахси олим, доно, бамаърифат, вале камгап, орому ботамкин: Амакатон бисьёр одами хуб-дия, доктори фан бошанд ҳам, сад даҳон гап занед, андеша карда истода як даҳон гап мезананд. Рости гап, хуми шинии пур барин...

## Хумчааш тафсидагӣ

масти лояқил, касе, ки аз камоли мастӣ суханҳои гуфтаашро намедонад: Вай ин қадар мелаққад?—Вай одам не, маст...— Хумчааш тафсидагӣ гӯ!

## Хун афтидан

ба вуқӯъ пайвастани моҷарои сахти фоҷиаангез то ба дараҷаи кушокушӣ: Падари вай духтар як одами бадҷаҳле, ки аз ҳеҷ як кор рӯ наметобад. Ба духтараш гаппартой накун, ки дар байн хун меафтад...

## Хун ҷӯшида ба майна задан

1. баланд шудани фишори хун: Бозор рафта истода, дар роҳ беҳуш шуда афтодааст. Духтурҳо дида «хун ҷӯшида, ба майнааш задааст»,— гуфтаанд; 2. хашмгин, ғазабнок ва бадҷаҳл шудан: Ҷаро Сангина задӣ? ба падараш нигоҳ карда чашмаша ало кард. Рости гап, якбора хунам ҷӯшида ба майнаам заду ду-сето боб карда задам.

## Хуни бинӣ шудан

ба осебе гирифтор шудан, шикаст хӯрдан:— Ҷавон буд, Камтар беақлӣ карду аз кораш холӣ карданд. Бечора, акнун ду моҳ шуда буд, ки ба кор дохил шуда буд, хуни бинӣ шудааст-дия!..

## Хуна бо хун нашустан

ба амали бади касе бо некӣ ҷавоб гардондан: Вай ако, ту уко. Акот гапи сахт гуфта бошад, ту бо мулоиматӣ гап зан, хуна бо хун нашустаанд.

## Хуна равшан кардан

худро ба ҳалокат расондан: Дадош, духтаратона зӯран ба ҳамон пучуки шилпуқ бароварда надиҳед. Ман медонам, ки вай шилпуқ хешатон, аммо духтаратон мегӯяд, ки агар дадом мана зӯран бароварда диханд, ман хунама равшан мекунам!...

## Хунук задагӣ

**1.** чизе, ки аз таъсири сармо фосид шудааст: Ин бодринга хунук задагӣ, нахур, касал мешавӣ! **2.** бадафт, зишт ва баднамо будан; Башараи ина хунук задагӣ. Рӯяша бинам, хамиртуруша дидагӣ барин мешавам!

## Хунукгап будан

бадлафз, бадгуфтор будан: Вай рафиқат хунукгап будааст, шинухез накун, писарам. Ҳамин ки шишт, албатта, ғайбат сар мекунад...

## Хунукӣ гирифтан

**1.** сармо задан, шамол хӯрдан, касал шудан: Магар хаёл накардааст, ки дар ҳамин мавсими сармои сахти чиллаи зимистон аз қишлоқ пиёда меояд. Пои чапаша хунукӣ гирифтааст; **2.** дигаргун шудан ва тағьир ёфтани миҷоз: Чаро ин қадар ранги рӯятон зард шудааст? Бовар кунед, ки шумоя хунукӣ гирифтааст. Бисьёртар асалу наботи зард истеъмол кунед!

### Хурда хурд, калона калон донистан

беадабӣ накардан ва ҳурмати дигаронро ба ҷо овардан: Дар назди калонҳо сафсатагӯӣ накарда, хурда хурд, калона калон дониста, бо парда гап зан!

### Хурдтараки калонкор

қобил, ӯҳдабаро, қодир ба ҳар кор: О, хурдтараки калонкор-е: калонҳо бардошта натавонистагӣ санга ту бардоштӣ-я. Э, қандата зан-е!

### Хурӯс баробар чег мезанад

ҳолат ва вазъият дар ҳама ҷо як хел, баробар: Чӣ дар Душанбею Ленинобод ва чӣ дар Панҷакенту Ӯротеппа нарху наво як хела, аҷоиб... Ҳайрон нашав, уко, дар ҳама ҷо хурӯс баробар чег мезанад...

### Хушк намондан

аз ягон чиз расамае расидан ва ҳақбар шудан: Шукр, аз анҷир мо ҳам хушк намондем. Як килои охиринаша ба ман баркашида дод!...

### Хушкӣ занад

камъёбу ноёфт шудани чизе: Баромада, бозора давр зада бин, наход ба табиатат мувофиқ мӯза ёфта натавонӣ. Ба мӯза хушкӣ задааст-чӣ?

### Хӯйнок будан

феълдор ва соҳиби ҳолати руҳии ноустувор будан: Вай одами хӯйноки таъбаш нозук будааст. Ба вай гапи нағз гӯй, аз ту ҷонаша ҳам дареғ намедорад...

### Хӯрдагӣ аз даҳон омадан

барои чизе ё касе бетоқат, ноором ва бесаранҷом шудан: Охир барвақттар ой намешавад-мӣ? То соати сен шаб туя кофтукоб карда, хӯрдагиам аз даҳонам омад-е!...

## Хӯрдагӣ заҳр шудан

**1.** зиқ ва ғамгин шудан: Бисьёр кори хуб кардӣ, ки ҳамин майхӯриата тарк намудӣ, ҷони модар, ҳар бор ки маст шуда меомадӣ, хӯрдагиам заҳр мешуд; **2.** обшуста ва шармсор шудан: Даҳ ҳазор сӯм пула зери ҷиғилдон карда будааст. Тафтишоти ҳисобу китоб ина ошкор намуда ба гарданаш мондааст. Давлат пула рӯёнда, ба худаш ҷазо додааст. Хӯрдагиаш заҳр шудааст гӯӣ-чӣ!..

## Хӯрдагиам аз они худам, хоидагиам дар гумон

умри одамӣ басе нозук аст, кас намедонад, ки кай мефавтад: Дар ҳамин умри кӯтоҳ меҳнат карда, нағз хӯрдану нағз пӯшидан... Ба умри одамӣ боварӣ нест. Дар гапҳо беҳуда нагуфтаанд, ки: «хӯрдагиам аз они худам, хоидагиам дар гумон»...

## Хӯрдагиам худама хӯрда истодааст

**1.** нотоб будан, чизи хӯрдагиро ҳазм карда натавониста, ба ҷон суд аз он зарар дидан: Гӯр ин касалии меъда шавад. Ҳар чизе, ки хӯрам, ҳазм намешавад. Баракс, хӯрдагиам худама хӯрда истодааст; **2.** бисьёр ғамгин, мушаввашхотир будан: Аз он рӯзе, ки ту нотоб шуда, хоб кардӣ, ба ҳолате гирифтор шудам, ки гӯё хӯрдагиам худама хӯрда истодааст.

## Хӯрдагиаш заҳру пӯшидагиаш кафан шудан

зиқ, дар азоб будан, табиат гирифт кардан: Шукр, ки сиҳат-саломат омадӣ, писарам. Рафтию бе ту ду сол ин ҷониб хӯрдагиам заҳру пӯшидагиам кафан шуд...

## Хӯрдагиаша қай кардан

**1.** хӯроки хӯрдагиро ҳазм карда натавонистан ва қай кардан: Чаро ин қадар ранги рӯятона гиронда мондед, ако? Ҳайрон ман, чор рӯз ин ҷониб фақат хӯрдагиама қай карда истодаам; **2.** сирру асрори ниҳонии касе фош шудан: Асрора шунидед-мӣ? Тамоми молу

мулкаш мусодира карда шудааст. Як магазини калона хӯрда гашта буд. Имрӯз сирраш кушода шуда, хӯрдагиҳояша қай кардааст-дия!

### Хӯтукчаҳо лағат кардан

андаке нотоб (ночӯр) шудан: Лабат учуқ (табхол) баровард, саҳлакак хутукчаҳо лағат кардаанд. Хайр, барои ин хафа нашав!

### Хӯчаинӣ кардан

фармонфармоӣ кардан: «Дурусттар кор кун, каланда чуқуртар зан, навдан ток бурида нашавад!»— гуфта ин қадар хӯчаинӣ кардан нагиру қувватат бошад, худат ба каландӣ даро!

## Ч

### Чакана карда гаштан

бечо не: Ба саволи муаллим ҷавоби нағз додӣ-я, ту ҳам чакана не!

### Чакида истодан

кам-кам оидоте шуда истодан, даромаде доштан:— Чи тавр, усто ако, аз корҳои сартарошиатон як навъ даромад шуда истода аст-мӣ?— Бад не, ука, як навъ чакида истодааст.

### Чандирӯя будан

мунофиқ, рубин будан: Ба гапҳои вай бовар накун, ба рӯят туя дӯстдорӣ мекунаду ҳамин ки ту рафтӣ, аз пасат ба шикоят сар мекунад. Аслан, ин одами чандирӯя, будааст гӯям, бовар намо!

### Чапдаст будан

чобук ва чусту чолок будан: — А, аллакай як пушта тока каландӣ карда аз даст баровардӣ-чӣ?— Ҷои шубҳа нест, ука, ин ҷавонмарди чапдаст будааст.

**Чарбу бастан**

фарбеҳ шудан, хол гирифтан: Пеш як одами харобакак буд, соҳибмансаб шудан ин ҷониб хеле чарбу басталаст-мӣ?

**Чароғ аз роҳат намонад**

ба вақту замони худ хомӯш кардани чароғ: Субҳ дамид, чароғат аз роҳат намонад, хомӯш кун!

**Чароғ даргирифтан**

ба пешравӣ оғоз намудани кори касе: Ба кор сар карду чароғаш даргирифт, бародар, чанд вақт нотоб шуда бекор гашта буд.

**Чароғи падару модара даргиронда**

дар хонаи истиқоматкардаи падару модар истиқомат намудан ва он ҷойро обод карда шиштан:—Ҳанӯз дар ҳамон ҳавлии падарӣ истиқомат доред-мӣ? Набошад чӣ, чароғи падару модара даргиронда шиштем-дия, бародар!

**Чароғи ҳар кас ба хонаи худаш рӯшной мекунад**

хурсандӣ ва хушбахтии ҳар кас ба ҳаёт ва зиндагонии худаш мансуб аст: «Аком фалонӣ!»—гуфта ин қадар аз болои вай фахр накун. Қалонии вай ба худаш, чароғи ҳар кас ба хонаи худаш рӯшной мекунад...

**Чароғаш равшан**

шод ва масрур: Имрӯз укаатона дида, бисьёр хурсанд шудам. Ба кори фабрика даромадан ин ҷониб чароғаш равшан...

**Чархи каҷрафтор**

давр, замоне, ки мувофиқи ҳаёти одамӣ чараён намекунад: Ҳазор афсӯс, ки дар замони худ тамоми аҳли хирад аз чархи каҷрафтор нола карда рафтаанд...

**Чатоқ будан**

айёр ва фиребгар будан: Вай бисьёр чатоқ будааст, ба гапҳояш боварӣ накун. Пулата мегираду надода туя овора мекунад. Баъд, «ба даст тею, ба по дав»-а дидан мегирӣ!

**Чашм ало кардан**

1. ба касе боғараз нигоҳ кардан: Ба ман чашмоната ало карда нигоҳ мекунӣ. Ягон маротиба алафата хом даравида будам-мӣ? 2: нияти дуздӣ, қаллобӣ доштан: Ба ҳамьёнат ҳушьёр шав, ука, навкангӣ одам ду-се маротиба чашм ало карда гузаштанд...

**Чашм ангури тагобӣ барин**

снёхчашм, шаҳлочашми зебо: О, ту балоча! Духтари дӯстдоштаата имрӯз ногоҳ дида мондам. Бисьёр духтари хушқаду комати зебо, чашмонаш ангури тагобӣ барин-а!

**Чашм бечо будан**

1. девона ва madҳуш вонамуд шудан: Нигоҳ карда ист, чашмаш бечо будааст, гапу ҳарфаш ҳам дар чояш не, девона барин... 2. шахси шубҳанок будан: Вая ба кассирӣ қабул накунед, чашмаш бечо будааст, боз ягон фалоката сар карда намонад?

**Чашм бисьёр**

мушоҳидакорон, наззораткунандагон: Дар корхонаат ҳушьёр шуда кор кун, ки онхо чашм бисьёр, фаҳмидӣ, писарам?

**Чашм бозӣ карда истодан**

1. айёри фиребгар ва шайтонсифат будан: Аз ин ҳушьёр шав, ба лаби дарьё туя ташна бурда, ташна меорад. Нигар, чашмаш бозӣ карда истодааст...; 2. шахси шубҳанок, дузд будан: Нигоҳ кунам, номаълумона ба чор атрофи хона нигоҳ мекунаду чашмаш бозӣ карда истодааст. Навъе карда аз хона бароварда фиристондам-

дия...; **3.** ниҳоят шӯх будан: Ин қадар шӯхӣ мекунӣ, Комилҷон, чашмакот бозӣ карда истодааст-а!

### Чашм бор бардоштан

ба нӯги мижгон хасе ё чизе часпида мондан, ишора ба он ки аз тарафи касе ба хонаи ӯ чизе оварда мешавад: Бибиҷон, чашматон бор бардоштааст. Имшаб амакам ба шумо ким-чиҳо меовардагистанд...

### Чашм гирифтан

ба касе ё чизе асари манфӣ кардан: Баъд аз он ки Сангинако ба гӯсфанд чашм андохта рафту гӯсфанд касал шуд, пас аз ду рӯзи дигар гӯсфанд мурданӣ шуд, ки базӯр кордба расида ҳалол кардем-дия!— Ман нагуфтам, ки вай чашм дорад, чашмаш гирифтааст-гӯед!

### Чашм гуфта будан

хориси молу чиз будан: Ин ходими гузаратон ба хизмати якшабааш ҳамин қадар пулу чиз гирифту боз «кам» мегӯяд-а, чашмаш ниҳоят гушна будааст, ин хелхоя дафъ кунед-е!

### Чашм давида баромадан

**1.** аз харҷу хароҷоти ночизе ба танг омадан, мумсик, хасис будан: Дар харифона ду сӯм дода, ба назарам, чашмам давида баромад; **2.** барои чизе сахт меҳнат кардан: Нона исроф накун, писарам, то якто нона ёфтан чашми падарат давида баромадагӣ.

### Чашм дарьё

чашми одамӣ ҳар кас, ҳама ҷойро мебинад:— Ман ба шумо қоил, дар автобус рафта истода ҳамон духтарака дида шинохтед-а?— Набошад чи, ука, чашм дарьё— гуфтаанд!

### Чашм доштан

касе, ки аз асари нигоҳи ӯ шахси дигарро ҳолати ногуворе рӯй медиҳад: — Аҷаб кас ҳайрон мешавад, бегоҳ

Сангинако ба хона омада буданд. Гӯсфанда дида: «Бай-бае, ин гӯсфадатон ин қадар фарбеҳ шудааст?»— гуфтанд. Бегоҳ ин чониб, гӯсфанд хеч чиз нахӯрда касал шавад мешавад-мӣ?— Аз Сангинако хушьёр шавед, вай чашм дорад!

### Чашм зира шудан

1. хоб пахш кардан, майли хоб намудан: Писарам, имрӯз бисьёр кор карда, монда шудӣ. Чашмат зира шуда истодааст. Хез рафта хоб кун. 2. ба чизе хуморӣ шудан: Занак, ҳамин рӯз чой нанӯшида, сарам дард карда, чашмам ҳам зира шуда истодааст. Хез, якто чои кабуди талх дам карда биёр!

### Чашм канда шудан

ниҳоят сахт интизорӣ кашидан: Э, барвақттар ой намешуд-мӣ-е! То омаданат чашмам канда шуд.

### Чашм кати сӯрох кардан

бад-бад нигоҳ кардан: Ман дигар бо вай ҳамнишин намешавам, он қадар нигоҳ мекунад, ки одама чашмаш кати сӯрох мекунад-е!..

### Чашм кати хӯрдан

ба касе бо нияти бад, бефосила ва бад-бад нигоҳ кардан: Аз кучо донам, ки вай раиса бад медидааст. Вақте ки дар мачлис баромад карда муваффақиятҳои кори совхоза як ба як гуфтам, хаёл кардам, ки чон аз колабаш баромада, ба ман чунон бад-бад нигоҳ кард, ки хаёлаш мана чашмаш кати дар ҳамон чо хӯрда монад.

### Чашм кушода дидагӣ

ҳамсароне, ки бори нахуст ҳамдигарро ихтиёр кардаанд, зан ё шавҳари аввалин: Чаро ман шумоя нағз намедидаам, чашм кушода дидагиам шумо-ю!..

**Чашм кушода нигоҳ кардан**

ба атроф ва мардум санчишкорона назар кардан: Ҳозир ба зану мард чашм кушода нигоҳ кунед, ҳама баробар, гули бехор-у!...

**Чашм кушода шудан**

**1.** равшан шудани чашм: Се рӯз ин ҷониб ногоҳ чашмам хира шуд, одаму олама намедидагӣ шуда монда будам. Доруи акотон додагия се маротиба чакондаму шукр чашмам кушода шуд-дия...; **2.** ҳушьёр шудан, ба худ омадан, офиятманд шудан: Як ҳафта ин ҷониб сахт нотоб хоб карда буд. Шукр, ҳамин рӯз чашмаша кушода намак чашид...; **3.** хуморшикан шудан: Э, раҳмат-е, аз кор ташна омада будам, чои талхатона нӯшидаму як навъ чашмам кушода шуд-е... Ду рӯз ин ҷониб чой нанӯшида будам. Ҳамин як чойник чои кабуди талх дам карда додагиатона нӯшида, хаёл кардам, ки чашмам кушода шуд-дия!...

**Чашм нагирифтан**

бовар накардан, иштибоҳ кардан: Чашмам намегирад, ки вай хонданаша тарк карда ояд...

**Чашм нагузаштан**

чизеро хонда натавонистан: Ин хатата хушрӯйтар нависӣ намешуд-мӣ, ҳар чанд зӯр мезанам, чашмам намегузарад...

**Чашм напарида истода буд**

ба омадани касе интизору нигарон набудан: Чаро ба омадани ҳамон майзадан бебуньёд хурсанд мешудаам? Ба омаданаш чашмам напарида истода буд, фаҳмидӣмӣ?!

**Чашм об шуда рехтан**

**1.** аз асари ягон бемории сахт аз чашм мондан, нобино шудан: Сангина рафта дидӣ, духтурҳо чашмаша табобат карда бошанд?— Не, аҳволаш бисьёр бад. Ба

назарам чашмаш об шуда рехтагӣ барин. **2.** таъбирест, ки ҳангоми савганд ба забон оварда мешавад: Пулата ман нагирифтаам. Гирифта бошам, чашмам об шуда резад. **3.** таъбирест, ки ба мазмуни «кӯр шавад» касеро дуои бад карда мешавад: «Бо чашми бад ба ту нигоҳ карда бошам, чашмам об шуда резад!»

### Чашм паридан

ишора ба омадани касе: Ҳамин рӯзаш кати чашмам парида истодааст, мардак, шояд Наимҷон омада монад!

### Чашм пӯшидан

**1.** ишора ба хоб бурдан: Модараш расо як соат алла гуфту акнун чашмаша пӯшид-а!; **2.** фавтидан: Бечора Бобо Шокир як сол ин ҷониб касал буд. Худо раҳмат кунад, бегоҳ аз дунъё чашм пӯшидааст.

### Чашм пӯшида кор кардан

**1.** Ба гапу кори дигарон ҳамроҳ нашудан, машғули кори худ шудан: Рости гап, дар байни худашон ким-кихоя ғайбат карда бошанд ҳам, ман худама ба ношунавой зада чашмама пӯшида, кори худама кардан гирифтам...; **2.** ба касе коре эътибор надодан, беэътиноӣ кардан: Писарчаам се моҳ дар бемористон хоб карда имрӯз омаду амакатон дида «Э, писарам, саҳат шуда омадӣ-мӣ?— гуфта як бор аҳволпурсӣ накарда чашмонашона пӯшида гузашта рафтанд! **3.** ҳунарманд будан, моҳир будан: «Ба ин духтаратон ман ҳоил. Нигоҳ карда истам, чашмаша пӯшида тӯппӣ медӯзад-а!...»

### Чашм равшан шудан

таваллуд кардан: Шодиёна диҳед, додош, чашми арӯсатон равшан шуд!

### Чашм роҳ дидан

ишора ба омадани касе: Чаро чашматон шах шуда ба хаёл фурӯ рафта мондед, холаҷон?— Чашмам роҳ дида истодааст, шояд Комилҷон сиҳат-саломат хизмата-ша тамом карда ояд.

## Чашм сер шудан

**1.** аз чизе конеъ гардидан: Ин боғи колхозамон обод кардагия як маротиба тамошо кунед, чашматон сер шавад!; **2.** ба дидани касе ё чизе майлу рағбат надоштан— Имшаб шумо ҳам ба тамошои ҷӯраҳои домод меравед-мӣ? —Э, писарам-е, акнун шумо-ҷавонҳо раветон. Чашми мани мӯйсафед аз тамошои ҷӯраи домод сер шудагӣ. Ман камтар истироҳат кунам...

## Чашм сиёҳу торик

**1.** хашмгин, пурғазаб ва бадҷаҳл: «Ба кор намебароям»,—гуфта аз кори ҷамъиятӣ саркашӣ кард. Ду-се маротиба бо нағзӣ гуфтам, «пушти ману табари қассоб» гуфта «намебароям»— гуфт. Рости гап, қаҳрам омад, чашмам сиёҳу торик, ду-се гапи сахт задам; **2.** гурусна ё ташна: Аз роҳи дур омада, чунон гушна монда будаам, ки чашмам сиёҳу торик як табақ оша пок-покиза хӯрдаам...

## Чашм ситора барин дурахшидан

чашмони пурнур, зебо, рахшанда: Ин духтари мо калон, дар зебоӣ Лайло ба хиҷолат мемонондагӣ мешавад. Нигоҳ кунед, чашмонаш ситора барин медурахшад!

## Чашм соҳиб дорад

чашм азиз аст, чашмро бояд эҳтиёт кард: Санги ҳавододааш рост ба тарафи ман омад қариб чашмама кӯр карда буд. Аммо ҳушьёрӣ карда, худама зуд ба як тарафи дигар гирифтам. Вагарна аз чашм ҷудо мешудам.— «Чашм соҳиб дорад»,— мегӯянд, рост!

## Чашм хато кардан

касеро ба ғафлат монондан, кореро пинҳонӣ анҷом додан:—О, балоча-е, ин шоҳмоти кори калона чӣ тавр шуд, ки ба ту додааст?—Э, вай шоҳмот медиҳад-мӣ, барои 2-3 рӯз бозӣ карданамон навъе кардаму чашмаша хато карда, гирифта омадам-дия...

## Чашм хилм бастан

бемор будан:— Чанд рӯз шуд, ки нотоб хорафтаанд? Расо даҳ рӯз шуд, ако.— Ман гуфтам, чашмҳояшон ҳам хилм бастааст...

## Чашм чор шудан

ба касе, чизе интизор шудан: Э, заб омадӣ-дия, кай меоӣ?— гуфта, чашмам чор буд.

## Чашм шиштан

1. камхобӣ кашидан, камхоб шудан:— Ҳамин шаби дароз хоб накарда, роҳ поидам. Ман гуфтам, чашмат шиштааст; 2. сахт ранҷ кашидан: Нигоҳ кунед, аз бисьёр ранҷ кашидан чашмаш ҳам анча шиштааст...

## Чашм шоҳкоса барин

чашм калон-калони безеб: Ин эшони муридхӯрата бин, ҳар ду чашмаш шоҳкоса барин-е, тавба!

## Чашм шудан

аз болои гапу коре ба ҷои касе чун нозири ӯ назорат бурдан: Маро ба идора даъват кардаанд. Аз болои кори ин токкушойҳо чашми ман шуда, нигоҳ карда истед, ман зуд баргашта меоям.

## Чашм ғановидан

*миг.* чашм зира шудан: Чашмат ғанавида истодааст, хез хоб кун, писарам!

## Чашм ҷӯшидан

1. касеро интизор будан: Писарам меояд, гуфта чашмам ба роҳаш ҷӯшидагӣ; 2. бемори вазнин шудан, ба ҳолати пеш аз марг расидан: Бечора аҳволаш бисьёр вазнин. Шаб ин ҷониб чашмаш ба сақфи хона ҷӯшидагӣ.

### Чашми ақл кати нигоҳ кардан

ба коре ва чизе хирадмандона, дуруст, заковатмандона назар кардан: Вай ҳанӯз кӯдаки ҳафтсола бошад, бо чашми ақл нигоҳ кун, ки ҳамин кори мушкила ба чо овардан магар аз дасти вай меояд?...

### Чашми бад кати нигоҳ кардан

**1.** ба касе таҳдид кардан: Ана, дадош, як бор чашми бад кати нигоҳ кардед, ки шӯхӣ-бозиаша тарк намуда, ба чояш омада қобилакак шуда мешиштагӣ шуд; **2.** ба касе бо кину адоват назар афкандан: Ягон маротиба алафата хом даравида будам-мӣ, ки ҳамеша ба ман чашми бад кати нигоҳ мекунӣ! **3.** ба касе ё чизе бо ғараз, бад нигоҳ кардан: Ту хабар надорӣ, бӯрдоқиата оварда истода будӣ, ки ҳамсоят чашми бад кати нигоҳ карда монд. Ҳушьёр шав!

### Чашми гарм кати нигоҳ кардан

касеро ҳурмат кардан: Ба Шокирчон чашми гарм кати нигоҳ кунед, он кас амакатон мешаванд!

### Чашми дид

шинос, наздик ва ошно: Вай одам бо ман чашми дид, чаро ба вай гапи сахт занам?

### Чашми дидан надоштан

**1.** касе ё чизеро бисьёр бад дидан: Ҳамин эшони сӯфиатона чашми дидан надорам, бисьёр нафсаш бад... **2.** ҳасудхур, рашкбар будан: Ин одама ман бисьёр санчидагӣ, нотавонбин, дар ҳаёт касе ба ягон пешравӣ соҳиб шавад ин одам вая чашми дидан надорад. Гӯр чашми ин хел одам шавад!

### Чашми каси дигар кати дидан

нисбат ба касе ё чизе шахси дигар, хоҳ мулоҳизаи мусбат, хоҳ манфӣ дошта бошад, ҳамон тавр донистан ва тасаввур кардан:— Рости гап, ман Санавбара дӯст

медорам!— А, начандон зебо барин-ку?— Ба назари ту ҳамин тавр, аммо ту вая чашми ман кати бин, баъд мефаҳмӣ!

### Чашми кора нағз донистан

донишманд, мутахассиси коре будан, таҷрибаи кофӣ доштан:— Тока буридагии амаката бин-а, ҳар як навдааш кокули духтари ҳаждаҳсола барин-а!— Чашми токбурия нағз медонанд-дия, ако!

### Чашми одам санга мекафонад

ҳасад касеро аз по меафтонад:— Амакатон ин вактҳо камнамо?— Касал хоб кардаанд.— Ниҳоят фарбеҳу солим шуда буданд-у? — Рост мегӯед, дидагӣ одам ҳамин тавр мегуфт. Ба хаёлам чашм расид-мӣ?— Дуруст аст, ки чашми одам санга мекафонад!

### Чашми рӯз кушода шудан

субҳ дамидан: Чашми рӯз кушода шуд, ука, хез зудтар ба кори саҳро равем!

### Чашми ӯгай кати нигоҳ кардан

ба касе илтифот накардан: Як маротиба каминая ҳамроҳ ба саёҳат набурдед-дия, ҳамеша ба ман бо чашми ӯгай нигоҳ мекунед!...

### Чашми харидорӣ кати нигоҳ кардан

ба касе ё чизе толиб шудан, ба ӯ рағбат кардан: —Сӯҳбати муаллими азиз ба шумо маъқул-мӣ?— Нашавад чӣ, доимо ман ба ин кас чашми харидорӣ кати нигоҳ мекунам, ина дониста монед!

### Чашми чапу рост паридан

ишора ба рӯй додани ҳолати ногуворе:— Чаро, хоҳарҷон, имрӯз бисьёр хафа, маюс ҳастед?— Ҳайрон ман, бибиҷон, ду рӯз мешавад, ки чашми чапу ростам мепарад. Чӣ донам, оқубаташ бахайр шавад-дия...

**Чашми чор**

нигарон, интизор:— Укотон омад-мӣ?— Бо чашми чор шиштем-дия, ханӯз дарак не.

**Чашм аз хоки лаҳат сер шудан**

гирифтори ҳирс будан, ба молу чизу симу зар дода шудагӣ будан:— Ҳамин қадар давлати калон дораду боз чашмаш гушна-е... «Чашмаш аз хоки лаҳат сер мешаваду баъд аз моли чизи дуньё чашмаш сер мешавад».

**Чашм ба чашм афтидан**

баъди ҷудоии чандинвақта боз дучор шудан, дидор ба дидор расидан, якдигарро дидан: О, бисьёр кори хуб кардед, ки ба шаҳри мо омадед. Чанд вақт ин ҷониб якдигара надида будем, шукр имрӯз чашм ба чашм афтод.

**Чашма ба пеш гирифтан**

ба касе, чизе нигоҳ накардан, чашмро аз ӯ кандан: Ин қадар ба ин ҷавонзан нигоҳ накарда, чашмата ба пеш гир, шарм медорад!

**Чашма бастан**

касеро ба ғафлат монондан: Намедонам, чашмама баст-мӣ, гап кати мана фирефта карда, гӯсфанди сесад сӯмая ба ду саду панҷоҳ сӯм дода мондагиама худам ҳам надониста мондам...

**Чашма бегона кардан**

дар вақти набудани касе фурсатро ғанимат дониста, кореро ба ҷо овардан: Гуфтам-а, китоба ба ҷое пинҳон карда монам, чашмама бегона карда гирифта рафтааст.

**Чашма беҷо кардан**

касеро бад дидан, ба ӯ таҳдид кардан: Ба ман чашмата беҷо накуя, ман аз ту барин махлуқҳо наметарсам!

## Чашма буридан

1. рахшанда ва пурчило будани чизе: Э, ин оинаяа ба рӯ ба рӯи офтоб надоред-е, нигоҳ кардан замоно чашмама бурд...; 2. зебо будан: А, ин расматона кӣ гирифт? Бисьёр зебо гирифтааст-е, нигоҳ кунӣ, чашмата мебарад-е.

## Чашма дур кардан

дар набудани касе кореро кардан: Ҳамин ки аз хона беруи баромад, чашмаша дур карда оҳиста китоба гирифта омадам-дия!

## Чашма дурусттар кушода дидан

чизе ё касеро бо диққату мулоҳиза дидан: Чашмата дурусттар кушода бин, ука, ин хати вай не!

## Чашма кандан

аз касе, чизе назоратро қатъ намудан: Айб аст, ин қадар ба вай нигоҳ накарда, чашматона канед!

## Чашма кушода гаштан

эҳтиёт кардан, бо андешаву мулоҳиза рафтор кардан: Писарам, ба кори давлату халқ хиёнат накарда, чашмата кушода гардӣ, ҳаргиз ба поят хор намезанад!

## Чашма накандан

1. ба касе бисьёр нигоҳ кардан: Чашмата аз ин танноз наканда ин қадар нигоҳ мекунӣ? 2. интизор шудан, интизорӣ кашидан: Чашмама наканда, ҳамин қадар нигоҳ кардам, наомадед-а!

## Чашма об гирифтан

ба чизе муҳтоҷ шудан, зарурати онро доштан: Дар вақти чашматона об гирифтагӣ, кӣ қарз дод, акнун шумо ҳам одамгария аз даст надода, қарзаша диҳед.

## Чашма об додан

ба касе, чизе бисьёр нигоҳ кардан, аз он завқ бурдан: — Насиб кунад, боға бӯстон кардед-а? — Марҳамат, муддао тамошо карда, чашматона об диҳед, сабукрӯҳ шавед!

## Чашма пӯшида гузаштан

норасоиеро дида ҳарфе нагуфтан: Ҳар ду бача ки ҷанг карда истода будааст, чаро вая дида чашма пӯшида гузаштеду, ба ҳар дуяш танбеҳ надодед?

## Чашма хилбат кардан

кореро дар набудани касе ва дур аз назари ӯ пинҳонӣ ба ҷо овардан: Чашми таготона хилбат карда, китоба гирифта омадам-дия...

## Чашма хун зер кардан

1. дар ғазаб шудан, касеро ҷазо доданӣ шудан: Астағфируллоҳ гӯед, додош, минбаъд аз мактабаш намемонад. Ту дар мобайни падаро, чашмама хун зеркардагӣ, ҳозир адабаша медиҳам!; 2. дар чашми касе аломати сурхӣ, бадафъолӣ ва авбошӣ ҳувайдо будан: Бо ин одам наёмез, каси хуб нест. Чашмаша хун зер кардагӣ. Нигоҳ кун, аз чашмонаш гӯё хун мечакад...

## Чашма шира гирифтан

мағрур шудан ва ба дигарон дуруст назар накардан: Калон шуданаш ин ҷониб чашмаша шира гирифта, хатто яксол ин ҷониб ба хонаи хоҳараш ҳам рафтуо намекардагӣ шуда мондагӣ...

## Чашмба гарм намудан

каси шинос барин намудан, шинос будан: — Ба чашмам гарм менамоӣ, писарам, ман туя дар ким-куҷо дидагӣ барин... Дар рӯзи тӯи писаратон, амак. — Э, шуд-шуд, шинохтам.

### Чашмба нишон додан

касеро барои ба ҷазо сазовор кардан, таҳдид намудан: Рафта гӯ, бори дигар нӯшидагиаша бинам, чашмашба нишон медиҳам, аз ман гила накунад!

### Чашмба оби сиёҳ давидан

1. ба касалии чашм дучор шудан ва тамоман нобино гардидан:— Наима шунидед-мӣ? Чашмашба оби сиёҳ давида, одаму олама намедидагӣ шудааст, бечора.; **2.** киноя аз касеро аъмо пиндоштан: Чашматба оби сиёҳ давид-мӣ, ҳамин хата, хонда натавонистӣ!...

### Чашмба паридан

баъд аз шӯҳрату нашъунамо ба нокомӣ ва ноомади кор дучор шудан: Кораш, обрӯяш бисьёр нағз буду касал шуда хоб карда монд. Дидагӣ одам «эҳ!»—гуфта ҳасуд мебурд. Бечора, чашмба парид-дия...,

### Чашмба расидан

ба иҷрои коре эътимоду боварӣ доштан, тахмин кардан: Омадӣ, ука, хуш омадӣ. Чашмба расида буд, ки боду ҳавои он ҷо ба ту созиш намекунад, албатта боз меой.

### Чашмба хок задан

касеро фиреб додан: Чашмба хок зада, гови панҷсад сӯма арзиш доштагиаша ба ду саду панҷоҳ сӯм харидани аз рӯи инсоф не!

### Чашмба ҳеҷ чизе нанамудан

1. ақл хира шудан, ҳеҷ касро писанд накардан: Гӯр мастии ин шавад, ҳамая монда модараша азоб медиҳад-мӣ?— ҳозир масти ҷиндӣ. Аз куҷо донад, ки модараш-мӣ, каси дигар-мӣ. Ба чашмаш ҳеҷ чиз наменамоянд...;**2.** нохуш будан, хаста ва монда шудан: Ин қадар бисьёр гап назан худам аз кор монда шуда омадагӣ, ба чашмам ҳеҷ чиз наменамояд; **3.** бадқаҳру ғазабнок будан: Ба акот гап назан, писарам, намедо-

ням, барои чӣ бошад, ки аз кӯча бадқаҳр шуда омад, ба чашмаш ҳеч чиз наменамояд, боз ягон фалоката сар карда намонад?...

### Чашмба чо шудан

ба меҳру муҳаббати дигарон сазовор шудан: Фарзандатон, ки ҷавони кобилу гапдаро аст, ба чашми ҳамаи мо чо шудааст. Дар гапҳо-«дидадаро шавӣ, ба дида чо шавӣ» гуфтаанд.

### Чашмакӣ задан

ишора кардан, ба чизе бо чашм ишора намудан, чизеро тасдиқ намудан, ба тариқи рамз маънинеро фаҳмондан: Ман ҳам рафта истода будам, ҳамин ки чашмакӣ зада мондед, аз рафтан худдорӣ намудам...

### Чашмакӣ кардан

*ниг.* чашмакӣ задан: Як бор оҳиста чашмакӣ карда монед, худаш давида мебарояд.

### Чашмаки ману чашмаки ту карда шиштан

бо касе бефосила сӯҳбати бефоида карда нишастан ва машғули кори дигар нашудан: То ба кай дар назди занат чашмаки ман, чашмаки ту карда мешинӣ? Баромада кор кунӣ, намешавад-мӣ!...

### Чашмам об шуда резад

кӯр шавам (савгандест, ки барои қаноат додани касе ба забон меоранд): Чашмам об шуда резад, ки пулатона ман нагирифтаам!

### Чашмат сер шавад

аз чизе қонеъ шав, ба хоҳишу орзуят бирас: Мана, якто пальто бошад, гир, чашмат сер шавад!

### Чашмата кофта мепартоям

сахт ҷазо медиҳам (сухани таҳдид нисбат ба касе, ки гуноҳе содир намудааст). Як бори дигар ба занҳо ҷашмата вло карда нигоҳ кунӣ, чашмата кофта мепартоям!

### Чашмбандӣ кардан

1. ҳилаву найранг кардан, афсун намудан:— Ин фокусчит аҷоиб одам будааст. Ҳоло бинӣ хоби як каса мебаронад, дам бинӣ як каса мегирьёнад, бо диққат нигоҳ кунӣ, корда гирифта аз хекиртаки як каси дигар мегузаронад. Хайрон шуда мондам.— Ту намедонӣ, вай чашмбандӣ мекунад. 2. дурӯғгӯӣ (авомфиребӣ) кардан: Нақшаи ин моҳаат иҷро нашуд-мӣ, «барзиёд иҷро шуд!» гуфта чашмбандӣ накуну росташа гуфтан гир!;— Беҳуда ин кӯдаки бегуноҳи нотобатона ба бахшӣ-махшӣ набурда, ба духтурҳо нишон диҳед, хоҳарам, тамоми бахшиҳо чашмбандӣ карда аз одам чиз ситонда гирам мегӯянд!...

### Чашмгуруснагӣ кардан

харисӣ кардан: «Ҳаман ҷои № 95-и амакат овардагия худам мегирам»— гуфта ин қадар чашмгуруснагӣ мекунӣ.

### Чашм-чашми гурба барин

хушьёр, айёр, фиребгар: Аз Сангин хушьёр бош, чашмаш-чашми гурба барин, мавкеаша ёфта, мабодо туя фиреб дода намонад!

### Чашмпӯшӣ кардан

кореро дида, дониста худро ба нофаҳмӣ задан: Колхозамон плани сабзавотфурӯшия иҷро накардааст, ки инро худатон нағз медонед. Ҳамин ки дар маҷлис баромада «иҷро намудем»— гуфтанд, барои чӣ шумо чашмпӯшӣ кардеду гапи роста баромада нагуфтед?

## Чашмтанг будан

хасис, мумсик будан: Дигар ба меҳмонии ҳамсоятон намеравам. Бисьёр одами чашмтанг будааст, меҳмонҳоя танҳо бо ду коса мастоба гусел карду халос.

## Чашмтангӣ кардан

хасисӣ, мумсикӣ кардан: «Ба як пуд биринҷ ду кило равған меандозам»,— мегӯед-мӣ? Ин қадар чашмтангӣ кардан чӣ даркор? Қамаш панҷ кило равған андозед, баъд як навъ ош мешавад!

## Чағораба кӯр як бор меафтад

кас як маротиба хато мекунад: «Ман дар хона менишинам, равед» гуфтед, рафтам, набудед. Имрӯз ҳам ҳамин тавр мегӯед. Акнун намеравам, чағораба кӯр як маротиба меафтад.

## Чечак баромадан

**1.** мамоннате расидан ба коре: Чӣ тавр, имсол аз участкатон ҳеҷ чиз рӯид-мӣ, охир? Аввалҳон корба дуруст буду якбора, сабил, қаросон зада монд, ангури дуруст гирифта натавонистем.— Оббо, чечак баромад гӯед-чӣ! **2.** хоҳиш ва рағбати харҷу харочот накардан (надоштан): Зарур бошад, худатон харед-дия, ман харида диҳам-мӣ, ба пулатон чечак баромадагӣ-мӣ!

## Чечак об гирифтан

**1.** варам кардани ҷароҳат: Э, ба ин чечаки бачатон гармӣ гузаронед. Аз сабаби хунук будани ҳаво чечакаш об гирифтааст... **2.** аз нав амал кардан, ё ҳаракати сукут карда:— Ин кори комиссияҳо аз нав сар шуд-мӣ?— А, нашунавидед-мӣ, ин кор аз дигар ҷудо ҳам калон кушода монд. Чечакашон аз дигар об гирифтааст-дия!

## Чи бенамба омадан

барои фаҳмидани аҳволи касе омадан, кунҷкобӣ кардан: Ҳозир, ки аз давлати совхозамон ба худамон тинч

шуда гирифтем, ия кампири айёр чӣ бенамба омад, фаҳмидед-мӣ!?

**Чӣ хел пой мондана надонистан**

ба шароит, вазъият ва талаб мувофиқ амал ва рафтор карданро надонистан: Бо шароити алҳол кор карда истодагӣ ҷоят ҳанӯз ту ошно нестӣ. Чӣ хел пой мондананата ҳам намедонӣ. Пеш меравам гӯй, аввал шароит кати хуб ошно шуда, баъд ба ҳамон нигоҳ карда кор кун, писарам!

**Чӣ чин зад**

чӣ бало шуд, наход, на ин кӣ?... Ба ту чӣ чин зад, ки бо ҳамон авбошсифат рафиқ шуда мегардӣ?

**Чигӣ-чигӣ карда гаштан**

барои иҷрои коре аз паси касе овораву сарсон шуда гаштан: Қарзи гирифтагиата те охир, ҳама рӯз аз паси ту чигӣ-чигӣ карда мегардам-мӣ!

**Чилбур андохтан**

ба касе қасди бад кардан: Доимо ба ман тӯҳмат карда чилбур андохтан гирифт, дар натиҷаи тафтиш мана ҳақ бароварданду ба чоҳи кандагиаш худаш афтид...

**Чилбура кандан**

алоқаро аз касе кандан:— Бенам, ҳамеша маст. Э, рав-е, гуфтаму чилбура кандам.— Бисьёр кори хуб кардед!

**Чиллаи саргинсӯз**

зимистони гарм, чиллае, ки барои сӯзишвории зиёд зарурат намемонад: Имсол чиллаи зимистон хеле гарм омад-мӣ, ако?— Аз забони бобоҳо «чиллаи саргинсӯз»-гуфта мешунидему надида будем. Бо мурури замон ҳамин хел чиллаи саргинсӯзи баҳорсифат ҳам мешудааст-дия!

**Чиллашба чароғ надидагӣ**

чашмгуруспа, мумсик, хасис: Э, вая мон, беҳуда ба харифона шарик намешавад. Чиллашба чароғ надидагию пул дода харифона мехӯрад-мӣ?!

**Чирки бадан рехтан**

1. баъди гуруснагии шадид бо иштиҳои тамом хӯрдан: — Дилам гурусна буд, равам як оши панчашор карда будааст. Ба иштиҳо хӯрдам-дия, уко.— Чирки бадана рехтам гӯед-чӣ! 2. бо шустушӯ пайкарро тоза ва пок кардан: Баданам чиркин шуда будааст. Ба гармоба рафта чирки бадана резонда топ-тоза шуда омадам-дия...

**Чирки дандон ҳам намондан**

нодор ва қашшоқ шудан, бе ҳеч чиз мондан: Қарз гирифтед, аз касон молу анчом гирифта, «тӯи хӯчам бинад» кардед-у, имрӯз ба худатон чирки дандон ҳам намондааст, ки барои фарзандонатон дафтару қалам харида додан ҳам «пулам нест» мегӯед.

**Чирка резондан**

ба воситаи коре, чизе, амале дар назди касе хичолатмандии худро рафъ намудан: Қадом рӯз як-ду даҳон гапи сахт зада дилаша ранчонда будам. Имрӯз узр гуфта чиркама резондаму чеҳраш кушода шуда ба ман ҳамгап шуд, вай додархондатон.

**Чистон кардан**

ба касе суханҳои кинояомез гуфтан:— Оҳҳо, имрӯзҳо поймонатон дигарча-мӣ?— Чистон карданат ба худат намезебад. Ба чӣ хел пой мондани ман корат набошад.

**Чити хитой барин чиррос занондан**

касеро ба зери таъзиқ ва шиканча гирифтан, таҳдид кардан (бештар ба таври ҳазлу шӯхӣ гуфта мешавад): «Дар шоҳмотбозӣ шумоя мот мекунам»— гуфта

бехуд [illegible]лоф назан. Касе, ки бо ман бозӣ кунад, чити хито[illegible]арин чиррос мезанонам...

### Чити иҳак* кардан

аз бозӣ касе ба коре, чизе ғалаба кардан ва ҳариф-ро мағлуб намудан (ба таври ҳазлу шӯхӣ гуфта ме-шавад): Бо ман ин қадар бозиат* нагирад, ки ман одам[illegible] чити иҳак карда мемонам.

### Чой кафшери гап

чой [illegible]атаи чақ-чақ ва хурсандӣ кардан аст: Боз яктои дига[illegible]ой фармоед, бародар, чой кафшери гап гуфта-анд, [illegible]рто суҳбат карда шинем!

### Чоя пуф карда нӯшидан

ҳар [illegible]корро эҳтиёткорона ба чо овардан: Давлат, ки ба т[illegible]варӣ карда як магазини калона дода мондааст, чоя[illegible]уф карда нӯшу эҳтиёт карда, ба хиёнат роҳ на-деҳ!

### Чоя тиллобаркаш карда рехтан

чойр[illegible]а пиёла кам-кам рехта додан: Чойя, расман, магз[illegible] барин карда дар пиёла пур-пур намерезанд, писа[illegible], чоя тиллобаркаш карда резед!

### Чор тарафба нигоҳ карда гап задан

шахс[illegible] будагиро ба назар гирифта, бо андеша су-хан [illegible]тан: Дар он чо амакаш шишта буду додарзо-даш[illegible]айбат мекунӣ-мӣ? Одам гуфтагӣ чор тарафба нигоҳ [illegible]арда гап мезанад!

### Чормағз ба сари касе омада шикастан

айбу[illegible]ноҳ ба сари касе бор шудан: Ба нӯшидани онҳо[illegible]н ҳамроҳ нашуда бошам. Нӯшидана вай май-

---

* [illegible]ак — бедоништ, бебако.
* [illegible]иат — ҳазлу шӯхӣ.

задан бало задагӣ сар карда, ба ҳамин кор гунаҳкор ист гуфта, чормағз ба сари мани бечора омада шикаст...

### Чорпо шудан

ниҳоят маст шудан: Ин бешарма бин, аз камоли бисьёр нӯшида маст шудан, чорпо шуда омад.

### Чорто дами беғам задан

каме чақ-чақ намуда, хурсандӣ кардан: Биёед, ако, чорто дами беғам зада, сӯҳбат кунем-е, кор мешаддия!..

### Чуқур рафтан

ноандешида, беҳаёёна ғап задан: Нисбат ба калонсолҳо то ин дараҷа ғапи бепарда гуфтан хуб нест. Бисьёр чуқур рафти, ҳама туя айб кард!..

### Чӯб шикастан

бо касе ноғапӣ, ҷангӣ шудан: Ин вақтҳо бо холабачатон ноғапӣ-мӣ? Аз рӯзе, ки модарам фавтидандӯ ақалла ба фотеҳахонӣ наомад, ман вай кати чӯб шикастагӣ.

### Чӯбу устухон шудан

хароб ва лоғар шудан: Имрӯз укаатона дида бисьёр дилам сухт. Ранҷи бисьёр кашида, чӯбу устухон шуда мондааст-а, бечора!

## Ш

### Шаб вазнин будан

шабҳои ноором, ғаму яъсангез ва пуралам будан: Дар он вақтҳое, ки босмачиён шабу рӯз халқа ғорат мекарданд, аз камоли биму ҳарос ба чашмони пиру барно хоб намеомад. Шабҳои вазнин буд...

## Шаби дароз ситора шумурда баромадан

1. нахуфтан ва ранҷ кашидан: Ҳамин шаби дароз дандонаш дард карда, ситора шумурда баромад;
2. хотирпарешон будан, ба коре, чизе ноором шудан: Имшаб куҷо будӣ? Аз камоли хотирпарешонӣ мижа таҳ накарда, шаби дароз ситора шумурда баромадам.

## Шаба пазондан

то бевақтӣ, то бемаҳаллии шаб нишастан: То саҳар нахуфт, шаба пазонда баъд хоб кард...

## Шабзиндадорӣ кардан

шабона хоб накардан ва машғули коре шудан: Шоир-дия, шабзиндадорӣ карда, тамоми шаб шеър навишт...

## Шабу рӯз хоб набурдан

дардманд будан ва ранҷи беморӣ кашида хоб карда натавонистан: Бечора ба дарде гирифтор шуда аст, ки шабу рӯз хобаш намебарад...

## Шабуш аз ғам, кайк аз нам

аз камоли бисьёр ғам кашидан ва ба тозагии хеш риоя накардан узвҳоро шабуш ва аз намии мулку ҷои истиқоматӣ бештар кайк пайдо шудан:— Бибӣ, ба вафоти фарзандатон бисьёр ғамгин ва аламнок шуда се моҳ мешавад, ки ба тозагии худатон эътибор надода меоед. Имрӯз бинам ба куртаву эзоратон шабуш пайдо шуда-аст,— Медонам, бачем, шабуш аз ғам, кайк аз нам,— гуфтаанд, аммо чӣ илоҷ?

## Шабуша резондан

чизеро бисьёр хӯрдан ва мустағнӣ шудан: Дар замонҳои қадим ки бечораҳои нодорам солу моҳе базӯр як маротиба рӯи оша медиданд, ногоҳ ба тӯе рафта аз ош шикамашона сер кунанд, дороён ба онҳо бо наза-

ри тамасхур нигоҳ карда: «Э, «бале»-е, аз ош мудоо сер шуда, шабушатона резонед!»— мегуфтанду байни худ механдиданд.

**Шавад обӣ, нашавад лалмӣ**

таваккал: Як маротиба «Девони Ҳофиз»-аша илтимос мекунам, хоҳ диҳад, хоҳ не. Шавад обӣ, нашавад лалмӣ,

**Шакарак доштан**

хислат ва фазилати нек доштан ва сазовори меҳру муҳаббат, навозиш ва дӯстдории дигарон шудан: Ба хаёлам, рафиқ муаллим, шумо шакарак доред-дия, ки пиру барно шумоя дуст медоранд ва мехоҳанд дар сӯхбати шумо бошанд...

**Шалақ будан**

бадафъолу бадкирдор будан ва нисбат ба худ танаффури дигаронро барангезондан: Майхуру майзада гӯи ҳам, ҳамин, бадлафзу бадафъол гӯй ҳам ҳамин. Бисьёр каси шалақ будааст, ҳама аз ӯ ҳазар дорад!

**Шалҳа шудан**

монда, кӯфта, бемадор шудан: Уфф... Аз Шаҳристон пиёда омада, басьёр шалҳа шудам-дия.

**Шамол додан**

чизи ниҳониро маълум ва ошкор намудан: Ин қадар пули чамъкардаата аз мо пинҳон надору ҳар замон шамол дода ист!

**Шамол расидагӣ**

кинояи аз мачнунсифат шудан: Ин қадар бемаънӣ-бемаънӣ гап назан, ё шамолаш расидагӣ-мӣ?

**Шамол хӯрдан**

аз таъсири боди ногуворе нотоб шудан:— Чаро ин қадар сулфида истодай?— Камтар шамол хӯрдам-мӣ, бегоҳ ин ҷониб саломатнам чандон хуб нест.

**Шамол хӯрда омадан**

ба ҳавои тоза баромадан ва сайру саёҳат кардан:— Куҷо рафта истодай? Аз бисьёр дарс тайёр кардан хеле зиқ ва хаста шудам.— Камтар шамол хӯрда биёям!

**Шамоли сахта раво надидан**

касеро дӯст доштан ва ранҷу озори ӯро нахостан: Амакаш шахси олим, фозилу донои дӯстнавоз. Ин ҷавонмард ҳам вая бисьёр дӯст медорад ва ҳурмат карда, ҳатто шамоли сахта раво намедорад.

**Шамолаш расад, бас**

андаке расад кифоя: Аз ин ангури ширини овардагиатон ба камина ҳам шамолаш расад, бас.

**Шариат-ҳозирбин**

ҳар як чиз, кор, амалро дида, баъд дар бораи ӯ фикр рондан, ба хулоса омадан:— Ман боварӣ надорам, ки вай май нӯшад. Шариат-ҳозирбин. То ба чашми худ набинам, ба ин гапҳо бовар намекунам.

**Шарики дӯзахт шудан**

1. бо каси бадхӯю бадафъол ҳамсоя шудан:— Беҳуда бо Ҷобир ҳамсоя шудаам. Он қадар бадгапу ҷоҳил будааст, ки аз забонаш танҳо алфози бад мебарояд... **Шарики дӯзахт шуда будӣ дия!...**; **2.** бо зани бадгапу бадфеъл ҳамсар шудан: Ноҷӯя бо ҳамин зан хонадор шуда будаам. Бадгап, моҷарой, бемеҳру бадкин. Гӯё шарики дӯзахт шуда бошам...

**Шарм паридан**

шарм намедоштагӣ шудан: Чанде пеш шумоя дида шарм медошт. Акнун, ки унс гирифт, шармаш ҳам парид.

**Шармшикан шудан**

одат кардан, унс гирифтан; аз касе ё касон чандон шарм намедоштагӣ шудан: Арӯс аввалҳо бисьёр шарм

медошт. Не, алҳол бо ҳама хандаву бозӣ карда, то андозае шармшикан шудааст...

### Шафтолуи бепӯст барин шудан

ришу мӯи сарро гиронда, топ-тоза шудан: Ба шарафи вуруди иди наврӯз ришу мӯйҳои саратона гиронда, шафтолуи бепӯст барин шуда мондед-а!

### Шаҳин монда шиштан

барои фаҳмидани ягон фикру мақсад, ба гапу коре зеҳн монда, мазмун ва мафҳуми онро мушоҳида намудан:— Ин кас чаро гап назада, ин қадар ором нишастаанд?— Магар намедонед? Ин кас шаҳин монда шиштаанд, ки мо чӣ мегӯему чӣ мешунавем...

### Шаҳр кӯчидан

дар бораи ин ё он чизе овозаву ғулғула паҳн шудан: Э, саломат будӣ-ку! «Фалонӣ аз мошин афтида, устухонҳои пояш реза-реза шуда аст...»,— гуфта, шаҳр кӯчида истодааст. Ин овозаа шунида, қариб ҷон аз қолабам баромада буд.

### Шаҳр нотинҷ будан

ноором будани шаҳр: Ҳамин ки сел меомад, шаҳр нотинҷ мешуд. Аз он соле, ки обанбор бунёд гардида, пеши хавфи селҳо гирифта шуд, аз байни мардум бииму ҳарос ҳам тамоман бардошта шуд.

### Шаҳр-пешкаш

марҳабо, хайра мақдам (ифодаи пазироии меҳмон ва ё дӯст): Эҳа, рафиқ Амонов, омадаанд? Марҳамат, марҳамат, шаҳрамон пешкаш!

### Шаҳр тинҷ

осуда, ором ва саломат будани одамон:— Шумо аз Уротеппа кай омадед? Ду рӯз шуд.— Шаҳрамон тинҷмӣ?— Шаҳр тинҷӣ, ҳаргиз хавотир нашавед!

## Шаҳр шишта хеста истодааст

онд ба ягон воқеа ё ҳодиса паҳн гардидани овозаву ғулғула ва ҳар хел гапу калоча: Э, бародар, саломат будед-ку? «Мошинаи фалонӣ чаппа гашта, чанд кас зериашба мондааст»,— гуфта шаҳр шишта хеста истодааст.

## Шери оранда

ҳотамтабиат, сарроф ва дар рӯзгору зиндагӣ боҳиммат: Шукр, рӯзгорам тинч. Аз хӯрдану пӯшидан эътирозе надорам. Дадош шери оранда, дар хонаамон ҳама чиз муҳайёст.

## Шердил шудан

ба кардани коре ҷуръат пайдо кардан: Аз сабаби он ки шумо барин як паҳлавони номдор дар паҳлӯям нишастаед, ман ҳам нотарсона шердил шуда ба майдони гӯштингирӣ даромадам-дия!

## Шикам мондан

фарбеҳ ва шикамкалон шудан: Раис шудан ин ҷониб шикам монда аст-мӣ?!

## Шикама ба замин молидан

**1.** аз гапу коре ба завқ омада бисьёр хандидан: Мавлон Қодириҳо аҷоиб одами шӯхтабиат будаанд. Ҳамин, ки гап зада механдониданд, аз камоли завқ кардан шикама ба замин мемолидию халос;**2.** гирифтори дарду ранҷи сахти шикам шудан: Бечора укаам шаб то саҳар хоб накарда азоб кашид. Намедонам, чӣ чизи нофорам хӯрда аст, ки сахт дард кашида, шикамаша ба замин молида баромад...

## Шикамсери чашмгурусна

бо вуҷуди соҳиби давлату дорой боз ҳарис будан: Худ соҳиби давлати калон бошад ҳам, моли ятимака аз они худ карда аст, беору номуси шикамсери чашмгурусна!

**Шикамҳо пур шуд, ғамҳо дур шуд**

пас аз гуруснагиҳои бардавом аз хӯрок сер шудан ва рафъ шудани ғами гуруснагӣ: Аз пагоҳӣ то бегоҳ машғули каландани ток шуда, хеле гурусна монда будам. Ошатона баиштиҳо хӯрда мустағнӣ шудам, чуноне ки мегӯянд, шикамҳо пур шуд, ғамҳо дур шуд.

**Шикасти нафс кардан**

худро ба дараҷаи хоксорӣ гирифтан: Ба ҷавоб додани ҳамаи саволҳоят қодир буду шикасти нафс карда, худаша хомӯш нигоҳ дошт-дия!

**Шинанда оядаю мепурсад**

меҳмонро рафта ҳолпурсӣ кардани мизбон: Камолҷон аз Душанбе омадааст, рафта вохӯрдӣ кунӣ намешавад-мӣ? Расмаш, шинанда оядая мепурсад.

**Шикаста мағзаша нишон додан**

мақсад ва мафҳуми чизе, гапу кореро равшантар,-фаҳмотар карда фаҳмондан: Бегоҳ падарат рамзу ишора кати фаҳмонданд, ки дар назди меҳмонҳо бисьёр гап назан. Боз ҳам бидир-бидир гап задан гирифтӣ. Мафҳуми рамзу ишорая надонӣ, шикаста мақсадашона нишон диҳанд буд-мӣ!

**Шикастадил шудан**

маъюс ва ғамнок шудан: Ба ин бача гапи сахт задан ва ранҷондан ҷоиз нест. Модараш фавтидан ин ҷониб шикастадил шуда мондагӣ...

**Шикастаҳол будан**

камбағал, бебизоат қашшоқ будан: Дар гузашта мардум шикастаҳол буд. Шукр, алҳол серию пурӣ...

**Шипонда мондан**

ба касе танбеҳи (ҷазои) сахт додан: Ин фарзанди шумо. Ҳар замон дурустакак шипонда монед, ки аз дарсҳояш прогул накунад.;

— Амак, писаратон ҳама рӯз аз дарсҳо қафо монда меоянд, сахл шипонда монед намешавад-мӣ?

### Шир барин дамидан

асабӣ, бадқаҳр ва оташин шудан: Ин қадар шир барин дамидан чӣ ҳоҷат? Китобатона ҳеҷ кас нагирифтааст, ёфт мешавад, ука!

### Шири модар аз даҳон омадан

сахт ранҷ кашидан, тоқатфарсоёна меҳнат кардан: То он даме, ки ин тоқҳоя сабзондам, шири модарам аз даҳонам омаду ту дар байни он гӯсфандҳоята сар дода мондӣ, магар айб нест?!

### Шира ба осмон ҷӯшидани модар

норозигӣ баён намудани модар аз фарзанд: Дигар бор мастиата бинам, писарам, ман аз ту ҳаргиз розӣ намешавам, ширама ба осмон меҷӯшаму ба рӯят ҳам нигоҳ намекунам! .

### Ширабаланд шудан

соҳиби сарват ва молу давлат шудан, назарбаланд ва мағрур шудан:— Ин вақтҳо амакатон хеле ҳавобаланд шудаанд-мӣ?— Дуруст мегӯед, директор шудан ин ҷониб, намедонам, даромадашон бисьёр шудааст-мӣ, шираашон баланд шуда, каса назару писанд намекардагӣ шудаанд.

### Ширадор будан

**1.** гуфтори касе пурмазмун, дуруст ва бомаънӣ будан: Хаёлам ин муаллим гап зананду ман шунавам. Ҳар як гапу ҳарфашон ширадор будааст, кас ҳаловат мебарад.; **2.** доро, сарватманд будан: Амакатон сердаромади ширадор будагӣ-дия, ҳамеша ба хонаи он кас мераведу моро писанд намекунед.

### Ширба сафедӣ омехтагӣ барин шудан

ором шудан, хомӯш гардидан: Бадқаҳру ғазаб шуда буд. Шумо, ки чор даҳан насиҳат кардед, аз ҷаҳл фаромада ширба сафедӣ омехтагӣ барин шуда монд.

## Ширбиринчба магас афтидан

дар сӯҳбати хуши ёрон ногоҳ ҳамроҳ шудани шахси дигар:— Бегоҳ сӯҳбатамон хеле пурҳаловат давом карда истода буду аз кучо вай майзадаи бемаъни омада, бониси қатъ гардидани сӯҳбат шуд. Ширбиринчба магас афтиданаша кӣ медонисту кӣ мехост?

## Ширинакбоз будан

беҳтарин неъмати моддиро санчида ва интихоб намуда, истеъмол кардан: Мардумони шаҳри мо ширинакбоз буданд-дия, таббохи кадом ошхона ошпази бомаҳорат бошад, ҳама ҳамонҷо меравананд.

## Ширинӣ кардан

**1.** гуворо будани чизе ва аз он дил канда натавонистан; Ҳаёт ба ҳар кас ширинӣ мекунад ва кас намехоҳад, ки аз олам чашм пӯшад;
**2.** меҳр бастан ба молу дороии дунё: Пул ширинӣ карду машғули дуздӣ шуд. Оқубат ба даст афтода панч сол гирифт. Гӯр нафси бад шавад!

## Шифту замин будан

бараҳна будани чое, бепалосу гилем, бе ҳеч чизе будани хона, ҳеч чиз надоштан: Зани бечорааш бесабаб ин қадар аз шавҳараш норозигӣ баён намекардааст. Рафта бинам, хонааш шифту замин будааст. Ҳама чиза фурӯхта ноинсофи майзада ба арақ задааст.

## Шихак додан

касеро ба муқобили каси дигар барангезондан: Ту зани ман бошӣ, гапҳои баъзе одамҳоба надаро! Ҳар замон зеҳн монда истам, ҳамон бахшии расво ба пешат омада меравад у ҳар хел гапҳо гуфта туя шихак медиҳад.

## Шишта хестан

ноором ва хотирпарешон будан, бесабру тоқат шудан: Чаро имшаб бемаҳал омадӣ,— бисёр хавотир шуда, шишта хестан гирифтаму ду чашмам ба роҳи ту шуд...

### Шолипоя шудан

бисьёр обу чой нӯшидан: Э, ин қадар ба ман чой дароз мекунӣ? Аз бисьёр чой нӯшидан шолипоя шудамку!

### Шона шудан

миёнрав шудан дар байни ду нафар, муросо додани ду кас: Ҳар дуяшон мунокиша карда, наздик даст ба гиребон шуда буданд. Дар мобайн шона шуда ҳар дуяшона ба муросо овардам-дия...

### Шоху ношох кати гаштан

ҳамроҳ нашудан, наёмехтан бо касони бадафъол, аз онҳо дурӣ кардан: Писарам, «одам мешавам, обрӯ мегирам»-гӯй, шоху ношох кати нагард, аз чунин касон худата дур гир!

### Шохча партофтан

киноя кардан, пачинг парронидан: Ҳамин ки худаша таъриф кардан гирифт, қаҳрам омада «Рост, шумо Афлотуни замон»— гуфта, шохча партофта мондамдия!»

### Шӯр хестан

ғавғо, ҳархаша ва моғал бархостан: Зану шавҳар ҷуфти бовафои умр нашуда, номуросой кардан гиранд, оқубат дар ин хонадон шӯр хеста, натиҷаҳои бад бахшиданаш мумкин. Ҳамин тавр не!

### Шумдаҳан будан

гапҳои нохуш, сухан ва хабари ногувор гуфтан, шумдаҳан будан: «Даҳанам ҳаст»,— гуфта дар назди бузургон гапҳои аз одоб беруна гуфтан мегирӣ-мӣ? Бисьёр ҷавони шумдаҳан будӣ!

### Шумӣ доштан

шайтон, айёр, маккор будан: Вай ҳар чӣ гӯяд, бовар накун. Шумӣ дорад ва меҳоҳад туя ба доми фиребаш афтонда, ягон ҳодисая сар кунад...

### Шутура ба мазор чӣ кор

ба коре, ки дахл надорад, набояд мудохила кард: Шумоён аз мошини гап мезанетон. Ман бошам муаллим, ба гапҳои шумо, сӯҳбати шумо ҳамроҳ шудани ман чӣ лозимият дорад? Шутура ба мазор чӣ кор,— гуфтаанд, рост.

### Шутурба савор шуда дура андеша кардан

пеш аз ба коре оғоз намудан, натиҷа ва оқибати онро андешидан: Агар ба хондан рафтанӣ бошӣ, аввал ҳарҷониба тайёрӣ бин. Ба шутур савор шуда, дура андеша намо,— гуфтаанд.

### Шутури бадгир барин

бадкина, бадқаҳру бадҷаҳл: Бо вай муомилаи дурушт накун, ки вай шутури бадгир барин!

### Шутури маст барин

**1.** бадаъмол, дурушт муомила: Аз ин хел одами шарманда гурез, ҳазар кун, нигар ҷунон нӯшида худа ба чор тараф бардору зан карда истодааст, ки шутури маст барин; **2.** мағрур, ҳавобаланд: Чанде пеш нарммуомилаи некгуфтор буд. Тавба, соҳиби амал шудаиаш ин ҷониб ҳеҷ каса писанд накарда, шутури маст барин мегардад-е!

### Шӯразамин барин

беамалу бесамар, шахсе, ки дорои хусусиятҳои мусбат намебошад: Бо ин одами танбалу коргурез рафиқӣ накун. Шахсе, ки меҳнатдуст не, шӯразамин барин гап.

### Шӯратон будааст

бечора (изҳори таассуф): Дар шоҳмот бозия бохтед, калимаи «ғаввос»-а нодуруст шарҳ дихед, мафҳуми як байти Бедила нафаҳмидед, шӯратон будааст-дия!...

## Э

### Эгов кардан

азоб додан, таназзум кунонидан: Чор баччая калон кардаму бивичон, ин барин азоб кашидагим не. Ин мана ҳамту эгов кард.

### Элак баҳонаву дидор ғанимат

бо баҳонаи чизе ба мақсаде ноил гардидан: — Э, марҳамат биёед, бародар, шояд барои «Девон» омада бошед? — Бале, танҳо барои китоб не, элак баҳонаву дидор ғанимат, чорто сӯҳбат кунем гуфта омадам.

### Элакӣ-элакӣ кардан

чизеро реза-реза кардан: Ин навота чаро ин қадар элакӣ-элакӣ кардӣ?

### Эрка-балои ҷон

одами (бачаи) эрка боиси ташвишу азоби дигарон аст: — Аз кӯдакиаш, ки эрка калон кардед, акнун шумоя писанд намекардагӣ шуда аст. — Рост мегӯед, эрка-балои ҷонг.

### Эрсак-терсакбозӣ кардан

ҳазлу шӯхӣ кардан: Рӯз то бегоҳ кор накарда, сабил мондагӣ чашмата қиссаи одамҳоба дӯхта мешинӣ-мӣ? — Хез, вақти эрсак-терсакбозӣ кардан не. Аз назарам гум шав!

### Эътиқод бастан

ба касе ихлос кардан, сазовори боварӣ ва эътимод будан: Бо ин хел майзадаҳо ҳамнишин машав, ки ба дег наздик шавӣ, ягон ҷоят сиёҳ мешавад-гуфта будед, гапатон рост будааст. Ҳамин рӯз дар ҳолати мастӣ омада мана бисьёр хафа кард. Шумо одами таҷрибаи рӯзгордида будаед. Рости гап, ба Шумо эътиқод бастам!

### Эътиқод суст шудан

аз боварӣ баромадан, кам шудани меҳру муҳаббати дил: Меоям гуфта мана интизор кардеду наомадед. Аз шумо ҳам эътиқодам суст шуд.

### Эҳтиёт кардан

1. ҳушьёр шудан: Зери пой яхчабандӣ эҳтиёт кунед, ки поятон лағжида наафтед.
2. касе, чизеро ҳушьёрона нигоҳ доштан: Ҳамин китоба амонат ба шумо медиҳам, эҳтиёт кунед, ки гум нашавад.

### Эҳтиёт-кори шарт

ба ҳар кор ҳушьёр шудан, ҳушьёрона рафтор намудан лозим аст: Ҳаво имрӯз бисьёр сард. Телпаката пӯшида рав, писарам эҳтиёт-кори шарт!

### Эҳтиёт-ними ҳаёт

ҳамеша бояд эҳтиёт кард, зеро эҳтиёт таъмингари ҳаёти одамист: Мошиная оҳистатар ронед, писарам, боз фалокате рӯй надиҳад. Эҳтиёт-нимӣ ҳаёт гуфтаанд.

## Я

### Ягон гап будан

ягон сир, воқеа будан: Дар он ҷо чаро мардум бисьёр ҷамъ шуда истодааст? Ба фикрам, ягон гап будагӣ бараш.

### Ягон ҷоят кам мешавад-мӣ?

зараре мебинӣ?: Ба укаат кӯмак расонӣ, ягон ҷоят кам мешавад-мӣ?

### Як болиштба сар мондан

ҷуфти умр, ҳамсар, зану шавҳар будан: Мардак, зиёда аз чил сол аст, ки як болиштба сар монда меоем-у, таги дилама ба шумо нагуфта ба кӣ гӯям?

### Як бурида нон — роҳати ҷон

бо он чи ҳаст қаноат бояд кард ва ғами дигаронро набояд хӯрд: Дар хонаамон, ки имрӯз нон ҳаст, ҳаргиз ғам надорам. Як бурида нон роҳати ҷон гуфтаанд.

### Як ваҷаб гӯшт гирифтан

шод ва масрур шудан: Бовар кун, фарзанди азизам, ба шарафи он ки хизмати Ватана бошарафона иҷро намуда омадӣ, аз камоли хурсандӣ як ваҷаб гӯшт гирифтам.

### Як гап кӯтоҳу олам гулистон

барои хотима додани мунокиша бояд гузашт кард: Шумо калон, ин хурд. Ба гапҳои ношоями ин шумо низ гапи ношоям нагӯеду худатона даст гиред. Як гап кӯтоҳу олам гулистон,— гуфтаанд

### Як гап шудан

илоҷе ёфт шудан: Ин қадар ғамгин нашуда, дуруст тайёрӣ бин. Имтиҳон сар шавад, як гап мешавад...

### Як дарда ҳазор дард кардан

дарду алам ва ғаму андӯҳи касеро афзун намудан: Аз бекор гаштанаш ғамгин будам. Боз нӯшида омаданаш як дардамро ҳазор дард кард-дия...

### Як даст аз гӯр берун

норозӣ: Ман пир шуда, офтоби сари кӯҳ барин шуда мондаам. Укаат ҳанӯз хурдсол, аз падарат ятим монд. Агар умр ба охир расида, аз дунъё чашм пӯшида монам, ҷони модар, укаата навозиш ва парасторӣ намо. Дар акси ҳол, як дастам аз гӯр берун, фаҳмидӣ?..

### Як дасту пой ба касе худой

ҳамеша омодан хизмати касе: Шумо «фарзанд надорам» — гуфта ғамгин нашавед. Дар дами пиратон ман фарзандатон ба хизмати шумо ҳамеша омодаву тайёрам. Барои шумо як дасту поям худой!

**Як дахон гуфтан**

касеро хабар додан, ба касе чизеро гӯшрас кардан: Вай аз ман норозист. Мумкин ба тӯй наояд, бо вуҷуди он як дахон гӯй, хоҳ ояд хоҳ не.

**Як дегба ду калла напухтан**

бо ҳам муросо ва созиш накардан: Дар як дег ду калла намепазад гуфтаанд. Ду зан, ки дорад, хонаааш албатта, ҳамеша шӯру ғавғо мешавад-дия!

**Як дил кардан**

ба коре, чизе раъй кардан: Як дил кардам, ки равам боз поям накашид.

**Як задани оҳангару сад задани сӯзангар**

кореро бояд мутахассис ва одами медонистагӣ иҷро кунад.: Шумо ин кундая бо теша зада-зада, бо мушкилиҳо ду-се параха паррондед. Шокир бошад як задани оҳангару сад задани сӯзангар — гуфтагӣ барин бо табар дуто зада пора-пора карда монд.

**Як кардагӣ ҷой будан**

ба ивази некие, ки ба касе карда шудааст, некӣ дидан: Аз ҳамон фалокати рӯй дода саломат мондед, ки хушбахтии шумост. Як кардагӣ ҷоятон будааст...

**Як китоб гап гуфтан**

сухани қимат, пурмазмун ва дурусту бамаъниӣ гуфтан: — Меҳнату роҳат — гуфтаанд. Меҳнат кард, қаҳрамон шуд! — Як китоб гап гуфтед!

**Як лаб дар машҳаду як лаб дар ашад.**

дар ҳолати ҳақирона дар намуди хандаовар: Марг ба майнӯшии ту! Бегоҳ чунон маст будӣ, ки як лаб дар машҳаду як лаб дар ашад, ҳама аз ту ҳазар мекард.

### Як мавиза чил қаландар хӯрдааст

ҳар чиро бояд бо ҳам дид: — Қанӣ ошба марҳамат! — Шумо аз кор гушна омадед. Худатон хӯрдан гиред, ука. — Ҳеҷ гап нест, як мавиза чил қаландар хӯрда аст — гуфтаанд. Марҳамат, ҳамроҳ мехӯрем.

### Як мискол шудан

ташвишеро аз худ дур кардан ва осудаву ором шудан: — Тӯйя сиҳат-саломат гузаронда хотирҷамъ шудед? — Бале! Шукр, як мискол шудед уко!

### Як мушт зада як бурда нон додан

касеро ба азобу шиканҷа гирифтан, зулм кардан: Алҳол чи модари таваллуд намудаи худ ва чи модари ӯгаи фарзандона бо меҳру муҳаббат нигоҳубин ва парасторӣ мекунанд, зеро онҳо бошуур шудаанд. Дар ёд дорам, ки пеш вақтҳо аксар модарҳои угай нисбат ба фарзандони ятиммонда рафтор ва муомилаи бераҳмона содир менамуданд ва як мушт зада баъд як бурда нон медоданд.

### Як навъ кушода шудан

1. пас малулӣ, зиқии табиат бо баҳонае ё сабабе андаке хурсанд шудан: То алҳол бо захми гирифтагӣ зиқнамо менишастӣ. Пас аз омадани модарат як навъ кушода шуда, ба лабонат табассум ҳувайдо гардид-а!
2. пас аз пароканда шудани абрҳои ғафси тираруй софу беғубор шудани осмон: Пагоҳирӯзӣ ҳаво ниҳоят гирифтагӣ буд. Алҳол як навъ кушода шуд.

### Як найча ҳам об аз гулӯяш намегузарад

1. ниҳоят зиқ ғамгин будан: Баъд аз он ки ҳамон хабари нохуша шунид, хеле зиқ шуд, алҳол як найча об ҳам аз гулӯяш намегузарад.
2. бемори сахт: Бегоҳ рафта будам, аҳволаш вазнин, ба ҳисобе одама намешиносад. Ҳатто як найча об ҳам аз гулӯяш намегузарад.

## Як пои гӯсола

ҳамкорӣ кардан ба чизе: Ҳамин замина гирифта кор мекардагӣ бошетон, ман ҳам як пои гӯсола.

## Як порча оташ

нотарс, боғайрат ва шуҷоатнок: — Ба ин раисатон ман қоил! Барои ҳалли ҳар як масъала ҳама рӯз саҳарии барвақт ба сари кор меравад-а! — Рост мегӯй, ин худаш як порча оташ!

## Як пул таги сад ман хок

барои ба даст овардани як миқдор пул бояд сахт меҳнат кард, қадри пулеро, ки бо ранҷу машаққати зиёд ба даст меояд, донист: Маблаге, ки бо меҳнат ба даст овардаӣ, ба қадраш расида, вая беҳуда сарф нанамой. Як пул таги сад ман хок — гуфтаанд.

## Як сангу тарозу боло ҳисоб кардан

нисбат ба каси дигар афзалӣ доштан: Дар замонҳ пеш табақаҳои болоёна баланд ҳисобида, нисбат ба камбағалҳо ваёна як сангу тарозу боло ҳисоб мекарданд. Аз сари ҳукуматамон гардам, имрӯз ҳамаамон баробарҳуқуқем!..

## Як сари кадам

барои чанд лаҳза, барои фурсати андаке: Як сари қадам даромада вайя дида биё, писарам!

## Як сару гардан боло истодан

аз касе бартарӣ ва афзалият доштан: Рости гап, дар ҳама масъала Аҳмад аз Сангин як сару гардан боло меистад.

### Як тан

шарик, хамроҳ ба коре, чизе:Шумоён ба саёҳати Москва рафтанӣ бошетон, ман ҳам як тан!

### Як хурма чурғота рехтан

умумигӯӣ кардан, суханҳои нодуруст гуфтан, гапро кӯтоҳ кардан: Чандон лектори пурдону ботаҷриба набудааст. Ба якчандто савол ҷавоб дода натавониста як хурма ҷурғота рехта монд!..

### Як чаккан даҳон

одами баобрӯй, доно, боақл ва соҳибмаслиҳат: Ба кори муаллимӣ дар ҳамон деҳа хизмат мекардагӣ бошӣ, ҳамеша бо маслиҳати Зарифӣ кор кун. Вай ҳам дар ҳамон деҳа як чаккан даҳон.

### Як шингил ҳаво додан

ба касе кинoя кардан, луқма партофтан: Вай ки худашро таъриф кардан гирифт, ман ҳам: «Бале аз шумо донотар касе нест! — гуфта як шингил ҳаво дода мондамдия!

### Як қад паридан

тарсидан: Э дар торикии шаб овозата барори намешавад-мӣ? Сиёҳия дида як қад паридам.

### Як қадам

наздик: Хонаи аз тарафи давлат ба ин кас дода шуда, ба ман бисьёр маъқул шуд, ҷои хуби барҳавову тамошоҷой. Байни хонаашону гулбоғи шаҳрӣ як қадам...

### Як ҷони танҳо мондан

яккаву танҳо мондан, бекас мондан: — Ба аҳволи Шокирҷони ҳамсояатон дилам месӯзад. Падару модараш вафот карданд пулу чизаша ба маросими дафни онҳо сарф кард. — Рост мегӯед як ҷони танҳо мондагию халос.

### Якат ҳазор шавад

барака ёбӣ, сиҳатманд бошӣ, сарватманд шавӣ (изҳори орзу ва дуои нек): Падар, ба ҳурмати риши сафедатон, ин гови зотия ба панҷоҳ сӯм камаш ба шумо додам, дуо кунед.— Хайр, якат хазор шавад, писарам, барои эҳтиромат раҳмат!

### Якдила шудан

муттафиқ, муттаҳид шудан: Номуросогӣ хуб нест. Якдила шавед, ҳама кор пеш меравад!

### Яке абрӯ дигаре чашм

ҳарду ҳам дӯстони наздиканд, дӯстоне, ки барои касе азизу гиромианд: Маро ёрое нест, ки дили он хар дуро ранҷонам. Охир яке абрӯ дигаре чашмам!

### Якеро бахт дигареро санги сахт

яке обрӯю мартаба дораду дигаре аз ҳама чиз маҳрум аст:— Дидед, тақозои ҳаёт чи тавр аст? Ӯ аз падар хафтсола ятим монда хонд, ҳаракат намуд, меҳнат кард, оқибат номзади фан шуд. Акаш бошад, танбалӣ кард, бепарво шуд, обрӯю мартабаеро соҳиб нагардид, меҳнат кунӣ, меёфтӣ.— Бесабаб нагуфтаанд ки якеро бахт, дигареро санги сахт, бахт ҳам бе меҳнат муяссар намешавад!

### Якпоя истода хизмат кардан

дар маросиме самимона хизмат кардан, аз таҳти дил хизмат кардан, садоқати худро ба касе нишон додан: Зарифҷон дӯсти самимии шумо будааст, зеҳи монда мушоҳида бурдам, рӯзи тӯятон аз пагоҳӣ то бегоҳ якпоя истода хизмат кард.

### Якравӣ кардан

ба фикри худ истодагӣ кардан ва фикри дигаронро қабул нанамудан: Ба ҳамин шӯра замин кишт накун, меҳнатат зоеъ меравад,— гуфтам, «не»— гуфтию якравӣ карда кишт кардӣ, оқибат чӣ шуд? Ҳосил нарӯид

### Яктарафа кардан

ё ба таври мусбат ё манфӣ масъалаеро ҳал кардан: То ба кай ин маст шуда меояду бо аҳли хонадонаш шӯру ғавғо мебардорад? Шумо падар бошед, ҳар дуяша яктарафа кунед монед!

### Якчоя шудан

ҳаракат карда натавонистан, ранчуру барчомонда шудан: Бечора нотоб шудан инчониб хеч чой баромада наметавонад якчоя шуда мондагӣ.

### Ях об шудан

1. аз қаҳру чаҳл фаромадан: Бисьёр ғазабнок шуда буду баъд аз насиҳати шумо каме яхаш об шуд-дия.
2. каме харчу харочот кардании шахси мумсик.— А, ин ба болои як сӯм рост меистаду чӣ тавр, ки барои ош ногаҳон 5 сӯм дода монд. Вай аз гапи ман намебарояд. Ҳамин ки ман гап задам, яхаш об шуда баъд пул меборовардагӣ шуд.

### Яхмолак рафтан

мутаассиф, пушаймон шудан: Аҳмад ба ҳамон лотерея мошин бурдааст. Аввал ба Шариф доданӣ шудам, ки вай нагирифта буд. Мана, акнун яхмолак рафта истодааст, ки чаро нагирифта будаам.

## Ғ

### Ғазак кардан

касеро ба ичрои чизе розӣ кунондан, ба гап даровардан: Рафиқатон аз гапи шумо намебарояд. Чор даҳан гап зада, саҳл ғазак кунед, шояд «Девони ҳофиз»-и дар даст доштааша ба ман дода истад?

### Ғайратата фил бардорад, миёнаш бишканад

кинояи нисбати шахсе, ки худ чандон боғайрат несту лофзаниро дӯст медорад: — Медонӣ, ман кистам? Қа-

ландата ба ман те, дар як дам ҳамаи токата аз қаландӣ барорам! — «Рост» мегӯӣ, ту зӯрӣ. Ғайратата фил бардорад, миёнаш бишканад!

### Ғалтида хестан

машғули ибодат шудан, ба хондани намоз шурӯъ намудан: Қамтар об биёред, таҳорат карда, ғалтида хезем!

### Ғам сӯҳони умр

ғам боиси кӯтоҳшавии умр аст: — Фарзандаш вафот кардан ин ҷониб бечора бисьёр харобу лоғар шуда мондааст.— Ғами фарзанд-дия, «ғам — сухани умр» гуфтаанд.

### Ғам хӯрдан

**1.** зиқ шудан, табиат гирифт кардан: Ин қадар ғам хӯрдан нафъ надорад. Сад сӯми гум кардаат садқаи сар.
**2.** нисбат ба касе раҳму шафқат кардан: Ғами укаата хӯрда, вая хонадор кунӣ намешавад-мӣ!
**3.** ба пайдо намудани чизе саъй намудан; Мардак, охирин орди мондагия хамир кардам. Ғами орда хӯред!
**4.** ба коре, чизе омодаву тайёр шудан: Фардо, ғамата хӯрда биё, ука, ҳамроҳ Душанбе меравем.

### Ғамбода зер кардан

аз пурхӯрӣ варамидан, хомфарбеҳ шудан:— Ин эшони тӯраатон ин вақтҳо хеле фарбеҳ шудааст-мӣ? — Ин фарбеҳгӣ не, касалист! Вая ғамбодан нафс зер кардагӣ.

### Ғаммоз будан

бадтинат, фитнагар, нотавонбин будан: Ман ба гапҳои ин пастаки фитнагар ҳаргиз боварӣ надорам. Аслан ғаммоз буд, ба ҳамин ғаммозиаш мемонад!

### Ғаммозӣ кардан

фитнагарӣ кардан: Бародар, узр мехоҳам. Сангини сангдил ғаммозӣ карда, дар байни ҳар дуяшон низоъ пайдо кунонда будааст.— Қадом рӯз, бехуда, ман шумоя озор додам. Мана бубахшед!

зуд ифшо гардидани амали ношоям: Дуздӣ кард, зуд сирраш фош шуд. Ғарию дуздӣ таги саргини хар гуфтаанд.

## Ғариб будан

1. бекасу парастор будан: Бечора на падару модар ва на додару хоҳару фарзанд дорад. Вай ғариб будааст. Вая озор нате!
2. бешарму ҳаё будан: Ба одами худат калон ҳамин қадар гапҳои бепарда мегӯй-мӣ? Акнун донам, ғариб будӣ-дия!

## Ғафс будан

1. Рафиқ ва дӯсти наздик будан бо касе: Чаро мо бо ҳам лофи рафоқат назанем? Дар ёд доред, ки марҳуми падарам бо падари шумо ғафс буданду ҳаргиз аз якдигар ҷудо намешуданд;
2. соҳиби дорой будан; Рафиқатон қандаша занад! Бригадири бригадаи пахтакорӣ шуда, нағз кор кард, нақшаҳояша пурраю барзиёд иҷро намуд, сазовори иззату эҳтиром гардида, соҳиби даромади калон шуд. Худо зиёда кунад, алҳол ниҳоят ғафс будааст!

## Ғинге накардан

1. овоз набаровардан: Дар назди меҳмонон ғинге накарда ором шин!
2. сухани касеро рад накарда, саъй ба иҷрои он кардан: Хез, ғинге накарда, гирифтагӣ китобата оварда те!

## Ғирру пис кардан

1. бад шудани боду ҳаво; Имрӯз ҳаво ғирру пис карда истодааст, барфу борон наборад-дия!..
2. шӯру ғавғо бардоштан: Мардум «ин раиса намехоҳем!—гуфта ғирру пис карда истодааст, чӣ бояд кард?

## Ғӯра будан

ба дараҷаи кофӣ ақлу фаросот, таҷрибаи ҳаёт надоштан: Писарам ҳоло ту ҷавонӣ, ғӯра будай, ба гапи калонсолон гап ҳамроҳ накарда, сомӣ шав!

### Ғура-шӯра мондан

дар хурдсолӣ аз волидайн ҷудо шудан; ятим мондан: Аз сари ҳукуматамон гардам. Баъд аз вафоти падару модарашон дар як хона панҷ нафар ғура-шӯра монда-анд. Ҳамаашона давлат ба тарбия худ гирифт.

## Қ

### Қавлуҳу бавлуҳу

каззоб ва дурӯғгӯй: — Расо дар соати нӯҳ дар наздатон мешавам,— гуфту наомад.— Ба гапҳои вай бовар накунед. Дар ҳаққи ӯ қавлуҳу бавлуҳу дуруст меояд.

### Қавоқ гирифтан

1. тира шудани ҳаво, аломати боришот пайдо шудан: Қавоқи ҳаво гирифтагӣ, барф-марф наборад-дия!
2. зиқ ва ғамгин будан: — Чаро ин қавоқат гирифтагӣ? — Як моҳ мешавад, ки аз укаатон хат нест. Хаёл мебарада...
3. касеро бад дидан, касеро маъқул накардан:— Ҷобира, ки дидӣ, қавоқата мегирӣ? Бад мебинам. Бачаи хуб нест, модараша озор медиҳад.
4. таъқиб намудан: Офарин ба тарбиятон! Ҳамин ки қавоқ гирифтед, шӯхиаша бас кард-а!

### Қавоқ шиштан

1. дар натиҷаи дарду ранҷи сахт кашидан қавоқ варам кардан: Ба фикрам, сахт ранҷ кашидед, ки қавоқҳоятон шиштааст.
2. камхобӣ, бедорхобӣ кашидан: — Чаро дар як шаб қавоқатон ин қадар шишта мондааст? — Ҳамин шаб тамоман хоб накарда, тоқҳоя аз об баровардам!

### Қад кашидан

ба воя расидан, баланд шудан: Эҳсонуллотон имсол қад кашидааст-а? Ҳа, худоба шукр!

### Қад навда барин

зебо, мавзунқомат: Имрӯз арӯсатона дидам. Бисьёр зебо, қадаш навда барин!

### Қад аз замин нахеста

ҳанӯз калон нашуда, ба балоғат норасида: Қадаш аз замин нахеста, аллакай дилаш зан кашид?

### Қадба навда нашикастан

осебе надидан, зараре надидан: Эҳсонуллотон имсол қад кашидааст. Ҷавони хуб. Қадашба навда нашиканад!

### Қадба нигоҳ карда ҷома буридан

мувофиқи феъл, рафтор ва амали худ натиҷа дидан: — Чандин сол аст, ки мушоҳида мебарам, ҳамсоятон ҳаргиз ба рӯи об набаромад-дия! —Қадба нигоҳ карда ҷома бурида мешавад,— гуфтагӣ барин, мувофиқи феълу атвори худаш. Шабе нест, ки ба хонааш маст нашуда наояд!

### Қадба шудан

ҳомиладор (обистан) шудан: Шодиёна диҳед, хоҳарам, чор сол ин ҷониб додарзодаатон таваллуд накарда, имсол қадашба шудааст!

### Қадам оҳиста-оҳиста монда гаштан

эҳтиёт кардан, бо андешаву мулоҳиза кор кардан, ҳавобаландӣ накардан: Шароити деҳаи мо нозук, каси ҳавобаланди худбину худситоя бад мебинанд. Акнун, ки барои кор ба ҳамин ҷо омадӣ, қадамата оҳиста-оҳиста монда гард, писарам!

### Қадама бечо намондан

амали бад накардан: Хушьёр бош, қадамата беҷо намон, ки шарманда мешавӣ!

### Қадоқба наомадан

ба ҳолати мӯътадил омадан, саломат шудан: Укаатон ба назарам, ҳанӯз пурра солим-ул-аъзо нашудааст-а? — Вай наздик даҳ сол ранҷ кашид. Ба ин наздикиҳо қадоқба омаданаш гумон.

### Қадр гузаштан

накӯӣ ва зарурати касе ё чизеро баъдтар дониста, мутаассиф шудан: Оҳ укаатон чӣ хел афсонаҳои хуб мегуфт. Афсӯс, ки аз мо ҷудо шуда рафту қадраш гузашт-дия...

### Қадри худба сӯхтан

нисбат ба коре ва амале таассуф хӯрдан ва дилсӯзӣ кардан: Аз хурдиаш калон кардам, тарбия намудам. Имрӯз аз дасташ кор меомадагӣ шуд, ки рӯяш аз ман чаппа гашт. Майлаш-куя, қадри худамба месӯзам!

### Қад-қад паридан

1. гирифтори тарсу бим шудан: Дар торикии танҳо омада аз ягон чиз тарсид-мӣ, намедонам, ҳамин шаб ором нахуфта қад-қад парида баромад.
2. ҳарорати бадан баланд шудан, тафс баровардан: Бинед-чӣ, дахтур, чаро ин қадар қад-қад парида истодааст? — Дидам, ҳарораташ баланд, наздик 40!

### Қай кардан

чизи дуздида ва аз худ кардаро баргардонидан ва баъд азоби руҳӣ кашидан: «Нафси бад қоҳиши ҷон», — гуфтагӣ барин пулу чизи давлата, ки беамон хӯрдан гирифт, албатта имрӯз сирру асрораш кушода шуда қай кард-дия!

### Қаймоқи гап баромадан

ба миён омадани сухани ширин ва дилрабо, ба пардаҳои баланд расидани гуфтор: Халал нарасон, ука, ҳикояашона давом диҳанд, қаймоқи гап акнун баромад-у!

### Қалам-қалам кардан

чизеро буридан, чизеро пора кардан: Харбузаи оварда-гиата қалам-қалам карда назди меҳмонон биёр!

### Қаланфур будан

бадгапу бадмуомила, асабӣ ва тундмизоз будан: Чаро ба андак гапи ночизе сурх мешаведу қаҳратон меояд? Акнун донам, каланфур будед-дия!

### Қанот баровардан

1. ба балоғат расидан: Фарзандатон мактабаша ба итмом расонда, ки имрӯз қанот баровардааст, падарӣ кунеду сараша дуто кунед!
2. шод шудан, фараҳманд гардидан: Барои рафтани шумо бисьёриҳо хурсанд шуд. Ба назарам қанот баровард-дия!

### Қанот шикастан

аз шахси наздики худ чудо шудан, дар натиҷаи фавти одами наздик бечораҳол шудан: Ҳамин шабу рӯз саҳл миёнаш хамида мондааст-мӣ? Ҳа, ҳамон писараш мурду қаноташ шикаст.

### Қанота паҳн карда шиштан

шарм надоштан, баҳузур, бароҳат нишастан: Инҷо хонаи худатон. Шарм надошта, бемалол қанотатона паҳн карда шиштан гиред!

### Қанотак задан

шод ва масрур шудан: То ин дам ором будӣ. Ҳамин ки модарат омаданд, қанотак зада, ба гап даромадӣ-я!..

### Қарздор қарзаша мегираду Азроил ҷонаша

ҳар чиз бо навбати худ иҷро мешавад: Барои маросими дирӯза камтар қарздор шудӣ, зиқ нашав. Қарздор қарзаша мегираду Азроил ҷонаша!

### Қарздорӣ — ғазаби худо

карздорӣ кори хуб нест: Имрӯз, ки моҳонаата гирифтӣ, қарзи гирифтаата бурда зуд ба соҳибаш супор, ки «қарздорӣ — ғазаби худо» гуфтаанд.

### Қарсак аз ду тараф

некӣ ва накӯи аз ду тараф, ҳамовозӣ аз дутараф: Шумо ки ба кори колхози вай кӯмак расондед, имрӯз барои таъмири тракторҳои колхози шумо ду нафар аз устоҳояша фиристондааст. Дар масалҳо «қарсак аз ду тараф» — гуфтаанд.

### Қассоби сухан

сухандон, нуктасанҷ ва нуктаоро: — Асарҳои нависандаҳоя кас бо диққат хонад, ҳаловат мебарад-дия! — Рост мегӯед, онҳо кассоби сухананд!

### Қассобӣ кардан

касеро бисьёр задан, озор додан: Намедонам, чи кори бад кардааст, ки падараш вая бисьёр қассобӣ кард-дия!

### Қатиқи гапа баровардан

суханро бамавқеу бемавқеъ дароз ва такрор намудан ва ба ин восита дигаронро дилгир сохтан: Як гапа одам гуфтагӣ якбор мегӯяд, ҳа гуфта такрор карда қатиқи гапа баровардӣ-дия!

### Қатори мардум шудан

ҳамдами мардум шудан, дар байни ҷамоа будан: Акнун, ки хонадор шудӣ, ба як маросими халқ иштирок намуда, қатори мардум шав!

### Қаҳатӣ задан

ноёфт шудани чизе, азиз гардидани чизе: Хайр, ба мумиё қаҳтӣ задааст-чӣ? Рафта падарам гуфтанд гӯй, албатта, камтар ёфта медиҳад!

## Қиёмат будан

ҳайратангез, тааҷҷубовар ва аҷоиб будан: — Шумо ҳам ба цирки омадагӣ даромада будед-мӣ? — Ҳа, даромадам. Ниҳоят қиёмат будааст-дия!

## Қиёмат кардан

аҷиб гапҳое гуфтан: То ба кай бе кампир мегардед? — Бобоҷон, дар дами пиратон шумо ҳам «домод» шавед намешавад-мӣ, то ба кай муҷаррадча шуда мегардед? — Қиёмат кардӣ-дия, бачем, синну солам аз навад болиғ шуд. Акнун ман куҷову «домод» шудан куҷо!..

## Қиёмати сағир шудан

1. ҳодисае ба вуқӯъ пайвастан, мағал шудан: Ака-ука, бо ҳам ҷанг карданд, ҳазорон одам ҷамъ гардида ҳаёҳӯйе баланд гардид, қиёмати сағир шуд.
2. дар маросими мотами касе баланд гардидани фиғону нола: Бемаҳал ҷавон, ки фавтид, доду фарьёди хешу ақрабояш чунон баланд гардид, ки гӯё қиёмати сағир шуд!

## Қила кашидан

1. касеро танбеҳ додан: Сахт қили писаратона кашида монед намешавад-мӣ, аз бисьёр дарсҳо гурехта меравад.
2. чизеро кам сарф кардан: Оташи оташдона бисьёр баланд накарда сахл қилаша кашед, ки таги дег насӯзад!

## Қилиқхунук будан

рафтор ва кирдори бад ва ношоям доштан: Бо тезина бозӣ накун, писарам. Дар байни фарзандонаш танҳо ту қилиқхунук будай!

## Қомат хам задан

1. дар одам нишонаҳои пирӣ ҳувайдо гардидан: Ҳамин солҳо аз камоли пирӣ қомати падаратон хеле хам задааст-а!

2. ғаму андӯҳ ва мусибат доштан: Қомати Алибой алиф барин буд. Баъд аз вафоти фарзандаш комати ин ҷавонмард то як андоза хам зада мондааст...

## Қомата паст карда гаштан

такаббурӣ накардан ва худро хоксор нигоҳ доштан: Ту соҳиби маълумоти олӣ, одам мешавам гӯӣ, қоматата паст карда гарду дидадаро шав. Дидадаро шавӣ, ба дида ҷо шавӣ, — гуфтаанд.

## Қудо шудӣ, ҷудо шудӣ

бо ягон сабабу баҳонае аз ҳам бурида шудани риштаи дӯстии қудоҳо:— Пеш вақтҳо ҳар дуямон дӯсти наздик будем ва бо ҳам қудо шудем. Аз номувофиқати духтараш аз писарам ҷудо шуд. Ана бо ҳамин сабаб дар байнамон кину адоват пайдо шуд. Қудо шудӣ, ҷудо шудӣ,—гӯед!

## Қулт хӯрдан

вазнинии чизеро ба дӯш бардоштан, вале онро ифшо нанамудан: Аксар шаб маст шуда меомадӣ аз сабаби фарзандам буданат, қулт мехӯрдаму ба ҳеҷ кас намегуфтам. Акнун косаи сабрам лабрез шуд. Дигар бор ҳамин чизи лаънатия ба даҳонат барӣ, ман ту барин фарзанда намешиносам!

## Қулфи дил кушода шудан

руҷӯъ ба харҷу хароҷот кардан, ба кори хайр оғоз кардан: — Фардо ба зиёфати Салимҷон марҳамат! — Чӣ тавр, қулфи дилаш кушода шуда, зиёфат медодагӣ шудааст?!

## Қурут будан

беақл, нодон будан: Ба ҳамин як саволи оддӣ ҷавоб дода натавониста бошӣ, қурут будӣ-дия!

## Қӯр гирифтан

1. афзудани пасандози касе: Ин даллолхоя аз бозорхо рӯфта партофтан лозим. Аз паси фиребу найранг давла-

тошон кӯр гирифтагӣ. Аз ин рӯ фук бар ҳаво шуда мондагӣ!
2. дар вазифае солиҳон бисьёр кор кардан: Зиёде аз бист сол аст, ки дар ҳамин вазифа нағз кор карда кӯр гирифтаасту магар халқ ҷавоб медиҳад, ки ба ҷои дигаре равад?

### Қуши чашм кушодагӣ набудан

1. ҳанӯз аз таҷрибаҳои ҳаёт ва зиндагӣ бехабар будан: Худи ина танҳо фиристондан дуруст нест. Ҳанӯз қуши чашмаш кушода нашудаасту дилат мешавад, ки танҳо фиристонӣ?
2. бокира будан — Ин духтараки хурдиаша ҳам ба шавҳар дода бошад? Ба хаёлам не, ҳанӯз қуши чашмаш кушода нашудааст.

### Қуш барин шудан

1. пас аз беморӣ сиҳат шудан: Касалиатон хеле вазнин буд. Офарин ба шифокорон, ки нағз табобат кардаанду имрӯз қуш барин шуда хеста гаштед!
2. аз ташвише халос шудан: Муборак шавад, тӯя гузаронда қуш барин шуда гирифтед!

### Қуш бо қаноташ

дӯстон мададгори якдигаранд: — Раҳмат, Қомил-ако, бо кӯмаки шумо токҳоя тамоман аз каландӣ бароварда гирифтем.— Қуш бо қаноташ-дия!

### Қуюқ будан

дӯст ва рафиқи наздик будан: — Чашм нарасад, ҳар дуятон бисьёр қуюқ будаед-дия ҳамеша ҳар дуятона якҷоя мебинам! — Рост мо бо ҳам гӯшту пӯст!

### Қӯшноф будан

рафиқу дӯсти наздик будан: — Ба саёҳати Москва ҳамроҳи кӣ меравед? Бо рафиқам.— Оқил! — Ҳар дуятон қӯшноф будаед-дия!— Набошад-чӣ?

# Ӯ

### Ӯпка кардан

аз касе гила кардан, хафагӣ изҳор намудан: Шикваҳои шумо дар бораи ман кори хуб нест. Азбаски бо ман рафиқи дерин ҳастед, барои камтар ӯпка карданам наранҷед, бародар!

### Ӯпка пур шудан

ғамгин, маъюс ва навмед будан, аз камоли яке ба ҳолати гирья омадан: Барои фавти фарзанд нолаҳои модари зора шунида ӯпкаам пур шуд ва беихтиёр гиристам.

### Ӯпкая зер кардан

худро даст гирифтан, ором нигоҳ доштан: Аз ин кас хафагӣ изҳор намуда, ин қадар дӯғу пӯписа накарда ӯпкаата зер кун, сабукӣ кардан хуб нест!

### Ӯпкая холӣ кардан

дарду ҳасрат кардан, рози дил гуфтан: Шумо азбаски бо ман дӯстед, дарди дилама гуфта, ӯпкаама холӣ кардам, бубахшед!

### Ӯсол шудан

**1.** хиҷолатманд, шарманда шудан: Бегоҳ ба саволи шумо ҷавоб дода натавониста, дар назди дигарон ӯсол шуд-а?..
**2.** ба ҳолати марг наздик шудан: Боботон чӣ тавр, як навъ дуруст шуданд-мӣ? Аҳволашон бисьёр бад, ӯсол шудагӣ.
**3.** бад шудани обу ҳаво: Ҳаво ӯсол шуд, барф ё борон бборад-дия!

### Ӯт кафидан

бисьёр сахт тарсидан, ваҳмидан: Шумоа аз мошин афтидед гуфта шунида, ӯтам кафида буд. Шукур саҳат бўдед.

## Ҳ

### Ҳабба нахӯрдан

гап, киноя ва тамасхури касеро набардоштан: Бегоҳ дар назди рафиқонаш ба сӯи ман тири киноя парронда кимчиҳо гуфт. Ман ҳабби туя намехӯрам. Минбаъд андешида гап зан.

### Ҳавзи мазор барин шудан

дар натиҷаи сарфу хароҷоти зиёд бепулу чиз мондан: Ман ба ту қонил «маслиҳатчиён» ба тӯят даҳ пуд биринҷ дам кун — гуфтанду ту қабул накардӣ. Агар ба гапи онҳо розӣ мешудӣ, ҳавзи мазор барин мешудӣ-дия!..

### Ҳаво гирифтан

1. ҳавобаландӣ кардан: Ба кори савдо дохил шуданаш ин ҷониб поймонкаш бечо шуда ҳаво гирифта мондааст, бемаъниӣ. 2. аз гапу кори касе илҳом гирифтан: Аз гапу таърифи амакаш ҳаво гирифта, баъд ба гӯштингирӣ даромад. 3. газак гирифтани ҷароҳат: Ин ҷароҳати дастатона гарм нигоҳ доред. Ҳаво гирифта варамида аст!

### Ҳаво дигар шудан

рафтори худро дигар кардан, мутакаббир (мағрур) шудан. Аҷабо ҷавони хоксори гапдаро буд. Болиғ шуда, ҳавояш тамоман дигар шудааст.

### Ҳаво заҳр доштан

сард будани ҳаво: Бегоҳ барф борида буд-дия. Имрӯз ҳаво заҳр дорад...

### Ҳаво мулоим шудан

ниг. ҳаво партофтан: Шукр, имрӯз ҳаво мулоим шуд-а, бегоҳ хеле хунук буд.

**Ҳаво партофтан**

паст шудани дарачаи сардии ҳаво ва то андозае гарму нарм шудан: Пагоҳӣ хунук буд, шукр, алҳол ҳаво хеле партофтааст.

**Ҳаво сар додан**

*ниг.* ҳаво партофтан: Аз берун омадӣ ҳаво чӣ тавр? — Нисбат ба пагоҳӣ алҳол ҳаво хеле сар додааст.

**Ҳаво фаромадан**

ниг. ҳаво партофтан: — Берун ҳанӯз хунук аст? — Не нисбат ба пагоҳирӯзӣ ҳаво то як андоза фаромадааст.

**Ҳавои гирифт кардагӣ барин**

хашмгин, дар ғазаб: — Ин ҳамсоя чаро ин қадар аррос зада истодааст? — Фарзандаш се рӯз инчониб бесабаб ба мактаб намерафтааст. Ман гуфтам ҳавои гирифт кардагӣ барин...

**Ҳавои кушодагӣ**

соф, беабру ғубор: Имрӯз ҳаво кушодагӣ, умед аст, ки офтоб шавад!

**Ҳавои пой кардан**

ба чое рафтан; ба чое қадам ранҷа кардан: Ин қадар камнамо нашуда, гоҳ-гоҳе ба тарафи мо низ ҳавои пой кунед, бародар.

**Ҳавобаландӣ кардан**

ғарра шудан, мутакаббир будан: Ҳой писар! Ин қадар ҳавобаландӣ кардан хуб нест. Хоксор бош, ки хоксорӣ зебу зинати чавонист.

**Ҳавоӣ будан**

сабук, ноустувор, бетамиз будан: Инсон бояд ба қавлаш вафо кунад. Ту чӣ? Ба ичрои ҳар як кор ваъда медиҳию

ба ваъдаат вафо намекунӣ. Мӯътақид гардидам, ки тӯ шахси ҳавоӣ будӣ!

### Ҳаво-ҳавои барфу борон

намнок будани ҳаво, аломати боришот доштани ҳаво: Имрӯз барфу борон наборад-дия, ҳаво — ҳавои барфу борон барин.

### Ҳаёта ширин донистан

умр ва зиндагиро ғанимат пиндоштан: Ҳаёт ба одамӣ як бор дода мешавад. Агар донӣ ҳаёта ширин донистан лозим!

### Ҳаёта шӯру талх гузарондан

бо ҷангу ҷанҷол, бо хафагию ҳархаша умргузор будан: Бо ҳамсараш ҳама рӯз ҷангу ҷанҷол бардошта, ҳаёта шӯру талх гузарондан чи лозим? Айб аст!

### Ҳазла бардошта натавонистан

ба ҳазлу шӯхӣ тоб надоштан ва аз ҳазлкунанда зуд ранҷидан: Ман ҳазл карда «имсолҳо шикам мондед?» — гӯям қаҳратон меояд? — Бо ин одам ҳазл макун, ҳазла бардошта наметавонад!

### Ҳазор ранг тофтан

**1.** рашк бурдан: Вақте ки ӯ ба минбар баромада нутқ эрод мекард, нигоҳ мекардам, ки Сангин ҳазор ранг метофт. Ман медонам, вай бисьёр одами рашкбар аст. **2.** ҷило додани чизе: Баъзе куртавориҳо баромада аст, ки дар зери нури офтоб ҳазор ранг метобад.

### Ҳазор фароғат ба як олам баробар шуда наметавонад

аз паси коре, чизе роҳат ва фароғати беҳад дидан, ба як азобе аз оқубати ӯ дида баробар наомадан: Чандин сол мудири база шуда, нағз даромад кард, нағз хӯрд, нағз пӯшид. Оқибат чӣ шуд? Ба даст афтода ҳабс шуд. Ҳамаи он роҳати дидааш ғаму андӯх, дарду аламн якша-

бааш, оё баробар шуда метавонад? Ҳаргиз. Беҳуда нагуфтаанд, ки хазор фароғатам ба як аламам баробар шуда наметавонад.

### Ҳайбаракаллочӣ будан

ба коре иштирок наварзидан, аз гўшаву канор истода, ба он канор хайрхоҳона нигоҳ кардан: Даҳанкалони гузар. Ба фалонӣ гуед, «маросими тўйя чор кас медидагӣ, калонтар ташкил намояд» — гуфтаанд. Ҳамаи онҳо ҳайбаракаллочӣ будаанд. Ман тўйя ба иқтидори худам нигоҳ карда ташкил медиҳам.

### Ҳалво гуфтан кати даҳон ширин намеравад

бе меҳнат роҳат муяссар намешавад: «Ман калон шавам олим мешавам!» — гуфтан кати кас олим намешавад, писарам. Барои олим шудан меҳнат, ҳаракат, саъю кўшиш намудан лозим. Бо ҳалво гуфтан даҳон ширин намешавад.

### Ҳалвоя ҳаким, калтака ятим хўрад

Роҳати чизеро касе, аммо азоби онро каси дигар бинад: Моли фермая вай зери чиғилдон кунаду ҷавобаша ман диҳам? Ҳалвоя ҳаким, калтака ятим хурад? Не!

### Ҳаллоҷак рафтан

1. азоб кашидан, ноором шудан, бесабру қарор будан: — «Имшаб камхоб шудагӣ барин менамоед? — Дуруст гуфтед, аз камоли сахт дард кардани дандон аз шом то субҳдам ҳаллоҷак рафтам, бародар.
2. афсўс хўрдан, пушаймон шудан: Ҳамон гови зотия барои харидонаш тавсия карда будам, қабул накард. Мана акнун пушаймон шуда ҳаллоҷак рафтанаш нафъ надорад.

### Ҳалолам ҳаром шавад

ифодаи савганд ба маънии «занаш талоқ шавад»: Ҳалолам ҳаром шавад, ки пули туя ман нагирифтаам!

### Ҳалқи пока ҳаром кардан

1. аҳли хонаводаро бо даромади муфт таъмин намудан: Ин ангур аз они боғи ҷамъиятӣ, чаро дуздӣ корда ба фарзандонат оварда ҳалқи поки онҳоя ҳаром мекунӣ? 2. чизи ношоямро хӯрдан ва даҳонро мулаввас сохтан: Ман аз ақл бегона нестам, ки май нӯшаму ҳалқи покама ҳаром намоям!

### Ҳалқа тар кардан

чизи моеъ, ё шарбати чизеро нӯшидан: Аз роҳи дур ташна монда омадам. Камтар об те, ҳалқама тар кунам!

### Ҳалқаи чашмаш бечо

каси шубҳанок, фиребгар ва дузднамо: Ин мард аз куҷост, ба назарам, ҳалқаи чашмаш бечо, хушьёр шудан лозим.

### Ҳалқтарӣ шудан

барои истеъмол кифоя кардан: Ба ин ду пушта токатон нағз меҳнат кунед, ҳосилаш бемалол ҳалқтарӣ мешавад.

### Ҳам гӯркобу ҳам мурдашӯ

маслиҳатгар, ба ҳама гапу кор ҳамроҳ; аралаш: Бинам, ҳам дар вақти маслиҳат, ҳам дар вақти гузарондани маросим эшони тӯраатон ҳозиру нозир. Аҷоиб туро, кас ҳайрон мешавад! — Ҳайрон нашавед, ука он кас дар ҳама ҷо ҳам гӯркобу ҳам мурдашӯ...

### Ҳам работу ҳам қанот

кӯмакрасон, пушту паноҳ, ҳомӣ: Ман аз ин фарзанди худ бисьёр хурсанд ва розиам. Ба хонаашон равам, гули сари дастурхонаш, ба корҳоям ҳамеша ҳомию ёрирасон. Ин фарзанд барои ман ҳам работу ҳам қанот!

### Ҳам қарзу ҳам фарз

зарур, ҳатмӣ, бечунучаро: Ту то ҷон дар бадан дорӣ, падару модарата ҳурмат намо, эҳтироми падару модар ба фарзанд ҳам қарзу ҳам фарз.

### Ҳама чиза бардоштан

чизҳои мавҷударо харида ба итмом расондан: Ин бозорашон аҷоиб бозор будааст. Равам, соат 12 нашуда, аллакай ҳама чиза бардоштаанд!

### Ҳама ҷойя ғалбер кардан

кофтукоби ҷиддӣ гузарондан: Ҳама ҷойро ғалбер карду оқибат чизе ёфта натавониста, баромада рафт...

### Ҳама ҷой ҷон даровардааст

бедор шудани табиат, сабзу хуррам шудан: Даштҳо хушку ташналаб меҳобид. Баъд аз борони дирӯза бинам ҳама ҷой ҷон даровардa аст!

### Ҳамая ларзондан

мардумро қоил кардан, ба ҳайрат мононадан: Қандаша занад Ҷонибек! Чандин шабонарӯз дар кайҳон парвоз намуда, ҳамая ларзонда фиристонд-а!

### Ҳамая мону худата бин

ба кори дигарон ҳамроҳ нашудан ва машғул ба кори хеш шав: Сангин, чаро интизоми меҳната вайрон намуда, имрӯз як соат ба кор дер омадӣ. Чунин рафторат ба талаботи ҳаёт, замон ҳаргиз мувофиқ нест-ку! — Ҳамая мону худата бин,— гуфтаанд. Ту машғули кори худ шаву ба омадан ва наомадани ман кордор нашав, фаҳмидӣ?

### Ҳамая ба така-така андохтан

бесаранҷом, нооором ва парешонавзоъ намудан: Вай одами гуфтагиатон ба ман маъқул не. Аз болои раис нодуруст маълумот навишта, ҳамая ба така-така андохт: Тафтишот муайян намуд, ки раис бегуноҳ будааст.

### Ҳамая бо як чашм дидан

Ба ҳама баробар рафтор ва муносибат кардан: Мо аз ин раисамон розӣ, хурду калон намегӯяд, марду зан намегӯяд. Ба ҳама баробар, ҳамая бо як чашм мебинад.

### Ҳамсоя ба ҳакки худо баробар

кадру эътибори ҳамсоя баланд: Мо шуҳоя ҳамеша ҳурмат мекунем. Шумо ҳамсояи моед. Ҳамсоя — ба ҳакки худо баробар,— гуфтаанд.

### Ҳамшинухез будан

бо ҳам дӯст, меҳрубон будан, робитаи хуб доштан: Марҳуми падаратон бо падари камина доимо ҳамшинухез буданд, робитаи хуб доштанд. Орзуи камина ин аст, ки мо низ ҳамин тавр бошем.

### Ҳангоматалаб будан

моҷароҷӯ будан, ҳангомаро дӯст доштан: Аҷоиб одамҳое..., Ду бача ҷанг карда бо ҳам занозанӣ кунад, ба ҷои онҳоя ҷудо кардан, чанд нафар аз будагиҳо тамошокунон бо ҳам ханҷида завқ мекунанд. Ҳангоматалабони бемаънӣ, қаҳрам омада, ду-се даҳон гапҳои сахт задам!

### Ҳаппибозии духтаракон барин набудан

осон ва сабук набудани коре: Ин мошинаҳои ҳозиразамонӣ ҳаппибозиҳои духтаракон барин не, забони инҳоро ҳаматарафа меомӯзӣ, баъд бо ту гап мезанад...

### Ҳар гулею як бӯе

ҳар кас, ҳар чиз хусусияти хосе дорад: — Ҳозир ош хӯрдӣ, боз меҳоҳӣ манту хурӣ? Боке нест. Ҳар гулею як бӯе!

### Ҳар ду якто шудан

муттафик шудан, оштӣ кардан: Ту чаро дар байни ҷангу ҷанҷоли оилавии амакат мудохила карда, дили амаката ранҷондӣ? Он ҳар ду боз якто мешаванду ин ҷо оқибат ту хиҷолатманд мешавӣ.

### Ҳар зогею як доге

ҳар кас мувофиқи худ сирре, ҳасрате дар дил дорад: Рафиқатон Мулло Сангина одами хушбахти беҳасрат пиндорам, ин кас ҳам дарду ҳасрати бисьёре доштааст.

Дирӯз ҳамсӯҳбат шудем. Аз рафторҳои ношоями фарзанди хурдиаш бисьёр шикоят кард.— Чи мегӯед, ҳар зоғею як доғе.

### Ҳар кас аҳл шавад, кори ӯ саҳл шавад

дӯстиву муттафиқӣ рафъи мушкилҳоро осон мегардонад: — Совхози шумо ҳама сол пешқадам. Ин ҷо ягон сир ҳаст-мӣ? — Бале, сир ҳамин аст, ки аъзоёни ин совхоз зану мард, пиру барию одамони аҳланд. Аз ҳамин сабаб гуфтаанд: ки ҳар кас аҳл шавад, кори ӯ саҳл шавад!

### Ҳар кас гул пошад, бар сари худаш мерезад

оқибати некӣ некӣ аст: Ба халқ некӣ кунӣ, халқ низ туро ҳурмат менамояд. Ҳар кас гул пошад, ба сари худаш мерезад.— гуфтаанд.

### Ҳар кас хезад, гуноҳаш резад

ишора ба қатъ кардани сӯҳбат ва бархостан аз ҷост: Алҳол як поси шаб гузашт. Давоми сӯҳбатамон дар оянда. Қани омин, ҳар кас хезад, гуноҳаш резад!

### Ҳаракату баракат

ба чизе комьёб шудан вобаста ба меҳнат ва саъю кӯшиш аст: — Имсол ҳосили боғ бад нашуд, ако, хурсандист! — Бале, меҳнат кардед, ҳаракат намудед, ҳосили баланда соҳиб шудед. Ҳаракату баракат,— гуфтаанд.

### Ҳардамхаёл будан

дар иҷрои коре, мақсаде устувор набудан: Дирӯз ба саёҳати Душанбе меравам,— гуфта ҳоло орзуи ба шаҳрҳои дигар рафтана карда истодӣ? Акнун донам, ту ҳам як одами ҳардамхаёл будӣ!

**Ҳар кас бистари хобаша бад намегӯяд**

ҳар кас чизи ба худ мансуб бударо бад намегӯяд, тавсиф мекунад: — Аҷоиб одамҳо, норасоиҳои фарзандаша кас гӯяд қаҳраш меояд, фарзандаша нағз карда нишон доданӣ мешавад. — Албатта, ҳар кас бистари хобаша бад намегӯяд-дия!...

**Ҳар кию ҳар чӣ**

ҳар кас мувофиқи хоҳиш ва рағбати худ амал мекунад: Ин одам ин қадар машғули бозии шоҳмот мешуда бошад-а? Худат-чӣ? Касбу корат рассомӣ, майлаш, ҳар кию ҳар чӣ; — Ба тӯи акаат якто гӯсфанд ҳадья орад намешуд-мӣ? Сӣ сӯм дода асту халос. Корат набошад, ҳар кию ҳар чӣ!

**Ҳар чи корӣ, онро мебардорӣ**

мувофиқи амал ва кирдукори худ натиҷа мебардорӣ: — Дар вақташ ки ин ба падараш хизмат мекард, ина бинед, ки имрӯз фарзандонаш баробар ба ин хизмат карда истодаанд. Ҳар чи корӣ, онро мебардорӣ мегуфтанд, ин як ҳикмати бузург будааст.

**Ҳар чиз ҳисобаш катӣ**

ҳар чи бо меъёри худ: Биринҷа бисьёр наандоз! Ҳар чиз ҳисобаш кати!; Ба андоваи ҳамин бино мерасидагӣ ҳисобаш катӣ лой кунӣ, кифоя!

**Ҳаромхӯр будан**

аз ҳаққи касе парҳез накардан, хиёнаткор будан: — Ҷобир моли фермая дуздида, дуздида ошкор шудааст. Аз вазифааш холӣ кардаанд. — Аслан, ки ҳаромхӯр буд, сирраш фош шудааст гӯй-чӣ!

**Ҳафсала гирифт кардан**

зиқ шудан, дилгир шудан: Хош, куҷо? Аз бисьёр хондани китоб ҳафсалаам гирифт кардааст. Қамтар ҳавои тоза гирифта оям!

## Ҳафсала наомадан

ба кардани коре хоҳиш ва рағбат надоштан: Ин вақтҳо барои ба сайд баромадан чандон ҳафсала намондааст. — Пир ҳам шудед-дия!

## Ҳафсала хунук шудан

ниг.: ҳафсала намондан: Ба шоҳмотбозӣ нарафта мондед? — Нотоб шуданам ин чониб ҳафсалаам хунук шудааст-мӣ, майли рафтан намондааст.

## Ҳафтод қабат будан

пухта, закӣ, доно будан: Амакатон шахси аҷоиб. Рости гап, ҳафтод қабат будаанд, ман ба он кас қоил!

## Ҳафтранг будан

айёр ва маккор будан: Бо ин одам шариккор нашав. Ин одами ҳафтранг будааст, оқубат туя фиреб медиҳад.

## Ҳафтҷӯш будан

аз ҳама гапу кор хабардор, ҳушьёр ва зираку доно будан: Э, қандата зан-е, аз тамоми гапу кори дуньё хабардор будӣ-я, ҳафтҷӯш будӣ!..

## Ҳозира ҳузур, ғоиба маъзур

бударо ба ҳисоб гирифтан, набударо мавқуф мондан: Акаатон дар шаҳри дуранд. Шахси коргар ва дар адои вазифаи давлатианд. Ба ин маросим ҳоҷат ба овора карда овардани он кас нест. Ҳозира ҳузур, ғоиба маъзур гуфтаанд.

## Ҳол ба қудрат

мувофиқи вазъияту имконияти мавҷудаи худ: Синни муборакашон чанд? Ҳаштод? Дар колхоз ҳанӯз кор мекунед? Бале, ҳол ба қудрат кор карда истодаем!

### Ҳол гирифтан

1. то як андоза фарбеҳ шудан: Кадом рӯз баъд аз беморӣ ранги рӯятона хеле гиронда будед. Шукр, алҳол хеле ҳол гирифтаед;
2. шод шудан, болидан, фахр намудан: Табрик менамоям, ука, китобат чоп шуда баромада будааст. Шунида хеле ҳол гирифтам!

### Ҳотамтабиат будан

сахӣ, сарроф, дасткушод будан: Маъракаҳои укаатон ҳамеша хуб мегузарад. Аслан худаш ҷавонмарди ҳотамтабиат будааст.

### Хур гузаштан

як умр шавҳар набаромадан: Биби Анзурат ҳам имшаб аз олам гузаштаанд-дия? Бале, ҷудо кампири хуб буданд. Ҳаргиз ба шавҳар набаромадаанд,— мегуфтанд, рост-мӣ? Рост, он кас хур гузаштанд.

### Хусн аз даҳон

саломатии шахс ба риояи режими хӯрок ва таомҳои лазиз вобаста аст: — Марҳамат, вақти хӯроки баъд аз зӯҳрӣ. Аз ин ош бо иштиҳа хуред! Хусн аз даҳон,— гуфтаанд.

### Ҳусни зиёдатӣ пайдо кардан

одат ва хулқу атвори ғайриинтизорӣ зоҳир намудан (ба таври киноя гуфта мешавад): — Шариф, чаро се рӯз ин ҷониб ба дарс намеоӣ? Дертар сер шудам. Бо коғази духтур ба дарс наомада, ҳусни зиёдатъ пайдо карда мондӣ?

### Ҳути гандабуруги саргинсӯзи хамбарӯб

моҳи ҳут (март), интиҳои мавсими зимистон, мавриди ба итмомрасии захираҳои зиндагии мардум: Шукр, алҳол замони фаровонӣ. Пеш вақтҳо дар ҳамин вақт омада захираҳои хӯрду хӯроки зимистонии бисьёр ода-

мон тамом мешуд ва мегуфтанд: хути гандабурути саргинсӯзи ҳамбарӯб.

### Ҳуш ба худ набудан

мушаввашхотир будан: Ҳамин хабари нохуша шунидан ин ҷониб ҳушаш ба худаш не!

## Ҷ

### Ҷазза барин сӯхтан

**1.** аз чизе зарар дидан, барака наёфтан: Ин гова зотӣ гуфта харида, ҷазза барин сӯхтам. Дуруст шир намедиҳад.
**2.** баланд шудани ҳарорати бадан: О, тафсаш аз чиҳил дараҷа ҳам болиғ барин, тамоми узваш ҷазза барин сӯхта истодааст. Духтур ҷеғ задан лозим.

### Ҷаззая бо нӯги сӯзан гирифта хӯрдан

эҳтиёткор, ҳушьёр, кордони бомаҳорат будан: — Офарин ба Неъматулло, ки зиёда аз сӣ сол ба корҳои савдо бенуқсон кор карда имрӯз ба нафақа баромад. — Неъматулло худаш одами боақли эҳтиёткор. Вай дар ҳама ҷо, дар ҳама кор ҷаззая бо нӯги сӯзан гирифта мехӯрад!

### Ҷаззаш аз худаш

равғанаш аз худаш: Бай-бай, гӯшти бисьёр хуби серравған будааст-е, ҷаззаш аз худаш-а!

### Ҷаззу доғ

айни вақт, фурсати муносиб: Қар -қари курок* ҳам омад, айни ҷаззу доғи токкушой. Вақта нагузаронда, токҳоя кушодан лозим!

---

* *Қар-қари курроқ* — паррандаест, ки танҳо ҳангоми вақти токкушой аз мамлакатҳои дур парвоз карда меоянд.

**Ҷазо budан**

бе ҳеч чиз, бе чизу чора будан: Охир, худи вай ҷазо буду ба вай пул қарз додӣ?

**Ҷазояша кашад**

азобашро бинад: Ба моли давлат, ки хиёнат карда ҳабс шудааст, хуб шудааст, ҷазояша кашад!

**Ҷанга ба худ харида гирифтан**

ба вуқӯъ пайвастани ҷанг ва ба шӯру ғавғо сабабгор шудан: Агар ҳамин гапи киноямеза намегуфтӣ, вай омада ҷангу ҷанҷол намебардошт. Айби худат, ҷанга ба худат харида гирифтӣ, уко!

**Ҷаннат, ки ризои мо дар он аст,**
**Зери қадами модарон аст**

ҳурмати падару модарро ба ҷо овардан ва онҳоро азиз нигоҳ доштан воҷиб аст: Обрӯю мартаба ҳосил мекунам, барака меёбам, одам мешавам гӯй, ҳамеша падару модарата ҳурмат намо ва онҳоя ба сари дида нигоҳ дор. Нигар чӣ гуфта шудааст:

«Ҷаннат, ки ризои мо дар он аст,
Зери қадами модарон аст».

**Ҷара об вайрон кунад, одама одам**

аз одамони бад дурӣ ҷустан ва бо одамон нек дӯстӣ пайдо кардан: Вай фитнагари каззоби нотавонбин аст. Туя аз роҳ бароварда, ба ҳар роҳҳои бад мебарад ва бераҳа мекунад. Ҳушьёр бош, ки дар гапҳо гуфтаанд: Ҷара об вайрон кунад, одама одам.

**Ҷаҳла нигоҳ доштан**

ниг. Ҷаҳла фурӯ додан: Вай ҳанӯз ҷавони хурдсол, нафаҳмида гуноҳ кардааст, ҷанг накунед, ҷаҳла нигоҳ доред у насиҳат кунед!

### Ҷаҳла фурӯ додан

чаҳлро аз худ дур кардан, худдорӣ намудан, кори ношоямро содир нанамудан: Хайр, надониста ин гуноҳ кардааст, ҷаҳлатона фурӯ дода ҷанг накунед, додош, тавба кардааст!

### Ҷигар лахта-лахта шудан

1. дучори мусибат, гирифтори ғаму ғурбат шудан: Дар рӯзи вафоти хоҳараш рафта будам. Чунон нола мекард, ки кас гумон мекард, ҷигараш лахта-лахта шуд...;
2. вазнинихоҳи меҳнатро ба дӯш бардоштан, ба коре, чизе меҳнат сарф кардан: Бародар, илтимос: Ҳар як навдаи тока эҳтиёт карда буред, ки то вая сабзондан ҷигарам лахта-лахта шудагӣ.

### Ҷигар-ҷигар, дигар-дигар

садоқати хеш нисбат ба бегона афзалтар аст: Хуш омадед, тағо, бист рӯз ин ҷониб дар бистари беморӣ хоб кардаам. Шумо омадед, вале дигарҳо то имрӯз қадам зер карда барои ҳолпурсӣ наомадаанд. Ноҷӯя ҷигар-ҷигар, дигар-дигар нагуфта будаанд...

### Ҷиззу биз кардан

хӯроки зудпаз ва камхарҷ тайёр кардан: — Занак, чизе дорӣ? Аз кор хеле гурусна монда омадам. — Хайр, каму беш ҳаст! — Ин тавр бошад, камтар ҷиззу биз карда биёр, зуд бош!

### Ҷилави соз

гапдаро, қобил: — Шумо одами калон, моён ҷавон. Барои ҷорта насиҳат кардан ба сӯҳбатамон таклиф намудем. Рад накарда омадед, ташаккур! — Ҷилави акомо соз, рад кардана бад мебинанд!

### Ҷои хуни ноф рехтагӣ

таваллудгоҳ, ватан, маҳал: Ман ватана дӯст медорам ва меҳраша ҳамеша дар дил нигоҳ медорам. Ин ҷо — ҷои хуни нофам рехтагӣ, макони муқаддаси ман мебошад!

## Ҷомая чаппа пӯшидан

1. мотам гирифтан, азодор будан: Ба дунъё омада кӣ абадӣ мемонад. Аз ин ҷоми умри додашуда «шарбати» марг чашидан ба ҳама қарз аст. Пас аз рӯзи мотам ҷомая чаппа пушида, аз доду фарьёд кардан чӣ суд?
2. нисбат ба касе кину адоват доштан, аз касе ранҷидан: Дар маҷлис баромада танкид карданам ин ҷониб, укаатон ҷомаашa чаппа пӯшидагӣ, ман қати ногапӣ!

## Ҷомадарронӣ кардан

ҷангу ҷанҷол кардан, шӯру ғавғо бардоштан: Ҳар дуятон ҳамсоя. Барои камтар замин пасту баланд гап зада, ҷомадарронӣ карданатон хуб нест! Барои ҷавоби саҳеҳи як савол ҳар дуятон бо каш-макаш ҷомадарронӣ карданатон чӣ суде дорад? Ҳоло устод меоянд, аз ҳамон кас пурсед, монед.

## Ҷон ба рамақ намондан

хароб, лоғар ва бемадор шудан: Маълум мешавад сахт ранҷ кашидааст. Баъд аз баромадан аз касалхона, бинам, ҷон ба рамақаш намондааст, харобу ҳалок!

## Ҷон бачаю ҷон оча. Гӯр ба сари беоча

касе, ки модар дорад, хушбахт аст, аммо касе, ки модар надорад, аз ҳама гуна навозишҳо маҳрум аст: Оҳ, нури чашм, меҳри дили ин модарата ғанимат дон, ки ин гавҳари ноёбест барои фарзанд. Ҳастии ҳаёт бо модару фарзанд гуворост, бе модар чунин гуворой ба фарзанд муяссар намешавад. Бинобар ҳамин гуфтаанд: Ҷон бачаю ҷон оча, Гӯр ба сари беоча!

## Ҷоя маълум кардан

дар байни касон ҷои ба худ муносибро интихоб намудан, нишастан, бо одамони ҳамхели худ нишастан: Нури чашми падар! Ҳангоми нишаст дар ҷойҳои ҷамъиятӣ бузургон, олимон, корозмудагонро ҳурмат намуда, аз онҳо болонишинӣ макун. Ҷоята दониста шин, ки ин кор яке аз беҳтарин фазилатҳои одамӣ мебошад.

**Ҷоя маълум кардан**

барои касе номзади духтареро муайян намудан: —Фарзандашон хизмати Ватана саҳат-саломат адо карда омадааст, муборак бошад!— Ташаккур, бародар!— Ягон ҷойя маълум кардагӣ ҳастанд-мӣ? — Не, нияташба!

**Ҷойруби бадан**

воситаи назофат, покӣ ва тозагӣ: Ҳамин ки бисьёр чиркин шудӣ, бархезу ба гармоба рав, ки он ҷойрӯби бадан аст ва тоза шуда меой!

**Ҷомаи бомағзӣ**

шахси боақл, ботамиз: Укаатон бисьёр бачаи боақл, ҷомаи бомағзӣ, вая хеле дӯст медорам!

**Ҷон аз дасту пой баромадан**

ба ҳаяҷони пуризтиробе дучор шудан, тарсидан, бим кашидан: Нотобиата шунида ҷон аз дасту поям баромада буд. Шукр, саҳат шуда омадӣ.

**Ҷон аз худ кардан**

азобро аз худ дур кардан, ором шудан: Ҳамин шаб дандонам чунон дард кард, ки ҳаргиз нахуфтам. Рафта ба духтур канондаму баъд ҷон аз худ кардам-дия!

**Ҷон аз қолаб баромадан**

сахт бим кашидан, тарсидан, ваҳмидан: Ҳангоми борида истодани жолаи дирӯза қариб ҷон аз қолабам баромада буд, ки токҳоя мезанад. Шодам, ки ҳаргиз зарар накардааст.

**Ҷон баромадан**

1. оташин, пурқаҳр, ғазабнок шудан, асабӣ шудан: — Аҳмада чаро озор додед, дадош? — Аксар вақт ба дарсҳояш таъхир карда мерафтааст. Ина роҳбари синфаш ба ман гуфт. Ҷон баромадан ҷанҷаш кардам, ки минбаъд ин кораша такрор накунад;

2. ниҳоят хаста шудан: Имрӯз токҳоя каландӣ карда ҷонам баромад. Якто ҷон талх дам кунед!
3. мурдан, фавтидан, аз олам гузаштан: Расо соати нӯҳи шаб ҷонаш баромад, худо раҳмат кунад.

### Ҷон гарав — ҷома гарав

ҳар чи ҳаст, буду бозъёфт: Шумо кора сар кунед, ҷон гарав — ҷома гарав, доштагинамона мо ҳам оварда сарф кардан мегирем!

### Ҷон гирифтан

1. сабзидан ва нашъунамо кардан: Ин ниҳолҳои шинондагиатон аллакай ҷон гирифтааст-а;
2. бо ягон сабабу баҳона шод ва масрур шудан: Табиатам гирифт карда буд. Амакатон омада ҷорто сӯҳбат карданду саҳл ҷон гирифтам-дия!

### Ҷон зоридан

илтимос ва илтиҷо кардан: Рӯзе мӯҳтарам Раҳим Ҷалил омаданд. Хостам, як бегоҳ бо ҳам сӯҳбат кунем. Ҷон зоридам, ки ин бегоҳ ба хона қадам ранҷа кунанд. Фурсати таваққуф надоштаанд.

### Ҷон дар дарун нағунҷидан

ниҳоят шӯх будан, ноором будан: Ин қадар бозию давутоз мекунӣ! Ҷонат дар дарунат намеғунҷад-дия!

### Ҷон надодан

ғардан нафаровардан, розӣ нашудан: — Ин мӯзаатона ҷанд сӯм харидед? — Панҷоҳ сӯм? — Қимат не-мӣ? — Медонам, қимат. Сӣ сӯм гуфтам, соҳибаш ба осонӣ ҷон надод.

### Ҷон сӯхтан

мутаассиф шудан, тараҳҳум кардан: Дирӯз Шарифа диданӣ рафтам, сахт нотоб будааст. Аҳволаша дида ҷонам сӯхт.

**Ҷони гарм дорӣ ё на?**

қуввату мадор, ҳаракате дорӣ ё на?: Ту ҳанӯз ҷавонӣ, магар ҳамин миза қувваи бардоштан надорӣ? Ҷони гарм дорӣ ё на?

**Ҷони ҳамаи киштсаворон як аст**

таваккал, ҳар чи бодо бод: — Бо ҳамин автобуси кӯҳна раҳсипор мешавӣ? — Бале ин ҷо на танҳо як ман, балки якчанд нафари дигар касон ҳам ҳастанд. Ҷони ҳамаи киштсаворон як аст,— гуфтаанд.

**Ҷону дил будан**

касеро ниҳоят дӯст доштан: Шумо ҷону дили одам будаед, муаллими азиз, моя тарбия намудед ва ниҳоли донишамона сабзондед.

**Ҷонсӯз будан**

дӯст ва меҳрубон будан: Марҳуми падаратон ба падари мо бисьёр ҷонсӯз буданд ва ҳамеша нисбат ба якдигар ҷонсӯзӣ мекарданд.

**Ҷонсӯзона гап задан**

дӯстона, насиҳатомезона гап задан: Ту, ки аз якчанд фанҳо баҳои«2» гирифтӣ, амакат ҷонсӯзона сахт карда гап заданд, ки нағз хону баҳоята ислоҳ намо, магар нашунидай, ки гуфтаанд: «Имрӯз суханони ман туя дард кунад, Фардо суханони ман туя мард кунад!»

**Ҷонсӯзӣ кардан**

ғамхорӣ (меҳрубонӣ) кардан: Фақат аз они худ ҷонсӯзӣ мекунад, бегона нигоҳ намекунад.

**Ҷон-ҷон сӯхтан**

мутаассиф шудан, ба ҳаяҷон ва изтироб омадан, бо раҳму шафқат назар кардан: Модар, модари зор! Барои фавти фарзанд навҳаву нолааша шунида ҷон-ҷонам

сӯхт, [illegible] афсӯс чун жола аз чашмонам рехтан гирифт...»

### Ҷуволи холӣ рост наменистад

бо ши[illegible] гурусна кор ва ҳаракат ғайриимкон, мушкил аст: Ҷ[illegible]ли холӣ рост наменистад, шумо аввал шиками моя се[illegible]унед, баъд мо низ ба каландии ток сар кунем!

### Ҷунбонак будан

1. уст[illegible]р ва пойдор набудан дар амале: Ба хаёлам, раиса[illegible] ҷунбонак шуда мондагӣ барин. Ду сол аст, ки колхо[illegible]кшаҳояша иҷро намекунад. Эҳтимол дигар кас раис [illegible]ад;
2. ба[illegible]ати нимвайронагӣ расидани чизе: Э, ин гӯшаҳои [illegible]ратаатон ҷунбонак шуда мондааст-ку! Эҳтиёт карда[illegible]озим!

### Ҷуфти гов шудан

мутт[illegible]ақ шудан: Зану шавҳар ҷуфти гов шаветону ҳар дуяте[illegible]кор карда, зиндагониҳоятона нағз ташкил намоетон.

### Ҷӯи канда

соҳи[illegible]ирибе, доно, пурдон ва соҳиби илму маърифат[illegible]Ҷавон бошад ҳам, дониши баланд доштааст, офар[illegible] — Ҷӯи канда-дия, медонед, вай кист? Вай наберай [illegible]хум Ҷавҳарӣ!

### Ҷӯянда — ёбанда

кас[illegible] кору мутолиа мекунад, дурри мақсуд ба даст меор[illegible] ба орзуяш мерасад: Зиёда аз панҷ сол аст, ки ибо[illegible]ои халқия ҷустуҷӯ мекунед ва гирд меоред ва охи[illegible]шоя ба шакли фарҳанг мураттаб сохтед. Ҷӯянда [illegible]ёбанда будаст-дия, муаллим!

ГБ Тадж. ССР им. А.

**СЛОВАРЬ**
**НАРОДНЫХ ИДИОМАТИЧЕСКИХ**
**ВЫРАЖЕНИЙ**

*(на таджикском языке)*

Собиратель и составитель
Разиолло Абдуллозаде

Муҳаррири ороиш *А. Муҳаммадиев*
Ороиши *А. Қосимов*
Муҳаррири техникӣ *Я. Бекназарова*
Мусаҳҳеҳ *М. Олимова*

БИ № 129

Ба матбаа 31.05.88 супурда шуд. Ба чопаш 27.10.88 имзо шуд. КЛ 04251. Формати $84 \times 108^1/_{32}$. Коғази типографии № 2. Гарнитураи адабӣ. Чопаш барҷаст. Ҷузъи чопии шартӣ 21,0. Ҷузъи рангаи шартӣ 21,21. Ҷузъи нашрию ҳисобӣ 16,197. Адади нашр 4000. Супориши № 1426. Нархаш 1 с. 40 тин.

734003, Душанбе, нашриёти «Адиб», кӯчаи Рудакӣ, 33.

Комбинати полиграфия Комитети давлатии РСС Тоҷикистон оид ба корҳои нашриёт, полиграфия ва савдои китоб.

734063, Душанбе, кӯчаи Айнӣ, 126.